РЕСПУБЛИКАИ
ЎЗБЕКИСТОН
ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ
ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУС

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ФАРҒОНА
КАФЕДРАИ ЗАБОНШИНОСӢ

# МАҶМӮАИ
# ТАЪЛИМӢ – УСЛУБӢ
# АЗ ФАННИ

# АДАБИЁТИ

# ТАСАВВУФӢ

**(Маҷмӯаи таълимӣ – услубӣ)**

**Соҳаи илм: 100000 – Соҳаи гуманетарӣ**
**Соҳаи таълим: 120000 – Фанҳои гуманетарӣ**
**Равияи таълим: 5120100 – Филология ва омӯзиши забонҳо**
**(забони тоҷикӣ) барои бахши таълими бакалаврӣ**

**Фарғона -2021**

Маҷмуаи таълимӣ-услубии “Нақди адабӣ” аз ҳуҷҷатҳои нормативӣ, маводҳои назорати санҷишӣ, маводҳои таълимӣ: матни маърузаҳо тавсияҳои услубӣ доир ба гузаронидани машғулотҳои амалӣ ва семинарӣ, тавсияҳо доир ба гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯён иборат мебошад. Инчунин ба тадриси масъалаҳои муҳими танқиди адабии тоҷик бахшида шудааст.

Дар қатори ин масъалаҳо боз ба давраҳои асосии инкишофи таърихи нақди адабии форсу тоҷик, мушкилоти нақди адабӣ, равишҳои асосии нақди адабии тоҷик, нақди солим, маълумот доир ба таърих ва хусусиятҳои жанрии нақди адабӣ, жанрҳои асосии нақди адабӣ маълумот медиҳад.

Маҷмуаи таълимӣ-услубӣ барои такмил ва инкишофи чараёни таълими бакалаврии факултети филологияи тоҷик, барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, амиқан омӯхтани фанҳои тахассусӣ, тайёр намудани мутахассисон ва ходимони илмӣ ва таъмини самаранокии таълими ҳамагонӣ арзишманд хоҳад буд.

**Мураттиб:**

**Дотсенти кафедраи забоншиносӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ:** **Ф. Исомиддинов**

Муқарризон:

**С. Хӯҷақулов** Номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДС.
**М. Мирзоев** Устоди кафедраи забоншиносии ДДФ

# МУНДАРИҶАИ
# МАҶМӮАИ ТАЪЛИМӢ - УСЛУБӢ


| | | |
|---|---|---|
| 1. | МАВОДИ ТАЪЛИМӢ | 4 |
| 2. | МАВДҲОИ МАШҒУЛИЯТҲОИ АМАЛӢ | 116 |
| 3. | МАВОДҲОИ МАШҒУЛИЯТҲОИ СЕМИНАРӢ | 178 |
| 4. | МАВОДИ МАШҒУЛИЯТҲОИ МУСТАҚИЛОНА | 184 |
| 5. | ГЛОССАРИЙ | 185 |
| 6. | ИЛОВАҲО | 188 |

РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН
ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУС

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ФАРҒОНА

«5220100 – барои бакалаврҳои бахши филологӣ (забони тоҷикӣ)
(курси 3 )

# МАТНИ МАЪРӮЗАҲО

# АЗ ФАННИ

# «ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК»

# БАХШИ

# Адабиёти тасаввуфӣ

## Маълумотҳои асосӣ

| | | |
|---|---|---|
| 1 | **Муқаддима** | Дастури таълимӣ барои такмил ва инкишофи чараёни таълим дар мактабҳои таълими умумӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус, барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, амиқан омӯхтани фанҳои тахассусӣ, ташаккули таҷриба ва малакаи эҷодии толибилмон, тайёр намудани мутахассисон ва ходимони илмӣ ва таъмини самаранокии таълими ҳамагонӣ арзишманд хоҳад буд.<br>Дастури таълимии фанни «Адабиёти тасаввуфӣ ва асосҳои<br>поэтикаи мумтоз» доир ба масъалаҳои муҳимтарини адабиёти сӯфия, инчунин асосҳои поэтикии назми мумтоз маводҳои таълимиро дар нақша гирифтааст. |
| 2 | **Мақсад ва вазифаҳои асосии фан** | Мақсади омӯзиши фанни «Адабиёти тасаввуфӣ ва асосҳои<br>поэтикаи мумтоз» Мақсади таълими фанни адабиёти тасаввуфӣ ба донишӯён омӯзонидани заминаҳои пайдоишу омилҳои интишор ва хусусиятҳои таълимоти тасаввуф, таъсири он ба адабиёти бадеӣ, баррасии раванди шаклёбӣ ва давраҳои инкишофи адабиёти сӯфиёна, мазмуну мундариҷаи ғоявӣ, хусусиятҳои бадеию услубӣ ва арзиши мероси сӯфия аст.<br><br>Мақсад ва вазифаҳои фанни адабиёти тасаввуфӣ аз инҳо иборат аст ва амалӣ намудани ин мақсад иҷрои вазифаҳои зеринро дар назар дорад:<br>Хусусиятҳои маъновӣ ва илмиву адабии истилоҳи тасаввуфро омӯхтан;<br>- шинос намудани донишҷӯён бо адабиёти илмии оиди таълимоти тасаввуф ва адабиёти сӯфиёна таснифшуда;<br>- оид ба ҷараёни ташаккул, омилҳои инкишоф ва хусусиятҳои адабиёти тасаввуфӣ дар донишҷӯён тасаввур ва маълумот ҳосил кунонидан;<br>- шинос намудани донишҷӯён бо симоҳои намоёни адабиёти тасаввуфӣ ва асарҳои онҳо; |

| | | |
|---|---|---|
| | | - дарк намудани ғояҳои ирфонии достон, қисса, ғазал, рубоӣ ва дигар жанрҳои адабиёти бадеӣ;<br>- бо омӯзиши фаъолияти мутасаввифони бузург ва асарҳои машҳури онҳо аз дунёи тасаввуф бохабар гаштан;<br>- дар донишҷӯён шакл додани малакаи таҳлили мустақилонаи осори адабиёти сӯфия;<br>- равона кардани арзишҳои ахлоқии осори адабиёти сӯфия ба камолоти маънавию ахлоқии толибилмон. |
| | **Талаботи асосӣ аз рӯи фанни таълимӣ.** | Донишҷӯ:<br>- дар бораи адабиёти тасаввуфӣ ва усулҳои омӯзиши он тасаввур ҳосил намудан;<br>- оиди қонуниятҳои инкишоф ва хусусиятҳои давраҳои чудогонаи тараққиёти адабиёти тасаввуфӣ соҳиби дониши қофӣ гардидан;<br>- ҷараёнҳои асосии инкишофи адабиёти тасаввуфиро донистан;<br>- бо тадқиқоти илмии дар бораи адабиёти тасаввуфӣ анчом ёфта комилан ошноӣ доштан ва дар фаъолияти касбӣ аз онҳо самаранок истифода намудан;<br>- дар бораи тадқиқи қиёсии осори адабӣ малака ҳосил намудан;<br>- дар бораи ҳаёт ва фаъолияти симоҳои намоёни адабиёти тасаввуфӣ маълумоти кофӣҳосил намуда ва аз онҳо баҳра бардошта тавонистан; |
| 3 | **Алоқаи фанни мазкур бо фанҳои дигар ва пайдарҳамии он аз чиҳати** | Фани мазкур аз фанҳои асосӣ буда, аз бисёр ҷиҳатҳо таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Таълими пайвастаи адабиёти тасаввуфӣ дар алоқамандӣ бо фанҳои адабиётшиносӣ - адабиёти мумтози тоҷик (асрҳои ХУ1-Х1Х), поэтика, муқаддимаи адабиётшиносӣ, фолклор, адабиёти халқҳои ҷаҳон, адабиёти маорифпарварӣ, адабиёти муосир, назарияи адабиёт, танқиди адабӣ, асосҳои |

| | | |
|---|---|---|
| | **услубӣ** | тадқиқоти илмӣ тадрис мегардад. Он аз 7-8 ҷиҳат муҳокима гардида ба тасдиқи вазорат пешниҳод шудааст. Он аз рӯзи тасдиқшавии дастури таълимӣ ба амал чорӣ карда мешавад.<br>Дастури мазкур аз рӯзи тасдиқшавиаш ба амал ҷорӣ карда мешавад. Дастури фан дар ҳолати тағйирёбии Стандарти давлатии таълим ва нақшаи таълим дигаргун карда мешавад. |
| 4 | **Тартиби алоқа бо воситаи почтаи электронӣ ва замонавӣ** | Алоқаи муаллим ва донишҷӯ бо воситаи почтаи электронӣҳам ба амал бароварда мешавад. Вақти кушодани почтаи электронӣ аз соати 15.00 то 20.00. Масъалаи баҳогузори бо воситаи почтаи электронӣ ва телефон ба амал бароварда намешавад. Баҳогузори фақат дар ҳудуди донишгоҳ дар хонаи муайяншуда ва ҳам дар чараёни дарс (НҶ) ба амал бароварда мешвад. |
| 5 | **Талаботи асосӣ барои донишҷӯён** | ➢ Риоя намудан ба тартиб ва қоидаҳои донишгоҳ ва маданияти либоспӯшӣ;<br>➢ Дар дарсҳо дар вақти муайяншуда иштироккардан ва бесабаб аз дарсҳо намондан, аз худ намудани дарсҳои иштирок накарда дар муддати муайяншуда;<br>➢ Хомӯш кардани телефон дар вақти дарс ва назоратҳо;<br>➢ Ба дарсҳо тайёр омадан ва иштироки фаолона дар онҳо;<br>➢ Мавчудияти дафтарҳои алоҳида барои машғулотҳои маърӯзавӣ, машғулотҳои амалӣ, корҳои мустақилона ва вазифаҳоихонагӣ;<br>➢ Ичро намудани вазифаҳои хонагӣ ва супоришҳои илогай дар вақт ва сифати муайяншуда;<br>➢ Ба назоратҳо бо тайёрии пухта омадан ва дар он ҳолате, ки балли зарури гирифта нашавад, назоратҳоро такрор андар муддати муайяншуда супоридан;<br>➢ Дар вақтиназоратҳо накардани нусхабардорӣ (плагиат), дар акси ҳол аз назорат пешкарданро дар мадди назар доштан;<br>➢ Дар он ҳолате, ки ба бали гузошташуда этироз |

| | | |
|---|---|---|
| | | бошад, баъд аз эълон карда шудани бал ба муаллими фан, мудири кафедра ва ё декани факултет (ба комиссияи апелатсионии назоратҳои ниҳоӣ) муроҷиат намудан;<br>➢ Дар вақти дарс ва берун аз он ба муаллим ва дигарон дар доираи ахлоқ одоб муроҷиат намудан. |

Мавзӯи 1 | **Фанни адабиёти тасаввуфӣ ва мавзӯи баҳси он** | Маъруза

**Нақша:**

1. Тасаввуф ҳамчун фани мустаъқил.
2. Алоқаи ин фан бо фанҳои дигар.
3. Сарчашмаҳои асосии фанни адабиёти тасаввуфӣ.
4. Аҳамаияти омӯзиши фани мазкур барои тарбияи ҷавонон.

**Фикрҳои муқаддимавӣ**

Дар асрҳои миёна чӣ дар Шарқ ва чӣ дар Ғарб эътирози зиддифеодалии табақаҳои поёнии аҳолии шаҳр ва аҳли маърифат қоидатан дар таълимоти васеъ паҳн шудаи динӣ – бидъатӣ зоҳир мегардид, ки асоси зӯҳду тасаввуф дошт. Дар исломи асрҳои миёна яке аз ин қабил ҷараёнҳо тасаввуф мебошад, ки тақрибан дар тамоми таърихи ислом бо ин таълимот вобаста аст. Тасаввуф як ҳодисаи хеле мураккаб ва гуногуншакли мафкуравист, ки дар таърихи худ бар эътирозоти сахттарини бидъатӣ ва ҷараёнҳои мӯътадили иҷтимоӣ хизмат кардааст.

Таълимоти тасаввуф хеле мураккаб аст. Дар назария ва амалияи тасаввуф се унсури асосӣ мушоҳида мешавад, ки ба Қуръон алоқаманд нестанд ва се шохае ҳаст, ки бевосита аз таълимоти ислом сар зада, бо он мувофиқат дошт ва ба он тағйирот даровардаанд. Аз ин се унсур ба эътибори қадимоти замон (қарнҳои ҳафтум ва ҳаштуми мелодӣ) аввалин ҳодисаи узлатгузинӣ - зӯҳду зоҳидӣ пайдо шуда буд, ки он аз тарзи давлатдории хилофати умавӣ ва аз уламое, ки худро муҳаддис номида ва уммавиҳоро тақвияту ҳимоят мекарданд, норозигӣ изҳор кардаанд. Зӯҳд ба ақоиду аҳкоми ислом зид буда, ҷанбаи насронӣ дорад ва ба зӯҳд рӯ овардан ва гӯшанишинӣ ихтиёр кардан аз нуқтаи назари ислом ҷанбаи куфрон доштааст. Ашхоси исёнгар ва норозӣ ба дайру хонақоҳҳо мерафтанд, ки он ҷо ба марказҳои ташвиқоти зидиуммавӣ табдил меёбад.

Дар аввалҳои ислом тоифаи муҳаддисон мақоми баланд дошта, дар байни халқ ба нуфузи калон соҳиб буданд. Вақте ки аз давлатдории умавиён норизоии мардум ба сабаби бисёртар дунявӣ шудани он зиёд шуд, аз байни норозиён муҳаддисоне низ пайдо шуданд, ки талаби зеринро ба миён

гузоштаанд: ба муҳаддис ҳамон вақт эътимод кардан мумкин аст, ки вай натанҳо ҳадисҳои пайғамбари исломро ривоят мекунад, балки ба онҳо риоят ҳам кунад. Риоят кардани ҳадисҳо бошад, маънии дар ҳаёти шахсӣ зиндагии пайғамбари исломро бо ҷузъиёташ пайравӣ намудан буд. Аммо ин зиндагӣ чун зиндагии зоҳидона тасаввур мешуд, ки ба худотарсии куллӣ ва ҳазар аз ҳама гуна чизҳои ҳаром асос меёфт. Аз ин рӯ дар байни чунин муҳаддисон равияи зоҳидӣ авҷ мегирад, ки онро муқаддима ё аввалин унсури тасаввуф ҳисоб кардан мумкин аст. Ба ин тариқ, асосгузорони тасаввуф муҳаддисоне буданд, ки нисбат ба ҳокимияти дунявӣ шудаи умавиён дар мавқеи мухолифат қарор доштанд. Дар он вақт истилоҳи «сӯфӣ» ҳанӯз пайдо нашуда буд. Барои ифодаи ин равияи истилоҳоти «зоҳид» ва «обид» ба кор мерафтанд. Дар таҷрибаи фаъолияти зоҳидон фарқ кардани ҳаром аз ҳалол мавқеи муҳим дошт. Дар бораи он ки кадом чиз ҳалол асту кадоме ҳаром баҳсҳои бисёре мерафт. Ҳамаи зоҳидон муттафиқ буданд, ки ҳар он чӣ ки аз аҳли давлат на бо меҳмари ҳалол, балки бо роҳи зӯрию зулм ба даст доварда шудааст. Тарҷумаи ҳоли зоҳидони аввалин пур аз ҳикояту ривоятҳо дар бораи он мебошанд, ки ин мардони пок чӣ тавр инъомҳои халифаҳову наздикони онҳоро намекарданд. Бештарини онҳо ба воситаи ҷамъ кардандар дашт ва ба бозор бурда фурӯхтани он ё обкашӣ ризқу рӯзии худро меёфтанд.

Баробари ризқи ҳалол дар байни зоҳидон ақидаи **таваккул** – ба қувваи худ эътимод накарда, эҳтиёҷоти зиндагии худро ба умеди худо гузоштан низ паҳн шуда буд, ки дар бораи он дар Қуръон низ зикр рафтааст. Аз ин рӯ баъзе зоҳидон кӯшиши ба даст овардани ризқро чун беэътимодӣ нисбат ба худо ҳисоб мекарданд. Аммо тарафдорони таваккул камшумор буданд.

Аз риҷоли барҷастаи зӯҳдпарастон ғуломзодае ба номи Ҳасани Басрӣ (ваф. 728) ва роҳзани тавбакардаи хуросонӣ Фузайл бинни Нёз (ваф. 805)-ро зикр кардан мумкин аст. Аммо аз аввалин зоҳидони Хуросон Иброҳим бинни Адҳам шӯҳрати азим пайдо кардааст. Аз рӯи ривоят Иброҳим ҳокими Балх буда, баъд аз тахти салтанат даст кашид, зан ва писари худро тарк кард ва дар Мадина рафта, дар он ҷо дар бечорагӣ, бар машғули бо меҳнати вазнини ҷисмонӣ зиндагӣ мекард.

Аммо ҷунбиши зоҳидон ва ақидаҳои онҳо ҳанӯз аз унсури асосии тасаввуфи оянда – ҳиссиёту таассуроти ирфонӣ холӣ буданд. Бо вуҷуди ин зоҳидӣ бо ин унсури асосии тасаввуф шароит муҳайё карда буд: ба тарафи муайян мутаваҷҷеҳ (равона) гардидани фикру андеша, эҳсоси дидори худо, ки ҳар кору кирдори ғуломи худро назорат карда меистад, тайёр будан ба ҷонписарӣ барои худо, парҳези самимона аз тамоми неъматҳои дунё – ҳамаи инҳо ҳолати ваҷду ҳоли сӯфиёнаро ба вуҷуд оварда метавонистанд. Бояд гуфт, ки дар Қуръон барои чунин ҳиссиёти ирфонӣ (мистика) асосҳое ҳастанд. Дар баъзе сураҳои он «мо ба ӯ (ғуломи худ) наздикем» «оллоҳ одамонро худаш дӯст медорад ва онҳо ӯро дӯст медоранд» ва ғайра ишораҳое ҳастанд.

Унсури ирфонии тасаввуф дар фаъолияти аввалин зани роҳрави тариқат Робияи Адавияи Басрӣ (713-801) канизаки найнавоз ба таври равшан намоён гардидааст. Робиа аз дилаш хеле бенаво буда, дар кӯдакӣ дуздида ва ба канизӣ фурӯхта шуда буд. Аммо ба туфайли авлиёии зиндагии худ вай озод шуда буд. Робиа асосгузори бидъати ирфонӣ (ишқӣ)-и тасаввуф гардид. Вай дар зикрҳои ирфонии худ динро бо ишқ ва худоро бо маъшуқ як медонист ва дар ҳамин асос дуоюю ибодатро ба шакли сурудҳои ишқӣ адо менамуд ва онҳоро бо олоти мусиқӣ ва рақс якҷоя ба ҷо меовард. Ба ҳамин восита аввалин осори манзум (дар шакли сурудҳои халқӣ) ва дуоюю муноҷотҳои сӯфиёна ба вуҷуд омаданд, ки он рафта-рафта шакли симоъ (рақс)-и сӯфиёнаро ба худ гирифт. Мақсад аз ин симоъ ба ҳоли ваҷҳу ҷазабии ирфонӣ овардани ибодаткунандагон буд.

Дар манбаъҳо баъзе муноҷот сурудҳои Робиа боқӣ мондаанд, ки хеле ҷолиб мебошанд. Яке аз онҳо чунин аст (тарҷума аз арабӣ): «Худоё, ситорагон медурахшанд, дидагони одамон пӯшида шуданд, подшоҳон дарвозаҳои худро бастанд. Ҳар ошиқ бо маъшуқи худ хилват гирифт, аммо ман танҳо бо ту мондам. Худоё, агар ман аз тарси дӯзах ба ту хидмат кунам, маро дар оташи он бисӯзон ва агар ба умеди ҷаннат ба ту хидмат намоям, маро аз он берун кун. Агар ман барои худат ба ту хидмат кунам, аз ман ҷамоли зебои худро пинҳон мадор».

Робиа чунин ҳисоб мекард, ки мавриди таваҷҷӯҳи ибодаткунанда на роҳати асосии ҷаннат балки мушоҳидаи ҷамоли худо бояд бошад, дар куҷое ки ин ба амал намояд. Вай муносибати худро ба худо ҳамчун ишқ (муҳаббат)

муайян мекард: «Маро чунон муҳаббат ба худо фаро гирифт, ки ба ман барои дӯст доштани каси дигар ягон чизе боқӣ намонд: Ин суханони худро вай ба воситаи шеър адо мекард:

Ман Туро ҳамсафари дили худ гузидаам,
Ҷисми ман барои дигарон аст.
Тани ман ба меҳмонони худ меҳрубон аст,
Аммо маҳбуби дили ман – меҳмони ҷони ман аст.

Мақсади ишқи Робиа – дигар ва васлии худост. Вай ин васлро чи тавр ба худ тасаввур менамуд, ҳоло муайян кардан душвор аст. Мумкин аст, ки ин васли баъд аз марг бошад, на ин ки тавҳиди ирифони сонӣ. Аммо аз гуфтори дигари Робиа фаҳмида мешавад, ки ӯ дар бораи мумкин будани васл бо худо дар вақти зиндагии ин дунёӣ тасаввуроте дошт: «Ман дигар вуҷуд надорам ва аз худ рафтам.  Ман бо худо васл шудам ва ба ӯ дида шудам».

Дар ҳар ҳол гуфтори Робиа нишон медиҳад, ки ҳанӯз дар асри VIII кайфияти ваҷду ҳоли ирфонӣ дар заминаи ҷунбиши зӯҳдпарастӣ ба вуҷуд омада, барои табдил ёфтани тасаввуф ба чашми ишқи илоҳӣ дар асрҳои X-XI имконият фароҳам оварда буд.

Тасаввуфи ишқие, ки Робиа ба вуҷуд оварда буд, минбаъд хеле ривоҷ гирифта ба унсури асосии тариқат табдил ёфт. Вай ба шеъри форс-тоҷик таъсири бобаракот ва амиқе гузошта, ғазалсароиро беандоза ривоҷ дод.

Унсури сеюми таркибии тасаввуф ваҳдати вуҷуд (пантеизм) аст, ки таълимоти динӣ – фалсафӣ буда, дар асри X, ки давраи ривоҷи озодфикрии фалсафӣ дар Бағдод (маркази ҳаёти фарҳангии хилофати аббосӣ) буд, ба олами ислом нуфуз пайдо кард. Назарияи ваҳдати вуҷудро барҷастатарин намояндаи тасаввуфи аппозиционии Шарқ – Ҳусайн бинни Мансури Ҳаллоҷ ривоҷ дод, ки ӯ аз косиб-ҳунармандони эронӣ буд.  Ҳаллоҷ муддати даҳ сол дар вилоятҳои шарқии хилофат (бештар дар Хуросон) сафари саёҳат карда, шаклҳои ифроти бидъат ва таълимоти тасаввуфро ташвиқу талқин менамуд. Ҳаллоҷ тасаввури сӯфиёнаро дарбораи ваҳдати худо ва инсон ба ҳадде инкишоф дод, ки таъбири машҳури худ аналҳақ (ҳақ худо дар ман аст ё худову ман яке ҳастем)-ро ба миён партофт, ки ин аз нуқтаи назари исломи расмӣ куфр буд. Раду инкори панҷ аркони фароиза ислом рӯзую намозу ҳаҷҷу закот, ки Ҳаллоҷ иҷрои онҳоро ҳатмӣ ҳисоб намекард, боз ҳам куфру таҳқира

муҳаддасоти ислом ҳисоб меёфт. Бинобар ин Ҳаллоҷро дастгир намуда, баъди истинтоқи дуру дароз соли 922 дар пеши назари мардум ба дор овехтанд. Вале тимсоли Ҳаллоҷ ҳамчун қурбонии ҷафокашии динӣ ҳақ дар тамоми давраҳои оянда яке аз муқаддастарин тимсолҳои таълимоти тасаввуф гардид ва таъбири «аналҳақ»-и ӯ яке аз асоситарин шиорҳои сӯфиёна гардид.

Шиори «аналҳақ»-и Мансури Ҳаллоҷ моҳияти бузурги гуманистӣ дошт, зеро он мақоми инсонро хеле баланд бардошта, ба дараҷаи худоӣ мерасонд. Тасаввури ислом ақидаи ваҳдати вуҷудро ягонагии худо ва тамоми махлуқоти оламро фақат дар асри XIII ба таври комил пазируфт ва он дар эҷодиёти Шайх Аттор ва Ҷалолоиддини Румӣ ба тарзи бадеӣ ифодаи худро ёфт. Ҳаллоҷ дар таълимоти худ дарҳақиқат бар зидди баъзе ақидаҳои ислом баромада буд. Ислом алоқаи бевоситаи инсонро ба худо мумкин намешуморад, ҳатто пайғамбари ислом ҳам бо худо на ин ки бевосита, балки ба воситаи фариштаҳо гуфтугӯ кардааст. Барои Ҳаллоҷ бошад тоат дар дил зикри хафӣ – дар нақшбандия ибодаткунандаро ба алоқа бо худованд мерасонд, дар ҳоли ваҷду ҳол Қуръони ба вуҷуд оварда чун Қуръони ҷовидони сухани ҳақиқии илоҳӣ садо медиҳад.

Ҳаллоҷ донистанашавандагии зори илоҳиро эътироф карда, дар бораи дар ботини он мавҷуд будани рӯҳи нотиқа (рӯҳ-калима), ки метавонад бо рӯҳи халқ шудаи толиби васли худо пайванд гардад, таълим додааст. Ҳамин тавр зоҳид-толиби васли худо ба валӣ табдил ёфта, шоҳиди зиндаи мавҷудияти воқеии худо гардад.

Бояд гуфт, ки унсурҳои аввалини таълимоти ваҳдати вуҷуд, аниқтараш пайвастани солик зоти худо ҳануз дар фаъолияти яке аз риҷоли барҷаста тасаввур Боязиди Бастонӣ (ваф.875) мушоҳида мегардид. Аз шарҳи ҳоли ин шайхи бузург дар кам чиз ба мо маълум аст.  Фақат ҳам ин қадар медонем, ки мавриди таънаю маломати  сахти намояндагони расмии динӣқарор гирифта,чандин бор бо гуноҳи кофирӣ аз шаҳри худаш берун карда шудааст.Боязид дар пайравии Робиаи Басрӣ таълим медод.Ин худпоксози ва худтакмилдиҳии сӯфӣ бояд на аз раъбат ба шуҳрату эътибор дар миёни муътақадон на аз хоҳиш муяссар шудан ба мукофоти ҳаёти он дунёӣ (ҷаннат), балки  дар навбати аввал аз ин, ки фидокорона нисбат ба  худо ба амал ояд. Боязид таъкид намуд, ки дар ҳоли  фурӯ рафтани сӯфӣ ба худ ба хаёли

ваҳдати худо метавонад ҳисси фанои «ман»-и ӯ ба вуҷуд ояд, мисли як сӯфии ориф фано мегардад, танҳо боқӣ мемонад. Истилои «фано» аз охири асри IX дар тасаввуф аҳамияти бузург пайдо карда, чун мақсади ниҳонии солики тариқат қабул карда мешавад.

Бо номи Боязид ёдгории басе ҷолиби диққати адабии «шатҳиёт» (гуфтор дар ваҷду ҳол) вобаста аст. Ин гуфторҳо ҳуҷуми сахти руҳониёни расмиро бар зидди Боязид ба вуҷуд оварда буданд. Аз ин гуфторҳо порчаҳое бо шарҳи Ҷунайди Бағдодӣ ба замони мо омада расидаанд. Яке аз онҳо чунин аст: «Боре ӯ (худо) маро гуфт: Ё Абуязид, ҳаққо, ки махлуқи ман туро дӯст гирифт. Гуфтам бо ваҳдати худ маро зинат бах шва дар сифоти худ намоён гардон ва ба арзи ягонагии худ бирасон, то махлуқи ту маро дида гӯяд: «мо туро дидем». Махсусан китоби Боязид.

Шарафмандам, шарафмандам, шаъну шарафи ман чӣ андоза бузург аст. Қаҳру ғазаби рӯҳониёни расмиро шиддат бахшида буд. Сабаби ин қаҳру ғазаби онҳоро фаҳмидан мумкин аст: Сифат «Субҳона» фақат ба худо нисбат дода мешавад. Бинобар ин уламо ба чунин хулоса омада буданд, ки Боязид даъвои худоӣ дорад ва аз ин рӯ мисли фиръавни қуръонист, ки барои чунин даъвояш ба ҷазои сахт гирифтор шуда буд. Аммо Ҷунайди Бағдодӣ чунин гууфторҳои Боязидро шарҳ додааст,ки дар онҳо ягон чизи ба ислом хилофе мавҷуд нест. Дар шарҳи ӯ чунин гуфторҳо фақат як нуктаро нишон медиҳанд: Боязид дар фикри ваҳдати худо ба худ фурӯ рафта вуҷуди худро фаромуш мекунад бинобар ин хитоби «сӯбҳонӣ»-и ӯро на ба худи ӯ, балки ба худо нисбат бояд дод, ки суханони ӯро Боязид бешуурона такрор намудааст.

***Савол барои мустаҳкам намудани мавзӯъ:***

1. Тасаввуф дар дохили ислом пайдо шудааст ё берун аз он?
2. Заминаи иҷтимоии пайдоиши тасаввуф дар чист?
3. Оё тасаввуфро мухолифи ислом ба шумор овардан мумкин аст?
4. Чаро се унсури асосии тасаввуф зӯҳд, ирфон ва ваҳдати вуҷудро бидъат ҳисоб мекунанд?

***Супориш***

1. Хусусиятҳои ирфонии яке аз ғазалҳои Саъдиро муайян кунед.
2. Фаҳмиши ирфонии ишқро дар ғазали «Аз ёр дину дунё бошад муроди ҳар кас»-и Камоли Хӯҷандӣ муайян кунед.

Мавзӯъ 2 | **Таълимоти тасаввуф ва заминаҳои пайдоишу инкишофи он** | Маърӯза

## Нақша:

1. Бо роҳи дил ва кашфи илҳом дарёфтани ҳақиқат (худо) дар тасаввуф.
2. Шартҳои ворид шудан ба тариқати тасаввуф
3. Марҳила ва мақомҳои тариқат.
4. Шӯҳрати тасаввуф.

## Нуктаҳои асосӣ

Дарёфтани ҳақиқат бо кашфи илҳом дар тасаввуф беэътиноӣ ба ақл ва илмҳои динию дунявӣ, таваҷҷӯҳ ба илмҳои ботин дар он шартҳои покшавии маънавӣ ватарки алоиқи дунявӣ барои ворид шудан ба тариқат, марҳилаҳо, шариат, тариқат, ҳақиқат ва маколаҳо (тавба, фаҳр, зӯҳд, вараъ, ризо ва ғ.)-и тариқат фан-фи-л-лоҳ – дар пеши худо гумшудан ва бо ӯ пайваст (тавҳид) гардида умри ҷовидон ёфтани сӯфӣ симоъ ва ҷаҳр воситаи расидан ба висоли худо дар тасаввуф, ба ҷои симоъ зикри хафиро ҷорӣ кардани нақшабандия ба воситаи бидъатҳои «куфронӣ»-и худ дар байни мардум шӯҳрати бузург пайдо кардани тасаввуф. Ривоҷи тасаввуфи мухолифатомез ва ифроти Хуросон.

Нуктаҳои асосии таълимоти тасаввуф чунин аст: Аслу мабдаи олами вуҷуд худост ва ягона ҳастии воқеӣ аст. Ҳама чиз ӯ ва ҳақиқати ягона низ ӯ мебошад, олами моддӣ олам ваҳму хаёл (сароб) аст. Инсон ба маърифат (шинохтан)-и ҳақ (худо) ва пайвастан ба ӯ мекунад, ки чунин кас дар ин олам (на пас аз марг дар ҷаннат, ки ислом мегӯяд) ба олитарини лаззатҳо – дидани дидори худо комёб мегардад. Аммо худоро на бо ақлу далер балки фақат бо роҳи кашф илҳоми тасаввуфӣ дарёфтан мумкин аст. Аз ин рӯ тасаввуф бо тамоми илмҳои динӣ ва дунявӣ бо назари инкор нигариста, онҳоро дар шинохтани ҳақиқат (хоҳ худо бошад хоҳ муаммои дигар) оҷиз ҳисоб мекунанд. Бисёр шайхони тасаввуф ва шоирони мутасаввиф ба муқобили илмҳои дунявӣ, хусусан фалсафа (ҳикмати Юнон) ва файйласуфони бузурге чун Ибни Сино, қиём намуда, ҳикмати онҳоро инкор намудаанд. Онҳо ҳамаи илмҳои динию дунявиро илмҳои зоҳир номида ба онҳо илмҳои ботини худро

муқобил гузоштаанд. Илмҳои ботинӣ ин илмҳои психологӣ (равонӣ) мебошанд, ки дар амалияи тасаввуф хеле ривоҷ пайдо карда буданд. Ба воситаи аз худ кардани ин илмҳои ботин бисёр шайхони тасаввуф каромату авлиёгии худро нишон медоданд, ки боиси онҳо шӯҳрати онҳо миёни мардум мегардид.

Мувофиқи таълимоти тасаввуф худо на ба аҳли мантиқ, яъне ба воситаи илм, балки аз роҳи дил ба воситаи кашфу илҳом (ирационализм) шинохтан ва ба ӯ пайвастан мумкин аст, ки дар тасаввуф мақоми дини инсон хеле баланд буда, сӯфиён ба тарбияи дили худ пок, ҳассос ва ҷӯё кардани он диққати махсус медоданд. Вале барои дарёфтани худо тарбияи дил кифоя нест. Барои расидан ба ин мақсад тарки манӣ (аз худ даргирифтан), тарки алоиқи дунявӣ ва орзуву ҳавасҳои нафсонӣ ихтиёр намудани риёзат ва итоати куллӣ ба иродаи муршид – пиру шайх шартҳои асосӣ мебошад.

Тариқати маърифат вапайвастан ба худоро суфиён тариқати худтакмилдиҳи низ меномиданд. Роҳрав (Солики) ин тариқат бояд дар ин роҳ ба пок кардани худ аз олудагиҳои дунявӣ пок кардани ахлоқию маънавии худ машғул гардад, зеро маъшуқ (худо) ошиқи олудаю нопокро қабул намекунад, чунин солики тариқат ба ҳақиқат ва дидори худо расида наметавонад.

Аммо роҳи маърифат ва расидан ба тариқати тасаввуфӣ хеле душвор ва дуру дароз аст, онро ҳар солик тай карда ва ба охир расида наметавонад. Барои ин иродаи мустаҳкам, бурдборӣ лозим аст. Тариқати тасаввуфиро ба чанд марҳала ҷудо мекунанд, ки асоситарини онҳо се то аст: **шариат**, **таариқат** ва **ҳақиқат**. Марҳилаи аввал-шариат ба ҷо овардани қоидаву қоидаҳои шариат аст. Дар ин маҳалла солики тариқат ҳануз сӯфӣ нест. Вай аз мусулмонҳои дигар фарқ намекунад. Ҳамин ки солик таълимоти ислом ва қоидаву қонунҳои шариати онро аз худ карда ба камол мерасад, ба рӯи ӯ тариқат боз мешавад. Дар ин марҳила солик ба худ муршид (шайх) интихоб менамояд, тарки хоҳишу иродаи худ мекунад, ба тариқи куллӣ ба иродаи шайх тобеъ мешавад ва дар марҳалаи охирин тадриҷан ба пайвастан ба худо – тавҳид мерасад.

Азбаски тариқати тасаввуф дуру дароз аст, вай манзилҳо (истгоҳҳо) низ дорад, ки онҳоро мақом низ мегӯянд.

Мақоми аввал **тавба** номида мешавад, ки ба маънии таваҷҷӯҳи пурраи солик ба тарафи худо аст. Дар ин таълимоти динӣ бошад тавба ба маънии фаҳмидани гуноҳони худ, тавба кардан аз онҳо ва хоҳиши такрор накардани онҳо аст.

Мақоми дуюм **вараъ** (парҳез) аст. Хусусияти муҳимии ин мақом фарқ кардани ҳалол аз ҳаром аст.

**Вараъ** ба мақоми сеюми **зӯҳд** раҳнамун месозад, ки маънияш худдорӣ аз гуноҳ, аз чизҳои барзиёд аз эҳтиёҷ аз тамоми чизҳое, ки соликро аз худо дур месозад. Мафҳуми зӯҳд аз даст кашидан аз либос, хона, ғизои нағз аз зан то даст кашидан аз ҳама гуна аз ҳама гуна орзую ҳавасҳо тавсия меёбад.

Марҳалаи чаҳором – **фақр** – ба таври ихтиёрӣ худро ба бенавогӣ андохтан, даст кашидан аз лаззату неъматҳои дунё аст.

Азбаски зӯҳд ва фақр вобаста бо эҳсоси ногуворӣ мебошанд, аз онҳо **мақоми панҷум** – **сабр** бармеояд, ки сифати асосии сӯфӣ аст. Сабр маънии қабул ва таҳаммули ҳама гуна чизҳои мушкилу вазнин аст, ки ба сари одам меояд. Ба қавли Ҷунайди Бағдодӣ, сабр – фуру бурдани талхӣ бидуни изҳори нохушӣ аст. Сар дар мартабаи баланди зуҳуроти худ соликро ба бефарқӣ, ба қабули оромонаи душвориҳо чун роҳатҳои фуруд омада фаҳмида мешавад.

Мақоми шаштум – **таваккул** (ба худо умед бастан) аст, ки дар ибтидои он одам аз худ ҳама гуна тараддудҳоро барои рӯзи фардо дур месозад, бо лаҳзаи ҳозираи худ қаноат менамояд ва ба худо умед мебандад, ки ӯ рӯзи дигар ҳам ғами ӯро мехӯрад. Аз ин рӯ сӯфиро «ибн-ул-вақт» - фарзанди фақт мегуфтанд, ки маънияш танҳо бо ҳамин рӯз зиндагӣ кардани сӯфӣ аст. Мафҳуми таваккул дар ҳадди охирини худ ба тамоман даст кашидан аз иродаи шахсӣ аст, ки соликро, ба қавли образноки муаллифони адабиёти тасаввуфӣ, ба «ҷасади мурда дар дасти мурдашӯ» табдил медиҳад. Равшан аст, ки чунин фаҳмиши таваккул хеле хатарнок буд, зеро он одамро ба бефаъолияти куллӣ ва берун шудан аз ҷомеа оварда мерасонд.

Мақоми ҳафтум ва охирин – **ризо** аст, ки назариётчиёни тасаввуф онро чун оромии дил нисбат ба пешомадҳои тақдир шарҳ додаанд. Ин ҳолатест, ки солик дар он на танҳо зарбаҳои тақдирро оромона қабул мекунад, балки дар бораи нохуш будани ин зарбаҳо фикр ҳам намекунад.

Бо ҳамин тариқат ба охир расида, солик ба марҳалаи охирин ҳақиқат ворид мешавад.

Мақомоти **тариқат** ҳолатҳои устуворест, ки солик ба онҳо бо кӯшишу машқҳои бисёр даст меёбад. Аммо ҳаёти рӯҳии солик ҳодисаи дигаре низ дорад, ки онро ҳол меноманд. Ин ҳодисаи кӯтоҳ ва лаҳзаӣ мебошад, ки ба солик гоҳо даст медиҳад, онро ваҷду ҳол ё ҷазаба (экстаз) ҳам мегӯянд. Ҳол бар хилофи мақом бо кӯшишҳои солик ба даст намеояд, вай инъоми худовандист, ки ба солик лаҳзае фиристода мешаваду боз ӯро тарк мекунад. Дар ваҷду ҳол сӯфӣ ба худо наздик (қурб) ҳис мекунад, муҳаббати худро нисбати ӯ мефаҳмад, ба шавқ меояд, аз ҳама муҳимаш – гӯё худоро мушоҳада мекунад.

Ба сӯфӣ ҳолати ваҷду ҳол дар вақти симоъ (ҷаҳр, рақс)-и сӯфиёна рӯй медиҳад. Маҳз дар аснои симоъу ҷаҳр чашму ҳоли сӯфӣ кушода мешавад ва орзӯи пайвастан ба матлуб (худо) пайдо мегардад. Ба ин тариқ ваҷду ҳол сӯфиро ба фано фӣ-л-лоҳ дар пеши худо гум шудан мебарад.

Фано фӣ-л-лоҳ, дар навбати худ, нишонаи пайвастани сӯфӣ бо худо, бо худо як шудани ӯст. Сӯфӣ «ман»-и худро гум карда, дар баҳри ҳақиқат фурӯ меравад ва яқин ҳис мекунад, ин умри абадӣ ёфтааст, чунон ки зоти худо соҳиб аст. Ҳамин тавр сӯфӣ аз ҳолати фано ба ҳолати бақо ворид мегардад.

Дар тасаввуф ҷараёнҳои дигар низ вуҷуд доштаанд, мувофиқи таълимоти онҳо маърифати ҳақиқати худо бо симои пуршуру ғавғо, бо суруду наъраву рақс не, балки ба воситаи фурӯ рафтан ба тафаккур ва таваҷҷӯҳ ба мавзӯоти динӣ ва дар замири дил такрор намудани авроду зикрҳо (зикри хафӣ) муяссар мегардад. Намояндаи барҷастаи ин силсила, ки силсилаи хуфия номида мешавад, шайхи бухороӣ Баҳоуддин Нақшбанд (ваф. 1389) буд.

Тасаввуроти сӯфиёна дар бораи худо, таълимоте ба роҳи ғайришаръӣ дар ҳамин дунё ба лаззатҳои олии дунявӣ расидан, самоъ, киноёти ишқии сӯфиёна, каромоту валоёт ва бисёр дигар нуктаҳои (куфронӣ) боиси шӯҳрати бузурги тасаввуф гардид. Ин шӯҳрат хусусан дар ҷойҳое зиёд буд, ки аз ҷабру ситами ҳукуматдорони халифа уламои расмӣ норизогиҳо ба вуҷуд омада, торафт меафзуд. Тасаввуф хусусан дар қисми шарқии хилофат – Эрону Хуросон бештар интишор дошт, ки он ҷо рӯҳи эътирозпарварӣ он дар ибтидои асри Х пурзуртар шуда буд. Барҷастатарин намояндаи тасаввуфи

оппозиционӣ Мансури Ҳаллоҷ дар ҳамин минтақаи хилофат ба майдон омада, машғули фаъолият буд. Дар асрҳои 1Х-Х Хуросон макони тасаввуфи оппозиционӣ гардида буд. Яке аз шайхони бузурги «ифронӣ»-и хусусан Абусаид б. Абулхайр буд, ки аз қарияи Майҳанаи наздики Марв буда дар тамоми Хуросон машғули иршоду ҳидоят буд. Абусаид яке аз сулуки ниҳоят оппозиционии тасаввуфро ба ҳадде инкишоф дод, ки амалан ба дараҷаи раду инкори чунин рукнҳои исломи расмӣ, аз қабили ба ҷо овардани намоз ва ради масҷид расид. Ин аз лаҳзаи зерин, ки дар «мақомот»-и шайхи мазкур омадааст, аён мешавад.

-Рӯзе баъд аз даъват самоъ мекарданд ва шайхи моро ҳолате падид омада буд, нам ҷумлаи ҷамъ дар он ҳолат буданд ва на вақти хуш падид омад. Муаззим бонги намози пешин гуфт ва шайх ҳамчунин дар ҳол буд ва ҷамъ дар ваҷд рақс мекарданд ва наъра мезаданд, дар миёнаи он ҳолат имом Муҳаммади қоинӣ гуфт: «Намоз, намоз!» Шайхи мо гуфт: «мо дар намозем» ва ҳамчунон дар рақс буданд. Имом Муҳаммад эшонро бигузот ва ба намоз шуд.

Ин Имом Муҳаммад сӯфӣ набуда, балки намояндаи исломии расмист, ки шайх дар хонаи вай меҳмон будаст. Чунон ки аз ривоят маълум мешавад, Имом ба амали бидъати шайх, ки рақсу суруду самоъро ба намоз тарҷеҳ (иваз) карда буд. Ҳамроҳ нашуда ба намоз рафтааст.

## Саволҳо

1. Сабабҳои инкони ақлу мантиқ (илм)-ро дар тасаввуф шарҳ диҳед.
2. Илми ботини тасаввуфро маънидод кунед.
3. Зикри хафии нақшбандия чист?
4. Боиси маҳбубияти сӯфиён дар байни мардум чи буд?

## Супориш

1. Аз чанд ғазали Ҳофиз ва Камол оҳанги беэътиноӣнисбати ақлро пайдо карда, муносибати онро ба таълимоти ирратсионалӣ тасаввуф нишон диҳед.

Мавзӯи 3

# Маърифати тасаввуф ва унсурҳои асосии он

Маърӯза

Ба вучуд омадани назарияи «аналҳақ»- и Мансури Ҳаллоч ба муқобили ақидаи динии нотавонию ачз ва пургуноҳии инсон ин назария на танҳо бидъат, балки эътироз ва мухолифат бар зидди таълимоти дин буд.

Ин назария бар хилофи дин мақому эътибори инсонро чун зоти шариф ва офаридаи олитарини табиат (ё худо) хеле боло бардошт. Ин назария аз дарки бузургии инсон, шинохти фазилату бартарии ӯ аз тамоми мавчудоти олам аст ва мазмуну моҳияти фалсафӣ дорад.

Инсон дар давраҳои қадим ва асрҳои миёна ба иллати нодонӣ ва очизии ақлии худ тамоми ҳодисаҳои табиату олами вучудро худаш фаҳмида натавониста онҳоро аз худо медонист. Боин роҳ худоро тавоною худашро нотавон карда монд. Бо ҳамин вайро тараққиёти ақлӣ ва фикрии худашро баста монд, ба дониста гирифтани асрори табиат ва олами вучуд саъй накарда, ин асрорро танҳо салоҳдиди Худо донист. Ҳастии худ зиндагии худро ба худо вобаста кард, худро тамоман ба дасти Худо супурд, ба куллӣтобеи ӯгардид. Дар рӯзгори муқаррарии худ ҳам ӯ худашро ба худо тобеъ кард. Мисол: дар коре ба ӯ омад ёр нашавад, онро аз нахостани худо донист, фарзандаш дар чавонӣ ба фочиа дучоршуда ё бемор шуда вафот кунад, онро аз хости худо ё тақдири Худо донист ва ғайра. Сабабҳои аслӣ ва воқеии ҳодисаҳои ба худашвобастаро чустучӯ накард, чунки ба ин ақлаш намерасид, дониш надошт.

Шинохти бузургии инсон пеш аз Мансур дар шатҳиёти гуфтаҳои шайхи бузурги қадим Боязиди Бастомӣ низ ба шакли ба худ хоссае намоён шуда буд.

«Аналҳақ» ба маънии наздик кардани инсон ба худо ва дарёфтану арзиш додани фазилати эчодкорию офаринандагии инсон ба баназирии офаридгор (худованд) аст. Гуфтаи Хоча Аҳрор дар бораи «азимушшаънӣ»-и инсон ва эчодкории ӯ. Умуман эчодкорӣ сифати инсон як фарқи ӯ аз ҳайвон аст.

Аз ин рӯ ҳанӯз дар асрҳои миёна инсонро «халифа»-и Худо дар олами вучуд ҳисоб мекарданд. Маънии чамомади бузургдошти мақоми инсон аст. Бузургии инсон пеш аз ҳама дар ақлу хираду заковати ӯст.

Дар эчодкорӣ ва офаорандагии ӯ намоён мегардад, дар истеъдоди ӯ дида мешавад.

Барои кушода шудани истеъдоти одам шароит зарур аст, онро ба вучуд овардан лозим аст. Чунонки дар замони мо чунин шароит дар Амрико фароҳам оварда шудааст.

Истеъдод барои инсон мӯъчизааст. Инсон ба туфайли истеъдодаш мӯъчиза офаринаст. Табиат ҳам мӯъчиза меофарад. Аммо истеъдод ба одамон нобаробар «тақсим» шудааст. Ба ин ё он дарача дода шудааст, ба яке каму ба дигаре зиёд. Истеъдод фитрист. Халқҳои олам низ яке аз истеъдод бештару дигаре камтар бархурдоранд. Халқи точик бо истеъдод аст ва инро дар таърихи тӯлонии илму фарҳанги ғании худ собит кардааст. Точикон чун эрониён аз қадим офаринандаанд, офариандаи фарҳанг ва неъматҳои моддӣ ва маънавӣ. Ҳоло ин фазилати халқамон паст рафтааст, (неъматҳои моддиро камтар истеҳсол мекунад). Эчодкорӣ умуман ба маънои васеъкор аст.

Истеъдод бояд ба офаринандагӣ ба манфиати одамон ва халқу кишвар равона гардад. Аммо афсӯз ки одамони тавоно ва боистеъдоде ҳастанд, ки фақат худашонро мебинанду дигаронро не.

Ғайр аз ин одамоне ҳастанд, ки худ соҳиби истеъдоду ҳунар набошанд ҳам гирди ҳунар мегарданд, аз эътибори он барои эътибор пайдокардани худ, ному шӯҳрат ёфтан истифода мекунад. Онҳо онҳо ҳунарро истисмор мекунанд, паразити ҳунар ҳастанд мисли «шоирон»-и беистеъдод, «олимон»-и ношуд, ки бо роҳи чобуки ва ҳаннотӣ илмро ба бизнес табдил медиҳанд, китоб нависиро чун манбаи даромад истифода мекунанд. Мардум ҳам сараро аз сақат чудо накарда, онҳоро мӯҳтарам медонанд. Онҳо рӯшиноси мардум мешаванд. Ин ҳол вобаста ба он аст, ки муҳити адабӣ ё илмӣ ба кадом даражааст, агар муҳит зӯр бошад, чунин ҳаннотон кам мешаванд, суст бошад, бисёр мешавад.

Аммо инсон истеъдоди худро дар шароити мувофиқ намоён карда метавонад. Дар шароити номувофиқ ва талаб истеъдод рӯёб намуда, ба кор нарафта, ҳамроҳи соҳибаш ба хок меравад. Ободии олам ва тараққиёт ба истеъдоди офаринандагии инсон вобаста аст. Дар мамлакадтҳои пешрафтаи дунё талаб ба ихтироъкорию эҷодкорӣ нишондодани истеъдод калон аст.

Дар давраи сотсиализм бошад, ба истеъдод ва эчодкорӣ кам эътибор дода мешуд. Одами истеъдоднок аз назарҳо пинҳон мемонд. Ҳол он ки инсони

соҳибистеъдодро парастидан лозим. Бе ин ҳам дар асрҳои миёна одамон дар чаҳолату нодонй мезистанд.

Зоти инсон мўъчизаи олами вучуд дониста мешавад, ки аз таълимоти М.Ҳаллоч бармеояд. Таҳлили навиштаҳои Биной дар муқаддимаи «Беҳрўзу Баҳроим». Бузургии инсон дар ақлу хирадаш гўем аввалан илму дониши ўро дар назар медорем .Аммо дар давроҳои аввали ривожи тасаввуф тавоноии инсон дар симои Сўфй аз рўи ҳунарҳои каромоту авлиёгии ў, ки онҳоро илмҳои ботинй ё ладунй мегуфтанд, чен карда мешуд. Илмҳои ақлию нақлй (Дунявю динй)-ро сўфиён тан намегирифтанд.

Ба ақидаи ман, дар шароити таъсири чуқур ва ҳартарафаи тасаввуф ба маънавияти инсон дар давраҳои минбаъда ҳаминназари инкори тариқат ба илму фан аз сабабҳои асосии таназзул ва аз равнақ бозмондани илму маърифат гардид. Умуман тасаввуф ба воситаи таълимоти Ҳаллоч мақоми инсонро боло бардошта бошад ҳам, ба тақдири илму фан ва тараққиёти фикрии халқи мо таъсири манфй гузоштааст.

## Мавзўи 4 — Пайдоиши ирфон (мистика) дар тасаввуф — Маърўза

Мистикҳои риёзат ва зўҳкунанда пеш аз ислом ва дар замони халифаҳои аввал ҳам вучуд доштанд, вале дар ҳоли мучаррад буданд, бинобар ин то то охири асри VII ба афкори ичтимоии чамъият таъсири чиддие нарасонида буданд. Тасаввуф ё мистизм дар Эрон ва Осиёи Миёна аз таълимоти Монӣ оғоз ёфта, аз сарчашмаҳои дигари ғоявӣ низ сероб гардидааст.

Тасаввуф ҳам ғояи динӣ мебошад ва аз ин рў, унсурҳои он дар ҳамаи динҳо мавчуд аст. Ин чо рочеъ ба таъсири ишқи ирфонӣ дар шеъри форсию точикӣ таваққуф менамоем, ки он аз чиҳати моҳияти масъала тақрибан ҳамон ғояи асосии таълимоти «ваҳдати вучуд»-ро ифода мекунад. Чуноне аллакай ишора рафт, масъалаи муносибати Оламу Одам ва Худою Табиат чи дар таълимоти фалсафӣ ва чи дар афкори ирфонии мутафаккирони шарқ ба таври гуногун мавриди таҳқиқ қарор дорад. Агар файласуфи асрҳои миёна ба чиҳати ҳастии масъала диққаташро равона гардонад, дар таълимоташ роҳҳои пайдоиши системаи маротиби вучуд (қавси нузул)-ро баён созад, ориф баръакс, роҳу усулҳои маърифати ҳақиқати ягонаро мақсади асосии худ қарор дода, камолоти маънавии инсон (қавси сууд)-ро шарҳу тавсиф медиҳад. Сўфӣ

тавассути қалб ё худ ҷавҳари латифи рӯҳонӣ, к ибо қалби санавбарии инсон омезиш ёфтааст, ҳақиқати азалӣ ё худ ҳусни маҳзро дарк менамояд. Пас ин навъи маърифатро дар адабиёти тасаввуфӣ бо номи «ишқи ирфонӣ», «ишқи маънавӣ», «ишқи илоҳӣ», «ишқи маҷозӣ» ва ғайра ёд кардаанд.

Бино ба таълимоти тасаввуф ишқ кайфияти камоли ҳастист. Ба маънои васеаш ишқ ҳар падидаро дар олами ҳастӣ рӯ ба камол мебарад ва ҳар мавҷуде дар ин олами ҳастӣ дар ҷараёни рушду камол аст ва нуқси худро, ки дар дами ба вуҷуд омаданаш эҳсос карда буд, рафъ намудан мехоҳад. Инро ба фикри сӯфиён, дар худи табиати зинда аз шакли ҷаниниаш гирифта, мисол меорем, ки ҳама вақт тақозои камол ёфт, қувваи шаҳвониаш бедор мегардад. Ин ишқи шаҳвонӣ фақат ибтидои кор буда, интиҳояш ишқи маънавиест, ки дар он инсон нуқси маънавии худро эҳсос карда, ба фикри касби дониши комил меафтад ва дар натиҷаи тай намудани зинаҳои гуногуни маърифати тасаввуфӣ ба он ноил мегардад. Пас ишқ аз назари аҳли тасаввуф нируи дохилии инкишофи ҷаҳони моддист, зеро он зотан масдари нахустинест, ки аз нури хайр ҳамчун ҳусн падид меояд. Аз ин рӯ, ҷамолпарастӣ, ба ақидаи онҳо, зинаҳои гуногуни маротиброи дарбар мегирад, ки мартабаи нахустини он аз парастиши майлу ҳавасу шаҳват ё худ ишқи ҷинсӣ иборат буда, мартабаи ниҳоии онро ишқи ирфонӣ ташкил медиҳад. Ин нурии ниҳонӣ дар ҷаҳони ҳастӣ аз ахтарону ҷамодот гирифта то инсону ҷамъият вуҷуд дорад.

Аз садои сухани ишқ надидам хуштар,
Ёдгоре, ки дар ин гунбади даввор бимонд…

Ҳофиз

Ҳақиқати ин ниру дар афкори сӯфиёна иртиботи олами улвию сифлиро барқарор намуда, тӯдаҳои башариро ба ҳам пайванд медиҳад ва ба шаклу намудҳои гуногун зоҳир мегардад, ки онро Ҳофиз дар вақташ дарк намуда, навишта буд:

Сози тараб ишқ бидонад, кич и соз аст,
К-аз захмаи ӯ нӯҳ фалак андар таку тоз аст.
Овард ба як захма ҷаҳонро ҳама дар рақс,
Худ «ҷони ҷаҳон» нағмаи он парданавоз аст.
Ишқ аст, ки ҳар дам ба дигар ранг дарояд,
Ноз аст ба ҷоею ба як ҷой ниёз аст.
Дар хирқаи ошиқ чу дарояд ҳама сӯз аст,
Дар кисвати маъшуқ чу дарояд ҳама ноз аст…

Ҳамин мазмунро яке аз муҳаққиқони тасаввуф Дорюши Сабурӣ ба таври хеле ҷолибе меорад: «одамиро ба мисли худ ишқ зоҳир шавад ва он аз ду сабаб аст: якум сабаби ҷалӣ ва дигар хуфя. Сабаби ҷалӣ он аст, ки инсон мағлуби ҳавою ҳавас аст ва шаҳваташ ба ӯ ғолиб аст ва мекӯшад, ки онро

қаноат кунонад мисли он ки ташнагон бо хўрдани об қаноат мекунонанд ва сабаби хуфия он бувад, ки инсон дорои сиррест, ки баёни он ғайримумкин аст ва қалбе, ки дар ботин аст ва аз дигар олам омадааст, боз мехоҳад ба олами худ бишитобад ва ба мабдаи худ баргардад». Чуноне мушоҳида мегардад, ки ин иқтибос мазмуни асосии таълимоти «ваҳдати вуҷуд»-ро дарбар мегирад.

Ҳамин тавр, шоирони мутасаввиф дар қолаби ишқ ва ошиқу маъшуқ афкори ирфонии худро матраҳ намуда, ашъори пурсўзу гудози саршор аз ишқу муҳаббатро ба вуҷуд оварданд, ки дар таърихи адабиёти тоҷик марҳалаи тозае ба шумор мерафт.

Пас шинохти ҷаҳон ба ўҳдаи нафси инсонист. Маҳз аз ҳамин сабаб дар адабиёти тасаввуфӣ махсусан дар сарчашмаҳои ба ҳамин масъала бахшида, таълифоти зиёде аз қабили «ҳар кас, ки нафси худро бишносад, худои худро мешиносад», «ҳар кас хешро бишиносад, ба худо расидааст» ва ғайра вомехўранд, ки ба мавзўи шинохти ҷаҳон нигаронида шудаанд. Чунин маърифат дар таълимоти сўфӣ на бо далелу бурҳони мантиқии зоҳирӣ, балки бо эҳсости ботинӣ ва кашфу шуҳуд сурат мегирад, ки он аз марҳалаю мартаба ва назари хоси ирфонӣ иборат аст.

Барои муайян намудани моҳияти кашфу шуҳуд дар тасаввуф бояд аввал мафҳумҳои илм, олим ва маълумро аз назари сўфиён бубинем. Кашфу шуҳуд ҳақиқати се чиз-қалбу нафси инсонӣ, ҳақиқати ашё дар нафсро дар назар доранд. Олим дар назари сўфиён касест, ки сурати ашёи ҳақиқӣ дар нафсаш акс ёбад. Маълум аз ҳақиқати ашё иборат буда, илм ҳосилшавии образи ашёи ҳақиқӣ дар оинаи нафси инсонист.

Ба ҳамин тариқ масъалаи маърифати маънавии тасаввуфӣ аз ҷанбаҳои амалию назарии ба ҳам алоқаманд вобастагӣ дорад, ки онҳоро фақат ҷудо тасаввур намудан мумкин аст, дар асл бошад, ҷиҳатҳои мазкур якдигарро тақвият дода, имконияти дарки ҳақиқатро аз роҳи тариқат фароҳам меоваранд, ки моҳияташон на фақат аз ҳулули махлуқ (инсон) бо холиқи худ (худо) иборат мебошад, балки худшиносии шахсии инсонро низ ифода мекунад. Ин ду тарафи як масъала заминаи ғоявии худро дорад ва аз қувваи мударрикаи инсон, ки дар навбати худ аз хосиятҳои нафси башарист, сарчашма мегирад. Маълум аст, ки қувваи идрок аз қувваи амалӣ ва назарӣ иборат мебошад. Агар ин қувва ба пайдо намудани сифатҳои некў, аъмоли хайр аз тоза сохтани олам аз муфсидӣ равона бошад, онро қувваи (ақлӣ) амалӣ номанд ва агар он ба маърифати ҳақоиқи мавҷудот ва мабдаи он равона бошад, онро қувваи (ақлӣ) назарӣ хонанд. Вобаста ба ҳамин ду қувваи мударрика ҷиҳатҳои амалӣ ва назарии тасаввуф мавҷуданд.

**Савол ва супоришот:**

1. Зуҳур намудани нишонаҳои аввалини ирфон дар адабиёти тасаввуфӣ дар кадом давраи адабиёт ба назар мерасад?
2. Махсусияти адабиёти ирфонӣ дар чист?
3. Таъсири ирфон (мистика) дар ҷараёнҳои дигари адабӣ то кадом дараҷа аст?

**Мавзӯи 5-6**

## Пайдоиши таълимоти ваҳдати вуҷуд ва ирфон

Дар ин мавзӯъ сухан кардан бисёр ҳассос ва мушкил аст, зеро бе далелу бурҳон пайравӣ кардан аз аҷдоду обо ва таъассуб ба одоту русуму муътақадоти онон, равиши аксарият гаштааст. Ва кӯшиш барои ислоҳ ва тағйири ин қолабҳои нодурусти шахшудаи дар азҳон, мутаассифона дар ин рӯзгор ҳамчун хиёнат ва бегонапарастӣ талаққӣ мешавад.

Гарчанде баёни ин гуна масоил ва матраҳ кардани он барои баъзеҳо нохушоянд бошад ҳам, вазифаи толибилм ва донишмандон аст, ки дар ин мавзуъот ибрози ақида кунад ва норӯшаниҳову ишколотро бо бурҳону далел бартараф созад. Вале одати баде дар ҷомеъа роиҷ шудааст, ки ба пойи нависандагон ва матраҳкунандагони ин гуна масоил садҳо завлонаи дурӯғу бӯҳтонро мебанданд. Ва ин равиш (равиши туҳматбандӣ ва муҳрзанӣ)-ро танҳо касоне ба кор мебаранд, ки зуҳури ҳақиқатро таҳаммул надоранд ё пайравӣ аз ҳавову ҳаваси худро аз ифшои ҳақ авлотар медонанд. Вале шахсони ҳақиқатҷӯй ва ҳақиқатгӯй ва ҳақиқатпӯй ҳамвора равиши қуръонӣ доранд, ки «ба сухан гӯш медиҳанд ва аҳсани онро пайравӣ мекунанд»!

«Он касоне, ки ба ҳамаи суханон гӯш фаро медиҳанд, ва аз некӯтарин ва зеботарини онҳо пайравӣ мекунанд. Онҳо касонеанд, ки Аллоҳ ҳидояташон кардааст ва эшон воқеъан ҳам хирадмандонанд». (Сураи Зумар — 18).

Дар ин рисола кушиш шуд, ки дар бораи «Ваҳдатул-вуҷуд», сухан кунем. Зеро ки асари инҳирофангези эътиқоди «Ваҳдати вуҷуд» дар ҳама тору пуди адабиёти форсии тоҷикӣ, ба вижа дар ашъори ирфонӣ ба вузуҳ дида мешавад. Ва ин мавзӯъ яке аз умдатарин баҳсҳои ирфонӣ ва фалсафаи ба ном исломӣ қаламдод мешавад. Ва аз хонандагоне, ки назари мухолиф доранд, танҳо хоҳишам ин аст, ки ба ин масъала на аз рӯи пешфарзҳо бингаранд, балки бо нигоҳи амиқи илмӣ. Ва хидмати хонандаи гиромӣ арз шавад, ки баҳси мо сари назария ва ақидаи «Ваҳдат вуҷуд» ҳаст, на ҳукм бар ашхос ва соҳибони он, зеро ҳукм бар соҳибони ақида баҳсест ҷудогона ва мутафовит.

1. «Ваҳдатул-вуҷуд» — як назария ва ақидаест, ки пайравонаш ғолибан аз ошкор кардан ва баёни сареҳи он, имтиноъ меварзанд. Муътақидони ин назария дар маърази баёни ҳақиқати он ҳеҷ гоҳ возеҳу ошкор ва сароҳатан ин

назарияро таъриф накардаанд, балки мегӯянд, ки ин ақида аслан қобили фаҳму маърифат нест, ва гӯё сиррест, ки ҳақиқати онро ҷуз афроди «баҳақрасида» дарк намекунанд. Аммо чун ба хилват мераванд, дар ҳалқаи танги пайравони хеш ва дар васати калому ашъорашон ҳақиқати ин ақидаи сарбастаро комилан ҳувайдо мекунанд.

1) Яке аз тоҷикони мудофеъи ин назария Юнуси Истаравшанӣ чунин мегӯяд:

«Ин буд, тавзеҳе мухтасар аз “ваҳдати вуҷуд”-е, ки Ибни Арабӣ мӯътақид ба он аст, ки албатта бояд ёдовар шуд, ки ин масъала, масъалае чандон осон ҳам нест, ки бо чанд сатр ва чанд ҷумла битавон онро баён кард, ва асосан, қалам оҷиз аз баёни ин ҳақиқат аст; зеро урафо ин ҳақиқатро аввал бо таҷрубаи шахсӣ ёфта, сипас ба баёни он пардохтаанд ва тасреҳ ҳам кардаанд, ки ин ҳақиқат аслан қобили баён ва тавзеҳ нест, балки танҳо бо таҷрубаи шахсӣ қобили дарк мебошад». (Сайти Кимиёи Саодат)

2) Муртазо Мутаҳҳарӣ, яке аз донишмандони маъруфи шиъа гуфта: «Ваҳдати вуҷуд меҳвари ҷаҳонбинии ирфонӣ аст. Аслан ваҳдати вуҷуд чист? …Ваҳдати вуҷуд аз он андешаҳое ҳаст, ки камтар касе ба умқи он пай бурдааст ва мебарад. (Инро бояд бидуни таъоруф гуфт). Бисёр бисёр каманд афроде, ки битавонанд тасаввури саҳиҳе аз ваҳдати вуҷуде, ки урафо доранд, дошта бошанд, аз мусташриқин гирифта то ғайримусташриқин». (Ирфони Ҳофиз, саҳ. 88-89).

3) Оятуллоҳ Ҳусайнии Теҳронӣ:

«Ваҳдати вуҷуд аз бузургтарин ва олитарин ва ғомизтарин ва латифтарин масоили «ҳикмати мутаъолия» аст ва фаҳмиданаш кори осоне нест. Инсон бояд як умр заҳмат бикашад илман ва амалан, оё Худо ба ӯ қисмат кунад, ки асл ва ҳақиқати ваҳдати вуҷудро бифаҳмад ё на?! Ин аз асрор аст…». (Вилояти фақиҳ дар ҳукумати ислом, ҷ. 3 қисмати 3).

4) Мулло Садро дар «Асфор»:

هذا من الغوامض الالهيّه الّتى يستصعب ادراكه الاّ على من آتاه الله من لدنه علماً و حكمة

«Ин (яъне масъалаи ваҳдати вуҷуд) аз ғавомизи илоҳия ҳаст, ки дарки он сахт душвор аст, магар барои касе, ки Худованд илми ладуннӣ ва ҳикмати ладуннӣ ба ӯ дода бошад». (Ал-ҳикматул мутаъолия фил-асфорил арбаъа…, ҷ. 6 фасли 12).

5) Яке аз боризтарин пайравони мутааххири ин назария, Хумайнӣ дар таълиқоти худ бар шарҳи «Фусусул-ҳикам»-и Ибни Арабӣ мегӯяд:

وهذا من الأسرار التي لا يمكن افشاء حقيقتها والتصريح بها فالعالم خيال في خيال ووهم في وهم ليس في الدار غيره ديار تأمل تعرف.

«Ва ин аз ҷумлаи асрорест, ки баёну ифшои ҳақиқати он ва тасриҳи он имкон надорад, пас олам ҳама хаёл дар хаёл ва ваҳм дар ваҳм аст, дар ин диёр

(сарои олам) дайёре (мавҷуде) ғайри Ӯ нест, тааммул бикун хоҳӣ донист». (Таъликот бар шарҳи Фусусул-ҳикам, саҳ. 299)

6) Сомонаи расмии тариқаи Шозилия дар ин масъала тасриҳ кардааст, ки чунин гуфтор ва эътиқодот бояд пинҳон карда шаванд ва инҳо аз қабили шатаҳот аст, ки баёни он ба ағёр ҷоиз нест:

قال الشبلي: كنت أنا والحلاج شيئاً واحداً إلا انه أظهر وكتمت

«Шиблӣ гӯяд: Ман ва Ҳаллоҷ ҳар ду як чиз будем (ҳам-ақида будем), вале ӯ (ин эътиқоди ваҳдати вуҷудро) ошкор кард ва ман пинҳон доштам». (Шатаҳоти суфия, Абдураҳмони Бадавӣ саҳ. 24).

Шатаҳот — калимоти куфромезест, ки аҳли тасаввуф гӯё дар ҳоли ғалабаи шуҳуди Ҳақ ва бехудиву ваҷд ба забон меронанд.

7) Ғаззолӣ дар «Эҳёи улуми дин» ва «Мишкотул-анвор» ин эътиқодро аз асрор медонад, ки баён кардани он мушкил аст. Ҳол онки дар васати гуфтораш ҳақиқати ин ақида ошкор баён шудааст. Ва қобили зикр аст, ки дар авохири умр, Ғаззолӣ аз ин гуна эътиқодот даст кашидааст ва қиссаи марги ӯ маъруф аст, ки саҳеҳи Бухорӣ дар дасташ ҷон ба ҷонофораин супурда (раҳмату мағфирати Аллоҳ бар ӯ бод)!

Ғаззолӣ мегӯяд:

أسرار هذا العلم لا يجوز أن تسطر في كتاب

وراء هذه الحقائق أسرار لا يجوز الخوض فيها

ويترقى الحال إلى درجات يضيق عنها نطاق النطق

«Асрори ин илмро раво нест, ки дар китобе бинависанд». «Дар моварои ин ҳақоиқ асрорест, ки дар он таъаммуқ кардан ҷоиз нест». «Ва ҳолат ба дараҷаҳои баланде мерасад, ки маҷоле барои нутқ боқӣ намемонад».

8) Муҳаммад Ротиб Нобулсӣ яке аз донишмандони муъосир, ки дар маҷмӯъ пойбанд бар усули эътиқоди аҳли суннат аст, дар шарҳи қиссаи Мансури Ҳаллоҷ чунин гӯяд:

وهذا معنى دقيق جداً لا يفهمه عامة الناس لذلك دفع حياته ثمن هذه الإشراقة ...

«Ва масъалаи (ваҳдати вуҷуд)-ро маънои дақиқест, ки оммаи мардум фаҳми онро надоранд, аз ин рӯ (Мансури Ҳаллоҷ) ҷони хешро дар баҳои ин кашфу ишроқ бибохт…».

2. Пас назарияи «Ваҳдатул-вуҷуд» чист ва чӣ маъно дорад?! Дар фасли нахустини ин мақола баён гашт, ки ба эътирофи худи пайравони ин ақида

таърифи ин назария имкон надорад ва он гӯё аз розҳои ирфон ва тасаввуф аст. Вале ба ҳар ҳол кӯшидаанд, ки ба қадри имкон онро маънидод кунанд. Намунае чанд аз таърифу шарҳи онро меорем.

Юнуси Истаравшанӣ кӯшидааст, ки илоҷе кардаву ин назарияро шарҳ диҳад: «Бар пояи назарияи Ибни Арабӣ, вуҷуди ҳақиқӣ, беш аз яке нест, ва он ҳам вуҷуди Худованд аст ва ғайри Худо ҳарчи ҳаст, сирфан таҷаллиёти ҳамон вуҷуди воҳид аст, ки дар воқеъ ҳамагӣ "намуд" ҳастанд, на "буд".

Ба баёни дигар, танҳо вуҷуди ҳақиқӣ дар ин олам, Худост ва дигарон вуҷуди ҳақиқӣ надоранд, балки ҳамагӣ мазоҳир ва сояҳое аз вуҷуди Худоянд, бинобар ин, маҷозан ба онҳо вуҷуд мегӯянд». (Сайти Кимиёи Саодат).

Муртазо Мутаҳҳарӣ, донишмандони шиъамазҳаб дар китоби «Ирфони Ҳофиз» се таъриф аз «Ваҳдати вуҷуд»-ро оварда ва дар фарҷом хулоса мекунад, ки ин мавҷудот мисли мазҳарест, ки дар оина дида мешавад ва дар ҳақиқат вуҷуд надорад… (Ирфони Ҳофиз, саҳ. 102).

Мавлавӣ дар Маснавӣ мегӯяд:

Мо адамҳоем ҳастиҳо намо,
Ту вуҷуди мутлақу ҳастии мо.

Ин буд чанд намунае, аз таъриф ва шарҳи ақидаи «Ваҳдати вуҷуд», ки худи муътақидони ин назария зоҳиран ҳеҷ мухолифате дар он бо шаръу мантиқ намебинанд. Вале дар ин мақола баён хоҳад шуд, ки ин назария чӣ мухолифате бо шаръу мантиқ дорад?!

3. Асли мухолифати мо бо назарияи «ваҳдати вуҷуд» чист?!

Баъд аз онки таъриф ва баёне аз худи муътақидони ин назария нақл кардем, бигзарем ба асли матлаб, ки «ваҳдати вуҷуд» чӣ мушкил дорад?! Ва таърифи ин назария дар воқеъ чӣ тавр аст!

Дар тули торих, аксари имомон ва бузургони аҳли суннат ва ҳамчунин фуқаҳои мазоҳиби чаҳоргонаи аҳли суннат бо ин назария мухолиф будаанд ва ҳукми залолати ин назария ва пайравони онро эълом кардаанд. Вале мутаассифона аз сабаби дастнорасӣ ба китобҳо ва маҳрум мондан аз таҳсили улуми шаръӣ, имрӯз мардум аз ин ҳақиқатҳо ғофиланд ва барояшон мухолифат бо ин назария як амри гушношунидест.

Ба назари мо ақидаи «Ваҳдатул-вуҷуд», ки меҳвари аслии таълимоти ирфону тасаввуф ва фалсафаи (ба ном) исломӣ мебошад, ҳодиму барбод-диҳандаи тамоми аркони дин аст.

Инак дар поён далелҳое бар ин даъво:

1. Ва аввалин нуктаи баҳс ва мухолифати мо бо ин ақида, худи ҳақиқати ин назария мебошад, ки бар се ваҷҳ аст:

а) Сухан кардан дар зоти Худованди таъоло бо қавоъиди фалсафӣ ва ихтироъи сифоту истилоҳот.

б) Сояву хаёл ва ваҳму пуч донистани ин олам (ва дар натиҷа инкори вуҷуди ин олам) дар қиболи вуҷуди Аллоҳ таъоло.

в) Айни ҳамдигар донистани Холиқу махлуқ.

Мепардозем ба баррасии вуҷуҳи ихтилоф:

1). Аввалин ваҷҳи ихтилофи мо бо пайравони ваҳдати вуҷуд ин аст, ки онҳо дар зоти Аллоҳ таъоло дар асоси қавоиди фалсафии Арастуву Афлотун сухан карданд ва Худовандро бо истилоҳоти гуногуни фалсафӣ сифат карданд, амсоли Вуҷуди мутлақ, Зоти номаҳдуд, Номутаноҳӣ, Ваҳдат дар касрату касрат дар ваҳдат, ва ғайраҳо ки дар мақолаи алоҳида (ба унвони «Шинохти Худованд дар партави ваҳйи илоҳӣ, на фалсафаву калом») ба он бармегардем иншоаллоҳ.

2). Дуввум ваҷҳи ихтилоф он аст, ки назарияи ваҳдати вуҷуд, ин ҳама мавҷудотро хаёлу ваҳм медонад ва ба маънои дигар ҳақиқати вуҷуди ин махлуқотро инкор мекунад. Ва ин гуна назар ба махлуқот (яъне маҷозу хаёл донистани онҳо) мухолифи ваҳй ва ақлу мантиқ аст.

Мухолифи ваҳй (яъне Қуръону Суннат) буданаш дар он аст, ки ваҳйи илоҳӣ дуто ҳастиро исбот кардааст, ки ҳастии Холиқ ва ҳастии Махлуқ мебошад. Ва тамоми таълимоти шариъат низ барои ҳамин мавҷуд (яъне махлуқ) равона шудааст, ки вуҷуди ҳақиқӣ дорад, ва илло ин ҳама фиристодани Паёмбарон ва нозил кардани Китобҳо ва барпо кардани бозори Қиёмат ва Ҳисобу Ҷазо маъное надорад.

Ва ҳеҷ имоме аз аиммаи муслимин чунин бардоште аз ислом накардааст, ки вуҷуди махлуқ ваҳм асту хаёл, ба ҷуз аз пайравони Ибни Арабӣ, ки дину эътиқоди худро аз Арастуву Афлотун гирифтанд…

Ва ин ваҳму хаёл ва маҷоз донистани махлуқот мунҷар ба он мешавад, ки аслан маънои бандагӣ ва убудият аз байн меравад ва ҳаққу ботил вуҷуд надорад ва ҳама чиз як чиз аст, (ки Ибни Арабӣ дар ниҳоят ошкор ҳам инро мегӯяд).

3). Ва саввумин ваҷҳи ихтилофи мо бо назарияи «Ваҳдати вуҷуд» он аст, ки ин назария Холиқу махлуқро айни ҳамдигар ва як чиз медонад. Ва ин нукта (яъне ҳама чизро якӣ донистан) асли ин назария мебошад, ки тамоми инҳирофоти боқимонда, ҳама аз осори ин асл мебошанд.

Ва ба назари аҳли илм куфру зандақае болотар аз ин вуҷуд надорад, ки ҳатто яҳуду насоро ба ин намуди куфр даст наёзидаанд.

Албатта асҳоби мутааххири ин назария аз ошкор кардани ин куфру зандақа меҳаросанд, ва ба ҳар роҳе ин ҳақиқатро пинҳон медоранд, вале чӣ тавре, ки Алӣ (Аллоҳ аз ӯ розӣ бод) дар Наҳҷул-Балоға гуфтааст:

ما أضمر أحد شيئاً إلا ظهر في فلتات لسانه وصفحات وجهه

«Ҳеҷ касе, чизеро пинҳон накард, магар инки дар фалатоти забонаш ва сафаҳоти чеҳрааш намудор мешавад». (Наҳҷул-балоға, ч. 2 саҳ. 148).

Орифон (мутасаввифа) ба мардум мегӯянд, ки мо «Ваҳдати вуҷуд» мегӯем (яъне таҷаллиёт ва зуҳури зот), ва мардумро бо ин ибора мефиребанд: «Касрат дар айни ваҳдат ва ваҳдат дар айни касрат», мисли насоро, ки мегӯянд: «Се дар як ва як дар се»!

Вале дар маҷолиси хосси худ «Ваҳдати мавҷудро» бо тариқаи Мансури Ҳаллоҷ ба забон меоранд, ки «Ман Худо ҳастам»! Ва инро аз маротиби баландтарини ирфон медонанд… (Қудватул фуқаҳо вал урафо, Тақии Мусавӣ, саҳ. 235).

Инак дар ин фасли мақола он суханони Ибни Арабӣ ва дигар аз пайравони ин назарияро меорем, ки сароҳатан Холиқу Махлуқро айни ҳамдигар ва як чиз медонанд (Поку муназзаҳ аст Аллоҳ аз ин куфру зандақа).

1) Ибни Арабӣ гӯяд:

فما وصفناه بوصف الاّ كنّا نحن ذل

ك الوصف، فوجودنا وجوده، ونحن مفتقر اليه من حيث وجودنا، و هو مفتقر الينا من حيث ظهوره لنفسه

«Мо ҳар чизе, ки дар бораи Ӯ бигӯем, дар ҳақиқат худро васф кардаем ва дар бораи худ гуфтаем, зеро ҳастии мо ҳастии Ӯст. Мо барои ҳаст шудан ба Ӯ мӯҳтоҷем ва Ӯ барои зоҳир шуданаш ба мо ифтиқор дорад ва муҳтоҷ аст». (Фусусул-ҳикам, саҳ. 164).

Дар инҷо аз назари Ибни Арабӣ, Худову халқ як чизанд ва ба ҳам ниёз доранд, зеро сурати як ҳақиқатанд, пас махлуқот ҷуз асмо ва сифоти Ҳақ чизи дигаре нестанд.

2) Ибни Арабӣ дар ҷойи дигар бо сароҳат мегӯяд:

فهذا الفرق بين حيرة أهل الله و حيرة أهل النظر فصاحب العقل ينشد

و في كل شيء له آية

تدل على أنه واحد

و صاحب التجلي ينشد قولنا في ذلك

و في كل شيء له آية

تدل على أنه عينه

فما في الوجود إلا الله و لا يعرف الله إلا الله و من هذه الحقيقة قال من قال أنا الله كأبي يزيد و سبحاني كغيره من رجال الله المتقدمين…

«Фарқ миёни ҳайрати «Аҳлул-лоҳ» ва «аҳли назар» ин аст, ки соҳиби ақл мегӯяд:

Дар ҳама чиз Ӯро нишонаест,

Ки далел аст бар онки Ӯ ягона аст.

Вале соҳиби таҷаллӣ ин қавли моро месарояд:

Дар ҳама чиз Ӯро нишонаест,

Далолат мекунад, ки он айни Ӯст.

Пас дар дори вуҷуд ҷуз Худованд чизе нест ва Худовандро ҷуз худаш касеву чизе намешиносад. Пас дар асоси ҳамин ҳақиқат аст, ки шахсе «Ман Аллоҳ ҳастам» мегӯяд, мисли Боязид ва ё ки мегӯяд «Субҳонӣ (мо аъзама шаънӣ)», мисли дигар аз мутақаддимин». (Футуҳоти маккия, ҷ.1 саҳ. 272, боби 50).

3) Ва билохира дар ҷойи дигари Футуҳот боз ҳам сариҳтар эълон кардааст, ки Худованд айни ашё ҳаст:

فسبحان من اظهر الاشياء و هو عينها

«Поку муназзаҳ ҳаст, оне ки ашёро зоҳир кард ва Ӯ айни он ашё ҳаст». (Футуҳоти маккия, ҷ. 2 саҳ. 459)

4) Маҳмуди Шабистарӣ яке аз урафои қарни ҳаштум низ сурудааст:

«Ҷаноби ҳазрати Ҳақро «дуӣ» нест,

Дар он ҳазрат ману мову туӣ нест.

Ману мову туву ӯ ҳаст як чиз,

Ки дар «ваҳдат» набошад ҳеҷ тамйиз.

Шавад бо ваҷҳ боқӣ, ғайр ҳолик,

Яке гардад сулуку сайру солик».

(Маҳмуди Шабистарӣ, Гулшани Роз).

5) Хумайнӣ дар таъliқоти худ бар шарҳи «Фусусул-ҳикам»-и Ибни Арабӣ мегӯяд:

وهذا من الأسرار التي لا يمكن افشاء حقيقتها والتصريح بها فالعالم خيال في خيال ووهم في وهم ليس في الدار غيره ديار تأمل تعرف.

«Ва ин аз ҷумлаи асрорест, ки баёну ифшои ҳақиқати он ва тасриҳи он имкон надорад, пас олам ҳама хаёл дар хаёл ва ваҳм дар ваҳм аст, дар ин диёр (сарои олам) дайёре (мавҷуде) ғайри Ӯ нест, тааммул бикун хоҳӣ донист». (Таъliқот бар шарҳи Фусусул-ҳикам, саҳ. 299)

Хумайнӣ дар ҷойи дигар дар тафсири сураи Ҳамд ҳама махлуқотро мисли амвоҷи баҳр медонад, ки дар асл ҳамон баҳр мебошанд:

«Аслан ба ҳасби воқеъ, ғайри Ҳақ таъоло чизе нест. Ҳарчӣ ҳаст Ӯст, ҷилва ҳам ҷилваи Ӯст… Наметавонем як мисоли мунтабиқ пайдо бикунем, шояд наздиктар аз ҳама мисолҳо мавҷи дарё бошад, мавҷ нисбат ба дарё. Мавҷ аз дарё хориҷ нест. Мавҷ дарёст…

Ин мавҷҳое, ки ҳосил мешавад, тасаввур мекунем, кааннаҳу ба назари мо меояд, ки дарёву мавҷ ду чизанд, дар ҳоле ки ғайри дарё чизе нест, мавҷи дарё ҳамон дарёст. Олам як мавҷе ҳаст.

Албатта мисол боз ҳам ҳамон тавр аст, ки қоил гуфтааст, ки: «Хок бар фарқи ману тамсили ман», мисол надорад». (Дуруси тафсири сураи Ҳамд, ҷаласаи чаҳорум).

6) Мулло Садро, ки аз бузургони асҳоби ин назария баъд аз Ибни Арабӣ мебошад ва китоби «Ҳикмати мутаъолия дар асфори арбаъа»-и худро дар ин мавзӯъ нигоштааст, ки меҳвари аслии баҳсаш ҳам «Ваҳдати вуҷуд» аст, мегӯяд:

فكذلك هداني ربّي بالبرهان النّير العرشي الي صراط مستقيم من كون الموجود و الوجود منحصراً في حقيقة واحدة شخصية لا شريك له في الموجودية الحقيقية و لا ثاني له في العين، و ليس في دار الوجود غيره ديّار، و كلّما يترا آي في عالم الوجود إنّه غير الواجب المعبود فانّما هو من ظهورات ذاته و تجليات صفاته الّتي هي في الحقيقة عين ذاته

«…Ҳамон гуна, парвардигорам бо бурҳони тобноки аршӣ ба роҳи мустақим ҳидоятам намуд ва он (яъне ҳидоят) инки «Мавҷуд» ва «Вуҷуд» мунҳасир дар ҳақиқати воҳиди шахсӣ ҳаст, ки ҳеҷ шарике барои Ӯ дар мавҷудияти ҳақиқӣ ва ҳеҷ дуввумӣ барои Ӯ дар хориҷ нест ва дар ҷаҳони ҳастӣ ғайри Ӯ касе нест. Ва ҳарчӣ дар ҷаҳон ҳастӣ ба назар меояд, ки ғайри «Воҷиби Маъбуд (яъне Худованд)» аст, чизе нест ҷуз партаве аз зуҳуроти зоти Ӯ ва таҷаллиёти сифоти Ӯ, ки онҳам дар воқеъ айни зоти Ӯст». (Асфори арбаъа, ҷ.2 саҳ. 291-292).

Ва ин китоби «Асфор» яке аз кутуби аслӣ дар ҳавзаҳои илмии Эрон мебошад, ки бар асоси он, фанни ирфону фалсафа тадрис мешавад…

7) Дар «Ваҳдати вуҷуд» кор ба ҷойе мерасад, ки дар ниҳоят ҳама мисли Ҳаллоҷ даъвои улуҳийят хоҳанд кард. Маноқибул-Орифин нақл мекунад:

«Як бор Мавлавӣ ба ходими худ (шайх Муҳаммад) гуфт: Фалон корро ба итмом бирасон. Шайх Муҳаммад дар ҷавоб гуфт: Ин-шоаллоҳ!

Мавлоно бонг барвай зад, ки: Эй аблаҳ! Пас гӯянда кист?». (Мавлоно Ҷалолуддин саҳ. 312).

Дар мавриди дигар Шамс муддаъӣ мешавад, ки фармудаҳои ӯ айни ҳаққ аст ва ниёз ба бурҳону далел надорад ва касонеро, ки аз вай дархости далел кардаанд мавриди сарзаниш қарор медиҳад:

«…مرا نمي شناسند در اين عالم. پس كه را مي پرستند؟! مرا گويي برهان بنما. از من برهان
«!خواهند!از برهان حق خواهند، اما از حق برهان نخواهند

«Маро намешиносанд дар ин олам. Пас киро мепарастанд?!

Маро гӯӣ бурҳон бинмо. Аз ман бурҳон хоҳанд!

Аз бурҳон ҳақ хоҳанд, аммо аз ҳаққ бурҳон нахоҳанд!». (Мавлоно Ҷалолуддин саҳ. 109).

8) Ва аз ин ҳам шаниътар ва бадтар гуфтори Шамс аст дар васфи Мавлоно, ки тамомии сифатҳои илоҳиро ба Мавлоно нисбат медиҳад:

«اگر از تو پرسند مولانا را چون شناختي؟

…بگو از قولش مي پرسي: اِنَّما اَمْرُهُ اِذا اَرادَ شَيْئاً اَنْ يَقُولَ لَهُ كُنْ فَيَكُونُ

…اگر از صفتش مي پرسي: قُلْ هُوَ اللهُ اَحَدٌ،

…و اگر از نامش مي پرسي: هُوَ اللهُ الَّذي لا اِلهَ اِلّا هُوَ

«...و اگر از ذاتش مي پرسي: لَيْسَ كَمِثْلِهِ شَيْئٌ

«Агар аз ту пурсанд Мавлоноро чун шинохтӣ?

Бигӯ, аз қавлу суханаш мепурсӣ: Чун амреро ирода кунад, мегӯяд бишав, пас мешавад…

Агар аз сифаташ мепурсӣ: Бигӯ: Ӯ Аллоҳи ягона аст…

Агар аз номаш мепурсӣ: Ӯст Аллоҳе, ки нест маъбуде ҷуз Ӯ…

Агар аз зоташ мепурсӣ: Нест монанди Ӯ чизе…». (Мақолоти Шамс, саҳ. 203 ва дар нусхаи Интишороти Хоразмӣ, соли 1377, саҳ. 789).

9) Иқтибоси дигареро ҳам аз китоби Ибни Арабӣ меорем, ки дар қуллаи илҳод ва имонситезӣ мебошад, ки аз хондани он қалби инсони муваҳҳидро даҳшате фаро мегирад, ки чӣ тавр инсоне ба ин ҳадд гумроҳ мешавад, ва низ дар ҳайрат меафтад, ки бо чӣ далеле соҳиби чунин ақида ва суханонро имрӯз Имоми Акбар мегӯянд?!

Ибни Арабӣ дар китоби «Фусусул-ҳикам»гуфтааст:

فإذا شاهد الرجل الحقّ في المرأة كان شهوده في منفعل، و إذا شاهده في نفسه- من حيث ظهور المرأة عنه- شاهده في فاعل و إذا شاهده من [في] نفسه من غير استحضار صورة ما تكوّن عنه كان شهوده في منفعل عن الحقّ بلا واسطة.

فشهوده للحقّ في المرأة أتمّ و أكمل، لانّه يشاهد الحقّ من حيث هو فاعل و منفعل، و من نفسه من حيث هو منفعل خاصة.

«Пас чун раҷул (яъне мард) Ҳақро дар маръа (яъне зан) мушоҳида кард, шуҳуд дар мунфаъил кардааст (мурод аз мунфаъил зан аст, ки аз мард мунфаъил мешавад, яъне маҳалли феъли мард аст). Ва чун мард Ҳақро дар нафси худ мушоҳада кунад – аз ҷиҳати зуҳури маръа аз ӯ (яъне мард) -, пас Ҳақро дар фоъил (яъне мард) мушоҳада кардааст…

Пас шуҳуди мард Ҳақ таъолоро дар зан (яъне дар ҳини мувоқаъа) атамм ва акмал аст. Зеро мард Ҳақро дар зан мушоҳада мекунад аз он ҷиҳат, ки Ҳақ фоъил ва мунфаъил аст».

Соҳиби «Мумиддул-ҳимам», яъне Ҳасан Ҳасанзодаи Омилӣ дар шарҳи ин ибораи Ибни Арабӣ мегӯяд:

«Ин сухани шайх мисли дигар матолиби ин китоб, мубтанӣ бар ваҳдати шахсияи вуҷуди манзур дар мазоҳир ва мароёст. Худост, ки дорад худоӣ мекунад…».

Дар идома Ибни Арабӣ мегӯяд:

فلهذا أحبّ- ص- النساء لكمال شهود الحقّ فيهنّ، إذ لا يشاهد الحقّ مجردا عن المواد أبدا، فإن الله بالذات غني عن العالمين فإذا كان الأمر من هذا الوجه ممتنعا، و لم تكن الشهادة إلّا في مادة، فشهود الحقّ في النساء أعظم الشهود و أكمله

«Пас, аз ин ҷиҳат Расулуллоҳ муҳибби нисо (хонумҳо) буд, ки камоли шуҳуди Ҳақ дар нисо аст. Чунки Ҳақ таъоло ҳеҷ гоҳ муҷаррад аз мавод (ҷамъи модда) мушоҳада намешавад, зеро Ҳақ таъоло ба ҳасби зот ғанӣ аз оламиён аст. Инак чун амр аз ин ваҷҳ мумтаниъ аст ва шуҳуд имкон надорад магар дар модда, пас шуҳуди Ҳақ дар хонумҳо (дар ҳоли мувоқаъа) азимтарин шуҳуд ва акмали он аст».

(Мумиддул-ҳимам дар шарҳи Фусусил-ҳикам. Ҳасан Ҳасанзодаи Омулӣ, нашриёти «Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ»-Теҳрон, саҳ. 609).

Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ!

Ин аст натиҷа ва интиҳои назарияи «Ваҳдати вуҷуд»-и Ибни Арабӣ, ки бадтарин бадзабониро нисбати Аллоҳ таъоло раво мебинад ва бадтар аз ин ҳам он аст, ки чунин суханҳои илҳодии ӯ шарҳу тавзеҳ додашуда ва чопу нашр карда мешавад!

10) Шарҳи машҳуртарин ва мақбултарини «Фусусул-ҳикам», шарҳи Қайсарӣ мебошад, ки назди ҳама аз урафо ва фалосифа машҳур аст. Онҷо омадааст, ки:

إنها [الذات الالهية] هي الظاهر بصور الحمار والحيوان.

إن لكل شيء، جماداً كان أو حيواناً، حياة وعلماً ونطقاً وإرادة، وغيرها مما يلزم الذات الالهية، لانها هي الظاهرة بصور الجماد والحيوان

«Он (яъне зоти илоҳӣ) зоҳир мешавад дар сурати ҳимор (улоғ) ва ҳайвонҳо…».

«Ҳама чизҳо, хоҳ ҷамодот бошад ва хоҳ ҳайвонот, дорои ҳаёт, илму нутқ ва ирода ва ғайра аз лавозими зоти илоҳӣ мебошад. Зеро ки он (яъне зоти илоҳӣ) ҳаст, ки дар сурати ҷамодот ва ҳайвонот зоҳир шудааст».

(Шарҳи Қайсарӣ бар Фусусул-ҳикам, саҳ. 252 ва дар нусхаи дигар саҳ. 726).

Поку муназзаҳ ҳаст Аллоҳ аз онҷӣ, ки ин мулҳидон ба Ӯ нисбат додаанд!

سبحان ربك رب العزة عما يصفون

Ин буд қатрае аз баҳри суханони асҳоби «Ваҳдати вуҷуд», ки дар ниҳоят ба бадтарин шева Худовандро сифат мекунанд ва Худованди таъоло аз ин васфу ташбеҳи онҳо поку муназзаҳ аст. «Ва мо қадарул-лоҳа ҳаққа қадриҳи…»!

4. Хулоса. Дар ин мавзӯъ танҳо як нукта баррасӣ карда шуд ва онҳам танҳо маънои «Ваҳдати вуҷуд» ва ҳақиқати он дар назди мутасаввифа ва урафо. Ин назарияи «Ваҳдати вуҷуд» асли ҷаҳонбинӣ ва таълимоти ирфон ва тасаввуф аст ва тамоми эътиқодот ва истилоҳоти боқимонда аз шохаҳои ин назария баромадааст. Ва агар ҳақиқати ин назария дарк карда шавад ва куфру илҳод будани ошкор гардад, пас чӣ будани боқимонда аз таъолими ин ирфони музайяф маълуму возеҳ аст ва фаҳми бутлони он низ саҳлу осон аст!

Ва чӣ тавре, ки дар оғози баҳсамон баён кардем, ин назарияи «Ваҳдати вуҷуд» барбод-диҳандаи тамоми аркони дин мебошад ва куфру илҳодаш аз куфри яҳуд ва насоро низ бадтар аст. Зеро ки дар ниҳоят, ин ақида байни Холиқ ва махлуқ фарқе намегузорад, ва балки ҳардуро як чиз медонад! Ва махлуқ ҳам мисли Мансури Ҳаллоҷ фарёд хоҳад зад, ки Худо ҳаст (Анал-Ҳақ).

Ва тибқи ақидаи «Ваҳдати вуҷуд», Худованди таъоло бо махлуқоти худ, мисли дарёест бо мавҷҳои худ, ки дар воқеъ як чизанд, яъне дарё…

Зоти муқаддаси Аллоҳ таъолоро бо зоти ин махлуқи пурайбу пур аз нуқсон яке медонанд ва дар ниҳоят Худвандро дар сурати ҳайвонот зоҳиршуда мепиндоранд. (Ъиёзан биллоҳ!)

Оё куфре бузургтар аз ин аст?!
Агар ин сухан куфр набошад, пас куфр чист?!

Магар ҳамин назария нест, ки ҳатто бутро низ Худо медонанд ва ибодати бутро айни ибодати Аллоҳ таъоло гуфтаанд?!

Чу куфру дин бувад, қоим ба ҳастӣ,
Шавад тавҳид айни бутпарастӣ
Чу ашё ҳаст ҳастиро мазоҳир,
Аз он ҷумла яке бут бошад охир
…

Мусалмон гар бидонистӣ, ки бут чист,
Бидонистӣ, ки дин дар бутпарастист!
(Маҳмуди Шабистарӣ, Гулшани Роз).

Албатта мо дар ин мақола нуктаҳои дигари баҳсро дар инҳирофи ин назария баён накардаем ва аз сабаби тулонӣ нагаштани ин мақола онро барои мақолаҳои дигар гузоштаем, ки бо унвони «Назарияи «Ваҳдатул-вуҷуд» чӣ осор ва натоиҷе дорад?!», пешкаши хонандагон хоҳад гашт биизниллоҳ…

## МАВЗӮИ 7. МАЪРИФАТИ ТАСАВВУФӢ ВА УНСУРҲОИ АСОСИИ ОН

Тасаввуф яке аз машҳуртарин таълимотҳои фалсафии форс-тоҷик маҳсуб мешавад. Ин ҷараён дар асрҳои авали густариши дини ислом дар мамолики Шарқи Наздику Миёна пайдо шудааст. Баъди ба фирқаҳо ҷудо шудани мусалмонон ҳар даста ба худ номи махсусе гирифт зоҳидоне, ки дар аъмолашон муносибати ифротӣ пайдо шуда буд, «суфӣ» ё худ «мутасаввиф» ном гирифтанд ва дар авали асри VIII алакай истилоҳи «тасаввуф» ва дигар калимаҳои аз ин реша баромада ба таври васеъ истифода мешуданд. Роҷеъ ба истилоҳи «тасаввуф» дар байни муҳаққиқон назарҳои мухталиф ҷой доранд. Гурӯҳе онро аз калимаи «суф» (матои пашмин), қисме аз «соф» (покии қалб), дастаи дигар аз «суфа» ва бархе аз «софия» (ҳикмати юнонӣ) гуфтаанд. Дар китоби «Кашф-ул-истилоҳот ул-фунун» омадааст: «Аммо тасаввуф дар луғат суф пӯшидан аст ва ин асари зӯҳд ва тарки дунёст ва дар истилоҳи аҳли ирфон покиза кардани дил аст аз муҳаббати мо сӯи Аллоҳ ва рост кардани зоҳир аст ва дур будан аз манъиёт (корҳои дар шариат инкор кардашуда) ва мувозибат (саъю кӯшиши доимӣ дар коре) намудан ба фармудаи расули Худо ва ин ҷамоат мутасаввифаи муҳаққанд ва баъзе мутасаввифаи мубталанд, ки худро суфия мешуморанд ва ба ҳақиқат суфия нестанд ва инҳо чанд фирқаанд…» (Ал-Таҳовӣ Муҳаммади Алӣ. Кашф ул-истилоҳот ул-фунун. Тавзеҳи Муҳаммади Возеҳ, Абдулғанӣ ва Ғуломқодир. Иборат аз ду ҷилд.- Ҳиндустон, 1346, ҷилди 1,саҳ, 841). Оиди пайдоиши тасаввуф->> Бояд қайд кард, ки дар суханони суфиёни асрҳои VIII-IX инкишофи ҷиддии фикрӣ ба вуҷуд омад. Фаъолияти амалии зоҳидон ба риёзати нафс, муҷоҳида, мукошифа ва тасфияи (поксозӣ) қалб табдил ёфт. Ин фаъолият дар тасаввуф мазмуни тозаи назариро ба вуҷуд овард. Масъалаҳои ишқу муҳаббат, таносуби орифу маъруф ва матолиби фалсафаи илоҳӣ ба миён омад, ки якҷоя бо истилоҳоти нави ирфонӣ- ишқ, ирфон, маърифат, фано, бақо ва ғ. сирри мазҳари илоҳӣ ва асоси офариниши оламро шарҳ медоданд. Акнун ба ҷои «тасаввуф» ва «суфӣ» бештар «ирфон» ва «ориф» истифода мешуд. Аслан, «ориф» ва «суфӣ» муродифи ҳамдигаранд ва аксаран як маъноро ифода мекунанд. Калимаи «ирфон» аз решаи арабии «арафа» гирифта шуда, маънои шинохтанро дорад ва он ба равиши мутасаввифин мувофиқат мекард. Дар адабиёти тасаввуфӣ маъмулан мутасаввифонро ба аҳли маърифат ва аҳли муҳаббат ҷудо мекунанд. Албатта, чунин тақсимбандӣ комилан шартист, зеро дар бисьёр маврид онҳо ба ҳам меомезанд. Ба ҳар ҳол вобаста ба моҳият ва хусусияти назарии таълимоташ Қушайрию Ғазолӣ, Сӯҳравардию Ибни Арабӣ ва Ҷомию Насафиро аҳли маърифат мехонанд. Дар ҳақиқат ин бузургони тасаввуф бештар ба ҷанбаи маърифатии масъала аҳамият дода, роҳу усулҳои маърифати маънавӣ ва худшиносии инсонро тадқиқу таҳқиқ намудаанд, робитаи олами кабиру сағир, масъалаи инсони комил, ваҳдаи вуҷудро ба як консепсияи томи фалсафию ирфонӣ расондаанд. Робиаи Адвия, Абӯбакри Шиблӣ, Боязиди Бистомию Мансури Ҳаллоҷ, Абӯсаиди Абулхайру Шамси

Табрезиро аҳли муҳаббат медонанд. Онҳо асосан ташнаи ишқи илоҳӣ буданду назар ба ҷанбаи маърифатӣ ба ҷиҳати ахлоқии тасаввуф, ба ҳусну камоли холиқ (ҷиҳати этикию эстетикӣ) таваҷҷӯҳи бештар ба харҷ доданд. Байни ин ду гурӯҳи зикрьёфта тариқаи мобайние низ вуҷуд дошт, ки онҳоро аҳли футувват номиданд. Назарияи маърифати тасаввуф ба шинохти ҳақиқати мутлақ ва ё ҳақиқати азалӣ равона шудааст. Шинохти ин ҳақиқат дар адабиёти тасаввуфӣ иборат аз се зинаи махсус- шариат, тариқат ва ҳақиқат ифода мегардад. Шариат аз маҷмӯи қоидаву қонунҳои динӣ, ахлоқӣ ва сиёсие иборат мебошад, ки барои ҳамаи мусулмонон воҷиб буда, муминонро аз роҳи шарр ва гумроҳӣ эмин медорад. Аз ин рӯ соликони роҳи тариқат низ мисли дигар мӯъминон бояд шариати ислом, махсусан аркони асосии онро риоя намоянд. Маҳз аз ҳамин сабаб дар бисёр маъхазҳои тасаввуфӣ шариатро зинаи авали роҳи солик мешуморанд, зеро он заминаи амалӣ барои марҳалаи баъдӣ- тариқат мебошад. Тариқат дар луғат ба маънии «роҳ» меояд. Он дар тасаввуф марҳилаест, ки ҳадафаш поксозии қалб ва такмили нафс мебошад. Соликони тариқат дар ин марҳала тавассути ҷаҳду тало шва кашфу мушоҳида камол ёфта, ба марҳилаи ҳақиқат мерасанд. Вале қабл аз он,ки солик ба ҳақиқати азалӣ бирасад, дар марҳилаи тариқат зинаҳои махсуси равониро бояд гузарад, ки онҳо «мақомот» номида шуда, дар натиҷаи кӯшиши солик ба даст меоянд..Дар маҷмӯъ тариқат сайри махсуси мурод аст, ки соликонро сӯи ҳақ мебарад, аз тариқи тарки дунё, давоми зикру тавба ба мабдаъ (асос), инзиво (гӯшанишинӣ), сидқу ихлос ва назири инҳо. Марҳалаи ҳақиқат сарманзили маърифат ва натиҷаи сулук дар тариқат аст. Агар дар марҳалаи тариқат исму сифатҳои илоҳӣ барои солик муайян гардад, дар марҳалаи ҳақиқат худи зоти илоҳӣ дарк мешавад. Чуноне ки зикр шуд, тасаввуф аз зӯҳду тақво оғоз гардида, дар фаъолияти ҳар як суфии муайян ба шаклу намудҳои ба худ хосе зуҳур меёфт. Ҳамин тавр, аввал маҷмӯи кирдору аъмоли зоҳидон тасаввуфи амалию ахлоқиро созмон дод, баъд ҷанбаи назарию илмии он дар доираи ишқи маънавӣ падид омада, шохаҳои гуногуне, аз қабили асҳоби сахву сукр, аҳли маърифат ва аҳли муҳаббат, тамоюлҳои мӯътадилонаю ифротӣ арзи вуҷуд карданд. Суфиёни аҳди аввал гурӯҳи зоҳидоне буданд, ки дар талаби наҷоти шахсии худ аз беадолатиҳои иҷтимоӣ канора ҷуста, гӯшаи узлат интихоб намудаанд. Намояндагони тасаввуфи ин давра Мусо Ансории Марвӣ, Абӯҳошими Куфӣ, Ҳасани Басрӣ, Ҷунайди Бағдодӣ ва дигарон буданд, ки аслан ба тафсири суфиёнаи Қуръону ҳадис ва тарғиби зиндагии одилонаи пайғамбар ва асҳобаш шуғл варзидаанд. Суфиёни марҳилаи баъдӣ- Робияи Адвия, Боязиди Бистомӣ, Мансури Ҳаллох, Аҳмади Ғазолӣ, Айнулкузоти ҳамадонӣ, Саноӣ, Аттор, ҷалолиддини Балхӣ, ва дигарон бошанд, масоили кашфу шуҳуди орифонаро тариқи ишқ ва самоъи ирфонӣ мавриди баррасӣ қарор доданд. Робиаи Адвия (713-851) аввалин зани орифест, ки дар бораи ишқу муҳаббати ҳақиқӣ сӯҳбат кардааст. То зуҳӯри Робиа тасаввуф ҳамчун зуҳду зоҳидӣ ва мактаби тарбиявии исломӣ фаҳмида мешуд. Яъне ҳанӯз ба масъалаҳои аслии тасаввуф диққати ҷиддӣ дода намешуд. Бо ба арсаи ирфон ворид гаштани ин зани соҳибандеша, тасаввуф,

ки ҳамчун зуҳди хушк барои тавбаи гуноҳон фаҳмида мешуд, ба маърифати дардноки ишқу муҳаббат табдил ёфт ва масъалаи ишқи илоҳӣ ба миён гузошта шуд.Ӯ дар таълимоташ ишқи бевоситаи маънавиро қоил буда, бо холиқ васл шуданро мақсади ниҳоии худ қарор медиҳад. Аз назари Робиа мақсаду мароми инсон дар зиндагӣ танҳо расидан ба висоли маъшуқи азалӣ ва павастан бо ӯ мебошад.

# МАЪРӮЗАИ 8.
## Тасаввуф ва ҷавонмардӣ

Ҷавонмардон – ин гурӯҳи махсус дар шаҳрҳо мебошад, ки фаъолияти худро ба хизмати беминнати мардум равона карда шудааст.

Табақаи ҷавонмардон сабабгори ба майдон омадани фикрҳои инсонпарварӣ мебошад. Гурӯҳи пешқадам ҳамин гурӯҳи ҳамин гурӯҳи ҳунармандон мебошанд, онҳо соҳиби ахлоқи пок буданд.

Бузургони ҷавонмард бештар аз аҳли касаба, косибон, яъне аҳли меҳнат буданд. Байни ҷавонмардону мутасаввифон робитаи қавӣ мавҷуд буд. Ҷавонмардӣ аз тасаввуф фарқи калон дорад, яъне тасаввуф ин дин аст, шайхони тасаввуф бо ин дунё кор надоранд. Аммо ҷавонмардон бо фаъолияти ҳаёти ин дунё машғуланд. Ҷавонмардон тамоми фаъолияти худро барои сабук кардани бори зиндагии мардум равона карда буданд, ки ин мазмуни ҷунбиши онҳо ҳаётӣ аст.

Дар асрҳои сонӣ бошад, фаъолияти ҷавонмардон аз ҷониби ҳукуматдорон таъқиб мешуд, онҳо дар хонаи махсус ҷамъ омада, мақсади худро нақша мекарданд. Ҷавонмардон соҳиби 72-шарт буданд. Пас аз пароканда шудани ҷавонмардон дар асри 12 шартҳои он ба тасаввуф ба сӯфиҳо дохил мешавад.

Ҷавонмардиро як ҷузъи ҷудонашавандаи тасаввуф меҳисобанд, ки шайх Фаридуддини Аттор дар «Футувватнома» инро зикр мекунад. Дар асри 15 Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳам дар «Футувватномаи Султонӣ» ишора мекунад.

Ҷавонмардӣ рӯҳу равиши мардуми ҳунарманд мебошад. Ҷавонмардон мардуми оддиро аз гирифтории зулму истибдоди синфи ҳоким ба раҳо кӯшиш мекарданд. Пас ҷавонмардӣ тариқаи аслан ва моҳиятан халқӣ ҳисоб меёбад, ки ҷавонмардӣ характери мухолифатомез дорад.

Бинобар ин, тасодуфӣ нест, ки гурӯҳи ҷавонмардонро гурӯҳи ҳунармандони пешқадам, соҳиби фикрҳои баланд доштаи одамон ташкил мекард. Дар шаҳрҳои калон қариб ҳама ҳунармандон мавҷуд буданд. Ҳар як

ҳунаре, ки дар шаҳрҳо ривоҷ дошт, ҳунармандон кодекс – қонуни махсуси худро доштанд. Мисол тоҷир-кодекси тоҷирӣ…

Ин тоифаи ҳунармандон дар натиҷаи машҳур шудани ҳунари худ фазилатҳои хуб: чун сидқу вафо, инсондӯстӣ ва ба ҳамин монанд ғояҳоро тарафдорӣ мекарданд. Вақте ки оҳиста-оҳиста ин гурӯҳи ҳунармандон аз байн рафт, ахлоқи инсондӯстию ҳалолкорӣ низ аз байн рафт.

**Мавзӯи 9** | **Тариқаи маломат дар тасаввуф.** | **Маърӯза**

**Нақша:**

1. Дар дохили тасаввуф пайдо шудани тариқаи маломат
2. Таълимоти маломат
3. Маломат ва футувват
4. Маломат ва нақшбандия
5. Маломат ва қаландарӣ
6. Маломат ва риндӣ

**Нуктаҳои асосӣ**

Наҳзати ислоҳталабии маломат бар зидди шӯҳрат ва риёкорӣ дар тасаввуф, харобии зоҳир ва ободии ботин дар маломат. Алоқаи маломат бо футувват ва ҳунармандон. Эҳтироми халқро доми бало ҳисоб карда, дар назди мардум зоҳири худро хароб кардани онҳо, зӯҳду тақвои пинҳонии маломатия, муборизаи онҳо бо худнамоӣ ва зоҳирпарастӣ; инкори худбинӣ дар маломат ва оини футувват; ихлос дар амал – бинои тариқати маломат. Нақшбандия меросбари тариқати маломат; қаландарӣ – давоми тариқаи маломат, ба ифрат расидани харобии зоҳир дар қаландарӣ; расму одоб ва қоидаҳои шариату ҷамоатро зери по кардани қаландарон; иртиботи қаландарон бо риндон. Инъикоси таълимоти маломат, қаландарӣ ва риндӣ дар назми сӯфиёна ва лирикаи мумтоз.

**Фикрҳои муқаддимавӣ**

Дар асрҳои IX-X, дар айни шӯҳрату интишори тасаввуф дар байни мардум чун одамони муқаддасва соҳиби кароматмавриди иззату ҳурмат қарор гирифтани шайхон метавонист ва ҳамин тавр ҳам шуд, ки воситаи хубе барои касби неъматҳои осмонӣ не, балки заминӣ қарор гирад. Таҷрибаҳои

зоҳидӣ ба касб, авлиёгии зоҳирӣ ба моле табдил меёфт, ки нағз харидорӣ мешуд.

Бар зидди чунин сӯи истифодаи авлиёгии зоҳидонаю сӯфиёна маломатиён қиём намуда таълимоти худро дар бораи риё ба вуҷуд овარданд. Асоси таълимоти тариқати маломат, ки марказаш нишопур буда, монанди Абуҳафси Ҳаддод (ваф. 881), Ҳамдуни Қассор (ваф. 884), Абӯусмон-ал-Ҳирӣ (ваф. 910) симоҳои барҷастаро ба майдон овардааст, чунин аст:

Вазифаи асосии тариқаи маломатро пеш мегардад, худтакмилдиҳӣ, пок кардани дилу андешаҳои худ ва риояи қатъии суннат аст. Аммо ин фаъолият кори шахсии ӯст ва аз он набояд одамони дигар огоҳ бошанд. Тамоми чизҳое, ки аз дили ӯ мегузарад, сирри пинҳонӣ дар бораи худост, ки аз он фақат худо огоҳ аст. Дар зоҳир маломатӣ набояд аз дигарон фарқ кунад. Агар мардум ӯро гунаҳгор дониста, мавриди таҳқир ва таънаю маломат қарор диҳанд, аз ин вай бояд хурсанд бошад. Зеро таънаю маломати мардум гувоҳи он аст, ки ӯ ба роҳи рост ва дуруст меравад, зеро ҳамаи пайғамбарону авлиёҳо ҳамеша мавриди таънаю сарзаниш ва ҳуҷум қарор гирифтаанд. Ҳамдунӣ Қассор ҳатто чунин мешумурд, ки пайравонаш метавонанд баъзе қоидаҳои суннатро риоя накунанд зеро бо ҳамин роҳ метавонанд ба маломати атрофиёни худ гирифтор гарданд. Аҳли ин тариқат на танҳо ҳирқаи зоҳидиро ва сӯфигиро каме пӯшиданд, балки баръакс, либоси сипоҳиро дар бар мекарданд, барои он ки нисбат доштан ба зумраи сипоҳиён ба даст овардани ризқу рӯзии ҳалолро истисно карда, сипоҳиро мавриди нафрати мардум қарор медод. Маломатиён дар роҳи гирифтор шудан ба нафрату маломати одамон ба ҳадде мерасиданд, ки масалан ризқу рӯзии худро бо гадоӣ ба даст овардани шуда, дар кӯчаҳо аз роҳгузарии дағалона садақа мепурсиданд.

Маломатиён аз риёкорӣ пеши мардум метарсиданд. Шохаи ин тариқат дар Бағдод бошад, риёкории аз ин ҳам бадтарро ошкор карда буд. Намояндагони он таъкид мекарданд, ки агар ҳатто сӯфӣ муяссар гардад, ки кӯшишҳои пок созии дилаш аз мардум олам пинҳон монад ҳам, вай метавонад, ба гуноҳи азимтаре рӯ ба рӯ шавад, ки он иборат аз ғарра шудан ба авлиёгӣ нашъаю нишот аз фақру машаққатҳои худ аст. Агар вай ба таври пинҳонӣ аз мардум ҷисми худро ба машаққатҳо гирифтор кунаду барои ин ба мукофоти рӯзи фардо (ҷаннат) умед бандад, ин ҳам навъе аз зӯҳду валоятфурӯшӣ ҳисоб мешавад. Ин таълимот махсусан дар фаъолияти Ҷунайди Бағдодӣ (ваф. 911) ривоҷ ёфт.

Таълимоти маломат низ ба ободии ботин ва хароб кардани зоҳир асос меёбад.

Шайхҳои маломатия барои он ки аз қабул ва иззату икроми мардум гурезанд, худро мавриди таҳқиру боэътиқодӣ ва ҳадафи маломати онҳо қарор

медиданд. Зеро ба назари аҳли маломат эҳтироми халқ доми шайтон ва парастиши ҷоҳ менамуд. Бинобар ақидаи онҳо, тамоми он чӣ ки сӯфию орифро назди омма мақбул ва писандида мегардонад, ӯро аз ҳақ (худо) дур ва ба халқ, ба нафс машғул мегардонад.

Паҳн шудани таълимоти маломат аксуламал ва эътирозе буд ба муқобили зоҳидону шайхоне, ки бо изҳори каромату валоят (авлиёгӣ) ва ё пӯшидани либоси махсус – далқупӯст ва хирқа худро  дар назди омма маҳбуб ва воҳиди эҳтиром мекарданд. Ақидаи маломат пеш аз он ки чун аксуламале зоҳир шавад, чун равияи махсусе дар дохили тасаввуф ташаккул ёбад, дар фикри баъзе зоҳидон ба тарзи нохуд огоҳ (стихиявӣ) вуҷуд  доштааст. Чунончи, шайхе аз Солими Барусӣ, яке аз саромадони маломат пурсидааст, ки «ёрони маро чӣ гуна бинӣ?».  Барусӣ  ҷавоб додааст: Он зӯҳде,  ки дар зоҳир нишон медиҳани агар дар ботинашон ҳам мебуд, мардони ростин мебуданд; намози бисёр, рӯзаи бисёр ва хушӯъ (аҷз)-и бисёр дар онҳо мебинам, аммо нури ислом дар эшон намеёбам.

Маломатия дар ҳақиқат мехостаанд тасаввуфро аз сохтакорӣ, риё халос кунанд, онро аз шакли як корхонаи кароматсозӣ ва як дастгоҳи муридпарвари берун оранд ҳатто баъзе эътирозоте, ки онҳо нисбат ба сӯфия доштанд, иборат аз ҳамонҳое буд, ки пештар аксари аҳли ҳадис бар онҳо доштанд, аз қобили манъ аз тарк кардани касбу кор ва аз ифрат (зиёдаравӣ) дар таваккул, парҳез аз зикру самоъ, ки дар таълимоти маломат ба вуҷуд омад, дар ақидаи бештари аҳли ҳадис низ буд.

Маломатия бар хилофи сӯфия либоси махсусро, ки хирқа ва пашмина мегуфтанд, намеписандиданд, ки ин ҳам эътирозе ба сӯфия буд. Маломатиён хирқаи тасаввуфро либоси шӯҳрат маънидод менамуданд, дар шӯҳрат бошад, ба назари онҳо, офат аст. Дар ҳақиқат, асоси фикри маломат, чунон ки саромадони он Ҳамдуни Қассор (ваф. 271) ва Абӯҳафси Ҳаддод  таълим медоданд, иборат аз тақвою зӯҳди пинҳонӣ буд, ки аз ҳама гуна даъвию намоишкорӣ дур буд.

Мувофиқи таълимоти маломат, муносибати инсон бо худо дар ниҳон бояд аз муносибату муомилаи ӯ бо халқ дар ошкор беҳтар бошад ва барои он ки худованд инсонро бишносад, назди ӯ албатта беҳ аз он бошад, ки халқ ӯро мешиносад. Машғулӣ бо халқ, муносибату муомила бо он, худ бузургтарин ҳиҷоб (парда) аст байни инсон ва худо.

Бинобар ин Ҳамдуни Қассор бе зарурат коре ба халқ надошт ва аз раду қабулашонҳам  парво надошт. Бо вуҷуди ин вай нисбат ба некӯкорон дар ҳаққи одамон эътиқоду муҳаббат дошт ва онҳоро таҳсин мекард.

Тариқаи маломат зӯҳди ошкори сӯфияро ба зӯҳди пинҳонӣ  табдил додав а аз зӯҳду фақри худ намоёна ба фақру зӯҳди ботинӣ ва холӣ аз ҳар навъи

намоишкорӣ таваҷҷӯҳ намуда, бо ҳамин дар таърихи тасаввуф таъсири бузург гузоштааст. Назариётчиёни тасаввуф маломатро тариқаи олӣ ҳисоб кардаанд.

Тариқаи аҳли маломат наҳзати (ҷунбиши) ислоҳталабонае бар зидди тамоми расму одоби зоҳирӣ буд, ки сӯфия ба воситаи он худро аз оммаи халқ фарқфарқ ва ҷудо мекарданд. Абӯамри маломатӣ мегуфтааст, ки мард то тамоми кору кирдори худро риё ва тамоми аҳволи хешро даъво ҳисоб накунад, ба мақоми аҳли маломат намерасад. Абӯусмони Ҳиравӣ ҳам, ки тариқаи маломатро таълим медод, мегӯяд: «Тарс аз худованд туро ба ӯ мерасонад ва худбинӣ туро аз худованд ҷудо мекунад».

Парҳез аз шӯҳрат ва аз иззату икроми халқ сабаб шуд, ки маломатия аз ҳар он чӣ онҳоро ба унвонҳои зоҳид, олим ва ориф мумтоз ва бартар мегардонад, худро дар канор гиранд. Ҳамин ҳол онҳоро бештар ба аҳли ҳирфа (косибон) наздик мекард ва сабаби ривоҷи тариқаи онҳо дар байни аҳли бозор гардид.

Шайхони маломат либоси айёрону шотиронро бештар аз либоси зоҳидону сӯфиён дӯст медоштанд. Ҳарчанд онҳо бештар бо аҳли бозор зиндагӣ мекарданд, вале дилашон аз бозориён монда буд. Ривоят мекунанд, ки Абӯҳафе ҳамин ки ба хонааш мерафт, мураққаъ ва пашмина ва чун аз хона берун мерафт либоси аҳли бозорро мепӯшид, чаро ки пашминапӯширо дар байни халқнавъи риё ва худнамоӣ медонист.

Ба ин тариқ, бинои тариқати маломат бар ихлос дар амал ниҳода шуда буд. Азбаски тариқаи футувват (ҷавонмардӣ) низ ба дараҷаи маълум бар асли ихлос дар амал ва парҳез аз риё асос ёфта буд, тариқаи маломат тадриҷан бо оини футувват омезиш ёфт.

Аз сидқу сӯзи воқеии аҳли маломат ба силсилаи хоҷагон (нақшбандия) мерос монд. Сарчашмаи тариқати хоҷагон таълимоти маломат аст, хоҷагони нақшбандӣ нисбат ба зоҳидону уламои расмӣ бо аҳли хирфаю касб бештар алоқа доштанд, чунон ки баъзе машоихи қадими онҳо, аз ҷумла Хоҷа Абдулхолиқи Ғиждувонӣ ва Хоҷа Баҳоуддини нақшбанд аз табақаи ҳунармандон буданд.

Футуват низ ба парҳез аз риё ва интизоли сидқ асос ёфта буд. Шогирди Абӯусмони Ҳирӣ Абӯамр аз ҷумлаи онҳое буд, ки барои онҳо тариқаи маломат бо оини футувват алоқаи узвӣ дошт, инро як ривояти аз ҳолоти ӯ собит менамояд: Боре Абӯусмон дар маҷлиси худ аз ёрон моле (маблағе) пурсид, то ба Суғур бифристад. Чун он молро аз касе ба даст наоvarд, дилтанг шуд ва пеши ёрон гирист. Шабона Абӯамр назди вай рафт в аду ҳазор дирам ба вайд од. Абӯусмон хурсанд шуд ва вайро дуо кард. Рӯзи дигар чун ба маҷлис нишаст, ёронро гуфт: Абӯамр аз ҳама халқ ниёбат кард ва чандон мол овард, худояш ҷазои хайр диҳад. Абӯамр бархосту гуфт: Он молро аз

хостани модар дидан ва ӯ розӣ нест, онро ба ман боз пас диҳед, то ба модар боз гардонам.

Абӯусмон бифармуд, то он молро ба вай боз доданд ва мардум низ аз масҷид пароканда шуданд. Чун шаб даромад, Абӯамр назди шайх рафт ва боз он молро пеши вай бурд. Аммо ин бар аз шайх ба хоҳиш пурсид, ки оё мумкин аст ҷуз ману ту ҳеҷ касро аз ин хабар нашавад? Абӯусмон аз ин ҳиммату ихлоси вай бигирист ва донист, ки вай аз мадҳу санои халқ ва аз шӯҳрату қабули омма ҳазар дорад. Ин албатта навъи футувват буд хости аҳли маломат .

Шиори аҳли футувват ҳам чунон ки сӯфиёни қадим таълим медоданд аз бисёр ҷиҳатҳо шиори аҳли маломатро ба ёд меовард. Дар як китоби оид ба тасаввуф нақл шудааст, ки аз сӯфие пурсиданд: «Фатӣ (ҷавонмард) кист? – гуфт: Он кас ки на дар ботини вай даъво боша два на дар зоҳираш тасаннову риё.

Абӯҳафси Нишопурӣ гуфтааст: Футувват иборат аст аз инсоф додан ва инсоф нохостан. Ин таърифи шайхи маломатия дар боби футувват, дар ҳақиқат таъбирест аз равиши аҳли маломат, ки мекӯшиданд, то ёронро бистоянд ва худро сарзаниш кунанд, барои худ ранҷ бихоҳанд ва барои дигарон роҳат. Ин оинро онҳо бешубҳа аз тариқаи футувват омӯхта буданд.

Аз Абӯусмон пурсидаанд: -ҷавонмардон киёнанд?-Гуфт: онон ки худро набинанд. Ин тарзи фикр машраби аҳли маломатро ба тариқаи футувват, ки нафсро надида мегирифтанд, наздик мекард ва ранги хоссе ба футуввати аҳли ҳирфа медод.

Суннати аҳли маломат ба воситаи қаландарон идома ёфт, ки либоси айёрону сарбозон мепӯшиданд ва ё ба куллӣ урён ва бо мӯи тарошида ҳаракат мекарданд то харобии зоҳирашон монеъ аз он бошад, ки онҳо ба унвони ориф, сӯфӣ ва фатӣ мавриди ҳурмату таҳсини халқ бошанд. Аммо бояд гуфт, ки рафта-рафта саъй дар хароб кардани зоҳир баъзе қаландаронро ба саъй дар корҳое водор намуд, ки бо шариат ба куллӣ зид буд ва номи қаландарро дар қатори як номи расво аҳли аҳли харобот гузошт. Дар ин ки асоси тариқат ва амали онҳо иборат будааст аз тарки тааллуқ ва ҳатто тарки ҳар гуна робита бо одобу русуми ҷорӣ шубҳае нест. Дар ин тарки тааллуқ як навъ беқайдии ифротомез дида мешавад. Аз ҳамин сабаб аз онҳо гоҳо таъбир ба «ринд» мекардаанд, ки маънояш каси бенангу ном аст.

Тарзи зиндагии маишии қаландарон бештар ба ранги ҳаёти ринди маломатӣ буда, аз тариқаи зиндагии сӯфии аҳли парҳез фарқи куллӣ дошт. Авроду зикр, чилла, хонақоҳ, ки тасаввуф аз онҳо барои худ одобу тартибе ба вуҷуд оварда буд, бо ҳаёти қаландарона созиш намекард. Бинобар ин ночор роҳи қаландар аз роҳи сӯфӣ ҷудо шуда буд. Қаландарон монанди

маломатиён, бар хилофи машоихи аҳли хонақоҳ ба радду қабули халқ эътиное надошта, ба тарбияи қалби худ машғул буданд. Ба ҳамин сабаб сӯфия онҳоро аз зумраи худ берун мешумурданд. Шайх Шиҳобиддини Сӯҳравардӣ дар «Авариф ул-маориф» навиштааст, ки касоне ки худро гоҳ ба номи аҳли маломат ва гоҳ ба номи қаландар мехонанд, ба тахриби одат алоқа доранд ва аз ин рӯ на ба ҳайъату либоси хос муқайяданд ва на ҷуз ба аҳволи қалб таваҷҷӯҳ доранд (яъне фақат ба тарбияи қалби худ машғуланд).

Қаландарон да воқеъ думболи маломатиён буданд. Ба расму одоби динӣ муқайяд набудани онҳо аз навиштаи Убайди Зоконӣ дар «Таърифот» низ аён аст: «Ал-аҷоиб – қаландари намозгузор». Аттор дар як шеъраш манзилгоҳи қаландаронро ҷое зикр кардааст, ки он ҷо шароб мехӯранд ва қимор мебозанд, яъне харобот. Дар ҳақиқат, дар он замонҳо қаландарони аҳли харобот ҳам буданд.

Хонақоҳи қаландарон мисли хонақоҳи фатоён (аҳли футувват) лангар номида мешудааст, ки ин худ далели алоқаи қаландарон бо тоифаи ҷавонмардон мебошад. Байни қаландарони ҷуволпӯш ва риндони лангар, ки оммиёни аҳли футувват буданд, аз қадим ирбот вуҷуд доштааст.

Рӯҳи таълимоти қаландаронро хароб кардани расму одатҳо ташкил мекард. Ин исён бар зидди муқаррароту одатҳо буд, ки ғолибон бо таълимоти маломатия ҳамроҳ буд. Бинобар ин қаландарон назди аҳли шариат хеле манфур менамуданд. Машоихи сӯфия ҳам ин тоифаро, чун одамоне, ки корашон пурхӯрӣ, бекорӣ, рақсу шоҳидбозӣ аст, танқид мекарданд.

Мувофиқи таълимоти тариқати қаландарӣ пайравони он бояд ба чизе чашм надӯзанд, ба моли дунё тамаъ накунанд. Қаландарон ба ҳеҷ гуна талаботи зоҳирии тасаввуф ва ҳеҷ гуна риёзату ибодати зарурӣ эътиқод надоштанд ва парҳез намекарданд. Онҳо мӯътақид буданд, ки агар одам дил ба кори ҳақ равшан гардонад, кифоя аст.

Маълум мегардад, ки асоси таълимоти қаландария пушти ппо задан, рад намудан ва ба чашми ҳақорат нигаристан ба қонуну қоибаҳои шариат ва ҷамоат будааст. Ҳамин амал қаландариро бо тариқати маломат ва оини риндӣ бисёр наздик мегардонад.

Қаландарон, ки макони муайяне надошта, тарзи зиндагии кӯчиро аз сар мегузаронданд, ба ҷои таълимоти ирфонӣ бештар ба ҳаёти риндонаи маломатиён таваҷҷӯҳ доштанд.

Маслаки қаландарӣ чун оини ринди миёни шоирони мутасаввуф нуфузи бузург дошт. Ин шоирон асосан ба тарзи тафаккур ва кирдори қаландарон сухан рондаанд. Шоири бузурги сӯфӣ Фаридиддини Аттор ғазалҳои бисёри қаландарӣ (71 адад) гуфтааст, ки онҳоро қаландариёт номидан мумкин аст. Ин ғазалҳо дар асоси фикри қаландария – тахриби зоҳир ва таҳсили бадномӣ,

амал кардан бар зидди расми одатҳо суруда шудаанд. Масалан дар яке аз ин ғазалҳо қаҳрамони лирикии Аттор аз масҷид ба майхона ва калисо меравад ва ба тарсоёни моҳрӯ ишқ меварзад, расвоиро аз некномӣ беҳтар медонад. Дар ғазали дигар пири тарсо лоуболӣ мешавад ва оини массеҳиро тарк карда, аз калисо ба харобот рӯ меорад, ки ин худ рафтори қаландарона ва риндона аст. Аттор барои баёни маъниҳои қаландарона кӯшидааст қаҳрамони лирикии худро аз доми тазвир ва худнамоӣ озод гардонад орифи бузург худро андаруни сафи лоқайдони бебок тасаввур мекунад, ки онҳо одамони вораста аз ному нанг мебошанд.

Ин оҳангҳо дар ғазалиёти Ҳофиз, Камол ва дигар шоирони бузурги лирики мо дар образи ринди маломатӣ ва хароботӣ низ хеле васеъ ва барҷаста ифода гардидааст.

***Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯъ***

1. Сабаби ба вуҷуд омадани тариқаи маломат дар дохили тасаввуф чист?
2. Дар кадом асос маломатро тариқаи олии тасаввуф ҳисоб мекарданд? Маломат аз кадом ҷиҳат бо футувват алоқаманд буд?
3. Дар кадом асос қаландариро давоми тариқаи маломат ҳисоб мекунанд?

**Мавзӯи 10** **Пайдошавии адабиёти тасаввуфӣ** **Маърӯза**

**Нақша:**

1. Муқаддима.
2. Сабабу омилҳои роҳ ёфтани шеър ба хонақоҳи сӯфиён
3. Шеъри фолклорӣ ва мумтоз дар хонақоҳи сӯфиён
4. Хусусиятҳои аввалин шеърҳои сӯфиёна.

Мо пеш аз ин дидем, ки сӯфиён ба ваҷду ҳол ва ҷазабаи худ, ки онро тӯҳфаи худовандӣ ба дӯстдоронаш ҳисоб мекарданд, чӣ дараҷа аҳамият медоданд. Аз ин ҷо равшан аст, ки онҳо барои ба вуҷуд овардани ваҷду ҳол воситаҳо меҷустанд. Яке аз чунин воситаҳо мусиқӣ ҳисоб мешуд, ки бо ёрии сухан (шеър) иҷро мешуд. Ин одатро бештари шайхҳо қабул карда буданд, ки онро самоъ ба арабӣ ба маънии шунидан мегуфтанд. Самоъ чун бидъати тасаввуфӣ ба эътирози сахти аҳли шариат дучор шуда буд.

Самоъ дар маҷлисҳои шайхон дар хонақоҳ ва ҷӯйҳои дигар бо иштироки тамошобинон, ки бештар аз табақаи ҳунармандон ва бенавои шаҳр буданд, иҷро мегардид. Бинобар ин шеърҳо содда ва фаҳмою мувофиқро барои хондани қаввол бо ҷӯри мусиқӣ интихоб карда мегирифтанд. Маълум аст, ки шайхи Хуросон Абӯсаиди Абулхайр аз рубоиёт, ки жанри фолклорӣ буд, ба таври васеъ истифода мекард. Абусаид рубоиро худаш эҷод накарда, аз эҷоди дигарон, аз ҷумла аз фолклор мегирифт. Гуфтан мумкин аст, ки дигар шайхон низ чунин мекарданд. Бештар шеърҳои ишқӣ интихоб мешуданд ва ба онҳо маънии рамзии сӯфиёна дода қироат мекарданд. Барои самоъ маҳз шеърҳои ишқӣ лозим буданд. Аммо барои шайхон шеърҳое лозим буданд, ки аслан мазмуни дунявӣ дошта, ба таври маҷбурӣ ба маънии рамзии сӯфиёна шарҳ дода нашуда, балки ба таври махсус чун назми рамзӣ эҷод шуда бошанд. Чунин шеърҳоро Робиа эҷод карда буд, дар асри IX чунин шеърҳо ба забони арабӣ бисёр эҷод шудаанд.

Вақте ки ҳаракати тасаввуфӣ  ба Эрон ва Хуросон низ паҳн шуд, ки ин ҷо ба забони модарӣ,  шеъри форсӣ муроҷиат мекарданд. Абӯсаид аз минбар ҳамеша шеър хонда, ҳозиронро ба ваҷд меовард. Вай бештар рубоиёти халқиро мехонд, баъзан шеърҳои эҷоди фардии касонро ҳам ба забон меовард. Шеърҳое, ки дар маҷлисҳои Абӯсаид ва шайхони дигар мехонданд, як сифати  умумӣ доштанд. Соддагӣ, табиият, наздикӣ бо эҷоди фолклорӣ. Ин ҳол табиист. Оммаи шунавандагони асосии маҷлисҳои онҳо  аҳли касбу ҳунар ва савдои бесавод ва чаласавод буданд. Шайх маҷлиси худро ба сатҳи завқу фаҳми онҳо мувофиқ карданаш лозим мешуд. Муроҷиат ба эҷоди фолклорӣ – рубоӣ ва шеърҳои дигар аз ҳамин ҷост. Ба шунавандагон маъниҳои ба дили онҳо хеле наздик ва фаҳморо расондан лозим буд. Бинобар ин шеърҳои содаю бетакаллуф, ҳатто содалавҳона, дорои вазнҳои сабук, образҳои барои мардум фаҳмо қироат карда мешуданд. Аммо ин шеърҳо хеле ҳиссиётпарвар, пурэҳсос ва таъсирбахш мебошанд, ба онҳо равонӣ, мусиқавият, такрорҳо, радифҳои дароз низ хостанд.

Адабиёти сӯфиёна дар доираҳои шаҳр ба вуҷуд омада ва ба доираи васеи шунавандагон равона гардида, нисбат ба адабиёти ашрофии дарборӣ ва техникаи берӯҳи он муқобил меистод. Агарчи ин адабиёт рӯҳи ирфонӣ (мистикӣ) дошт, аммо алоқаи он бо халқ, демократизми он, муносибати

танқидию эътирозии он ба ашрофи феодалӣ ин адабиётро бештар зинда ва ҳаётӣ мегардонд.

Аммо шоирони сӯфӣ хизмати дигаре ҳам доранд. Ҳангоме, ки ба Эрон ва Осиёи Марказӣ боди сарсари истилои муғул вазиду тамоми хонадонҳои ҳукмрони ин  чоҳоросарнагун сохт, адабиёти дарборӣ хомӯш гардид. Каси мадҳшунав намонд, зеро ба ҳукуматдорони муғул қасидаҳои мутантани ба онҳо бегона лозим набуданд. Шунавандагони онҳо мардум боқӣ монданд. Барои шоири сӯфӣ шунавандаю хонанда мавҷуд буд, оммаи хонандагон ба шеърҳои ӯ ҳатто эҳтиёҷ доштанд, зеро онҳо бенаво, ҷафодида гардида, сухани таскинбахш шунидан мехостанд. Шоири сӯфӣ ба шунавандагон дар бораи меҳру муҳаббат нисбат ба наздикон шеър мегуфт, онҳоро ба дастгирии ҳамдигар даъват мекард.

Ҳамин тавр истифодаи шеъри дунявии ишқӣ дар амалияи тасаввуф ҳанӯз аз давраҳои аввали  ривоҷи он оғоз гардида буд. Шеър ҳамроҳи зарурӣ ва доимии маҷлисҳои сӯфиён қарор гирифта буд.

Тасаввуф ба шеър чун воситаи тавонои таъсир ба психика ва рӯҳи шунавандагон муроҷиат карда буд.  Ин назме буд, ки барои оммаи халқ фаҳмою наздик ва ба забони модарии онҳо – форсӣ буд. Аммо дар он давр (асри IX) назми форсӣ нав ба вуҷуд омада, маводи зиёде барои маҷлисҳои шайхони тасаввуф дода наметавонист. Назми халқӣ бошад, чунин маводро дода метавонист. Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки ба сӯфиёни Хуросон лозим омада буд, ки барои зинати маҷлисҳои худ бо мусиқӣ на ба назми «адабӣ» балки ба назми халқӣ муроҷиат намоянд. Лирикаи тасаввуфӣ ба сурудҳои халқӣ бештар наздик аст, дар он ҳиссиёт зиёдтар аст. Ин хусусияти сурудии лирикаи тасаввуфӣ, ҳиссиётангезӣ ва маҳрамона будани он аст ҷиҳати мусиқавияти шеър ба сӯфиён барои ба таври  сунъӣ ба вуҷуд овардани ваҷду ҳол дар самоъ зарур шудааст.

**Савол ва супоришот:**

1. Пайдоиши адабиёти сӯфиёна чи гуна нишонаҳо дорад?
2. Омилҳои асосии зуҳур намудани ақидаҳои тасаввуфӣ дар адабиёт кадомҳо аст?
3. Таҷассум ёфтани тасаввуф дар шеър чӣ гуна сурат ёфтааст?

Абӯсаиди Абӯлхайрро асогузори назми сӯфиёна ҳисоб мекунанд, ки дуруст нест. Шеъри форсӣ хеле пештар аз Абӯсаид дар бораи он ки ӯ дар айёми кӯдакиаш вақти ҳозир шудан дар маҷлисҳои самоъ ҳамроҳи падар шеъри форсиро шунидааст: «чун ба самоъ машғул шуданд, қаввол ин байт бигуфт:

Ин ишқ, бале, атои дарвешон аст,
Худкуштанашон валояти эшон аст.
Дунёву дирам на зинати яздон аст,
Ҷон кард фидо кори ҷавонмардон аст.

Чун қаввол ин байт бигуфт, дарвешонро ҳолате падид омад ва ин шаб то рӯз бар ин байт рақс мекарданд ва дар ин ҳолат буданд».

Ин ривоят ду нуктаи бисёр муҳимро собит мекунад:

Якум: Хеле вақтҳо қабл аз фаъолияти мустақили худи Абӯсаид, ҳанӯз дар айёми кӯдакии ӯ дар самоъҳои сӯфиён шеъри форсӣ маъмул будааст.

Дуюм: Тақрибан дар нимаи дуюми асри Х, дар айёми кӯдакии Абӯсаид шеъри сӯфиёна эҷод шуда, Х дар маҷлисҳои сӯфиён баробари шеърҳои эҷоди худи сӯфиён ё шоирони сӯфиро низ мехондаанд.

Аз ривояти мазкур маълум мешавад, ки шахси қаввол (ё муқрӣ) дар маҷлисҳои самоъ хонандаи сурудҳо будааст. Аз қарори маълум интихоби ашъори хонданӣ низ дар ӯҳдаи ӯ будааст. Худи абӯсаид бо ин мақсад бештар дубайтиҳову байт ва гоҳо ғазал сурудааст. Манбаи ин байтҳо аз куҷост? Аксари онҳо бешубҳа аз фолклор гирифта шудаанд ва онҳо дар «мақомот»-и Абӯсаид ҳатто дар шакли халқӣ, лаҳҷавӣ нақл ёфтаанд. Чунончи:

Аз баҳри буте чабр шавӣ, ор набу,
Гар чабр нашӣ, туро буте ёр набу.

Агарчи ин байт ба забони халқӣ – лаҳҷавӣ суруда шуда бошад ҳам, мазмунаш ирфонӣ ва образҳояш ба лирикаи ишқии «адабӣ» мансуб аст. Онро ба фолклор мансуб кардан душвор аст. вай ҳамоно барои маҷлисҳои сӯфиёна, ки бо иштироки мардуми авом мегузашт, аз тарафи сӯфӣ ё шоири сӯфӣ махсус бо лаҳҷаи халқӣ эҷод шудааст.

Ашъори дигар ҳам ҳамон сухани шайхону муридон будааст, ки махсус барои хондан дар маҷлисҳои самоъ ва талқин гуфта шудаанд. Пас дар

хонақоҳи сӯфиён шеъри форсӣ дар асрҳои IX-Xҳатто дар аввалҳои асри XIҳам ба шакли халқӣ – лаҳҷавӣ ва ҳам ба шакли адабӣ ворид шудааст. Чунон ки аз ривояти зерини «мақомот»-и Абӯсаид маълум мешавад, баъзан ин сурудаҳо аз назми адабии мумтоз низ гирифта мешудаанд.

«Як рӯз қаволе пеши шайх ин байт мехонд, ки:

Андар ғазали хеш ниҳон хоҳам гаштан,

То бар ду лабат бӯса диҳам, чун-ш бихонӣ.

Шайх аз қаввол пурсид, ки ин байт кирост?

Гуфт: Аммора гуфтааст. Шайх бархост ва бо ҷамоати сӯфиён ба зиёфати хоки Аммора шуд».

Ин байт дар воқеъ ба яке аз барҷастатарин шоирони асри X Аммораи Марвазӣ тааллуқ дорад. Дар сурате, ки яке аз беҳтарин намунаҳои шеъри лирикӣ-ишқӣ мебошад, дар айни ҳол ба тафсиру таъбири ишқи орифона мувофиқати комил дорад. Ғазал - мурочиат ба худо лаб – нафси рӯҳонӣ ва ҳоказо. Бо вуҷуди ин пиндошт, ки дар хонақоҳи сӯфиён дар интихоб ва сурудан дар маҷлисҳои самоъ ба созгор будан ва набудани шеъри ишқии мазмунан заминӣ ба тафсиру таъбири ирфони чандон аҳамият намедоданд.Ҳар шеъри ишқиро, хоҳ он фолклори, бошад хоҳ адаби, хондан мегирифтанд.мақсади асоси ба воситаи шеъри ишқи ба вуҷуд овардани аҳли мачлис ва ба вучуд овардани ваҷдуҳол буд,ки ба ин чи бо шеъри ишқи аслан ғайрииирфони ва чи ба воситаи шеъри ирфонӣ муяссар гардидан мумкин буд. миқдори шеърҳое,ки худи Абусаид эчод карда ва ё гуфтан дигаронро табдил додааст, чунки аз «Мақомот»-и шйхи мазкур бармеояд, хеле кам буда, аз даҳғазали хурд, тақрибан си рубои ва байтҳои алоҳидаи форси беш нест. Ба ғайр аз ин, аз вай қариб бист мисраъ шеъри араби нақл ёфтааст. Аз қарори маълум,масҳули фаъолияти мустақили шоирии вайи борат аз ҳаминҳост. Чунон ки аз «мақомот» фаҳмида мешавд, Абусаид ба шоири чандон аҳамият намедодааст.Бо ҳамин долелҳо ба Абусаид мероси хеле бузурги назмро нисбат додан ва ӯро асосгузори назми тасввуфии форси ба забони форси номидан ҳеч гуна асосе надорад. Шеъри тасаввуфи форси, чунон ки дар боло ишора кардем, хеле пеш аз Абусаид ба вучуд омада буд. Аз рӯи маълумотҳои на чандон мӯътабар, аввалин байтҳои суфиёна аз тарафи асосгузори тасаввуфи Хуросон, шайхи шуридаҳол Боязиди Бастомӣ (ваф.874) гуфта

шудааст. Аммо аниқ кардани ин маълумот ҳоло аз имкон берун аст. Шеърҳое, ки ба шайх Абусаид нисбат додо мешаванд ва соли 1951 дар Эрон аз тарафи Саид Насафи нашр шудааст (бештар аз ҳафтсад рубои ва байт тақрибан 80 ғазал), асосан чаълу сохтакории баъдина аст.Мақом ва хизмати Абусаид дар инкишофи назми сӯфиёна дар инчост, ки ӯ навъҳои гуногуни назми форси ва хусусан осореро, ки маишаи фолклори доранд дар амалилёт сӯфиён ба таври васеъ чойгир ва чори намуд.2 Яке аз аввалин ва намоёнтарин шоирони мутасаввиф Абуабдулло Алии Шерози мулаққаб ба Бобо Кӯҳӣ мебошад, ки аз ҳамасрони Абусаид будааст.Дар сарчашмаҳо ӯро баъзан Абуабдуллои Боқи ё Ибни Боқия меномиданд. Аз ин чо шарқшиноси муосири рус А.Н.Б гумон кардааст, ки зодгоҳи ӯ шаҳриБоку будааст. Аммо ба назари мо ин чо Боку на аоми шаҳр, балки шахс, аниқтараш номи падари шоир будааст. Боку аз номҳои қадимаи Эрони аз қабили Шерзия, Кокзия ва ғайра аст. Соли таваллуди Бобо Куҳиро 993 муайян кардаанд. Ҷои таваллуди ӯ муйян нест. Нисбати Шерози далели дар ин шаҳр таваллуд ёфтани ӯ набуда, бинобар бештари умри худро дар Шероз гузаронданаш ба номи шоир илова шудааст. Бобо Куҳи чавонии худро бо сафару саёҳатҳо дар мамлакатҳои исломи гузарондааст. Аз ахбороти Хоча Ансори дар бораи Бобо Куҳи маълум мешавад, ки ӯ натанҳо бисёр сафар кардааст балки ҳикояҳои бисёреро медонистааст. Абдуллои Ансори аз ривояти ӯ 30 000 ҳикоят ва 30000 ҳадисро навишта гирифтааст. Аз ин чо равшан аст, ки хотираи Бобо Куҳи дар ҳақиқат бузурги ҳикоёту, ҳадису, ривоятҳо будааст. Аз ин маълумот тахмин меравад, ки Бобо Кӯҳи дар чавони касби муҳаддисиро ихтиёр карда будааст, ки он ҳофизии ниҳоят қавиро талаб мекард.мақсади сафарҳояш ҳам мулоқот ва сӯҳбат бо муҳаддисони шаҳру кишварҳои гуногун ва аз ривояти онҳо чамъ кардани ҳадисҳо будааст.

Бобо Кӯҳӣбаъди сафарҳои ба Шероз омада муқим шуд ва аз муридони шайх Абуабдуллои Хафиф (ваф. 981)гардид.Ӯ дер гоҳ шогирди дӯстдоштаи ин шайх буда ва аз вай донишҳои зиёде ҳосил намуд. 20 сол пас аз вафоти шайх Ибни Хафиф Бобо Кӯҳӣ ба Нишопур маркази тасаввуфи Хуросон омад ва бо ду нафар арбоби машҳури илму тариқати ин шаҳр шайх Абдураҳмони Сулломӣ (ваф. 1030)ваимом Абулқосими Қушайрӣ дӯстиназдик гардид. «Мақомот»-и Абусаиди Абулхайр хабар медиҳад, ин шайх норозӣ буда,

хусусан самоъ (мусиқи, суру два рақс)-и ӯро чун рафтори номувофиқ бо мартабаи пири маънавӣ танқид мекард. Аммо кароматри ӯро мушоҳида намуда, муносибати мухолифатомези худро нисбати ин шайхи ифроти тағйир до два ба ӯ бо чашми машҳур менигаристагӣ шуд. Дар Нишопур баъди вафоти шайх Сулламӣ (с.1030) роҳбарии хонақоҳи ӯ ба зиммаи Бобо Кӯҳӣ гузашта шуд, ки ин худ далели эътибори баланди ӯ дар маркази тасаввуфи Хуросон мебошад. Муаллифи «Мулоқот»-и шайх Абӯсаидӣ Абулхайр дар бораи мулоқоти Бобо Кӯҳӣ бо ин шайх ҳикоят карда менависад, ки Кӯҳӣ аз мушоҳидаш каромати шайх бисёр ба ҳаяҷон омада буд. Ӯ даъватҳои оташбари Абусаидро шунида ва ваҷду ҳоли ӯро дида дар дилаш нисбати ӯ рашк пойдо карда буд. Вай фикр мекард. «Ман чандон ба мавқиф ва таҷрид истода тамоми оламро фаромуш кардам, шайхони бисёреро дидам ва ба онҳо хизмат кардам, беш аз 90 сол аст, ки ба шайхон хизмат мекунам, аз аввали кӯдакӣ то имрӯз хизмат карда омадаам. Сабаб чист, ки ин ҳама асрор ба ин одам кушода шуду ба ман не? Дар девони Бобо Кӯҳӣ ғазале мавҷуд аст, ки навиштаҳои мазкури муаллифи «Мақомот»-и Абӯсаидро тасдиқ карда метавонад. Он ғазал ин аст:

Дили ман бе ҷигарӣ карду ба ҷонон нарасид,
Дарди ҳиҷрони ман аз дард ба дармон нарасид.
Солҳо дар роҳи мақсуд ба сар мерафтам,
Умрам ба охир шуду ин роҳ ба поён нарасид.
Ғарқаи баҳри таҳайюр дили ман ба лаби хушк,
Дар аташ карду ба сарчашмаи ҳайвон нарасид.
Гиряи чашми ман аз абри гуҳар бор гузашт,
Марҳами реши дилам з-он лаби хандон нарасид.
Хор хӯрдему ҳама изни ҷигар полудем,
Ҳеҷ бӯе ба машомам зи гулистон нарасид.
Ин ҳама гиряву зорӣ, Киру кардӣ Кӯҳӣ,
Ҳеҷ раҳме ба ту аз ҳазрати раҳмон нарасид.

Ин ғазал, ки маъюсию ноумедии чуққури шоирро ифода кардааст, бе шубҳа ҳамон ҳиссиётеро фаро гирифтааст, ин аз он муаллифи «Мақомот»-и Кӯҳӣ дар Нишопур пайдо карда буд ӯро қаноатманд накардааст. Бобо Кӯҳӣ аз Нишопур ба Шероз бар гашта, охирҳои ҳаёти худро дар таҷрид

(мардумгурезӣ) дар ғори атрофии ин шаҳр гузарондааст. Ин давраи ҳаётии ӯ баъди 90 солагиаш давом кардааст. Дар ин давра, ки тақрибан 20 солро фаро мегирад, Бобо Кӯҳӣ дар байни мардуми маҳаллӣ шӯҳрати азим касб кард. Вафоти ӯ соли 1051 тахминан дар 110 солагӣ иттифоқ аст. Қабри ӯ, ки дар ҳамон ғор аст зиёратгоҳи мардум гардидааст. Ривоят мекунанд, ки Ҳофизи бузург инъоми даҳои шоириро баъди адои намози шабона дар сари қабри Бобо Кӯҳӣ аз имом Алӣ гирифтааст. Шӯҳрати ин мазор то замони мо боқӣ буда, ҷои сайру гашти берун аз шаҳри мардуми Шероз гардидааст. Бобо Кӯҳӣ муаллифи ду рисола ба забони арабӣ – «Акбар –ал-ҳаллоҷ», «Китоб-ал-акбар-ал-орифин» аст, ки аввалӣ то замони мо расида, нашр ҳам шудааст, вале дуюми ҳоло ёфт нашудааст. Аммо ёдгории муҳимми адаби девони форсии Бобо Кӯҳӣ аст. Ин девон ягона девони ашъори сӯфиёна аст, ки аз ин давр боқи мондааст.

Девони Бобо Кӯҳӣ 269 ғазалро фаро гирифтааст. Ғазалҳояш бо ду тахаллус –Инсон ва Кӯҳӣ навишта шудаанд. Дар байни мутахассисони таърихи адабиёт дар бораи ба Бобо Кӯҳӣ нисбат доштани ин девон шӯбҳа ба вуҷуд омада бошад ҳам, вале ин масъалаи аниқ нашудааст.

Шакли ғазалҳои Кӯҳӣ хеле содда буда, дар онҳо аз вазнҳои гуногуни аруз фақат ҳазаҷи мусаддас (32 бор), рамал (135 бор) ва хафиф (42 бор) истифода шудаанд. Вазнҳои душвор ва мураккаб дар онҳо дида намешаванд ва ин худ далелест бар ин ки муаллифи девон шоири ҳаваскор аст, на касбӣ.

Дар ғазалиёти Кӯҳӣ махсусияти лирикаи тасаввуфии он давр мушоҳида мешавад. Аз ҳама муҳимаш он ки дар ғазалиёти ин шоир образҳои рамзии сӯфиёна ташаккул ёфтааст. Тамоми истилоҳоти рамзии лирикаи ишқии сӯфиёнаи давраҳои баъдина дар ғазалҳои ӯ дида мешаванд. Як ғазали ӯро намуна меорем:

Дӯш аз савмаа дар майкада рафтам саҳарӣ,
То биёбам зи харобот нишону хабаре.
Бар дари дайри муғон муғбачагонро дидам,
Он яке буд чу хуршеду дигар чун қамаре.
Аз сари сидқу сафо даст дар оғушам кард,
Сина бар синаи ман зад зи сафо симбаре.
Бӯсаҳо бар лаби ман доду қадаҳ пеш овард,

Гуфт: моро бо ҷуз ин нест ба олам ҳунаре.

Нуш кардам қадаҳе чанд аз он ҷоми ту ҳур,
Дидам аз партави дидор ба ҷон-дар асаре.
Кашф шуд сирри азал то ба абад дар як дам,
Бар ман аз олами асрор кушоданд даре.

Гӯши ҷонро бигирифту қадаҳе  дигар дод,
Гуфт: бишнос маро аз худу аз ҳар башаре.
Гуфт Кӯҳӣ, ки маннам ҷамъ асмою сифот,
Ҳар чӣ бинӣ ба ҷаҳон хушку  таре, хайру шаре.

Бе фаҳмиши рамзии образҳои лирикаи ишқӣ ҳам  тасаввуфӣ будани ин ғазал тамоман аён аст. Аз рӯи фарҳангҳои истилоҳоти сӯфия баъзе образҳои рамзии ин ғазалро ба таври зерин шарҳ додан мумкин аст:

Майкада – муноҷот ва тариқи муҳаббат ба худованд.

Харобот – харобии башарият

Бӯс – истеъдоди қабули кайфияти калом аст ба тариқе ки қабул кунад илме ва амалеро аз суварӣ ва маънавӣ.

Қадаҳ-аҳвол

Бода-ишқ, яъне файз

Ин тафсири луғатҳои сӯфиёнаро дар матни ғазали мазкур гузошта, шарҳи сӯфиёнаи ғазалро  ҳосил мекунем.

Дар девони Бобо Кӯҳӣ  ғазале мавҷуд аст, ки бо баъзе образҳои ғайри маъмул ва ғариби худ ҷолиби диққат мебошад. Он ғазал ин аст:

Аз шамъи моҳи рӯи ту пур зевар офтоб,
Дар машъали фалак ба масал ахгар офтоб.
Хуршеди поязол ҷило шарқ чун битофт,
Гаштанд зарраҳо ҳама маҳпайкар офтоб.
Аз обу ранги лаъли лаби обдори ту
Дарад бо ҷоми лаъл майи анвар офтоб.
Ҳар ҷо қадам ниҳад санаи ба лиқо равон,
Аз хоки пои дӯст барорад сар офтоб.
Аз партави ҷамоли ту, эй партави илоҳ,
Заррати коинот бисӯзад дар офтоб.
Ишқат чу дар ду қавн хурусе бувад сафед,
Шуд осмон чу байза, дар  ӯ асфар офтоб.
Аз рашки рӯи моҳи ту, эй офтоби ҷон,

Берун кашад зи ҷисми башар ҷон дар офтоб.

Аз офтоби рӯи ту Кӯҳӣ чу моҳ шуд,

Бахшад ба офтоб агарам офтоб.

Дар ин ғазал дар заминаи тасаввуф муқоиса шудани ба байза ва офтоб ба зардии даруни байза, инчунин ба вучуд омадани образи хурӯси сафед хеле ачибу ғариб аст. Фақат натичаи хаёли шоирона будани ин образҳоро гумон кардан душвор аст. Чунин образҳо бо тасаввуроти динии исломӣ низ созиш надоранд. Онҳо яқинан бо тасаввуроти динии хеле қадим вобастагӣ доранд. Аммо манбаи пайдоиши онҳоро аниқ муайян кардан душвор аст. Хурӯс дар асотири қадима се хислат дорад: ҳушёрӣ (посбон, пайғомдиҳандаи саҳар), чанговарӣ ва шаҳватпарастӣ. Дар Эрони қадим хурӯс эътибори фавқулодда дошт. Ҳиндустон хурӯсро бо офтоб вобаста мекунад.

Бобо Кӯҳӣ тасаввуротро дар бораи мурғи осмонӣ бо тасаввуроти ишқӣ вобаста менамояд. Дар ин сурат образи хурӯс бо байза чӣ алоқа дорад? Образи байза ҳам ба асотири қадимаи фалакӣ алоқаманд аст. Дар қадим асотир оид ба тухми чаҳонӣ машҳур буд.

Дар хусуси характери мазмуни ғоявии ғазалиёти Бобо Кӯҳӣ ҳаминро бояд гуфт, ки ин шеърҳо дар рӯҳи пантеистии мӯътадил ва хеле наздик ба ақоиди исломи расмӣ гуфта шудаанд.

**Бобо Тоҳири Урён.** Дар назми сӯфиёнаи форсии давраи аввал мачмӯаи рубоиёте мавчуд аст, ки онро ба шайхи машҳури дигар Бобо Тоҳири Урён нисбат медиҳанд (таваллудаш тақрибан соли 980 ва вафоташ баъд аз соли 1055) Тамоми ҳаёти Бобо Тоҳир дар қисми ғарбии Эрон, дар шаҳри Ҳамадон ва атрофии он, яъне дар маҳаллаҳое гузаштааст, ки аз дер боз ба таври умда маскани элоти бодиягард – лурҳо ва курдҳо будааст. Эҳтимол дорад нисбати ӯ низ аз курдҳо бошад. Шубҳае нест, ки ӯ ба хубӣ таълими умумӣ – динӣ дида, ба забони арабӣ шиносой дошт ва доир ба назарияи тасаввуф дорои маълумоти мукаммале будааст. Далели ин мачмӯае ба забони арабӣ бо номи «Калимоти қосир» аст, ки шомили гуфтаҳои бузургони сӯфия мебошад. Дар ҳамадон то ҳол мазори Бобо Тоҳир боқист ва зиёратгоҳи аҳолии маҳаллӣ шудааст.

Дар манбаъҳо оид ба шеъри сӯфиёна сурудани Бобо Тоҳир зикре наёмадааст, вале мачмӯае иборат аз 300 дубайтаи лирикӣ ва якчанд ғазал дар лаҳчаи вилоятии Ҳамадон мавчуд аст, ки ба Бобо Тоҳир нисбат дода мешавад.

Дар баъзе аз ин дубайта ва ғазалҳо хусусияти лаҳчавӣ хеле равшан ифода ёфта ва дар баъзе сусттар ва баъзе низ холис дар забони адабии форсии дарӣ суруда шудаанд. Шеърҳои ин мачмўа чи бо хусусиятҳои шакли олии бадей ва чибо мазмуни баланд ҷанбаи соф фолклорӣ доранд. Дар дубайтаҳо мавзўи лирики ишқ бо шодиву андўҳҳои он чои асосиро мегирад. Ин мавзўъ чунон ки хусусияти эчодии халқист, хеле сода, батакаллуф ва сафеҳу равшан ифода ёфтааст ва мо амсоли онро дар ҳазорон намунаҳои барчастаи ин қабил ашъори муаллифони гумном, ки муҳаққиқон дар Эрон, Хуросон ва Осиёи марказӣ аз байни мардум чамъ овардаанд, бештар дучор мешавем.

Дар мачмўа шеърҳое низ ҳастанд, ки дар онҳо эътиқоди соддалавҳона ба худо бо ручъат ифода ёфтааст, аммо ҳасрат ва андўҳу ранч ва машаққат бештар аст, ки натичаи вазъияти фочеаангез ва бунбасти табақаҳои поёнии мардум дар шароити чамъияти феодалист ва дар эчодиёти бисёр халқҳо амсоли он зиёдаст. Илова бар ин, дар баъзе ашъори ин мачмўа ҳодисае мушоҳида мешавад, ки барои эчодиёти халқии давраи феодалӣ хеле табиист.

Мавзўи яъсу ноумедӣ рафта рафта ба мавзўи эътирози баланди иҷтимоӣ, ба шўришу қиёми қалбӣ бар зидди беадолатии зиндагӣ ба ошўбу исёни рўҳӣ бар зидди худо мегузарад, ки сабабгор ва эҷодкунандаи тамоми ин беадолатиҳо дар рўи замин аст:

Агар дастам расад бар чархи гардун,<br>
Аз ин пурсам, ки ин чу насту он чун?<br>
Якеро додаӣ сад нозу неъмат,<br>
Якеро хурси ҷав олуда дар хун.

Равшан аст, ки дар ин суханони эътирозӣ ғайр аз ранҷу алам ва ҳамдардӣ ба бенавоёну машаққатдидагон ҳеҷ тасаввуфе ҷой надорад, мо ақидаҳои тасаввуфиро дар аксар дубайтиҳои дигари маҷмўаи Бобо Тоҳир мушоҳида намекунем. Бо вуҷуди ин дар шеърҳои Бобо Тоҳир барин шоири мутасаввиф роҳ ёфтани чунин ақидаҳои эътирозӣ – иҷтимоӣ ва исёнгарона тасодуфӣ нест. Тасаввуф аз давраҳои авали пайдоиши худ то замони Бобо Тоҳир ва баъдҳо низ ба халқ наздик буд ва ҷаҳонбинии ўро ифода менамуд, нисбат ба давлатдорон рўҳи мухолифатро мепарварид. Аз ин рў баробари рўҳи пантеистии сўфиёна дар баъзе дубайтиҳои Бобо Тоҳир инъикос гардидани рўҳи эътирозӣ – иҷтимоӣ як оҳанги бегона дар мазмуни ашъори ў нест. Аммо чунин оҳангҳо дар мазмуни ашъори Бобо Тоҳир мавқеи калон надоранд, онҳо аҳёнан ба назар мерасанд. Мавзўи асосии дубайтиҳои шоир ишқу ошиқӣ аст. Ишқ, албатта, дар талқини ин шоири сўфӣ маънии рамзӣ ирфонӣ дорад.

Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла А.Болдырев дубайтиҳои Бобо Тоҳирро Аслан маҳсули эҷодиёти шифоҳии халқ ва бинобар ин маҷмӯаи дубайтиҳои ӯро монанди маҷмӯаи рубоиёти Абӯсаид сохтаю ҷаъли ҳисоб мекунанд. Ин ақида зоҳиран ба ҳодисаи ба забони лаҳҷавӣ суруда шудани ин дубайтиҳо асос меёбад. Аммо ин асос мустаҳкам нест, зеро чунон ки маърӯзаҳои қабл маълум кардем, дар маҷлисҳои самоъи шайхони давраҳои қадим шеърҳои чи фолклорӣ ва чи маҳсули эҷоди фардӣ ба забони лаҳҷавӣ тараннум мешуданд. Бобо Тоҳир низ ҳамин анъанаро давом дода, эҷоди фардии худро ба забони лаҳҷавӣ адо кардааст. Ин ақидаро ҳамин нукта низ собит менамояд, ки системаи образҳои дубайтиҳои ӯ асосан ҳамон образҳо – ташбеҳу истиороти анъанавии назми мумтоз ташкил мекунанд, ҳол он ки образҳои шеъри фолклорӣ, чунон ки маълум аст, ғайрианъанавӣ ва махсуси эҷодиёти халқ мебошанд. Бинобар ин мансубияти маҷмӯаи дубайтиҳои мавриди баҳс ба Бобо Тоҳир шубҳаро ба миён оварда наметавонад.

Инак баъзе дубайтиҳоро мисол меорем:

Рухоне аз ҳаё хвай ру та дерӣ,
Ду мижгуни ба захр омехтадерӣ.
Зи ҷодуӣ дар он чоҳи занахдон
Дили Ҳорутро овехта дерӣ..

Боз:

Маннам он озаринмурғе, ки филҳол,
Бисӯҷам оламе, гар бар занам бол.
Мусаввир гар кашад нақшам ба девор,
Бисӯҷам олам аз таъсири тимсол.

Боз:

Му он баҳрам, ки дар зарф омадастам,
Чу нуқта бар сари ҳарф омадастам.
Ба ҳар «алф»-е «алифқадде» бар ою,
«Алифқаддам», ки дар «Алф» омадастам.

Аз ин намунаҳо низ маълум шуда меистад, ки муаллифи дубайтиҳои мансуб ба Бобо Тоҳир аз назми мумтоз ва забону системаи образҳои он хуб огоҳ Буда, онҳоро дар эҷоди бадеии худ фаровон истифода намудааст. Аз тарафи дигар, дар дубайтиҳои шоир образҳои тару тозаи ғайри анъанавӣ низ бисёр дида мешаванд, ки онҳо ё эҷод кардаи худи шоир мебошанд ё манбаи фолклорӣ доранд ё ҳар ду.

Масалан ин дубайтӣ аз дубайтиҳои халқӣ фарқе надорад:

Сари кӯҳи баланд чандон нишинам,
Ки лола Сар барорад, му бичинам.
Чу лола бевафо бу, бевафо бу,

Нигори бевафо му чун гузинам.

Ё:

Ғами олам ҳама кардӣ ба борам,

Магар му лӯки мастӣ сарқаторам?

Миҳорам кардию додӣ ба нокас,

Фузудӣ ҳар замон боре ба борам.

Ин кабил дубайтиҳоро метавон маҳсули табъи шоири халқие ҳисоб кард, ки ба равияи суруду таронаҳои маодумӣ образҳои тару тоза эҷод менамояд.

Умуман дубайтиҳои Бобо Тоҳир аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат буда, тадқиқоти муфассал ва дақикро интизор аст.

**Савол ва супоришот:**

1. Хусусиятҳои ғазалиёти Бобо Кӯҳӣ кадом аст?

2. Дар кадом асос дубайтиҳои Бобо Тоҳирро маҳсули эҷоди фардӣ ҳисоб мекунем?

3. Хусусиятҳои халқӣ ва китобии дубайтиҳои Бобо Тоҳир аз чӣ иборат аст?

**Мавзӯи 12 - 13** | **Ҳаёт ва фаъолияти адабии Хоҷа Абдуллоњи Ансорӣ** | **Маърӯза**

**Нақша:**

1. Тарҷумаи ҳоли мухтасари Ансорӣ.
2. Осори тасаввуфӣ ва ахлоқии адиб.
3. Шакли бадеии насри Ансорӣ.
4. Оҳангҳои реалистии назми шоир.

## Нуктаҳои асосӣ

Оғози фаъолияти Ансорӣ чун олими дин ва ҷамъкунандаи ҳадисҳо; ба шайх Абулҳасани Харақонӣ мурид ва ба тариқат ворид шудани ӯ; шӯҳрати Ансорӣ дар тасаввуф ва дар атрофаш ҷамъ омадани шогирдони бисёр; аз қавли ӯ чанде асарҳоро тартиб додани шогирдонаш. Рисолаҳои тасаввуфӣ ва ахлоқии Ансорӣ; насри бадеии содаю бетакаллуф ва мусаҷҷаъро ба вуҷуд овардани ӯ; таъсири насри ӯ ба «Гулистон»-и Саъдӣ. Оҳангҳои реалистии зиддидарборӣ дар назми Ансорӣ.

Абӯсаиди Абулхайр аз ҷумлаи аввалин арбоби тасаввуф буд, ки назмро барои мақсадҳои ирфонии худ истифода карда, ба кор фармудани эҷодиёти фардии мукаммалу пурарзиш, барои ба майдон баромадани эҷодкунандаи насри бадеии тасаввуфӣ ва назми шево ба забони форсии дарӣ таърихан замина муҳайё карда буд.

Ин эҷодкунандаи насру назми ҳақиқии бадеӣ Абӯисмоил Абдуллоҳи Ансории Ҳиравӣ (1005-1088) буд. Ансорӣ соҳиби ҳуш ва истеъдоди хориқуллодае буд, ба зудӣ дониши зиёде касб намуд ва аз бачагӣ дар забонҳои форсию арабӣ ба шеърнависӣ оғоз кард. Донишҳои васеъ, хусусан ҳофизаи фавқулоддаи ӯ ҳатто барои замони худаш ҳайратовар буд. Дар бораи машғулиятҳои илмию адабиаш худи Ансорӣ чунин хабар медиҳад:

«Маро ҳафтод ҳазор байт аз ашъори араб ёд буд ва сад ҳазор низ форсӣ метавон гуфт, аз ашъори мутақаддимон ва мутааххирон, ки ҳар як дурре буд носуфта; бобдоду пагоҳ ба Қуръон хондан машғулӣ менамудам ва чошт ба дарс гуфтан. Ва шашварақ китобат мекардам ва ёд мегирифтам ва баъд аз он машқ мекардам, авқоти худро тавзеъ карда будам, чунон ки як лаҳза бекор набудам ва аз рӯзгори ман ҳеҷ ба Сар наёмадӣ, балки ҳанӯз дарбоистӣ. Ва бештари рӯз будӣ, ки то намози хуфтан бар наҳор будаме ва шаб дар чароғ ҳадис навиштаме ва фароғат надоштаме. Модари ман дар миёни китобат кардан нон мешикастӣ ва дар даҳони ман мениҳодӣ. Ва маро ҳақ ҳифзе дода буд, ки ҳар чиз ки зери қалами ман бигзаштӣ, маро ҳифз шудӣ, чунон ки сесад ҳазор ҳадис бо ҳазор ҳазор иснод маро ба зикр буд ва он чӣ ман кашида будам дар талаби аҳодиси ҳазрати рисолатпаноҳӣ салӣ оллоҳ алайҳи вассалам ҳаргиз касе накашида буд».

Бо вуҷуди ин истеъдоди фавқулодда ва ҷидду ҷаҳдҳои беист дар фаро гирифтани ҳадисҳо ва илму донишҳо Ансории ҷавон ноқаноатмандӣ ва андӯҳро эҳсос мекард. Вай ҳис карда буд, ки фақат ҷамъ кардани ҳодисаҳо роҳи дурусти расидан ба ҳақиқати масъалаҳои динӣ нест. Ба ӯ устоде лозим буд, ки роҳи дурустро нишон диҳад. Ба зудӣ вай аз чунин устод дарак ёфт. Ин устод шайхи машҳур, вале бемаълумоту соддадил Абулҳасани Хараҳонӣ буд. Ансорӣ мулоқоташро бо ин устодаш чунин тасвир менамояд:

«Абдулло марде буд биёбонӣ, мерафт ба талаби оби зиндагонӣ, ногаҳ бирасид ба Ҳасани Хараҳонӣ, он ҷо ёфт чашмаи оби ҳайвонӣ, чандон об хӯрд, ки на Абдулло монду на Хараҳонӣ. Пири Ансорӣ чанде буд пинҳонӣ, калиди ӯ ба дасти Хараҳонӣ…

Натиҷаи ба Хараҳонӣ мурид шудани Ансории ҷавон ҳамин шуд, ки ислом дар шахси ӯ олими барҷастаи динро аз даст доду дар ивазаш, муҳаққиқи дақиқназари ирфонро ба даст овард, ки таълифоташ то имрӯз арзиши худро гумм накардаанд. Фарқи Ансорӣ аз пираш дар он буд, ки донишҳои доманадори динӣ дошт, ки ин ӯро аз назариёти ифротӣ нигоҳ медошт. Чун пайрави мазҳаби Ҳанбалии ислом Ансорӣ барои созиш додани ирфон бои сломи расмӣ кӯшиш мекард. Ансорӣ пас аз марги пири худ шайх Абулҳасани Хараҳонӣ ба Ҳирот баргашта, бо умури диния машғул гардид. Шӯҳрати ӯ босуръат интишор меёфт, вусъати доираи дониши вай, ки

ҳамзамононашро ба ҳайрат андохта буд, ахлоқи олии вай, сабату сахтгирии вай дар ақидаи худ ба афзудани ин шӯҳрат сабаб мегардид. Дере нагузашта Ансорӣ шахсияти мӯътабари динии шайхулислом соҳиб шуд. Шогирдони зиёде ба ҳалқаи тадриси вай ҷамъ омаданд. Онҳо андарзҳои пурҷӯшу хуруши устоди худро менавиштанд. Ансорӣ баъзе таълифоти худро ба онҳо менависанд.

Замоне ки сиёсатмадори бузурги давлати салҷуқиён вазир Низомулмулк соли 1064 ба сари кор омад ва ба ислоҳоти машҳури динии худ дар асоси таълимоти ашоираи ислом ба вуҷуд овардани сохти мустаҳкам ва ягонаи динии давлати салҷуқӣ оғоз намуд, синни шайх қариб ба ҳафтод расида буд. Ислоҳоти динии Низомулмулк ба муқобилати хеле сахти рӯҳониёни муҳофизакор рӯ ба рӯ омад, ки Ансорӣ низ аз ҷумлаи онҳо буд. Ӯ бо сабаб ва оштинопазирии ба худаш хос ба мубориза бар зидди ин ислоҳот баромад, дар танқиди мазҳаби Ашъорӣ бо номи «Замм-ал-калом» бинобар ин дар охири умр чандин бор дучори таъқиб гардид, ӯро боре ба ҳабс ҳам гирифта, ба Балх фиристоданд.

Сӯҳбатҳои Ансорӣ дар бораи ҳаёт ва фаъолияти шайхони машҳури сӯфия, ки онҳоро яке аз шогирдонаш бо номи «Табақоти сӯфия» навиштааст, дар омӯхтани таърихи тасаввуф ҳуҷҷатҳои муҳим ва мӯътабаре мебошанд. Аз ин асар Абдураҳмони Ҷомӣ дар таълифи «Нафақот ул-унс»-и худ оид ба таърихи шайхони сӯфия фаровон истифода кардааст.

Ансорӣ дар асnои таълиму тадриси илми тафсир Қуръонро дар рӯҳи тасаввуф тафсир кардааст. Шогирди дигараш соли 1056 ин шарҳу тафсироти устоди худро ҷамъ ва ба унвони «Сад майдон» тадвин кардааст. Дар ин асар аз сад марҳалаи такомули ахлоқии сӯфӣ сухан меравад.

Вале рисолаҳои ахлоқӣ, сӯфиёна ва муноҷотҳои Ансорӣ бештар аз осори дигараш шӯҳрат доранд. Ансорӣ бо рисолаҳояш дар таърихи адабиёт хизмати бузургро ба ҷо овардааст. Ӯ аввалин бор ба забони форсӣ насри мавзуну мусаҷҷаъро ҳамчун шакли бадеӣ ҷорӣ намуда, онро бо порчаҳои шеър зинат додааст. Насри Ансорӣ бо ин шакли бадеии худ хушоҳанг, равон, ширин ва дилнишин гардидааст. Он ҳамеша мисли шеър садо медиҳад. Ин хусусияти бадеии насри Ансорӣ аз таҷрибаи амалии маҷлисҳои даъвати сӯфиён ба вуҷуд омадааст, ки дар онҳо шаклҳо бо забони соддаи оммафаҳм, вале таъсирбахшу гуворо сухан меронданд. Инак аз муноҷотҳои Ансорӣ намуна меорем:

Илоҳо, чун боз дар ғайб будӣ, ман дар айб будам, ва чун ту аз ғайб пайдо шудӣ, ман аз айб ҷудо шудам.

Илоҳо, агар Абдуллоҳро бихоҳӣ навохт, биҳишти дигаре бояд осоиши ӯро ва агар ӯро бихоҳӣ сӯхт, дузахи дигаре бояд ороиши ӯро.

Илоҳо, макуш ин чароғи афрухтаро ва масӯзон ин дили сӯхтаро ва бидар ин пардаи дӯхтаро ва марон ин бандаи омӯхтаро.

Илоҳо, он чошнӣ, ки додӣ, тамом кун ва баркe, ки тобонидӣ, мудом кун ва бад-он маро бар оташи дӯзах ҳаром кун ва дидори худ дар биҳишт моро давом кун.

Асарҳои Ансорӣ аз ҳашт рисола иборат мебошанд, ки то ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд. Муҳимтарини онҳо «Канз-ус-соликин», «Зод ул-адифин» ва «Муҳаббатнома» мебошанд. Асари аввал аз 6 боб иборат буда, аз девони ҳар боб дар бораи мазмуни асар тасаввур пайдо кардан мумкин аст. «Дар мубоҳисаи шабу рӯз», «Дар баёни қазову қадар», «дар иноятти раҳмон бо инсон», «Дар ҳаққи дарвешони ҳақиқӣ ва маҷозӣ», «Дар ғурури ҷавонӣ».

«Муҳаббатнома» аз 27 боби хурд иборат аст. Дар ҳар дуи ин рисола бо як услуби зинда, возеҳ ва қаноатбахш мафҳумҳои асосии тасаввуф ва баъзе масъалаҳои баҳсноки тариқати сӯфия баён гардиданд.

Маҳз ҳамин ду рисола дар инкишофи минбаъдаи адабиёти тоҷик нақши махсус дошта ва барои «Гулистон»-и Саъдӣ ҳамчун намунаи олӣ хизмат кардаанд. Саъдӣ аз Ансорӣ на танҳо услуби бадеӣ – насри мусаҷҷаъи ороста бо шеърро омӯхтааст, балки ҳатто ба баъзе иборатҳои вай тақрибан айнан пайравӣ ҳам кардааст. Масалан гирем ибораҳои муқаддимаи «Гулистон»-ро:

«Рӯзе дар олами ҷавонӣ, чунон ки афтад донӣ…»

Дар «Канз ус-соликин»-и Ансорӣ ин ибора тақрибан айнан дида мешавад:

«Рӯзе дар олами ҷавонӣ чунон ки донӣ»

Ин қабил иқтибосҳои Саъдӣ аз Ансорӣ бисёранд.

Ҳамин тариқ, Ансорӣ дар жанри сухангустарии мансури адабиёти форсизабон яке аз асосгузорони услуби пуртаъсиру осонфаҳм гардид. Насри соддаю табиии ширини Ансорӣ аз насри пуртакаллуфу сунъии муншиёнае, ки дар таълифоти дабирон ва нависандагони бо дарбор алоқаманди давраҳои баъдина ривоҷ гирифт, фазилати бузург дорад.

Рисолаи дигари Ансорӣ «Рисолаи воридот» низ басо ҷолиби диққат аст, ки дар он муаллиф дар шакли ибораҳои мухтасаре маслиҳатомез ва афоризмҳои мӯҷази мусаҷҷаъ назариёти ахлоқии худро баён кардааст.

Панду андарзҳои Ансорӣ бешубҳа ба ашхоси хориҷ аз доираи тасаввуф нигаронида шудааст. Дар байни осори Ансорӣ бо номи «Насиҳатнома» рисолаи хурде ҳаст, ки гӯё ба чанде вазири машҳур Низомулмулк бахшида шудааст.

Ансорӣ дар охири умри худ, дар солҳои 1080 барои шогирдонаш охирин асари бузурги тасаввуфии худ «Мизон ус -соирин»-ро таълиф кард. Муқоисаи ин асар боа сари пешинаи вай нишон медиҳад, ки дар ин солҳо назариёти

сӯфиёнаи вай ҷанбаъҳои бидъатии худро гумм карда ва ба шариат бештар наздик шудааст. Ансорӣ дар фаъолияти адабии худ, агар рубоиёти Умари Хайём ва ашъори ҳикамию андарзии Носири Хусравро, ки дар ин замонҳо ҳанӯз паҳн нашуда буданд, истисно намоем, ба назми реалистии зидди қасидасароии ба дуруғ асос ёфтаи дарборӣ асос гузоштааст. Масалан вай ба ғояи хидмат кардан ба ҳокимияти дунявӣ нафрат кардан аз ҳокимияти дунявиро муқобил мегузорадва мардумонро даъват мекунад, ки ба шукӯҳу дабдабаи он фирифта нашаванд, зеро оқибати он бебақост:

Эй ки боз маъруфи бахту давлати фархубист,
Хоҷаи соҳибсариру мафраши оганист.
Ё хуршедӣ ба сурат ёки ҷамшедӣ ба ҳусн,
Ё чу Зуҳра чеҳра дорӣ ё чу маҳ тобандаӣ.
Ё чу Қайсар ҳаст бар сар тоҷу афсар ар туро,
Ё ки чун Исои Марям то қиёмат зиндаӣ.
Ё камолоте, ки густӣ, чумларо дарёфтӣ,
Ё муродоте, ки чустӣ, ёбандаӣ.
Ё гирифти чун Сикандар меҳнати рӯи замин,
Ё чу қорун сад қазорон молу ганч огандаӣ.
Гарчи шаддодӣ, валекин нестӣ эмин зи марг,
Ҳеч кас гуфтааст бо ту то абад пояндаӣ.
Осмон чун абри найсон бар ту гирён аст зор,
Он замон к-аз аз мати худ ҳамчу гул дар хандаӣ.
Оташи савдои дил то чанд аз ин боди бурут?
Хоки беобиву в-он гаҳ бо димоғи хандаӣ!
Гар амирӣ ҳам бимирӣ, Пири Ансорӣ бидон:
Хоҷагӣ аз ту назебад, сар бини чун бандаӣ!

Ин шеър қасидаи ҳиҷобӣ ба подшоҳи замон гуфта шудааст, аммо аз чиҳати мазмун бар хилофи қасидаи анъанавӣ мебошад. Ин қасидаи маъкус мебошад, ки барои назми он замон ҳодисаи тамоман навест.

Агар шоирони дарборӣ лутфу марҳамати шоҳонаро дарачаи баланди бахту саодат шумурда бошанд Ансорӣ акси онро мегӯяд. «Аз Султон бар ҳазар бош вагарна возиши ӯро бисёр дон».

«Зулм агар бисёр шавад, ба сарояд, золим агарчи ҷаббор аст, ба Сар дарояд».

Шоирони маддоҳ сарвату ҳирси молро месутуданд, Ансориро бо қаҳру ғазаб ба ин эътироз мекунад:

«Агар ҳасанат бо моядорон аст, ман дарвешам ва агар бо муфлисон аст, ман дар пешам».

«Дар ҳаққи дунё чӣ гӯям, ки ба ранҷ ба даст оран два ба заҳмат нигоҳ доранд ва ба ҳасрат бигузаранд».

Ансорӣ кӯшиши ба даст овардани фазлу донишро ба кӯшиши касби молу давлат муқобил мегузарад:

«Ҳурмати илмро беҳ аз мол нигоҳ дор».

«Илм ба сар тоҷ асту ҷаҳл ба гардан гул».

«Аз омӯхтан ор мадор».

Суханони зерини Ансорӣ гӯё бевосита дар бораи дуруғбофӣ ва беҳуда гӯии шоирони мадеҳасаро ва ҳаҷвнависи дарбор гуфта шудааст:

«Касеро ба ифрод маситон».

«Бадтарин айбе бисёр гуфтанро дон».

«Рост гӯё айб маҷӯй»

«Нахуст андеша кун, он гаҳ бигӯй»

Ин гуфторҳои Ансорӣ монанди ҳикматҳои Саъдӣ аст, дурусттараш Саъдӣ дар пайравии Ансорӣ ҳикматҳои бобби охирини «Гулистон»-и худро гуфтааст.

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯъ:**

1. Ансорӣ бок адом роҳ ба тасаввуф омадааст?
2. Адабиёти тасаввуфӣ  дар эҷодиёти Ансорӣ ба шакли назм ривоҷ ёфт ё наср?
3. Шакли бадеии насри  Ансорӣ дар чист?
4. «Гулистон»-и Саъдиро бо насри Ансорӣ чӣ мепайвандад?

**Мавзӯи 14 - 15** | **Санoии Ғазнавӣ ва маснавиҳои тасаввуфии ӯ** | **Маърӯза**

**Нақша:**

1.Давраи аввали фаъолияти эҷодии Саной дар дарбори султонҳои ғазнавй.

2.Ба тариқат рӯ овардани шоир ва равнақи эҷодиёти тасаввуфии ӯ.

3.Маснавиҳои суфиёнаи Саной.

4.Маснавии «Сайр-ал-ибод илал миод», мазмун ва ғояи тасаввуфии он

Абулмаҷди Санoии Ғазнавӣ (ваф. 1140) аз барҷастатарин намояндагони адабиёти тасаввуфӣ буда, бо Фаридуддини Аттор ва Ҷалолиддини Румӣ дар як қатор меистад. Ҷалолиддини Румӣ, шоири бузурги мутасаввиф Саноиро дар қатори Аттор саромади ин ҷараён ва худро пайрави ӯ шумурдааст:

Аттор рӯҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,

Мо аз пайи Саноию Аттор омадем.

Саноӣ бо роҳи тамоман дигар ба тариқати тасаввуф омадааст. Ӯ то миёнаҳои умри худ бо тасаввуф алоқае надошта, аз ҷумлаи мадеҳасароёни номии дарбори Султонҳои ғазнавӣ буд. Саноӣ дар соли 1125 тақрибан дар панҷоҳсолагӣ қасидапардозӣ ва хидмати дарбори султонро тарк карда, ба тариқат рӯ овард. Дар бораи сабаби тарки дарбор кардани ӯ дар сарчашмаҳо нақли ривоятмонанде ҳаст. Давлатшоҳ дар «Тазкират уш-шуаро» ривоят кардааст, ки дар Ғазнин ринди девонае буд, ки ӯро Лойҳур мегуфтанд, бинобар он ки ҳамеша дар шаробхонаҳо дурди шароб ҷамъ карда онро дар гулхан (оташхона) нишаста мехӯрд, бо вуҷуди ин аз маънӣ холӣ набуд. Рӯзе Саноӣ ба мулозимати Султон Иброҳим мешитофт аз назди дари гулхан гузашта истода шунид, ки Лойхӯр ба соқӣ мегӯяд: Пур кун қадаҳе, то ба кӯрим чашми Иброҳимаки ғазнавӣ бинӯшам. Соқӣ гуфт: Ин суханро хато гуфтӣ, чаро ки Иброҳим подшоҳе одил аст. Девона гуфт: Бале, чуни наст, аммо мардаке нохушнуд ва ноинсоф аст, Ғазнинро чунон ки бояд забт накарда, дар чунин зимистони сард майли вилояти дигар (Ҳиндустон) дорад ва чунон вилоятро ба даст хоҳад гирифт, орзуи мулки дигар хоҳад кард. Ва он қадаҳро аз дасти соқӣ гирифта нӯшид ва боз ба соқӣ муроҷиат карда гуфт: Пур кун қадаҳе дигар, то бинӯшам ба кӯрии чашми Саноияии шоир. Соқӣ бори дигар гуфт: Ин сухан аз салоҳ дур аст, ба Саноӣ таъна мазан, ки ӯ марде зарифу хуштабъ ва мақбули хосу омаст. Лойхӯр гуфт: Ғалат гуфтӣ, ки мардаке бас аҳмақ аст, лофи газофе чанд фароҳам оварда ва рӯз дар пеши аблаҳе дигар ба по истода хушомаде мегӯяд ва намедонад, ки ӯро барои шоирӣ ва ҳарзагӯӣ наофаридаанд. Агар рӯзи бозпурсӣ худованд аз ӯ суол кунад, ки Саноӣ ба ҳазрати (пеши) мо чӣ овардӣ? Чӣ узр хоҳад гуфт? Чунин мардро ҷуз аблаҳу булфузул (бехирад) натавон гуфт. Ҳаким Саноӣ чун ин сухан коргар омада дилаш аз хидмати махлуқ монд ва аз дунёдилсард шуд ва девони мадҳи подшоҳонро дар об андохт ва тариқати инқитоъ (таҷрид) ва зӯҳду ибодатро шиори худ сохт..,».

Қатъи назар аз он ки ин ривоят кадом дараҷа асоси воқеӣ дорад, ҳақиқати ҳол аз мадеҳапардозӣ тавба карда, ба тариқат рӯ овардани Саноиро инъикос менамояд.  Аммо Саноӣ яку якбора ба тариқат рӯ наовардааст. Вай Ғазнинро соли 1105 тарк карда Балх рафт. Дар Балх Сарахс ва дигар шаҳрҳои Хуросон ба омӯзиши улуми динӣ машғул гардид ва дар Балх маснавии «Корномаи Балх»-ро навишт, ки бо мазмуни ҳаҷвию мутоибавии худ  ба тасаввуф алоқае надорад. Сонӣ, ҳамоно аз улуми динӣ қаноатманд кашида, ба тасаввуф майл пайдо кард. Дар ҳарҳол ӯ соли 1124 ба Ғазнин чун шоири сӯфӣ баргашта шӯҳрату эътибори калон касб карда буд.  Султони Ғазнин Баҳромшоҳ ӯро бо

исрор ба дарбори худ даъват кард, аммо шоир қабул накард. Дар манбаъҳо, аз ҷумла дар тазкираи Давлатшоҳ нақл карда шудааст, ки Баҳромшоҳ барои ба дарбори худ кашидани Саноӣ хоҳари худро ба ақди никоҳи ӯ даровардани шуд, аммо бо ин роҳ ҳам ба мақсади худ нарасид.

Вақте ки Саноӣ асари машҳури тасаввуфии худ «Ҳадиқат ул-ҳақиқат»-ро таълиф кард, арбоби шариати Ғазнин ҳамоно ба розигии Султон ба дастхати ин маснавӣ шинос шуда баромада, шоирро ба бидъат айбдор карданд. Чунин айбдоркунӣ хеле хатарнок буд, зеро он ба ҳукуматдорон барои ҷазо додани гунаҳгор асос медод. Саноӣ ин хатари ба сараш омадаро фаҳмида, Бағдод, ба Хоҷа Имом Бурҳониддин Абулфазл муроҷиат кард. Имоми мазкур «Ҳадиқа»-ро Хонда баромада фатво до два ба тамоми олами мусулмонӣ эълон кард, ки асар дар ягон нуктаи худ хилофи шариат нест. Ҳамин тавр Саноӣ аз хатари қатл ё ҷазои сахти дигар наҷот ёфт.

Саноӣ ба тасаввуф майл карда, вале ба ягон тариқати он дохил нашудааст ва хирқаи сӯфигиро напушидааст, яъне расман сӯфӣ нашудааст. Аз ин ҷо баъзе муҳаққиқон ӯро шоири мутасаввиф намешуморанд, илова бар ин дар «Ҳадиқа»-и Саноӣ нисбати сӯфиён фикрҳои манфӣ ҷо доранд. Бо вуҷуди ин ба сӯфигии Саноӣ шубҳа кардан дуруст нест. Хирқаи сӯфигиро напӯшидан ё баъзе сӯфиёнро танқид кардани Саноӣ далели сӯфӣ набудани ӯ шуда наметавонад. Саноӣ хирқа напушида ва ба ягон тариқати тасаввуф мансуб нашуда бошад ҳам, вале дар эҷодиёти худ таълимоти онро инъикос намудааст. Монанди ҳамин назари манфии ӯ нисбат ба баъзе сӯфиёни гумроҳ ҳаргиз маънои онро надорад, ки ӯ ба тасаввуф умуман ба назари манфӣ менигарист, чунон ки Ансорӣ дар як бобби асари «Канз ус-соликин»-и худ, ки «Дар ҳаққи дарвешони маҷозӣ ва ҳақиқӣ» номида мешавад, бо ғазабу шиддате онҳоеро, ки худро сӯфӣ номида, аммо дар амал пинҳонӣ бо фисқу фасод ва фиребгарӣ машғуланд, фошу расво мекунад ва ба онҳо сӯфиёни ҳақиқию солеҳро муқобил мегузорад. Саноӣ низ дар бораи сӯфиёни солеҳ ва рафтору кирдори шоистаи сӯфӣ дар «Ҳадиқа» ақидаи худро баён кардааст.

Шоири мутасаввиф ва яке аз бузургони адабиёти сӯфия будани Саноӣ аз мундариҷа ва мазмуни ғоявии асарҳои ӯ ба хубӣ ошкор аст.

Саноӣ муаллифи чандин маснавиҳои сӯфиёна аст. Аз ин фақат маснавии аввалин шоир «Корномаи Балх» мустасно аст, ки ба тариқи шаҳрошӯб ва тамасхури як қатор аъёну арбоби Балх навишта шудааст. Ин маснавӣ ҳаҷман калон нест (497 байтро фаро мегирад).

Маснавии дуюми Саноӣ «Тариқат ат-таҳқиқ» ном дорад (896 байт дорад), ки дар бораи мундариҷаи он дар адабиёти илмӣ маълумоте нест, аммо аз унвонаш ба масъалаҳои тасаввуф оид будани он ошкор аст.

Маснавиҳои «Ишқнома» (1006 байт) ва «Ақлнома» (195 байт)-и шоир ҳам тамоман омӯхта нашудаанд, аммо дар мавзӯъҳои тасаввуфӣ ё аз мавқеи мафкураи ин ҷараён навишта шудани онҳоро яқин кардан мумкин аст.

Маснавии «Сайр ал-ибод ила-л-миод» (770 байт) асари муҳимми тасаввуфӣ буда, аз тарафи шарқшиноси рус Е.Э.Бертельс як андоза рмӯхта шудааст ва дар асоси тадқиқоти ӯ мо дар поин доир ба ин асари шоир алоҳида маълумот медиҳем.

Муҳимтарин асари Саноӣ маснавии фалсафӣ – ахлоқии «Ҳадиқат ул-ҳақоиқ» мебошад, ки натанҳо дар адабиёти сӯфия, балки умуман дар адабиёти мумтози форс-тоҷик мақоми баланд дорад.

## Муқоисаи “Комедияи илоҳӣ”-и Данте бо “Сайр-ул-ибид илом-мадо”-и Саноӣ

Ҳаким Саноӣ номи аслиаш Абулмаҷид Маҷдуд ибни Одам аст. Дар солҳои тақрибан 1079-1080 дар шаҳри Ғазно чашм ба дунё кушодааст. Ҳаёти Саноӣ пур аз душвориҳои моддӣ ва маънавӣ иборат будааст. Ӯ ба шаҳрҳои Хуросон, Арабистон ва Хоразм сафар карда, бо олимону шоирон, сиёсатмандорону косибон, хулоса бо тоифҳои мухталифи мардум оҳно мешавад ва таҷрибаи ғомӣ ба даст оварде, ки онро дар осори худ ҷой додааст. Саноӣ як ҳахсияти барҷастаи тасаввуф аст, ки дар рушту паҳн шудани он мамлакатҳои форсӣ забон нақши равшан бозидааст. Ӯ шоирест, ки тасаввуфро дар шакли моза, дар либоси маславиҳои бузургҳаҷм .......)

Оғози фаолияти Саноӣ чун шоири касбӣ дар дарбори ғазнавиён гузоштааст. Мувофиқи ривоятҳо Саноӣ дар бораи Шоҳ Иброҳими Ғазнавӣ қасидае, дар васфи ӯ ва корномаи ҷангиаш суруда роҳи дарборро пеш мегирад.

Аз назди ҳаммали мегузошт, ки сӯҳбати гулонӣ ва сеойҳоро шунид, ки қадаҳ мегуфтанд яке гуфт: Пур кун ин қадаҳро, ки ба курии чашмони султон, ки фасли зимистон лашкар кашиданист ва мехоҳад мардуми ҳиндро куштаву асир намояд. Боз як цадащцлойхор барои кӯрии чашми ......) боло кард. Гӯлохи гуфт, ки шоири машҳур аст. Лойхор гуфт, ки шоир ин шоҳи ғоратгарро шодҳ карда қасида мегӯяд.

Гӯё ба шунидани ин сӯҳбат Самоӣ қасидаро пора карда, зиндагии сӯфиёнаро пеша месозад. Саноӣ маснавиҳои зиёде эҷод карда аст, ки бо номи “Ақинома”, “Ишқнома”, “Санонобод”, “Таҳримат-ул-қалам” ва ғайра дар

рӯҳи фалсафии тасаввуф эҷод шуда, ишқи орифона ва эҳсоси шоирона бо ҳам омезиш ёфтаанд. Маснавии бузургтарини Щаким Саноӣ “Ҳадиқат-ул-ҳақиқа” мебошад ва ба номҳои “Илоҳинома”, “Фахринома” низ ёд шудааст.

Маснавии “Сайр-ул-ибод” аз шоҳ кориҳои Саноӣ буда. Ҷамбкаи фалсафии хеле қавӣ дорад ва рамзи ирфонӣ барои баёни андешаҳои борик ва нафиси ҷаҳонфаҳмии шаҳри Ҳаким хидмат кардааст. Саноӣ дар ин маснавӣ сайри нафси оқила ва роҳи касби камоли инсонро аз тариқи қатъ кардани хислаиҳои гуногуни нафсонӣ бо роҳнамоии пири хирадманд, яъне ақл тасвир мекунад. Роҳрави роҳи ҳақиқат ба маслиҳат ва ҳидояти пир манзараҳои мудҳишро паси сар карда. Хислат ва атвори гурӯҳои гуногуни одамонро меомӯзад ва ниҳоят ба олами рӯшноӣ ва зебоӣ баромада ҳақиқати хешро дармеёбад **“Сайр-ул-ибод”**аз сифатҳо иборат мебошад.

**Унсури аввале,** ки офариниши инсонро ташкил мекунад, **нафси номия** ҳисоб мешавад. Нафси номия ин ҷони наботот ё наботи аст. Нафс ба маънои ҷон рӯҳ меояд. Дар фалсафаи ислом, ки ба тавсифи нафси номи боби дуюми достон бахшида шудааст. Номи **боби дуюм** дар сифати нафси номия ном гирифтааст. Саноӣ ин унсури нафси номияро ба ҳаёти олами наботи бахшида шудааст, шоир онро ба оғози офариниши одам муқоиса менамояд. Чӣ навъе, ки сабза яъне гиёҳ аз сабзиши рузофсуни худ қаноатманд мегардад. Инсон ҳам дар оғози офариниши худ дар ҳамин ҳолат аст.

**Боби 3**. Дар нафси инсонӣ ва оғозӣ таркиб. Дар ин боб шоир алами инсониро тасвир карда, онро ба шакли афсонавӣ пеши назар меорад, ки дар дохили он ҳар гуна чизҳои зишт ҳукмрон аст. Омили асосие, ки ҳаёти ин шаҳрро ташкил кардааст. Саноӣ мубориза барои ҳифзи худ ва авлоди худро аз тарафи инсонҳо медонад ва инро боиси марги инсон ҳиссоб мекунад. Зеро ба назари ӯ аслан ҳаёти инсон дар адолат бино бояд ёбад.

**Боби 4**. Сифати нафси оқила. Ном дорад ва ин боб дар бораи зуҳури дар миёни торикистон ҳикоя мекунад. Дар ин марҳила пеши назари шоир инсони бисёр дурахшон ба сурати пире намоён мегардад, ки ӯ ҳодӣ аст. Шоирро бо ҳамроҳи худаш ба сафар мебарад ва иг пир нафси оқила аст.

**Боби 5.** Сифати гавҳори хок ва н...) ӯ дар ҳайвон ном дорад ва оғози роҳро тасвир менамояд. Оғози сафарро ташкил мекунад. Пир ва шоир ва вилояте мерасад, ки он унсури хокро ташкил мекунад.

**Боби 6**. сифати ҳирси ҳайвон номида мешавад, аниқтараш иллати асосии ин вилоятро ташкил мекунад. Дар он ҳирсу дар симои хук ба тариқи киноя намоён мешавад. Дар ин вилоят ҳирсу аз ба сурати мори афъёле, ки сараш якто асту руяш сето. Саноӣ аз дидани ӯ метарсад, аммо пири ҳамроҳи ӯ ӯро тасалии медиҳад ва мегӯяд, ки танҳо намудор сохтани нафси оқила ин гуна ҳайвонҳои вахши ва бадномаро аз қувва маҳрум месозад. Мори афъи аз роҳи онҳо дур мешавад ва Саноӣ роҳро ҳамроҳи пир давом медиҳад.

**Боби 7.**Сифати ҳаҷд дар ҳайвонмарҳилаи дуюм доир ба бахили аст, ки дар инсон аз сифатҳои ҳайвонӣ ҳисоб мешавад. Бо он бо сатҳи кишваре, ки дар он девҳо намудор карда мешавад. Ин девон ба сурате намоён мегардад, ки чашмонашон дар гарданашон аст ва забонашон дар дилашон қарор дорад.

**Боби 8.**Сифати тамаъ дар ҳайвон номида шудааст, ки он аз ҳавас холи аз хислатҳои ҳайвонӣ дар инсон ба назар оварда мешавад. Ин ҳавас ба сурати ҳамворие, ки иборат аз сангҳои зиёд, ки дар он пош хӯрдаанд тасаввур карда мешавад. Ҳамворие, ки онро дуди ғолиз форо гирифтааст ва дар он махлуқоте ҷой гиранд.

**Боби 9.** Сифати ҷавҳари бод ва он чи намоиш ӯст ном дорад. Ин кишварест, ки дар он махлуқоти беақ...) зиндагӣ доранд, ки ҳамаи онҳо дида намешавад, ҳаммаашон кор мекунанд, аммо аслан кор надоранд. Пас аз ин Саноӣ боз ба шубҳа меафтад, зеро лозим меояд, ки ба ҳаво паранд. Вале онҳо қаноат надоранд. Вале ин ҷониб мушкилиро пири ҳамроҳи ӯ ҳам мекунад.

**Боби 10.** Сифати ҷавҳари об. Дар ин боб ҳамсафарон ба ҷазираи сарсабзе расида меоянд, ки дар он ҳуфле аз оташ ва об овезон аст. Дар он қасри соҳирон яъне, ҷодугарон зиндагӣ мекунанд. Сари онҳо мисли шутурон аст. Аммо пояшон монанди мӯрчагон нотавон аст. Ин мавҷудот бо симу зар ҳамчун худоён ибодат мекунанд.

**Боби 11.** Сифати сурати ҳирс. Паҳлӯи дигаре ҳирсу аз ба сурати наҳанг тасвир карда мешавад, ки он дар ҳавзи сангие қарор дорад. Саноӣ бояд аз болои ин наҳанг гузашта роҳи худро идома диҳад.

**Боби 12.**сифати оташ ва он чӣ аз ӯ ба миён ояд номида мешавад. Дар ин боб манзараи кишвари девон ва соҳирон намудор мегардад. Роҳи ҳамсафаронро кӯҳи пуроташ мегирад ва Саноӣ боз ба баргаштан аз роҳ

наздик аст. Аммо ҳамсафараш таклиф мекунад, ки ин кӯҳро гузарад ва роҳи худро давом диҳад.

**Боби 13.**Сифати сурати шакл. Дар зери кӯҳ чуқуриҳои шарқе намоён мегарданд ва шоҳҳои зиёди ба назар мерасад, ки дар он девон ва даррандагон мавҷуданд, ки онҳо бо муқобили инсон ҳаракат доранд.

**Боби 14.** Сифати асҳоби адони муфтарид. Дар ин намояндагони дини гуногун мавриди муҳокима қарор дорад. Ин аҳли динҳо ҷавоне мебошанд, ки хеле зебоянд.

**Боби 15.** Сифати арбоби тақлид мебошад. Аҳли таҷлид Қуръон мехондогиҳо, ки Саноӣ онҳоро бод медид.

**Боби 16.** Сифати арбоби дон ном дорад.

**Боби 17.** Сифати арбоби муаҷҷибон, яъне онҳое, ки аҷаб меку**нанд.**

**Боби 18.** Сифати пурроён яъне, қориҳост. Ин ҷо ҳам қориҳо масхара мекунанд.

**Боби 19.** Сифати сурати ақли пул.

**Боби 20.** Сифати дарвешон

**Боби 21.** Сифати соликони тариқат.

**Боби 22.** Сифати арбоби маърифат.

**Боби 23.** Сифати аҳли ризо ва тавҳид.

Тахърихи адабиёти башари то имрӯз се шоирро аз бузургтаринҳои шъру адаб эътироф кардааст: Ҳамер, Данте, Шекспир, “Мазҳакаи илоҳӣ”–и Донтедар аввалҳои асри Х!И ба вуҷуд омада, муборизаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мадании и.....ро инъикос карда аз назари фалсафаи пандомӯз ва бадеияти ороста аз беназиртарин, ...........). Он дар ҳудуди ду замон – кӯҳна ва нав дар Аврупо ба вуҷуд омада, барои ҳама чун асари ҳамине тору тоза боқи монд.

Данте Алигери соли 1265 дар Фулуронс ( Флоренция) ба дунё омадааст ва аз тифлӣ аллакай тааллуқдори яке аз партияҳои он –гивелфҳо шуда буд, зеро дар шаҳре, ки дар он ду партияи мухолиф – гивелфҳо ва гибелунҳо ба ҳамдигар мубориза доштанд. Бачагии Донте дар Фулуранс ва ҷавониаш дар Булинё, ки дар умиверсипати он таҳсил дошт, гузаштааст. Ӯ ба асарҳои Симсерон, Арасту Верҷии муҳаббати хоса пайдо кардааст. Дар ҷавони ӯ ба омӯзиши ҳуқуқ, фалсафа, таърих, тибиёт, илми ҳайат, забон, адабиёт ва дигар илмҳое, ки дар замонаш илмҳои муҳимтарин ҳисобмешуданд, сохт машғул шуда, дониши фаровоне гирифтааст. Вақте, ки мо шеъри Данте мегӯем

аввалин номе, ки дар алоқамандии он забон меояд. Биатриче (Биатрис-шакли дар байни форсизабон машҳураш) аспе, ки аз рӯи ақидаи боло ба шаклу услуб, тамоми ҷиҳатҳои эҷодиёт  бештар аз он ба ташаккули шахсияти шоиронаи Донте таъсири амиқе дошт. Кист ин сарчашмаи ошиқонон шеъри Донте, ки дар ниҳоят бар он тааммуқи орифона ва зимвои илоҳиёна бахшид? Биамрис духтари марде ба номи Фолко Портинеро буд, ки ба хонаводаи шоири оянда надикӣ дошт. Донте ӯро аввалинбор дар яке аз меҳмониҳо дид, ки худ кӯҳ сон ва Бианерес ҳашт сол дошт. Бо қавли худи Донте, ки дар асараш "Зиндагонии нав" навиштааст:

**"аз ҳамин ҳангом буд, ки по ба қаламрави султони ишқ ниҳод"** Ҳамин духтарак, мавриди ишқи сӯзани Донте қаҳрамони на фақат асарҳои давраи ҷавонии шоир, балки асарҳои тамоми умриӯ шуд.

Донте дар китоби маъруфаш "Зиндагони нав" ки пеш аз "мазҳакаи илоҳӣ" эҷод шуда буд, навиштааст:

"..... умедвораш дар бораи ӯ он илзеро бигӯем, ки то кунун дар бораи ҳеҷ зане гуфта нашудааст" ва гуфта ҳам, ки он "Мазҳаи илоҳӣ" буда, дар он Бистрис чун мазҳари илоҳӣ, ҷилвагоҳи ҳақиқат зоҳир мешавад.

Донте Алигери бузургтарин шоир, пайгузори шеър ба забони италиёвӣ яке аз нобиғолҳои башари дур аз Ватан ниҳоят соли 1321 дар 56 аз олам чашм пӯшидааст. Асарҳои Донте бо номи **"Зиёфат",-** оиди масълаи фалсафа, ахлоқ, адабиёт ва илоҳиёт, "**Самтанат"** дар бораи давлату давлатдорӣ "Оҳангҳо" шеърҳо аз ишқи сӯзани Димбари Сангдии; "**Дар бораи суханварии халқӣ"** аз хусуси ба забони халқ, ба забони итолиёвӣ имкон доштани эҷоди асарҳои бузурги адабию-бадеӣ ва тамоми илмҳои дигар.

"Мазҳакаи илоҳӣ" бузургтарин асар дар адабиёти Имомӣ, яке аз шоҳкориҳои адабиёти башарӣ, кохи аз давру замон нафарсояндаи Донте маҳсули ранҷи бистсолаи ғорибиҳояш мебошад. Ҳар асари бузург ҳам барои маданияти халқие, ки воро фаридааст ва ҳам барои маданияти башарӣ хизмат мекунад. "Мазҳакаи илоҳӣ"-и Донте ба 3 қисм тақсим мешавад: " Дузах","Аъраф", "Ҷаннат".

Сафари хаёлии Донте ба он дунё дар адабиёти башарь собица дошт, ки дар ғарб маъруфтаринаш **"Одисея"-и Ҳамер, "Сайр-ул-ибод-ал-маод"-и Саноӣ Ғазнавӣ, "Рисолат-ул-ғуфрон"-и Абул Ало ам-маорӣ** буданд.

Тасвири “Дӯзах” –дар асотири шарқу ғарб, китобҳои динии яҳудиён, масеҳиён ва мусулмонон ҷой дорад, аммо “Дӯзах”- и Донте офаридаи ӯ аз назари навъи гуноҳҳо ва воситаи азоби гуноҳкорон- оташ, тӯфон, сармояи ......12) , тааффун, мор, тозиёна, бо чангак кандани гӯшт ва ғайраҳо комилтарин буда, ба хаёлоти бениҳоятбои ӯ шаҳодат медиҳад. Сафари хаёлии Данте ба дӯзахи нӯҳ қабата аз роҳгум шуданаш дар бешазори торике оғоз шуда, бо роҳнамои хирадмандаш, шоири бузурги Рум Верҷил сурат мегирад. Дӯзахи Данте ба мисли қифе мебошад, ки аз зери замин сар шуда, табақа то табақа тангдор мешавад ва табақаи он ки поинтарин аст, ба маркази замин мерасад. Ҳар қадар табақа пои аст, гуноҳ бузург ва азоб ҳамон қадар ҷангудозтар мешавад.

Шарқшиносӣ бузург Е.Э.Бертелс ва донишманди англис Никалсон шабоҳоти ин маснавиро ба “Мазҳакаи илоҳӣ”-и Данте Алигери қайд кардаанд. Воқеан ҳам ҷиҳати мавзӯъ ва тарҳи масъала шабоҳат ва қаробат байни достони орифи тоҷик ва шоири итолиёвӣ ба назар мерасад. “Сайр-ул-ибод”-и Самоӣ, ки ба он фахриддини Розӣ тарҳ навиштааст ба шоирону адибони файласуфманиши асрҳои баъд таъсири махсус кардааст. “Сайр – ул – ибод” дар баробари як асари назариии тасаввуф будан мазмуни амиқи иҷтимоӣ низ дорад. Донишманди Афғонистони моили Ҳиравӣ ки матни интиқодии “Сайр-ул-ибод”-ро ба нашр расондааст, дар муқаддимаи муфассали ба қаробатҳои асар монанди мазмуни чандин лаҳзаҳоро нишон додааст.

Фарқи Саноӣ аз Данте аз иборат аст, ки мусофирон дар китоби Саноӣ солики тариқатест, ки аз манзил ба мазил то охири рохи тариқатро мепаймояд. Мушкиликиҳои зиёдеро аз сар мегузаронанд. Дар кишвари охирин ба манзили охирин мерасанад. Аммо аз ҷиҳати стуктураи сохтмони достион ба тариқи ҳайратовар достони Саноӣ ба достоно “Махҳакаи илоҳӣ”-и Данте онанд аст. Ин ду асар ба тариқи мустаъқил ба вуҷуд омадааст.

Ҷиҳати монандиаш бошад, дар асар ҳар ду шоирро пир манзил ба манзил мебарад. Дар ду достон ҳам ҳайвонҳои вахши тасвир шудааст, ки ин ҳайвонҳо мушкилоти роҳи тариқат мебошад. Дар “Сайр-ул-ибод” сифатҳо номбар мешавад. Дар “Мазҳакаи илоҳӣ” бошад, аз сурудҳо ибора аст.

**Рӯйхати адабиётҳо:**

**1.** Ҳаким Саноӣ. Осори мунтахаб. Душанбе: “Адиб” 1993.

**2.** Асқар Ҳаким.,Данте Алигери. Мазҳакаи илоҳӣ “Дӯзах” Душанбе: “Адиб” 1987.

**3.** Бертельс Е.Э. Суфизм и суфизская литература.

**4.** Начимиддин Камолов. Тафаккур карвонлари. Тошкент: “Маънавият” 1999.

**Мавзӯи 16 - 17** | **Шайх Фаридуддини Аттори Нишопурӣ** | **Маърӯза**

**Нақша:**

1. Нисбати шайх Аттор ба табақаҳои меҳнатии аҳолӣ
2. Ҳаёти пурмашаққати Аттор.
3. Осори баргузидаи Аттор.
4. Шӯҳрати чаҳонии ӯ.

**Фаридиддин Аттор.** Дар нимаи дуюми асри XII дар Нишопур ба дунё омад. Падару аждодаш ба атторию табобат машғул буданд. Аттор чандин солро дар сафару саёҳат гузаронида, ниҳоят ба зодгоҳаш ба Нишопур баргашт ва ба атторию доруфурӯшӣ шуғл варзид. Дар бораи ҳаёти баъдинаи шоир баъзе ривоятҳо мавчуданд. Яке аз онҳо ин аст, ки Муғул мехост, ки шайхро ба қатл расонад.

Шахсе гуфт: -накуш 100 динор медиҳам. Шайх гуфт: -Маро мафурӯш, ки қиммати манн аз ин зиёд аст.

Дар ин асно шахси дигаре пайдо мешавад ва мегӯяд, ки инро накуш, як қанор коҳ медиҳам. Шайх гуфт: -қиммати ман ба ин баробар аст. Дар ин вақт муғул вайро сар мебурад. Аниқтараш, соли 1220 ҳангоми ғорати Нишопур аз тарафи муғулҳо ба қатл расид.

Мероси адабии Аттор хеле бузург аст, дар сарчашмаҳо оид ба мероси ӯ суханони муболиғаомез гуфтаанд. Р.Ҳидоят мероси Атторро 190 чилд гуфтааст. Дар баъзе тазкираҳо асарҳои ӯро 114-то гуфтаанд. Як чиз мусаллам аст, ки Аииор шоири хеле сермаҳсул аст. Аммо аксарияти асарҳое, ки ба вай нисбат додаанд, маҳсули эчодиёти ӯ нест. Асарҳои зерини ӯ то замони мо омада расидааст.

1. «Мантиқ-ут-тайр» - 4468 байт.
2. «Илоҳинома» - 6511 байт.
3. «Мусибатнома» - 7535 байт.

4. «Асрорнома» - 3035 байт.
5. «Хусравнома»-7738 байт.

Девони шоир ба қавли худи ӯ аз 100 қасида ва 1000 ғазалу қитъа иборат аст. Аз Аттор ба мо 346 ғазал ва 2500 рубоӣ боқӣ мондааст. Аттор дар ҳамаи навъҳои шеърӣ асар эҷод кардааст. Доираи мавзӯъ ва мундариҷаи шеъри Аттор ниҳоят васеъ аст. Пеш аз ҳама ин ашъор аз мадҳу ситоиш тамоман холист.

Ӯ мегӯяд:

Лоҷарам акнун чӣ боқиммат аст,
Мадҳ мансух аст вақти ҳикмат аст.

Дар мансубияти маснавиҳои тасаввуфии «Мантиқ-ут-тайр», «Илоҳинома», «Мусибатнома» ва инчунин достони «Хусраву Гул», ки мазмуни дунявӣ дошта, дар айёми ҷавонияш навишта шудааст, ба моли Аттор буданаш шубҳае нест. «Мухторнома»-и ӯ ки аз панҷ ҳазор рӯбои иборат аст, ҳанӯз пурра тадқиқ нашудааст. Инчунин «Тазкират-ул-авлиё» ном асари Аттор, ки шарҳи ҳоли сӯфиёнро баён мекунад барои омӯхтани таърихи тасаввуф ёдгории пурарзишест. Ба ғайр аз ин Аттор соҳиби девонест, ки иборат аз қасоид ва ғазалиёти динию фалсафист.

Вале муҳимтарин осори ӯ маснавии «Мантиқ-ут-тайр» аст. Дар ин асар назариёти сӯфиёнаи Аттор дар шакли саргузаштҳои маҷозии мурғон, ба таровиши бадеӣ ва пурра тасвир ёфтааст.Мурғон бо раҳнамоии Ҳудҳуд, ки султони онҳост, аз паи ҷустуҷӯи подшоҳи худ Симурғ ба сафар мебароянд. Вақте, ба азобу машаққат ба муроду мақсад мерасанд, онҳо ба худ омада мебинанд, ки мақсади ҷустуҷӯяшон айнан худашон буданд, зеро Симурғҳамон ҷамъи си мурғи ҷӯянда будаанд.

Маснавии «Мусибатнома» низ ба ҷустуҷӯи ҳақиқат бахшида шудааст.Аммо ҷӯянда инҷо на мурғон, балки инсон «солики фикрат», ки ба раҳнамоии пир аз чил манзил гузашта дар манзиги охирин манзили ҳақиқатдили худро мебинад.

Таълимонаи сӯфиёнаи Аттор ранги пантеистӣ дорад, аммо асоси ин таълимот бешубҳа эътирофи қуръон ва шариат аст. Аттор менависад:

Илми дин фиқҳасту тафсиру ҳадис,

Ҳар, ки хонад ғайри ин гардан хабис.

Марди дин сӯфисту муқриву фақеҳ,

Гар на ин хонӣманат хонам сафеҳ.

Аттор дар маърифати ҳақмақову манзарати ақро инкор ва фалсафаи Абӯалӣ Ибн Синоро сахт мазаммат мекунад, ки ин шахси пайравӣ силки тасаввуф мутлақо хос буд.

Аз тарафи дигар, ҳамин тасаввуф дар назару ақоиди Аттор, пеш аз ҳама, дар ақоиди ичтимоию сиёсии ӯ, нисбат ба замонаш афкори пешқадамонаеба вуҷуд овард.ин афкор дар бисёр асарҳои Аттор ифода ёфтааст ва бештар дар «Мусибатнома» равшан баён гардидааст.

Аттор эътироф намудааст, ки дар замони ӯ зулму ситам беадолатию бедодгари ҳукмфармост, аммо ба хилофи Умари Хайём, ӯ ба ин худоро айбдор намекунад, балки «сад ҳазор ғуломрни гумроҳи» худоро гунаҳкор медонад. Ба чуз аз баъзи истисно Аттор ба ҳокимияти дунявӣ («султон») назари манфие дошт ва дар тазоти шоиронаи «амиру гадо» ҳусни таваҷҷӯҳи вай ба ҷониби «гадову дарвешон» буд. Аттор молу мулки ҳокимонро, бар ҳасби он ки ба роҳҳои носавоб ба даст оварда шудаанд, ҳамром меномад.

Аттор ба ҳокимон фармонбардорӣ карданро низ кори нодуруст ва зиллатовар мешуморад ва инро дар ҳикояти мулоқоти олими машҳури араб Асмаӣ бо Қаннос шарҳ, медиҳад. Асмаӣ ба Қаннос мегӯяд:

Чун ту ҳастӣ дар маҷосат коргар,
Он чӣ бошад дар ҷаҳон з-ин хортар?

Қаннос ба вай чунин ҷавоб медиҳад.

Гуфт: Бошад хортар афтоданам.
Бар дари туе истоданам.

Ҳар, ки пеши халқ хизматгар бувад,
Кори ман сад бор аз ӯ беҳтар бувад
Гар чи роҳ ҷуз сад буридан набвадам,
Гардани миннат кашидан набвадам.

Аттор мадеҳасароиро низ хеле сахт мазаммат мекунад ва чандин бор аз зумраи шоирони маддоҳ набудани худро такид намудааст. Аммо дар айни замон санъати шоириро кори хеле бо шараф мешуморад ва маншаи онро ҳам мисли шариат мабдаи илоҳӣ медонад.

Илова бар ин, ба фикри Аттор, санъати олии шоирӣ ва ба ҳадди камол расонидани сухан ҳатто дурӯғбофиҳои мадеҳасароиро низ чуброн

мекунад.Аттор мегӯяд, ки дурӯғҳар қадар зишт ҳам бошад, «дар ҷавори шеър гардад чун нигор».

Дар замони вай касоди мадеҳасароӣ ва қасидасароиро Аттор аз набудани устодони забардасти ин санъат медонад.

Шеър чун дар аҳди мо бадном монд,
Пухтагон рафтанду боқӣ хом монд.
Лоҷарам, акнун сухан бе қимат аст,
Мадҳ мансух аст, вақти ҳикмат аст.
Дил аз масуху мамдӯҳам гирифт,
Зулмати мамдӯҳ дар рӯҳам гирифт.
То абад мамдӯҳи ман ҳикмат бас аст,
Дар сари ҷони ман ин ҳикмат бас аст[1].

Тасаввуф ва назми тасаввуфӣ дар фош намудани беадолатиҳои сохти ҷамъиятӣ, дар кори ҷасуронаву ошкор мазаммат кардани ҳокимяти дунявӣ ва назми мадеҳиявии дарбор мавқеи муҳим дорад ва барҷастатарин намояндаи ин назм Фаридиддини Аттор аст. Аттор, ки дар нақл ва баёни врқиаҳо маҳорати комил дорад, достонҳои худро бо латифаҳои хеле тезутунди пуртаъсир, бо ҳикоёту мисолҳо аз зиндагии табақоти мухталифи ҷамъият, бо афсонаҳои машҳур ва ривоятҳои динӣ зинат додааст. Услуби вай оддӣ бетакаллуф ва баъзан ҳатто хеле содданамост. Аз қарори маълум Аттор дониставу фаҳмида аз изҳори санъатҳои формалистии шеър худдорӣ намуда, бештар ба он кӯшидааст, ки осори ӯ ҳар чӣ ба хонанда фаҳмотар ва мақсадаш ҳар чӣ возеҳтар ифода гардад.

### ***Савол ва супориш:***

1. Нақши Фаридуддини Аттор дар адабиёти тасаввуфӣ чӣ гуна аст?
2. Ҳаёти Аттор ба фаъолияти тасаввуфии ӯ чи гуна алоқамандӣ дорад?
3. Асарҳои тасаввуфии Атторро номбар кунед!
4. Кадом асарҳои ӯро дар қатори асарҳои ирфонӣ дохил намудан мумкин аст?

[1]Мусибатнома саҳ. 47

## «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор ва таљассуми сайри сулуки тасаввуфӣ дар он

«Мантиқ-ут-тайр» аз беҳтарин асарҳои Аттор шинохта шудааст. Ин асар дар бораи инкишофи дараҷоти маънавият ва зоҳир дар роҳи ҳақиқат баҳс мекунад. «Мантиқ-ут-тайр» асари оргиналист, ки дар он паррандагон амал мекунанд ва бо ин роҳ мақомоти инкишофи рӯҳӣ тасвир мешавад. Аз он ҷумла, А.И.Сино рисолае бо номи «Ат-тайр» дорад. Оиди ин рисолаи Ибни Сино баъдтар Ф.Розӣ ва Н.Тӯсӣ шарҳ додаанд. Муҳаммад Ғаззолӣ рисолае бо номи «Ат-тайр» дорад, ки Аттор ҳангоми таълифи асари худ аз он истифода бурдааст.

Дар Қуръон ҳам баъзе ишораҳо дар бораи паррандаҳо ҳаст, аз ҷумла, дар сураи «Таборак» гуфта шудааст:

«А ва лам йарав иллатойри фавқаҳум соффатив ва йақбизн. Мо йумсикуҳунна имроман иллоҳу бикулли шайим басийир».

Яъне: дар болои онҳо қанотҳояшон кушода ва ҷамъ карда паридани паррандаҳо намебинанд, магар он паррандаҳоро дар фазо худованд нигоҳ медорад. Албатта, вай ҳама чизро назораткунанда аст.

Албатта, маъхази Аттор рисолаи Ибни Сино ва Муҳаммад Ғаззолӣ аст. Ба расми анъана бо ҳамду наът асар оғоз мешавад. Сипас ба ситоиши паррандаҳо мегузарад. Дар ин ҷо 13-то парранда тавсиф карда мешавад. Аз ҷумла ҳуд-ҳуд, тӯтӣ, кабк, булбул, товус, ва ғайра ҳастанд.

Ҳар яке аз ин паррандаҳо сифати хоси худро доранд. Ба ҳамин навъ паррандаҳо дар водие 1000-то ҷамъ мешаванд.

Ҳамаашон байни худ машварате мекунанд, ки дар олам мулке бе подшоҳе нест ва паррандаҳо низ подшоҳе дошта бошанд. Дар ин вақт ҳуд-ҳуд мегӯяд, кия гона пушту паноҳ ва ҳимоятгари мо симурғ аст, вале вай аз ин ҷо дур, роҳ пурхатар ва бепоён мебошад. Барои ба мақсад расидан ин роҳи пурхатарро бояд тай намуд. Қисми зиёди паррандаҳо аз ин ба даҳшат афтода баҳона меҷӯянд ва саркашӣ менамоянд.

Аз ҷумла, булбул пеш аз ҳама узр пеш меорад. Булбул ошиқи гул аст, аз дидори гул ҳалли мушкилоти худ меорад. Гул ба рӯи ӯ механдад, ӯро тоқати ишқи симурғ нест ва ҳоҷат ба тай кардани роҳи дурр нест. Ҳуд-ҳуд ба булбул нигариста мегӯяд: «Сурат дар маърази завол аст».

Мурғон баъд бо роҳбарии ҳуд-ҳуд барои расидан ба мақсад, яъне дидори симурғ ба роҳ медароянд. Ҳангоми сафари паррандаҳо боз қисми зиёди онҳо ба таҳлука мемонанд, хислату рафтори худро пеши назар оварда, тарки талаби симурғ мекунанд. Дӯстӣ ба молу чиз, кайфу сафо, худбинӣ ва монанди

инҳо ба онҳо ғолиб омада, худро ба расидан ба диори симурғ нолоиқ медонанд. Лекин ҳуд-ҳуд мисли пештара барои расидан ба дидори симурғ ҳидоят мекунад. Ниҳоят, яке аз мурғон мепурсад, ки «Масофати ин роҳ чан даст?» Ҳуд-ҳуд мегӯяд: «Ҳафт водӣ дар пеш аст, агар ин ҳафт водиро тай кунем, ба даргоҳи симурғ хоҳем расид. Ҳеҷ кас аз ин водиҳо барнагаштааст, касе намедонад, ки чанд фарсах аст.»

Мурғон аввало ба води **талаб** медароянд. Водии талаб ҷои таҳқиқ ва ҷустуҷӯ мебошад. Дар ин водӣ шахс бояд ба гуфтори Аттор роҳи дурустро пайдо куна два барои ба мақсад расидан кӯшиш намояд. Дар ин водӣ қисми зиёди паррандаҳо аз кор мебароянд. Қисми дигар ба води **ишқ** дохил мешаванд. Ин водӣ аз води аввал душвор буд. Мушкилоти зиёде пеш меоянд. Барои бартарафӣ мушкилоти ин водӣ ақл кӯмак намекунад. Дар ин роҳ фақат ишқ лозим аст. Дар ҷое, ки ҳис аст, ақл ба кор намеравад. Паррандаҳое, ки ошиқи ҳақиқии симурғ буданд, бо води сеюм дохил мешаванд. Номи ин водиро **маърифат** мегӯянд. Маърифат дониш аст. Дониш бошад аввалу интиҳо надорад. Маърифат ҳақиқатро мехоҳад, ҳақиқат беохир аст. Маърифат қалби инсонро мунаввар мекунад. Қисме аз паррандаҳо аз нури маърифат худро гумм мекунанд, қисми дигари паррандаҳо аз нури маърифат дили худро мунаввар карда, ба водии дигар дохил мешаванд. Номи ин водӣ **истиғно** буд. Истиғно раҳоӣ ёфтан. Дар ин водӣ паррандаҳо аз олами моддӣ ҷудо меаванд ва қисми зиёди онҳо вафот мекунанд. Қисми боқимонда ба водии панҷум – **тавҳид** дохил мешаванд. Дар ин водӣ ҳам паррандагон якранг менамояд. Фарқи сиёҳ ва сафед нест.

Қисме аз паррандаҳо ба водии шашум, ки **ҳайрат** ном дошт, дохил мешаванд. Дар ин водӣ фарқи ману ту ё зоҳиру ботин намемонад. Ҳатто паррандагон фаромӯш мекунанд, ки худашон кистанд ва ба кӣ ошиқанд. Ниҳоят, қисме аз паррандаҳо ба водии охирин **фано** дохил мешаванд. Аҷаб ин аст, ки аз 1000 мурғ дар ин водӣ танҳо 30 мурғ дохил мешаванд. Онҳо ҳақиқати бенишонро дармеёбанд. Дар ин водӣ онҳо ба мурғе вомехӯранд ва мақсади худро мегӯянд. Дар ҳамин асно дар назди худ оинаеро мебинанд ва дар оина акси худро мебинанд, ки симурғанд.

Дар ин ҷо мақсади Аттор тасвири марҳилаҳои камолоти тасаввуфист. Роҳи ягонаи ҳақшиносӣ ин худшиносӣ аст. Шариат, тариқат, ҳақиқат – инҳо зинаҳои маърифати ҳақ мебошанд. Инсон аз меҳнати ақлӣ аз зинаи аввал **шариат** ба зинаи дуюм **тариқат** дохил мешавад. Дар «Мантиқ-ут-тайр» ҳафт води зинаи дуюми **шариат** ва **тариқат** таҳлили худро ёфтаанд. Шариат ин маҷмӯи қонунҳое, ки аз тарафи офаридгор пешниҳод гардидааст, ки дар бораи ҳаёти инсон ва бахту саодати он нигаронда шудааст. Шариат тарки одатҳои бад ва талаби одобҳои нек буда, ҳидоят ва покизагӣ, покизагии

либос, хона, бадан, хӯрок, муносибатҳои оилавӣ, итоат ба падару модар, дӯст доштани ватан, дӯст доштани тамоми одамон (аз болои ҳамдигар хандидан, сухан кардан, амали сиёҳ гаштани дафтари аъмоли шахс) мебошад.

Тариқат феъл ва ҳолати пайғамбарамон ҳазрати Муҳаммад с.а.в. мебошад. Дар эҷодиёти бадеии Аттор нақлу ривоятҳои халқӣ, зарбулмасалу мақолҳои фаровон истифода шудаанд. Аз ҷумла, дар «Мантиқ-ут-тайр» 174 ҳикоят оварда шудааст. Тавассути ин ҳикоятҳо расидан ба мақсади асосӣ, яъне дарёфти дидори илоҳӣ ба тасвир омадааст. Ҳуд-ҳуд, яъне шайх ба муридонаш мурғони бисёр ба дарёфти дидори илоҳӣ ба кӯҳи Қоф сафар мекунанд. Дар ин сафари хатарнок ҳафт зинаи тариқат тай шуда, интиҳо ҳолати берангӣ ва якрангӣ пайдо мешавад ва 30 мурғи буоқимонда дар оина ягонагии худро мебинад. Ба симурғ, яъне подшоҳ будани худ бовар менамоянд. Онҳо ба илоҳӣ яканд. Дар ҳолати ваҳдат ягона шуда, бақо меёбанд. Ғояи ваҳдатул-вуҷуд бунёд мегардад. Вуҷуди илоҳӣ дар тимсоли симурғ намоён мегардад ва 30 мурғ ба сифати подшоҳи худ, яъне симурғ тасаввур менамоянд. Олам ягона, аз ваҳдат иборат; дунё сояи илоҳист, соя бо ӯ мепайвандад ва ҳама якранг мегардад, илоҳӣ ба ҷои худ қоим мемонад, мегӯяд Аттор, ки ғояи асосии асари «Мантиқ-ут-тайр»-и ӯро ташкил медиҳад.

***Савол ва супоришот:***

1. Мавқеи тасаввуфӣ-ирфонии «Мантиқ-ут-тайр» дар эҷодиёти Аттор то кадом дараҷа аст?
2. Дар асари мазкур кадом водиҳо тасвир шудааст?
3. Муаллиф бо воситаи асар ба кадом хулосаҳои ирфонӣ-тасаввуфӣ омадааст?
4. Хулосаи шумо оиди ҷамъбасти ирфонии асар чӣ гуна аст?

## Маснавии «Илоњинома»-и Фаридуддини Аттор

Дар байни осори гаронмояи Аттор маснавии «Илоҳинома»-и ӯ, ки беш аз ҳафт ҳазор байт буда, ба вазни баҳри ҳаҷази мусаддаси маҳзуф суруда шудааст, мавқеи хосе дорад. Ин маснавӣ ба ҳамди Худову наъти Расул (с) ва маноқиби ёрони вай, ки услуби нигориши шоир дар ҳамаи маснавиҳояш аст, оғоз мегардад. Пас аз ин тарҳи аслии китоб, хати сюжети муайян дорад, шурӯъ мешавад. Он аз мунозираи падаре бо шаш писари худ, ки ҳар кадом аз падар чизе вам уроде хостааст, фароҳам омадааст. Фишурдаи маснавии

«Илоҳинома» ин аст, ки халифае бихраду доно шаш писари дӯстрӯву безаковат дошт, ки ҳамаи донишҳоро омӯхта, ба ҳар чизи дилхоҳе роҳ ёфта буданд, аммо боз ҳам ҳар кадоме орзуе дар дил дошт. Рӯзе падар эшонро назди худ хонда гуфт:

- Агар шумо маро аз орзуҳоятон огоҳ созед, шояд роҳи ба мақсад расиданро ба ҳар кадоматон нишон бидиҳам.

Писарон фармудаи падарро пазируфта, яке паси дигаре забон ба баёни орзуи худ кӯшиданд. Ҳар як аз бахшҳои шашгонаи маснавии «Илоҳинома» майдони гуфтори як фарзанд ва посухи падар аст.

Мувофиқи равиши сюжети маснавӣ фарзанди аввал дилбохтаи духтари шоҳи париён асту орзуи васли ӯ дорад. Фарзанди дуввум ошиқи азхудрафтаи сеҳру ҷоду аст. Фарзанди саввум ҷоми Ҷамшедро дар зиндагӣ таманно дорад. Фарзанди чаҳорум оби ҳаётро меҷӯядва фарзанди панҷум дар андешаи кофтану ёфтани ангуштарии Сулаймон мебошад. Фарзанди шашум ҷӯёи кимиёст.

Падар дар ҷавоби ҳар як фарзандон ба кӯмаки ҳикоёту баёноти ҳакимона беҳудагии ин орзуҳоро боз намуда, эшонро андарз медиҳад, ки аз ин хоҳишҳои нафсонӣ даст кашида, дил ба ҷаҳони Ҳақ банданд. Аттор дар байни ин суолу ҷавоб ҷой барои матолиби бисёри ирфониву фалсафӣ ва ахлоқӣ пайдо карда, маъниҳои латиферо ба василаи санъатҳои бадеӣ баён намуда, асрореро ба забони бечорагону дарвешони фарзона оварда, аз тамоми мақомоти равандагони роҳи Ҳақиқат сухан гуфтааст. Бояд гуфт, ки вобаста ба мавзӯи ирфон, ки мағзи асосии маснависту ҳадафи асосии гӯянда аст, аз ғунҷоиши «Илоҳинома» талаб, тавба, ишқ, ҳайрат, таваккул, ризо, маърифат, тавҳид, фақру фано ва ғайра берун намондааст. Дарҳақиқат, ин маснавӣ ганҷинае аз ҳақиқати маънавӣ аст, ки худи муаллиф мегӯяд:

Дари ганҷи илоҳӣ баркушодам,
«Илоҳинома» номи ин ниҳодам.

«Илоҳинома» аз 22 мақола ва 282 ҳикоят ба риштаи назм кашида шуда, орзуву хоҳишҳои писарон аз амрест, ки шӯҳрат доранду аз ҳақиқати воқеӣ ориянд.

Тавре ки гуфтем, ҳикоёти «Илоҳинома» вобаста ба равиши хати сюжети маснавӣ аз ҳикмату андарз шодоб буда, саросар бар манфиати инсон ва тарбияи он нигаронида шудааст.

Дар «Илоҳинома» чи тавре ки дида мешавад, муроҷиат ба сӯи ҳақиқат ва ситоиши Ҳақ хеле тасвири баланд ёфтааст. Аллакай оғози маснавӣ аз ситоиши Ҳақ сар шудааст:

Ба номи он, ки мулкаш безавол аст,
Ба васфаш нутқи соҳибақл лол аст.

Муфаррехномаи ҷонҳост номаш,
Сари феҳристи девонҳост номаш.
Зи номаш пуршакар шуд коми ҷонҳо,
Зи ёдаш пургуҳар теғи забонҳо.
Агар бе ёди ӯ бӯест, рангест,
Агар бе номи ӯ номест, нангест.
Худованде, ки чандоне, ки ҳастист,
Ҳама дар ҷанби зоташ айши пастист…

Ба ҳамин мазмун маснавии «Илоҳинома» оғоз гардидаву минбаъд дар ҳикоятҳои ҷавоби писарон низ ягона будани ҳақ, ғалаба кардани нафси худ, яъне нафсро нигоҳ дошта тавонистан, ба накӯкориву некномӣ даъват кардан аст. Дар дигар ҷо шоир ишора бар он дорад, ки «мо бояд он ҷоне, ки амонат асту аз тарафи парвардигор ба мо дода шудааст, бояд бехиёнаткорӣ биспорем, аммо ҳеҷ кас мисли ту беайб нест ва ин корро нахоҳад тавонист. Зеро одамият ба ҳар неъматҳое, ки аз тарафи «Ту офарида шудааст, даст хоҳад зад», ки инсонро дар олами ишқ тасвир карда, онҳо беҳудагароист, ба он маънӣ, ки инсон дар гирдоби ишқ ҳаловате надорад. Масалан:

Ҷаҳони ишқро пову саре нест,
Ба ҷуз хуни дил он ҷо раҳбаре нест,
Касе ошиқ бувад, к-аз пой то фарқ,
Чу гул дар хун шавад аввалқадам ғарқ.
Худовандо, басе беҳуда гуфтам,
Фаровон будаву нобуда гуфтам.

Ба ҳамин монанд дар ситоиши Пайғамбар низ гуфтааст:

Муҳаммад муқтадои ҳар ду олам,
Муҳаммад мӯҳтадои оли Одам.

Ҳамин тариқ, «Илоҳинома»-и Аттор хусусиятҳои ирфониро дорост.

Яке аз ҳикоятҳои «Илоҳинома» зани порсову покдоманро аз мақолаи аввал мухтасар меорем:

Фарзанди аввал ба падар мурочиат менамояд:

Ба нутқ овард аввал як писар роз,
Ки нақл аст аз бузургони сарафроз,
Ки дорад шаҳпариён духтаре бикр,
Ки натвон кард дигаре мислаш зикр

… ва дар ҳамин ҷо Аттор аз номи падар барои насиҳати фарзанд ҳикояти «Зани порсо»-ро нақл мекунад, ки бисёр ҷиҳатҳои тарбиявиро доро мебошад.

- Дар гузашти рӯзгорон марде буд, ки роҳи ҳақ пеш гирифт ва ҳангоми сафар ҳамсари худро барои нигоҳубин ва таъмини маишати рӯзгор ба бародараш супурд. Он ҷавонмард бар зани бародараш ошиқ шуд, аз вай висол

талаб кард. Зан инро рад мекунад, аммо бародар қасд карда, ба қозӣ габҳои бардурӯғро мерасонад. Қозӣ бошад бепурсиш ҳукми сангсор намудани занро мебарорад. Ӯро сансор мекунан. Рӯзе марди аъробие занро дар ҳолати хуншорӣ мебинад ва ба хонаи худ меорад ва табобат мекунад. Аъробӣ ҳам пас аз шифо ёфтани зан ба он дил мебандад. Зани оқила аъробиро насиҳат мегӯяд ва аъробӣ ӯро эҳтиром мекунад. Марди аъробӣ ғуломе дошт, ки ӯ низ дилбохтаи зан мешавад. Ғулом низ ҷавоби рад мегирад. Ғулом дар қасд шабе бархоста кӯдаки аъробиро дар гаҳвора ба теғ мекашад ва теғро ба сари болини зан мегузорад. Аъробӣ ҷасади фарзандро дида кушандаи онро меҷӯяд, ки теғро аз сари болини зан меёбад. Аъробӣ занро гунаҳкор мекунад, аммо зани порсо ҳуҷҷат пеш оварда покии худро исбот мекунад. Бо вуҷуди ин аъробӣ аз зан домангир буд ва ӯ ба зан сесад дирҳам доду ӯро аз хонааш ронд. Порсозан ба деҳе мерасад, ки тӯдаи одамон ҷамъ аст. Наздик ба он тӯда меравад ва мебинад, ки шахсеро дор мекашанд. Зан пурсон мешавад, ки чаро ин тавр? Мегӯянд: Хироҷи мамлакатро напардохтааст. Зан он сесад дирҳамро ба хироҷи он мард медиҳад. Он ҷавони наҷотёфта дунболи наҷотдодаи худ рафта, баробари дидан ошиқ мешавад. Чун зан сари таслим наовард, ҷавон ӯро ба бозаргоне мефурӯшад. Бозаргон низ висоли ӯро мехоҳад, аммо зани порсо боз рад мекунад. Бозаргон ба зан гӯш надода мехоҳад ба таври зӯрӣ ба мақсадаш рассад. Зан аҳли киштиро ба кӯмак даъват мекунад, онҳо низ занро маъқул мекунанд. Билохир зан ба киштӣ оташ зада, бо моли бисёре аз соҳил мебарояд. Зан дар он ҷо либоси мардона мепӯшад ва моҷарои зан ё мард будани ӯ ба гӯши подшоҳ мерасад ва шоҳ наздаш меояд. Зан тамоми дороиро ба шоҳ медиҳад ва хоҳиш мекунад, ки барояш дар соҳили дарё маскане созад ва ҳамин тавр ҳам шуд. Дар он ҷо зан бо тоату ибодат машғул мешавад. Рӯзе шоҳ вафот мекунад, мардум ин занро, ки дар либоси мард худро мард нишон медод, подшоҳ эълон мекунанд. Вақте ки мард аз ҳаҷ бармегардад, хонаашро хароба дида, аз бародараш тӯҳматҳо дар ҳаққи занаш мешунавад. Мард ҳайрон буд, ки бо ин бародари дардмандшудааш чӣ кор кунад. Рӯзе ба гӯшаш овозаи табиби хубе мерасад ва бародарро ба наздаш бурданӣ мешавад. Дар роҳ ба онҳо марди аъробӣ, ғуломаш, ҷавони аз дор наҷотёфтаи гирифтори беморӣ ҳамроҳ мешаванд. Онҳо назди табиб меоянд. Зан шавҳари худро дида ҳайрон мешавад. Шарт мегузорад, ки беморон ҳақиқати ҳолро гӯяд, сипас табобат хоҳад кард. Ҳамин тавр ҳам шуд. Мард ба покии зани худ дар ҳайрат монд. Зан подшоҳиро ба шавҳараш супорида, худ бо табобат сарукор намуд.

Ҳамин тариқ, ҳикояҳои дигар вобаста ба ҳамин мавзӯъ оварда шуда, дар онҳо одоби оиладорӣ, ахлоқ, тамиз, покӣ барин хислатҳои накӯи одамӣ ситоиш ёфта ва ба фарзандон насиҳат гуфта, инсонро ба роҳи хирадмандӣ даъват намудааст.

Ба таври хулоса гӯем агар, умуман маснавии «Илоҳинома» бо ҳикоёти руҳафзои ҷон, бо ҳикмату андарзи фаровон, бо ширинии забону услуби оммафаҳми баён, бо тамсилу маҷоз ва санъатҳои бадеии фаҳмо ба ҳамагон зебу оро ёфта, аз дилкашу хонданибобтарин асарҳои адабиёти классикии форсу тоҷик маҳсуб меёбад. Инро худи Фаридуддини Аттор ҳам изҳор мекунад:

Бузургоне, ки дар ҳафт осмонанд,
«Илоҳинома»-и Аттор хонанд.
Зи файзи ин китобам подшоҳист,
К-«Илоҳинома» аз файзи илоҳист!

***Савол ва супориш:***

1. Мазмун ва мундариҷаи маснавии «Илоҳинома»-и Атторро бо мисолҳло гӯед!
2. Мақсади ҳар як писар барои қонеъи зиндагии худ аз чӣ иборат аст?
3. Дар «Илоҳинома» кадом масъалаҳои ирфониро диданамон мумкин аст?
4. Маснавии «Илоҳинома» аз ҷиҳати бадеят ва услуби нигориш ба кадом асари адабиёти мумтоз шабеҳият дорад?

## “ФУТУВВАТНОМА”-И АТТОР

Чунин гуфтанд пирони муқаддам,
Ки аз мардӣ зазандӣ дар миён дам.
Ки ҳафтоду шуд шарти футувват,
Яке з-он шартҳо бошад мурувват.
Нахустин ростиро пеша кардан.
Чу некон аз бадӣ андеша кардан.
Ҳама касро ба ёрӣ доштан дӯст,
На гуфтан он яке мағзу дигар пӯст.
Зи банди нафси бад озод будан
Ҳамеша пок ояд чашму доман
Агар аҳли футувватро вафо нест,
Ҳама кораш ба ҷуз рӯву риё нест.
Касе кӯро ҷавонмардист дар тан,
Бубухшояд дилаш бар дӯсту душман,
Ба ҳар кас хостӣ мебояд он-ат

Агар хоҳӣ ба худ набвад диёнат.
Макун бад бо касе кӯ бо ту бад кард,
Ту некӣ кун, агар ҳастӣҷавонмард.
Касе к-аз меҳри ту бубрид пайванд
Ба мардӣҷону дил дар роҳи ӯ банд
Забонро бар бадӣ гуфтан маёмӯз
Пушаймонӣ хӯрӣ ту ҳам яке рӯз.
Туро он гаҳ беҳ ояд мардию зӯр,
Ки бинӣ хештанро камтар аз мӯр.
Муроди номуродонро баровард.
Ки то ёбӣ муроди хеш яксар.
Магӯҳаргиз, ки хоҳам кардан ину онро
Агар дастат диҳад, мекун ба кирдор.
Касе кӯро ба хашм андар ризо нест,
Футувват дар ҷаҳон ӯро раво нест.
Футувватдор чун бошад дилозор,
Набошад дар ҷаҳонаш ҳеҷ миқдор(қадр)
Дар ин раҳ хештанбинӣ нағунҷад,
Ба ҷуз хокиву мискинӣ нағунҷад.
Футувват эй бародар бурдборист,
Чу хирман сӯхтӣ балки .......
Бидеҳ нон то барод номат эй дӯст.
.....      дар ҷаҳон аз .....
Забону дил яке кун бо ҳама кас,
Чунон к-аз пеш бошӣ, бош аз пас,
Макун чизе ки диданро нашояд.
Агар гӯӣ шуниданро нашояд,
Чу андар табъ бисёрӣ надорӣ,
Мазан дам аз тариқи бурдборӣ.
Тариқи порсоӣ варз, модом
Ки некӯ нест, фосиқро саранҷом.
Макун бо ҳеҷ кас тазвиру дастон(ҳила)
Ки ҳиллат нест кори зердастон.
Дарунро пок дор аз кини мардум,

Ки киндорӣ нашуд оини мардум.
Чу хондандат бирав зинҳор мепеч,
Варат ҳам бими ҷон бошад магӯҳеҷ.
Ба ҷон гар боз монӣ андар ин роҳ,
Набошад аз футувват ҷонат огоҳ.
Димоғ аз кибр холӣ дор пайваст,
Зи шайтонӣ чӣ гирӣ узр дар даст.
Тавозӯъ кун, тавозӯъ бар халоиқ
Такаббур ҷуз худоро нест лоиқ.
Такаббур хирагӣ, худро маранҷон
Ки афзунаш ҷисм аст, коҳиши ҷон.
Сухан нарму латифу тоза мегӯй
На берун аз ҳаду андоза мегӯй
Магӯ рози дилат бо ҳар касе боз
Ки дар дунё наёбӣ маҳрами роз.
Ҳасадро бар футувват раҳ набошад,
Ҳасуд аз роҳи ҳақ огаҳ набошад.
Ахиро чун тамаъ бошад ба фарзанд,
Бибур зинҳор аз вай меҳру пайванд,
Агар гуфтӣ зи рӯй онро ба ҷо ор
В-гар худ меравад бар сари дор.
Ба худ ҳаргиз марав роҳи футувват,(танҳо ба роҳи фут. Надаро бо устод)
Ба худ рафтан куҷо бошад мурувват.
Риёзат каш, ки марди нафспарвар,
Бувад аз гову хар бисёр камтар.
Марав нохонда то хорӣ набинӣ,
Чу рафтӣ, ҷуз магар хорӣ набинӣ.
Ба чашми шаҳват андар дӯст мангар.
Ки душман ком гардӣ эй бародар.
Зи кажбинон футувват рост нояд,
Ки кажбинӣ футувватро нашояд.
Ба коми худ манеҳ зинҳор як гом,
Ки эмин нест, доим марди худком.
Мурувват кун ту бо аҳли замона,

Ки то номат бимонад ҷовидона.
Ҳазорон тарбият гар ҳаст ахиро,
Надорад дӯст з-эшон ҷуз сахӣ роҳ
Мадоро кун ту бо пирони мискин,
Бубахшо бар ҷавонони бадоин,
Мазан лоф эй писар бо дӯсту душман.
Ки бошад марди лофӣ камтар аз зан.
Футувват чист? Доди халқ додан.
Ба пои дастгирӣ истодан.
Ҳар он кас кӯ ба худ мағрур бошад,
Ба фарсанг аз мурувват дур бошад.
Адабро гӯш дор андар ҳама ҷой,
Макун бо беадаб ҳаргиз муҳобой.
Ба хидмат метавон ин раҳ буридан
Бад-ин ҷавгон тавон гӯӣ рабудан
Баиззат бош то хорӣ набинӣ
Чу ёрӣ кардӣ ағёрӣ набинӣ
Гар ояд аз дарун селоби хун
Бипӯшонаш даруни пардаи роз
Мабар номи касе ҷуз бо накӯӣ
Агар андар футувват ном ҷӯӣ,
Ба исён дармаяфкан хештанро
Маҷӯ охир балои ҷону танро.
Ҳавои нафси худ бишкан худоро.
Мадеҳ раҳ пеши худ соҳибҳаворо
Чунон кун тарбият пиру ҷавонро,
Ки хиҷлат бар наяфтад ину онро.
Насиҳат дар ниҳонӣ беҳтар ояд,
Гиреҳ аз ҷону банд аз дил кушояд.
Либоси худ мадеҳҳар носазоро,
Ба гӯши ҷон шунав ин моҷароро.
Миёни тарбият з-он рӯй мебанд,
Ки бошад дар канорат ҳамчу фарзанд.

Футувватҷӯй гар дорад қаноат,
Ҳама олам баранд аз вай бизоат.
Ба тоат кӯш то **пиндор гардӣ**
Ки бединро назебад лофи мардӣ
Парастиш кун худои ҷовидонро
Мутеи амр кун танрову ҷонро
Қадам андар тариқи нестӣ зан,
Ки ҳастӣ барнамеояд аз ин фан.
Чу сахтӣ пешат ояд, кун сабурӣ
Дар он ҳолат макун аз сабр дурӣ.
Ба немат дар ҳаме кун шукри яздон
Чу меҳнат даррасад сабр аст дармон.
Чу меҳмон даррасат ширишзабон шав.
Ба сад алтоф пеши меҳмон шав.
Такаллуф аз миён бардору аз пас
Биёвар он чи дорӣ аз каму беш
Ба эҳсону карам дилҳо ба даст ор
К-аз ин беҳтар набошад дар ҷаҳон кор.
Чу эҳсон аз ту хоҳад марди ҳушёр
Чу мардон роҳи худ чолок биспор
Агар шукронае гӯяд магӯ хай
Бибояд гаштанат таслим дар вай
Футувватдор чун шамъ аст дар ҷамъ
Аз он сӯзад миёни ҷамъ чун шамъ.
Туро бо ишқ бояд сабр ҳамроҳ
Ки то гардӣ аз ин аҳвол огоҳ.
Ба гуфтор ин суханҳо рост нояд,
Туро гуфтор бо кирдор бояд.
Чу чашмат рӯи он ҳастӣ бубинад
Суханҳои манат дар ҷон нишинад
Макун зинҳор аз ин маънӣ фаромӯш,
ҳаме кун панди ман чун ҳалқа дар гӯш
гар ин маънӣ ба ҷо орӣ туро беҳ

ба шарт ин роҳ биспорӣ туро беҳ.
Агар хоҳӣ ки ин маънӣ бидонӣ
Футувватномаи Аттор хонӣ
Худо ёри ту бошад дар ду олам,
Чу мардона дар ин роҳ мезанӣ дам.

**Мавзӯи 18-19** **Ҷалолиддини Румӣ ва мавқеи ӯ дар адабиёти тасаввуфӣ** **Маърӯза**

**Нақша:**

1. Тарҷимаи ҳоли Румӣ.
2. Афкори сӯфиёнаи Румӣ ва маншаи он.
3. Ҷалолиддини Румӣ ва Шамси Табрезӣ.
4. Мероси адабии Румӣ.
5. ДевониғазалиётиРумӣваифодаиандешаҳоиирфониишоирдаронҳо.
6. Ишки илоҳӣ ва таҷассуми бадеии он дар «Девони кабир»-и Румӣ.
7. Арзиши адабии ғазалиёти Румӣ.

Ҷалолиддин Муҳаммади Румӣ, машҳур ба Мавлавӣ ё муллои Рум писари воиз ва мударрису олими машҳури Хуросону Мовароуннаҳри охирҳои асри 12 ва аввалҳои асри 13 Баҳоуддин Валад мебошад. Ин воизи донишманди номдор дар арафаи ҳуҷуми муғулҳо ватани худ Мовароуннаҳр, аниқтараш Самарқандро тарк карда, бо хоноводааш ба қаламравит Салчуқиёни Туркия ҳиҷрат намуда, дар ҳамон ҷо вафот кардааст. Аниқ маълум нест, киБаҳоуддин валад ба чи сабабе Мовароуннаҳру Хуросон – қаламрави Султон Муҳаммади Хоразмшоҳро тарк намуда, ба мулки бегона рафта, маскан гирифтааст. Сабаби муҳоҷирати ӯро муаллифони баъзе манбаъҳо рашку ҳасад ва бадгумонии Муҳаммади Хоразмшоҳ нисбати ӯ, баъзеи дигар пешакӣ хабар ёфтаназ ҳуҷуми муғулҳо ва тарсу бими ӯ аз ин ҳодиса нишон додаанд. Ба ҳар ҳол Мовароуннаҳрро тарк кардани Баҳоуддин Валад чунон ки аз асари “Валаднома”-и писари Мавлавӣ Султон Валад

маълум мегардад, андак пештар аз соли 614ҳ (1217м) рӯй додааст. Дар ин вақт писари ӯ Ҷалолиддин тахминан 10-12 сола будааст, бинобар он ки таваллуди ӯро муаллифони маноқиби шайхони бузурги сӯфия рӯзи шашуми рабеъулаввали соли 604ҳ навиштаанд.

Ҳиҷрати Баҳоуддин Валад ба Рум аз роҳи ҷануби Эрон ба воситаи бағдод будааст. Вай қариби дохил шуданаш ба Бағдод хабари ҳуҷуми муғулҳо ба Мовароуннаҳрро шунида ва дар ин шаҳр дер наистода Арабистон рафтааст. Аввал маккаро зиёрат карда, сипас ба вилояти Малотияи Рум раҳсипор гардид, ва аз он ҷо ба шаҳри Арзинҷон равона шуд. Ҳумдори Арзинҷон Фахриддини Мангуҷакӣ ӯро бо иззату икром пешвоз гирифт. Баҳоуддин чунд сол дар Оқшаҳри наздики Арзинҷон ба ваъзу тадрис машғул гардид. Баъд ба **Ларенда ҳ**амон Румий  шарҳе рафта, ки ҳафт сол дар он ҷо монд. Дар ҳамин шаҳр зани ӯ, яъне модари Ҷалолиддин Мӯъминахонум вафот ёфт, ки қабрашҳанӯз дар он ҷо боқист. Инчунин дар ҳамин шаҳр Баҳоуддин **Ҳаротун** ном духтареро аз ҳарами худ ба никоҳи писараш Ҷалолиддин даровард. Баъди ҳафт соли иқомат дар Ларенда Баҳоуддин бо хонаводаи худ ба шаҳри марказии Рум Куния, ки тахтгоҳи Салҷуқиёни Рум буд омад, қро ба ин ҷо султони Салҷуқиён Алоуддин Кайқубод даъват карда буд. Баҳоуддин дар Куния бо вуҷуди иззату икроми султон назиста, баъд аз ду соли иқоматаш дар ин ҷо соли 628ҳ (1230м) вафот ёфт. Аъёну бузургони шаҳр ба ҷанозаи ӯ ҳозир шуданд, андаке сонитар дар болои қабраш аз мармар биное сохтанд. Дар он ҷо баъдтар мадрасае сохтанд, ки он минбаъд мадраса ва мақбараи Мавлоно Ҷалолиддин гардид. Дар вақти вафоти падараш Ҷалолиддин тақрибан 24сола буд, ӯ бо исрори муридону ихлосмандони Баҳоуддин ба мақом ва ваъзу таъриси падар соҳиб шуд. Тақрибан як сол баъд аз вафоти падараш Ҷалолиддин ба Шом(Сурия) барои такмили дониш ба мадраса рафт. Аз рӯи ишораҳо дар “Маснавии маънавӣ”-и шоир ӯ дар Шом солҳо зиндагӣ ва такмили дониш кардааст. Баъди бозгашт ба Куния обрӯву эътибори калон ёфта, машҳур гардид. Чунонки мувофиқи ривояти манбаъҳо дар чаҳор мадраса дарс мегуфт ва ҳангоми рафтан ба мадрасаҳо гурӯҳи толибилмон бо пои пиёда дар рикоби ӯ, ки савори уштур буд мерафтанд. Рӯзе Шамси Табрезӣ, ки ба Куния омада буд, дар роҳ инони уштури Ҷалолиддинро даркашид ва аз вай пурсид, ки “Боязид (шайхи қадим) бузургтар буд ё

Муҳаммад?” Чалолиддин чавоб дод, ки Муҳаммад хатти пайғамбарон буд, ӯро бо Боязид чӣ нисбат? Шамс гуфт: Пас чаро Муҳаммад “мо араднока ҳақ маърифатука” мегӯяд ва Боязид Субҳонӣ мо аъзам шонӣ мегӯяд? Ин савол ниҳоят ниҳоят воҳимадор буд, бинобар ин Чалолиддин аз ҳуш рафт. Ин ҳангом ӯ тақрибан 38 сола буд, минбаъд вай мусоҳиби доимии ин донишманди чаҳонгарди озодфикри сӯфимашраб гардид ва бо таъсири ӯ Муллои Рум маснади тадрису ҳалқаи муридони худро фурӯ гузошту томоми астии худро ба тачрибаҳои рӯҳонию ирфонӣ бахшид. Ҳатто рақсу самоъро, ки пеш назди уламо бо кароҳат аз онҳо сухан мегуфтанд акнун шеваю расми худ қарор дод.Ҳамин тавр зиндагӣ ва андешаи Чалолиддин баъд аз мулоқот бо Шамси Табрезӣ ба куллӣ дигаргун шуд. Ҳамнишинию ҳамсӯҳбатии доимӣ ва меҳру муҳаббити беназире, ки миёни ин ду шахси бузург ба вуҷуд омад, як муаммои тааччубангези руҳонӣ дар таърих боқӣ мондааст. Дар ҳар ҳол забони чисмонии  Шамс, ки баъзе муаллифони манбаъҳо ба он ишора кардаанд. Дар пайдоиши ин шӯру ҳаячони байни як дарвеши 60-сола ва як муллои тақрибан 40-сола нақше дошта наметавонист. Хашми муридони Мавлавӣ бар зидди Шамс низ на вуҷуди як ишқи ҳаячономези чисмонии байни Шамс ва устоди онҳо, балки ин буд, ки таъсири Шамс Мавлонои онҳоро аз ваъзу тадрис боздошт. Алоқае, ки Мавлоно нисбат ба ин дарвеши овора, ин “Шамси парранда” нишон медод, ба чое расид, ки ӯро аз ваъзу тадрис боздошт ва боиси хашму ғазаби муридон гардид. Ва Шамс Кунияро тарк кард. Ғайб задани ӯ Мавлоноро мутаассир кард, баъди чанденомаи ӯ аз Димашқ омад ва Мавлоно ба номаҳо ӯро ба бозгашт ба Куния ташвиқ менамуд ва ҳатто писараш Султон Валадро барои овардани ӯ ба Димашқ фиристод. Ба исрори Султон Валад, ки пиёда ба бурдани ӯ омада буд, ШЎамс ба бозгашт розӣ шуд. Ин ба мавлоно, ки наздики 15 моҳ аз ӯ дур монда буд, ба шӯру алоқаи бештаре ба сӯҳбати ӯ гаравид. Аммо исрори афкори Мавлоно дар машғулӣ ба самоъ ва ваъзу тадрисро тарк кардани ӯ ин маротиба низ сабаби хурӯши асҳоб шуд. Дар ин миён Шамс дигар нопайдо шуд (соли 645ҳ/1247м) ва дигар ҳеч кас аз ӯ хабар наёфт, чустучӯҳои пайдарпайи мавлоно дигар натичае набахшид. Гум шудани Шамс баъдтар сабаби интишори ин пиндор гардид, ки гӯё асҳоби Мавлоно ӯро куштаанд. Ғайбати ногаҳонии Шамс ва пайдо нашудани ӯ ин сафар ба шӯру беқарории бештар

сабаб шуд. Ӯ то 7 соли дигар аз бозгашти Шамс умеди худро наканд. Ҳатто ду бор дар чустучӯи ӯ ба Димишқ, сафар кард. Султон Валад дар “Валаднома” мегӯяд, ки Мавлоно Шамсро дар Шом пайдо накард, ӯро дар вуҷуди хеш бозёфт. Дар ҳақиқат дар бозгашт ба Куния Мавлоно он чиро, ки дар вуҷуди вай сухан мегуфт Шамси Табрезӣ шинохт. Чаро, ки сухани ӯ дар саранчоми зуҳуру ғайбати Шамс чизи дигар буд, ғайри он буд, ки мударрису воизи собиқ мегуфт. Илова бар ин Мавлоно баъди бозгашт аз сафари яксолаи Шом он чиро ки дар шахси Шамс гум карда буд, дар мачлисҳои самоъ дар симои як заркӯби Куниягӣ Салоҳиддини заргар бозёфт ва ҳаячони ошиқонаи худро нисори ӯ кард. Мавлоно баъди чанде аз мочарои Шамс Салоҳиддинро халифаи хеш кард, муддати 10 сол Салоҳиддин муриду халифаи маҳбуби Мавлоно буд ва ногаҳон бемор шуда, аз бистари беморӣ барнахест. Мувофиқи васияти ӯ дар маргаш гиря ва таъзия ба ҷо наомад ва чанозаашро ба рақсу самоъ ба хок супурданд. Мавлоно низ пеш-пеши тобути Салоҳиддин рақскунон мерафт.

Баъд аз Салоҳиддин муддате маснади халифагии Мавлоно холӣ монд. Аммо чанде пеш Мавлоно нисбати як муриди чавони худ, ки номаш **Ҳусомиддин** буда,аз “ахӣ”-зодагон ва футувватдорони Куния буд, алоқаи хос нишон медод ва ниҳоят ӯро ба чои Салоҳиддин халифаи хеш кард. Ба исрору дархости Ҳусомиддин “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно назм шуд. Ҳар чи ӯ мегуфт Ҳусомиддин менавишт. Дар муддати 15 сол шаш дафтари “Маснавӣ” назм шуд. Мавлоно дар ҳолати руҳии мухталиф онро мегуфт, баъзе шабҳо то субҳ гуфтану иншои асар давом мекард, ки ба ин дар худи асар ишораҳо ҳаст. Назми “Маснавӣ” аз соли 658/1259 то соли 672/1273 давом карда, дар ин муддат шуғли асосии Мавлоно назми “Маснавӣ” буда, илҳомбахши он Ҳусомиддин буд.

Бешубҳа доираи муридону дӯстдорони мавлоно бо сӯфиён ва баъзе толибилмони Куния маҳдуд намешуд. Дар байни уламо ва бузургони он диёр Мавлоно алоқамандону мӯнисони  зиёд дошт. Ҳатто Султони Салчуқии аср, чун Изиддини Кайковус ва Рукҳиддин Қилич ба вай эҳтирому алоқаи зиёд нишон медоданд. Вазири машҳури султонҳои Рум **Муиннидини Парвона** дар бисёр мачлисҳои ӯ ҳозир мешуд.Бисёре аз уламо ва урафои вай низ бо ҳурмати калон бо ӯ муносибат мекарданд. Таъсиру нуфузи Мавлоно то ба фақеҳони аср то ҳадде буд, ки охирҳои ҳаёташ дигар чуръат намекарданд аз бадгӯйи нисбати самоъи ӯ ҳарф зананд. Худи Мавлоно то охири умр бо самоъ ва рақс боқӣ монд, ҳатто дар рӯзи охирини умраш ҳам , ки аз шиддати таб бехуд буд, гӯяндагон (қавволон) дар болинаш бо самоъ ва овоз машғул

шуданд. Мавлоно рӯзи панчуми чумодиюлсонӣ соли 672/1273 вафот ёфт ва 65 сол дошт. Дар дафни ӯ машоихи аср садриддин ва Сирочиддини Кунавӣ намоз хонданд, на фақат мусулмонон, балки теъдоди зидди яҳудиён Исавиёни Куния низ ҳозир шуданд. Ӯро дар турбати падараш Баҳоуддин Валад – Ирамбоғча дафн карданд, ки баъд аз он ба турбати Мавлоно машҳур шуд. Баъдҳо **Муинниддини** Парвона ва Илмуддини Қайсар бар сари турбати вай биное сохтанд, ки "Қуббаи ҳазро"номида шуд ва вақфу хайроти аҳли хайр он чойро як зиёратгоҳи ҳақиқӣ кард. Расми "Маснавӣ" хонӣ низ дар сари турбати ӯ оғоз гардида буд.

Баъдҳо **Муинниддин Парвона** ва **Илмуддини Қайсар** бар сари турбати вай биное сохтанд, ки "Қуббаи ҳазро"номида шуд ва вақфу хайроти аҳли хайр он чойро як зиёратгоҳи ҳақиқӣ кард. Расми "Маснавӣ" хонӣ низ дар сари турбати ӯ оғоз гардида буд.

Осори адабии Мавлоно чи дар назм ва чи дар наср зиёд аст. Осори насри ӯ албатта аҳамияти осори манзуми ӯро надорад. Бо вуҷуди ин онҳо қобили диққат мебошанд. Дар байни онҳо "Мачолис-ус-сабъа" ("Ҳафт мачлис") шомили 7 мачлиси таскири мавлоност дар хитоб ба омма – муриду ғайри мурид. Мачмӯае низ шомили 144 номахои Мавлоно ба мақсади мухталиф аз умарову уламо, дӯстону мансубон боқист, ки бештар матолиби шахсиро дар бар мегиранд. Мухимтарин асари манзури ӯ **"Фихи мо фихи"** аст, ки аз ин дар **"Маснави"** бо номи **"Махорат"** ёд шудааст. Ин китоб мачмӯае низ аз суханони Мавлоно дар хитоб ба мачмиён ё дар посухи саволхое, ки ба ӯ кардаанд.

Дар мачмӯаи осори манзури Мавлоно ғазалиёт аҳамияти хос дорад. Ғазалиёти Мавлоно аксар он гуна, ки баъзе тазкиранависон гумон кардаанд, ашъори дар фироқи Шамс гуфта шудае нест. Харчанд теъдоди зиёде аз онҳо баъди "воқеаи Шамс" ва ба ёди ӯ назм шудаанд, теъдоди зиёде низ дар давроне гуфта шудаанд, ки Шамс дар Куния будааст. Инчунин қисме аз ғазалҳо ба номи Салоҳиддин Заркӯб аст ва қисми дигар ба даврони сӯҳбат бо Ҳусомиддин алоқамонанд аст.

## *Ғазалиёти Мавлоно*

Шуҳрати ҷаҳонии Мавлоно баробари “Маснавии маънавӣ” инчунин ба воситаи “Девони кабир“ ё “Кулиёти шамс” аст. Ин куллиёт асосан аз ғазалиёт ва қисман аз қасоиди рубоиёт иборат аст. Ғазалиёту қасоид дар нашрҳои гуногуни он то 50 ҳазор байт ва рубои бештар аз 1600 адад аст.

Ғазалиёти Мавлоно дар таърихи ғазалсароии форсӣ-тоҷикӣ мақоми хосса ва хеле олиро соҳиб буда, бо сабку салиҳаи махсусе суруда шудаанд. Ривояте, ки дар манбаъҳо оварда шудааст, ҳаминро таъкид менамонд. Дар ин ривоят гуфта шудааст, ки “Малик Шамсиддини Ҳиндӣ малики мулки Шероз руқъае ба хидмати Шайх Саъдӣ фиристод ва аз ӯ хоҳиш намуд, ки ғазале ғариб, ки дорои маъниҳои ачиб бошад, бифиристод, то онро ғизои чони худ созам. Шайх Саъдӣ ғазалеро аз Мавлоно, ки дар он айём ба Шероз бурда буданд ва ӯ куллан рабудани он шуда буд, бинавишт ва ба малик бифиристод. Он ғазал ин аст:

Ҳар нафас овози ишқ мерасад аз чапу рост

Мо ба фалак меравем аз мо тамошо кирост?

Саъдӣ дар охири руқъаи чавоби худ илова намуд, ки дар иқлими Рум подшоҳе муборак қадам зуҳур намудааст, ки ин нафақат ба ӯ мансуб аст. Аз ин беҳтар ғазале нагуфтаанд ва нахоҳанд гуфт. Маро ҳаваси он аст, ки ба зиёрати он султон (яъне султони сухан) ба Рум биравам ва рӯйро бар хоки пои ӯ бимолам”.

Дар манбаъҳо барои дидани Мавлоно ба Рум сафар кардани Саъдӣ ҳам ривоят шудааст, ки чунин аст: “Гӯянд, ки Шайх Саъдӣ ҳангоми саёҳат ба шаҳри Мавлоно расид ва дар мавзее, ки миёни он ва хонақоҳи Мавлоно масофае буд, фуруд омад ва қарор кард, ки ба тариқаи ӯ ғазале гӯяд ва ин мисраъ бигуфт:

Сармаст агар дарои, олам ба ҳам барояд,

ва роҳи сухан бар вай баста гашту мисраи дуюмро гуфта натавонист. Пас дар мачлиси самоъ ба хидмати Мавлоно расид. Аввалин сухан ки бо дидани Саъдӣ бар забони Мавлоно гузашт, ин буд:

Сармаст агар дарой, олам ба ҳам барояд,

Хоки вуҷуди моро гард аз адам барояд.

Шайх Саъдӣ донист, ки он чи Мавлоно мегӯяд аз ғалабаи ҳол аст ва ақидаи ӯ ба сафои ботини вай бияфзӯд.

Дар ин ривоят хусусияти асосии ғазалиёти Мавлоно натичаи ваҷду ҳол ва дуняи пурҳаячони ботинии ӯро инъикос намудани онҳо ишора шудааст. Ҳолати пурҳаячони рақс ва пур аз шӯру ҳаракат, ки дар бештари ғазалҳои

Мавлоно дида мешавад, хусусияти асосии сабки ғазалсароии ӯро ташкил мекунад. Хусусияти дигари ин ғазалҳо ҳамон ҳолати бехудиву шӯре мебошад, ки онҳоро аз ғазалиёти тақлидӣ сунъии шоирони бедарди қофиясанч фарқ мекунонад. Ин вожа умдаи ғазали Мавлоноро Давлатшоҳи Самарқанди дар тазкирааш қайд карда навиштааст: "Дар хонаи Мавлоно сутуне ва Мавлоно чун ғарқи муҳаббат шудӣ, даст бар он сутун задӣ ва ба чарх омадӣ ва ашъори пупшӯре гуфтӣ". Дар воқеъ ғазалиёти ӯ ангезаи ҳолати ваҷду чазаба ва шӯру ҳаячони рӯҳ, натичаи эҳсосоти пупчӯшу хурӯш ва хуручҳои амиқи ошиқона мебошад.

Илова бар ин ғазалҳои Мавлоно сурудҳои озодии ботинии инсон, нағмаи эъчозҳоест, ки салтанати инсонро бар коинот, ишкро бар имон, ҳаётро бар марг, оштиро бар чанг таҳким медиҳад. Шубҳае нест, ки бештарини ғазалҳои дилошӯби Мавлоно дар мачлисҳои рақсу самоъ дар зери кафзанию пайкӯбӣ, навҳаи тарабангези дафу чангу рубоб, дар сӯҳбати ёрону дӯстони мувофиқ суруда шудаанд, ки аз онҳо ҳамеша нағмаи суруру тараб ба гӯшу ҳуш мерасад. Бинобар ин аксари ғазалҳои чанбаи ғиной ва мусиқӣ доранд.

Мазмуни ғазалҳои Мавлоно бештар дар мавзӯи ишқу ошиқист. Аммо ишқи Мавлоно асоси моддӣ дошт ва аз асоси моддиёти заминӣ сарчашма мегирифт. Ӯ бе  дилбасӯагӣ ба мавҷуде моддӣ маърифати мавҳуми сановиро тасаввур намекард. Дарҳақиқат, чизи падидаро аз қиёсӣ дида тасаввур метавон карду бас. Ҳоло он чи мегӯем Мавлоно ишқи ирфониро месуруд, ҳамон ишқи оламгир ва чаззобест, ки аз мушоҳидаи чамоли Шамс, Салоҳиддин ва Ҳусомиддин ҳосил гардидааст. Аз ин ҷо мабдаи заминӣ доштани ғазалҳои шӯрангези ӯро таъин карда метавонем. Ҳамин қадар дорад, ки Мавлоно маъшуқ-инсонро, инсони зинда хосса Шамси Табрезиро ба дараҷаи илоҳӣ боло бардоштааст. Ӯ қудрати беҳамто бахшидааст. "Ман"-и шоир Шамси Табрезӣ риштаи тақдири инсонро аз осмон даррабуда, онро ба дасти худи инсон дод, одамро аз қайди олами боло озод намуда, ба ӯ озодию истиқлоли том бахшидааст, аз тамоми мавҷудоти олами улвӣ инсонро муқаддамтар ва аз тамоми муқаддасот муқаддастар гардондааст.

Аз шӯру ғалаёни ҳиссиёти қалбии шоир аст, ки ӯ аз қайди суннатҳои ғазалсарои бисёр маврид берун меояд, қоидаву қонунҳои ва тарзи ғазалсароиро мешиканад, қофияҳоро вайрон мекунад, калимаву таъбирҳои хосси онгуфтугӯйро ба кир мебарад, ғазалро тӯлот месарояд ва ҳачми онро ба дараҷаи қасида мерасонад. Ташбеҳоти тозаи вобаста ба ҳаёти воқеиро меофарад ва монанди инҳо.

**Мавзӯъ** **«Маснавии маънавӣ»-и Румӣ** **Маърӯза**

**Нақша:**

1. Маснавиҳои ахлоқӣ-тасаввуфӣ ва мавқеи онҳо дар адабиёти форсу тоҷик.
2. «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ
3. Хусусиятҳои бадеию услубии маснавӣ.
4. Мавқеи ҳикоятҳо дар маснавӣ.
5. Таҷассуми макомот ва аҳволи тасаввуфӣ дар маснавии мавриди баҳс.

Бузургтарин асари Мавлоно **"Маснавии маънавӣ"** аст, ки онро мумкин аст зубда ва ҳосили тамоми таҷрибаҳоиирфонии

**«Маснавии маънавӣ»-и Румӣ**

Мисли бисёре аз манзумаҳои таълими сӯфия ин шоҳкори азими тасаввуф ҳам дар шакли маснави аст ва дар ҳамон баҳри рамоли муқаддас, ки Рӯдаки "Калила ва Димна" ва Аттор "Мантиқ-ут –тайр" ро ба назм овардаанд. Теъдоду зиёди ҳикояту қиссаҳо дур "Маснави" ҳастанд, ки дар тавзеҳу таъини ақолуд афкори Мавлоно оварда шудаанд. Умуман усули маснависароии сӯфия низ дар ҳамин ҳикояту ривоятгузори аст. Илова бар ин ҳадису ояти бисёри Қуръони ҳам мувофиқи завқи сӯфиёна мавриди баён ва баҳс қарор гирифтааст. Дар ин шоҳкори азими адабиёти тасаввуфи Мавлави хонандаи ҳушёрро аз роҳи қисса ба дунёи моварон қисса мебарад. Хонанда дар мовавии дунёи наклу ривоятҳо ба қаламрави таълими сӯфиёна ҳам роҳ меёбад. Дар ин шева мавлави мисли дигар муаллифони сӯфия аз тариқаи тамсил, яъне овардани мисолҳое, ки маъни ва муроди муаллифро равшан мекунад, истифода мекунад. Дар ин ҳол тамсил шевае, ки эҳсосу андешаҳои

муаллифро ба фаҳми хонанда наздик мекунад ва “маснави”—ро бо вуҷуди душвориҳое, ки он дорад дилкашу чаззоб мегардонад. Ҳикоятҳову қиссаҳои “маснави” аз манбаъҳои гуногун гирифта шудаанд. Дар онҳо аҳволи табақаҳои мухталифи чомеаи асрҳои миёна аз қабили дуздону гадоён амирону рустамиён, бозаргонону ҳунармармандон ба тавре инъикос ёфтаанд,ки худи ҳикоятҳо сарфи назар аз нукоти ахлоқию ирфони ба сафи худ омӯзонданд. Бар хилофи ин содагии зоҳирии “Маснави “, ки аз истифодаи бисёри ҳикояву қиссаҳо ба миён омадааст, қисмати бештари мазмунҳои асар дарёфтҳои олии ирфониву ҳикамианд, ки аз нуқтаҳои дақиқи фалсафи иборатмебошанд вафаҳму дарки онҳо завқу диққатро тақозо доранд. Илова дар ин зочаи “Маснави” гоҳо байтҳои душворфаҳме низ пеш меоянд, ки аз қадим мавзӯи мунокишаҳои маснавихонон буда, шаҳрҳое ба онҳо навишта шудаанд.

**“Найнома”,** ки Зубда ва Хучосан тамоми “Маснави” ва сароғози он аст, қабл аз дархости Ҳусомиддин барои мазмуни асар навишта шуда буд. Боқии “Маснави” дарҳақиқат шарҳу тавсифи ҳамон чанд байти найнома аст. Таълими найнома зарурати холи гаштан аз худро, ки иборат аз роҳат азхудию худпарастиҳост, аз забони най баён мекунад. Най то аз худ холи нашавад намеравонад садои он касро, ки дар вай медамад, инъикос кунад. Бинобар ин най сарманшаю намунаи ҳар толибҳаққест, ки мехоҳад ба камоли инсони ноил шавад ва ба чое бирасад, ки садои ӯ садои касе бошад, ки дар вай медамад.

Албатта дар “Маснави” набояд як низоми фалсафии воҳидро он чунин ки дар афкори файласуфон ҳаст чустучӯ кард. Тамоми қудрату чалоли “Маснави” дар лаҳми пурчаҳаятонест, ки шоир берун аз баёни ҳиссаҳо дорад. Дар ҳар ҳол “Маснави” дар паҳни пурҳаячонест, ки шоир берун аз баёни қиссаҳо дорад. Дар ҳар ҳол “Маснави” як навъ сафарномаи рӯҳи ё рӯҳонии Мавлоност ва чанбаи ҳамосии асар низ аз ҳамин чост. Ин китоб дарвоқеъ як навъ саёҳатномаи Одиссеи маънавист, ки тамоми мочарои як рӯҳониро аз он чо, ки аз найистон дур меафтад, то чое ки холи гаштан аз хеш худро бо пайи дансоз чуфт мекунад ва шоистаи мафҳаиилоҳи меардад, дар зимни як риштаи тафаккури ирфони баён мекунад. Ин тафаккур, ки дар ҳақиқат худогоҳи ва ҳушёрии рӯҳ дар роҳи бозгашт аз вартаи ҳалокату фаност, риштаи канданашавандаест аз хатароту ҳаячон то поёни китобхонаи даро дар “мурур”-тайм мароҳил дар ин мачарои бозгашт роҳнамои ва ҳамроҳи мекунад. Шояд хонандае, ки аз ин “Одиссеяи рӯҳони” ҳеч гуна тачрибае надорад, дар давоми ва назми ачзову мафҳилаҳои ин ҳамоса ҳеч назму тартибе наёбад. Аммо дар ҳамон ҳол ҳам ӯ метавонад ҳис кунад, ки ин порокандагии зоҳири аз шӯру ҳаячони гӯянда аст,ки вайро беихтиёр дар

фарозу нишеби эҳсосоту афкор бо нову поин мекашад. Аммо ҳатто хонандаи одди ҳам агар битавонад бедағдаға ва бе эҳсоси тамоми мавчҳои ин афкор кунад, лаззатҳо рӯҳони мегирад.

Аввалин достони “Маснавӣ”, ки гӯянда онро ҳамчун “накди ҳолимо” баён кардааст, дар қолаби қиссаи канизаку заргар ишқ ва алоқаи рӯҳу нафси инсонистба зарку барқ ва нопайдоии чаҳон, ки заргар тачассуми он аст нишон медиҳад ва ба воситаи табиби ғайби, ки тачассуми вуҷудианбиёву авлиёи худост, нишон медиҳад, ки роҳоии рӯҳ аз бемори аз ишқ, ба дунёи фиреб фақат бо фидо кардани ин дунё муяссар мегардад. Бе ин рӯҳ наметавонад аз олудагиҳои чисмони поку шоистаи висоли шоҳ-ҳақ бошад.




Маҳбубияти Мавлоно дар арсаи ҷаҳон рӯзафзун аст. Воқеан, ҷаҳон ба ӯ ниёз дорад. Ӯро шоирои ҷаҳонӣ шинохтанд. Шеъри ӯ, андешаи ӯ мақбули пиру барност. Шумори зиёде аз нависандагон ва шоирони муосир дар ифода намудани амиқи ҳадафу назару дидгоҳи Мавлоно ба онҳое, ки бахту иқболи хондани осори ӯро бо забони форсӣ надоранд муваффақ шуданд, то осори ӯро тарҷума намуда, манзури аҳли завқ намоянд.

Тарҷумаҳои англисии муосири Колман Баркс, тарҷумаҳои хонум Ива ба забони фаронсавӣ, корҳои Анемария Шиммел дар Олмон, тарҷумаҳои русии Сергей Сичев ва талошу кӯшиши зиёда нафарон тавонистанд, ки илҳому маъруфияти Мавлоноро ба миллионҳо одамон дастрас намояд. Айни замон дар Фаронса нафаре бо номи Лайли Анвар Чендероф бо тарҷумаи ашъори Мавлоно ба саҳна омадааст.

Ива тақрибан 30 китоб дар бораи тасаввуф ва Мавлоно навиштааст, инчунин 50.000 мисраи Маснавиро ба фаронсавӣ тарҷума намудааст, ки ин муҳаббати беандозаи ӯро нишон медиҳад.

Зимнан бояд тазакур дод, ки бино ба хулосаҳои муҳаққиқи эронӣ Ризо Фаррухфол «Мавлоноро нахустинбор дар авохири садаи 19 шарқшиносони бритониёвӣ ба хонандагони англисзабон муаррифӣ карданд.» Ин муҳаққиқ таъкид мекунад, ки «Аз миёни онон (шарқшиносони бритониёвӣ Ф.А.) ва ба тартиби замонавӣ метавон ба Ҷеймс Редхавс ишора кард, ки дар соли 1888 баргардони мавзуне аз дафтари Маснавӣ мунташир кард». Пас Ҷеймс Редхавсро метавон чун аввалин мутарҷиме, ки Маснавии Мавлоноро ба

забони англисӣ тарҷума кардааст шинохт. Баъдан А.Винфуд дар соли 1889 3500 байт аз Маснавии Мавлоноро тарҷума кард. ҳамзамон Вилсун низ аз мутарҷимоне аст, ки то оuози садаи XX ба осори гаронмояи Мавлоно таваҷҷӯҳ зоҳир карда буд. Тарҷумаи густурдаву фаҳехта ва таваччӯҳи хоса ба осори Мавлоно баъдан дар ибтидои асри мозӣ аз ҷониби Николсон ва Арберӣ сурат гирифт, ки тарҷумаи Маснавӣ ва uазалиёти Шамс аз хидматҳои арзишманди онҳо мебошад.

Яъне, мутарҷимони барҷасте чун Редхаус, Вилсин, ва Винфилд (қарни нуздаҳ), Р.Николсон, Эдаврд Браун, (асри 20) аз нафароне ҳастанд, ки дар муаррифӣ ва шинохти Мавлоно ба ҷаҳон саҳми назаррас гузоштаанд. Николсон дар нимаи аввали қарни бистум ибтидо гузидае аз Девони Шамсро тарҷума кард ва сипас аз тариқи Девон ба Маснавиӣ роҳ ёфт. ҳамчунин метавон ба номҳои Вилиям Читик, Хелмински, Чеймс Мурис, Олен Вилиёмс, Роберт Блой, Колман Боркс ва даҳои дигар ишора кард, ки аз мутарҷимони осори Мавлоно шинохта шудаанд.

Аммо истиқболи густурдаи Мавлоно дар Fарб баъд аз интишори китоби «Зубдаи ашъори Румӣ» дар соли 1990 сурат гирифт, ки ин китобро Колман Баркс тарҷума ва омода намудааст.

Мувофиқи сарчашмаҳову нигоштаҳое, ки дастраси мо гардиданд Мавлоно то ибтидои асри XX дар Амрико ва умуман Fарб кам шӯҳрат дошт. Шурӯъ аз солҳои 1920 устоди Донишгоҳи бонуфузи Кембриҷ, профессор Рейнолд Николсон, мутарҷими бузурги дигари Мавлоно дар Амрико профессор Колман Баркс ба тарҷумаи шеъри Мавлоно ва муаррифии густурдаи ӯ ба хонандагони англисзабон пардохт. Худи Баркс дар ин маврид мегӯяд Ашъори ӯ аз огоҳии амиқи баҳамваслии ҳаёту тамоми инсонҳову адён мебошад. Шӯҳрати Мавлоно на кам аз Шекспир дар ақсои олам аст».

Бояд қайд кард, ки дар мавриди чигунагии тарҷумаҳои Колман Баркс низ муҳаққиқон ва мавлавишиносон ихтилофи назар доранд. Гурӯҳе аз пажӯҳишгарон, аз ҷумла Ризо Фарухфол бар онанд, ки бовуҷуди он ки «Баркс Мавлоноро дар забони англисӣ аз қафаси танги маҳфили эроншиносӣ ва шарқшиносӣ озод кард (то ибтидои асри XX бо вуҷуди мавҷуд будани тарҷумаҳои осори Мавлоно хонандагони зиёд аз он бардошт надоштанд ва он ба ҷомеаи англисзабон бояду шояд муаррифӣ нашуда буд Ф.А.) , аммо ба ин кор ӯро гирифтори қафафси дигар кард, ҳамоно салиқаву тафсири шахсии худи Баркс аст». ҳамчунин Фарухфол хулоса мекунад, ки «Мавлоно дар

тарҷумаи Баркс ба сурати маҳфуми маҷъул даромадааст, ки ба ҷои ҳолати рӯҳонӣ ва қудсӣ бештар ҳолати ҷисмонӣ ва заминиро ифода мекунад».

Ба андешаи иддаи дигари муҳаққиқин ба вижа дуктур Фахфурӣ тарҷумаи Колман Баркс аз беҳтарин тарҷумаҳои Мавлоно шинохта шудааст, ки тавонист Мавлоноро ба хонандагони ғайр ба осонӣ муарифӣ кунад.

Шаҳром Шиво, шоир, олим, мутарҷими кутуби Мавлоно дар Амрико низ бар он назар аст, ки шӯҳрати Мавлоно беинтиҳост ӯ мегӯяд Шӯҳрати Мавлоно лаҳза ба лаҳза рӯ ба афзоиш аст. ӯ бо масоили иҷтимоии марбут ба инсону ҳаёти ӯ сару кор дорад ва ин масоил метавонад ба 5000 сол қабл нисбат дода шавад ва инчунин метавонад ба 5000 соли дар пеш истода нисбат дода шавад. ҳарфу сухану шӯҳрати ӯ беинтҳост.

Ростӣ Мавлоно пуле миёни давлатҳову миллатҳову қавмият шинохта шудааст. Чунончи профессор Ива Де-витрей Меэровитч соли 1964 пас аз ошноӣ бо осори гаронбаҳои Мавлоно ба дини мубини Ислом руй оварда, мусалмон гаштааст ва тамоми умр кӯшидааст Мавлоноро ба миллати хеш муаррифӣ намояд.

Пас чӣ омилу далоил боиси ин ҳама маҳбубият Мавлоно гашта аст?

Ба андешаи мо, маҳбубияту мақбулияти Мавлоно аз сӯи табақаи мухталифи ҷомеа ин аст, ки Мавлоно хешро моли ҳама медонад ва инҷоиву онҷоигаро нест. Мардумро ба сӯи ваҳдату сулҳ даъват мекунад. Мазҳабу оини касеро маломат намекунад. ҳама кешро эътироф мекунад.

Албатта, Мавлоно бо ишқи хеш тавонист теъдоди аъзами одамонро ҷуфт гардонад. ӯ тавонист дили миллионҳо одамони маҷрӯҳу ҳиҷрондидаро мудово кунад. Чунон чи Миша Рутенберг хунёгари ботаҷриба, аҳли Сан Франсискои иёлати Калифорняи Амрико бар ин бовар аст, ки маҳз сурудаҳои Мавлоно ӯро шӯҳрат додааст. Рутенберг мегӯяд Нахустин маротиба ҳамчун як хонум, ки ман бо Мавлоно бархурд намудам ин дар соли 1968 дар Мексико буд. Ғарқоби дарёи андешаву хаёлот қад-қади роҳқадам мезадам, ки иттифоқан нигоҳам ба китоб-фурушгоҳе бархӯрд, ки лифофаи китобе бо накшу нигори мохирона тасвиршуда таваччухамро ба худ кашид. Китоби Мавлоноро дарётам, ки саршор аз таронаву шеьрҳои ноб буд. Китобро харидам, сиапс аз ҳамон рӯз ба баьд шурӯъ кардам ба тадқиқу омӯзиши ҳаёту осори ин шоири шаҳир. Роберт Блой шоир ва мунаққиди адабии машҳури Амрико дар мавриди шӯҳрати оламгири Мавлоно чунин мегӯяд: «Мавлоно дар чаҳони ислом ба ҳамон андоза маҳбуб, машҳур ва ягон аст, ки Вилиям

Шекспир дар ҷаҳони адабиёти англис аст. Бетардид ҳар хонандаи ғарбӣ бо хондани сурудаҳои вай шефтаи ҳаловат, умқи андешаи саршор аз ирфон ва маънавияти Мавлоно мешавад. Дар ҳақиқат ашъори Мавлоно навъе аз афкорин ирфонӣ, динӣ ва фалсафӣ аст, ки бо кашиш ва дилрабоии хосе хонандаашро ба шӯр, ваҷд, ҳаяҷон ва нишот меоварад ва ба ӯ фурсати андешидан дар бораи зиндагӣ ва ҳастиро медиҳад. Агар имрӯз ҷаҳони Ғарб то бадин ҳад шефтаи Мавлоно, сурудаҳо ва афкориирфонӣ ва нигариши хастишиносонаи вай шуда ба ин хотир аст, ки наҳваи баёни ӯ ба наҳваи шигифтангези мушикофона, мантиқпазир, саршор аз қареҳа ва озодандешона аст». Ирмо Горопин устоди донишгоҳи Охени Олмон бошад, ин нуктаро низ таъкид дорад, ки «Олмониҳо дилбастагӣ ва алоқаи фаровоне ба Мавлоно, сурудаҳо ва андешаҳои вай доранд. Ӯ шоири сулҳу дӯстӣ аст. Зеро дар бештари ашъораш инсонҳоро ба мадоро, гуфтугӯ, ишқу маънавият фаро мехонад. Ӯ дар сурудаҳояш, ки саршор аз навъе ҳисси дилнишин аст, хонандаашро ба сафари эҳсосӣ ва ирфонӣ даъват мекунад. Сафаре барои ибрози ишқ, сулҳ, ва дӯстӣ. Шояд ба ҳамин сабаб аст, ки Маснавии вай дар солҳои ахир, ҷузви пурфуруштарин китобҳо, дар Олмон будаст. Мавлоно, шоир, ориф, файласуф ва андешапардозест, ки назди бештари андешамандон, фарҳехтагон ва умуми мардуми олмон, ҷойгоҳе ба своло дорад». Олен Доглос устоди донишгоҳи Чорчиёи Амрико зимнан мегӯяд, «Мавлоно илова бар ин ки бар улуми исломӣ тасаллут ва чирагии хосе дорад, дар ироа ва баёни ақоиде, ки то ҳади зиёде ё идеяҳои хастишиносонаи Ғарб ҳамхонӣ дорад, беҳамтост. Ба навъе метавон ӯро шоир, ҳаким ва файласуф донист, ки намоди озодандешии динӣ аст».

Албатта, ин ҳама маҳбубияти Мавлоно миёни хонандагони англисзабон ба василаи тарҷумаи осори ӯ сурат гирифтааст. Ин аст, ки тарҷумаи осори Мавлоно ва чигунагии ин тарҷумаҳо (осри Мавлоноро зиёда мутарҷимон ба англисӣ тарҷума кардаанд Ф.А.) таваҷҷӯҳи моро ба сӯи хеш кашид, зеро чи гуна сурат гирифтани қабули осор аз ҷониби хонандаи забони ғайр ба мутарҷим сахт алоқамандӣ дорад.

Лизо барои рӯшан шудани аҳдофи омӯзиши ин масоил (яъне чигунгии тарҷумаи осори Мавлоно) ошноӣ ба худи мафҳуми тарҷума ва қавонини он низ аз аҳмият холӣ нахоҳад буд. Мо шоҳиди онем, ки имрӯз дар ҷаҳон осори Мавлоно ба бахши аъзами ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шудаанд ва ба унвони намуна метавон гуфт, ки танҳо дар соли 2000 беш аз 70 тарҷума аз Мавлоно

ба забонҳои урупоӣ сурат гирифта буд. Воқеан, тарҷума кори басо душвор аст, зеро дарку тафсиру ташреҳи мутун, мавзуот, маъонӣ ва мафоҳими гуногун дар як забон ва интиқолу бозсозии он дар забони дигар кори бас масъулият талаб аст. Мусаллам аст, ки мутарҷим бояд нуктасанҷ бошад, бинобарон мо кӯшидаем то ҳадди имкон қиёсе дар тарҷумаҳои анҷомшудаи осори Мавлоно дошта бошем ва онро ба таври иҷмолӣ баррасӣ намоем.

Пас, тарҷума чист ва ин вожа чӣ маҳфумеро ифода мекунад?

Агар ба тарзи содда ва диди аввалин хулосае дар мавриди тарҷума бигӯем тарҷума ин баргардонидани матлаб аз як забон ба забони дигар аст. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ низ ин вожа ба маънии гардонидани мазмуне аз як забон ба забони дигар маънӣ шудааст. Доктор Фулодонӣ муҳаққиқи риштаи тарҷума омӯзишҳои хешро чунин хулоса карда, мегӯяд «тарҷума интиқоли паёме аз як забон ба забони дигар аст. Бо ҳифзи рӯҳи матни аслӣ ва эҷод таъсири ҳамарз дар хонандаи забони мақсад». Ин муҳаққиқ илова мекунад, ки бояд тарҷума илова бар сатҳу амонат ва салосат, ба рӯҳ ва эҳсоси мутуни аслӣ вафодор бимонад ва онро ба хонандаи забони мақсад (забони мақсад истилоҳест, ки дар риштари тарҷимашиносӣ забонони ба он тарҷима шаванда фаҳмида мешавад масалан, агар аз форсӣ ба англисӣ тарҷума кунем англисӣ забони мақсад аст. Дар ин ҳол забони форсиро муҳаққиқон ба унвони забони мабда шинохтанд Ф.А. ) илқо кунад.

ҳамзамон аҳли таҳқиқ барон назаранд, ки тарҷумае, ки мутарҷим наздиктарин модули забони мақсадро ба матни забони мабда пайдо мекунад беҳтарин тарҷума аст. Дар чунин тарҷимаҳо дурустии маъно муҳимтарин омил мебошад ва риояти сабк дувумин унсурест, ки баъди тарҷума ба инобат гирифта мешавад. Воқеан, ба таърихи таҳаввули тарҷума назари иҷмолӣ намоем мувоҷеҳ мешавем, риояти сабк ва шеваи баёни матни мабда душвор аст. Риояти сабк низ дар тарҷума омили муҳим аст, аммо на бар он андоза, ки ба хотири сабк маъно фидо шавад.

Адабиётшиносони муосир тақсимбандии унвони тарҷумаро ба се даста саҳеҳ шуморида, тарҷумаи озод, тарҷумаи вожа ба вожа ва тарҷумаи таҳтуллафзиро аз ҳам фарқ мекунанд.

Дар маҷмӯъ бошад фановарии муосир чанд намуди тарҷумаро мушаххас кардааст, ки тарҷумаи маьмуриятӣ (Administtative translation), тарҷумаи тиҷорӣ (Commercial translation), тарҷумаи компютерӣ (Computer translation), тарҷумаи иқтисодӣ (ӯconomic tқanslation), тарҷумаи молӣ (Financial

translation), тарҷумаи умумӣ (General translation ), тарҷумаи ҳуқуқӣ ё қонуни (Legal translation), тарҷумаи адабӣ ё бадеӣ, (Literary translation), тарҷумаи тиббӣ (Medical translation), тарҷумаи техникӣ (Technical translation), тарҷумаи илмӣ аз ҷумлаи ин гурӯҳбандиҳо мебошанд.

Албатта, тарҷумаи мавриди назари мо тарҷумаи адабӣ- бадеӣ аст. Тараҷумаи адабӣ ё бадеъӣ маълум аст, ки тарҷумаи асарҳои адабие чун новел, ашъор, намоишномаҳо ва китобҳо мебошанд.

Як мутарҷими осори адабиро лозим аст то ин иқтидорро дошта бошад, ки битавонад эҳсос, арзишҳои фарҳангӣ, ҳиссӣ юмор ва дигар элементҳои асарро тарҷума кунанд. Ба таври куллӣ, чунон ки зиёда нафарон бар ин ақида мӯътақиданд ба тарҷумаи осори Мавлоно дар Амрико аз се зовия метавон нигоҳ кард, яке ваҷҳи илмӣ, ки тавассути мутахассисон ва адибон ва шоирон сурат мегирад ва дигаре пажӯҳишҳое, ки тавассути гурӯҳҳои маънавӣ сурат гирифта аст. Гурӯҳҳои дигар бархурди умдатан тиҷорӣ бо осори Мавлоно доштаанд, ки ин гӯрҳҳо низ аз мақбулияти бисёр боло бархурдор ҳастанд.

Ин ҷо таваҷҷӯҳ мекунем ба тарҷумаҳое, ки аз ваҷҳи илмӣ тавассути аҳли адаб ва шоирон сурат гирифтааст.

То имрӯз иазалу рубоиҳо ва Маснавии Мавлоно аз ҷониби зиёда мутрҷимон ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума гаштаанд. Бешубҳа, тарҷумаҳо ба забони англисӣ дар ин миён хеле зиёд аст:

Бо ман туруш аст руи ёре кадре
Ширинтар аз ин туруш надидам шакаре
Безор шавад шакар зи ширини хеш
Гар з-он шакари туруш биояд хабаре
Рубоии шумораи 1795 аз Кулиёти Шамси Табрезӣ
The face she shows me is a little sour,
Though sugar has never tasted sweeter.
Sugar would be worded be its own sweetness
If it ever came to know that sour flavor.

Эй он ки зи ту мушкилам осон гардад
Сарву гулу ёс масти эхсон гардад
Гул сармасту хор бадмасту хумор
Чоме дар дех ки чумла яксон гардад
Рубоии шумораи 544 аз Кулиёти Шамси Табрезӣ

You, who make all my hardship easy
And the garden, trees, flowers, drunk with your gifts;
The rose is drunk, the thorn is lost in dream;
Pour one more cup, they'll join in your wine's stream.
(http://www.iranian.com/Arts...)

Воқеан, вақте тарҷумаҳои Маснавии Мавлоноро ба забони англисӣ, ки хеле фаровон ба чашм мерасанд, аз назар гузаронидем, мушоҳида намудем, ки ин тарҷумаҳо аз ҳам фарқ мекунанд.

Зимнан барои он ки тафовути тарҷумаҳои Маснавӣ то андозае рӯшан гардад барои бори нахуст бо қиёси фақат як байти ин осори ҷаҳонии Мавлоно иктифо намудем, ки ин ҳам мисраи машҳуртарини Маснавӣ //Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад, В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад // мебошад.

Зикр гардид, ки беш аз 20 мутарҷим Маснваиро ба забони англисӣ тарҷума намудаанд. Яқинан чигунагии ин тарҷумаҳо ва то ба кадом андоза ба забони мабда наздик будани он, риоя шудан ва ё нашудани сабки нигориши муаллиф, ҳузури воқеии андешаҳои Мавлоно дар тарҷумаҳои мазкур аз муҳимтарин нукоте буданд, ки зимни омӯзиш ва қиёс мавриди назари мо буданд.

Таваҷҷӯҳ мекунем:

Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад
В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад (Мавлоно)
***
Listen to the song of the reed,
How it wails with the pain of separation: (Чонатон Стар)
***
Бишнав ба оҳанги най
Чигуна он аз дарди ҷудоӣ менолад (Ф.А.)

Тарҷумаи мазкур муталлиқ ба Ҷонатон Стар аст. Ва хонандаи англисзабон ба ҳангоми мутоилаи ин байт ҳамин маъниро, ки дар тарҷумаи хеш овардем пайдо мекунад. Мебинем, ки дар тарҷумаи Ч.Стар дар маҷмӯъ маънии байти Мавлавиро додаст, аммо ҳамон латофат ва ҷозибияти забони мабда дар забони мақсад эҳсос намешавад. Сабки нигориш низ риоят нашудааст.

Дар тарҷумаи дигар, ки ба қалами Иброҳим Гомард муталлиқ аст тамоман намуди дигари баёни маънии ин байти Маснавиро мушоҳида мекунем.

Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад
В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад (Мавлоно)
****
Listen* to the reed (flute),* how it is complaining!* It is
telling about separations,* ( Иброҳим Гомард)
****
Бишнав аз най (флут) ки чи гуна шикоят мекунад
ӯ достони ҷудоиро мегӯяд (Ф.А)

Тарҷумаи мазкур аз тарҷумаи Стар ба куллӣ фарқ мекунад. Дуруст аст, ки ҳамон маънӣ аст, аммо чигунагии баёни маънӣ хеле аз ҳам тафовут доранд. ҳамзамон бояд гуфт, ки тарҷумаи мазкур то андозаи ба рӯҳи Маснавӣ наздикӣ пайдо кардааст, албатта нисбат ба байти тарҷума шудаи Чонатон Стар. Аммо дар ин тарҷума ҳам, рӯҳи Маснавӣ ва андешаи воқеии Мавлоно, дар забони форсӣ, ки забони асли мабда аст ба таври бояду шояд эҳсос намешавад. Яъне, мутарҷим фақат вожаҳоро тарҷума кардааст ва ба риояти сабку рӯҳ аҳамияти дувумдараҷа додааст. Дуруст аст, ки дар тарҷума ҳадафи аслӣ ин расонидани маънӣ аст ва набояд мутарҷим ба хотири сабк ва риояти он маъниро ноқис баён созад. Дар ин ду тарҷима низ мутарҷимон бештар ба расонидани матлаби ин мисраҳо диққат додаанд.

– Намунаи зер бошад тарҷумаи Вилям Ҷонес мебошад:

Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад
В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад (Мавлоно)
***
Hear, how yon reed in sadly pleasing tales
Departed bliss and present woe bewails! (Вилям Ҷонес)
***
Гуш кунед, ки най чи гуна аз достонҳои дилангези ıамин мегӯяд
Аз маҳрумии саодат ва ҷудоию сӯгворӣ (Ф.А.)
( –Translated by Sir William Jones (1746-1794). Quoted in A.J. Arberry, “Persian Poems,” London, 1954, pp. 118-119. (Perhaps from “Poems, Consisting Chiefly of Translations from the Asiatick Languages,” 1772.)

Бо баробари хондани ин мисраъҳо хонандаи нуктасанҷ эҳсос мекунад, ки дар ин тарҷума маънӣ бо тарз ва услуби дигар баён шудааст, дар ин ҷо мутарҷим маънии нусхаи аслро ба тарзи нисбатан дигар баён кардааст. Дар ин мисраъҳо мо мушоҳида мекунем, ки мутарҷим мехоҳад рӯҳ ва салолсат ва

зебогии баёни байти Мавлоноро ба хонандаи англис расонад. Аммо мутарҷим дунболи вожаҳои зебо рафта, маъниро муцлақ баён кардааст. Дар баробари баёни зебои байти мазкур Чонес рӯҳи байтро нигоҳ дошта натавонистааст. Метавонем, гӯем, ки ба ин байт таъсири андеша ва қабули фаҳимши мутарҷим бештар дида мешавад. Сабки баён низ душвор аст.

Редҳавс дигар аз тарҷумони машҳури осори Мавлоно бошад ин байтро ба гунаи зер тарҷума кардааст

Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад

В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад (Мавлоно)

Албатта, он муқоисот ва хулосаҳое, ки дар омӯзиши кӯчаку шогирдонаи мо сурат гирифт дар ҳошияи тарҷмуаи ҳамин як байти Маснавии Мавлоно буд. Яъне, анешаҳои мо пиромуни чигунагии тарҷума ва бурду бохти мутарҷимон фақат мансубият ба як байт дорад, ҳоло он ки аз ҷониби ин мутарҷмон садҳо ва ҳазорҳо байти Маснавӣ тарҷума гаштааст. Ба ҳар ҳол, муқоисоти тарҷумаи ин мисраҳо ба мо имкон фароҳам меорад то самт ва сабки мутарҷимонро ташхис диҳем. Ва даричаи дунёи беканори ҷараёни омӯзиши тарҷумаи осори Мавлоноро боз намоем.

***Пайнавишт:***

1 Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии Маънавӣ (Бар асоси матни Р.Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар) таҳти назари Муҳаммади Борӣ : Нашри замон: Теҳрон, 2001.-728

2 Румӣ, Ҷалолуддин. Куллиёти Шамс ё Девони Кабир. Ҷузъи Ҳаштум./ Бо тасҳиҳот ва ҳавошии Бадеуззамон Фурузонфар. – Теҳрон, 1342. – 333 с.

амалӣ

**Мавзӯи 20** | **Силсилаи Нақшбандияи тасаввуф ва расму оинҳои он** | **Маърӯза**

**Нақша:**

Силсилаи Нақшбандияи тасаввуф
Саромадони тарикати нақшбандй.
Арзиши ичтимоии ойини нақшбандй.
Интишори тариқати Нақшбандия дар Мовароуннаҳр.
Инъикоси ғояҳои таълимоти Нақшбандия дар адабиети бадей.
Намояндагони таълимоти нақшбандӣ

## Таълимоти Нақшбандия

Қаландарӣ дар Мовароуннаҳр ба таълимоти силсилаи тасаввуфии нақшбандия асос ёфта буд. Пайравони ин ҷараён бо фақириву бенавой созиш карда, озодиву бетааллуқиро мақсади зиндагии худ қарор дода буданд.

> Саромадони ин тариқат Хоча Абдуллоҳи Ғиждувонӣ (ваф. 1179) Хоча Баҳовуддин Нақшбанд (ваф.1388)

Саромадони ин тариқат Хоҷа Абдуллоҳи Ғиждувонӣ (ваф. 1179) Хоча Баҳовуддин Нақшбанд (ваф.1388) ва асҳоби онҳо бештар аз байни ҳунармандон зуҳур карда, бинобар ин мафкураву чаҳонбинии ин табақа ва умуман мардуми меҳнатиро дар асоси таълимоти тасаввуфии худ ниҳода буданд. Ин мафкура пеш аз ҳама дар мавқеъи оппозитсионӣва нафрати саромадони ин тариқат нисбат ба синфи ҳукмрон ва умуман аҳли давлат зоҳир мегашт, ки ин дар таълимоти онҳо низ акси худро ёфтааст. Чунончи Хоча Абдуллоҳи Ғиждувонӣ иртибот ва ҳамнишонӣ бо тавонгарону аҳли сарватро яке аз се гуноҳи азиме талқин менамуд, ки боиси “дури аз худову наздикӣ ба дӯзах” мегардад. Мувофиқи бечораву бенаво бошад, “фақрро бар ғано гузинад” ва “рафиқи дарвеш” гардад. Инчунин касе, ки мехост ба сӯҳбати аҳли тариқати хочагон ояд, мебоист аввал худро ба ғоят муфлис намояд.

Хоча Абдуллоҳ робитаро ба давлатдорон низ нораво медонист ва ба пайравони сулукаш дастур медод, ки бо шоҳу шаҳзодаву дигар “абнои мулук” ҳамнишину ҳамсӯҳбат нагардад. Хоча Баҳовуддин Нақшбанд ҳам ба соҳибдавлатон нафрат дошта, аз мулоқоту сӯҳбати онҳо гурезон буд. Чунонки дар мақомоти ӯ нақл шудааст, Хоча боре ночор бо дархости Малик Ҳусайнӣ ҳокими Ҳирот дар мачлиси зиёфати ӯ ҳозир шуда, вале аз дастархони шоҳона чизе нахӯрдааст. Вай таоми подшоҳи ва умуман неъмати аҳли давлатро ҳамоно аз ҳосили ранчи дигарон ҳаром ҳисоб мекард.

Зеро ҳалол хӯрдан, яъне ба воситаи даст ранчу меҳнати худ касби маоши зиндагӣ кардан яке аз талаботи асосии тариқати нақшбандия буд. Аз ин рӯ, дар тариқати мазкур ба касбу коре машғул будани солик зарур буд. Дар ин талабот робитаи қавии нақшбандия бо халқи меҳнаткаш ва имтиёзи он бар тариқатҳои дигари тасаввуф таъин буд. Шиори машҳури “даст ба кору дил ба ёр”-и нақшбандия, ки яке аз омилҳои маҳбубияти ин тариқат дар байни омма

гардида буд, бо ҳамон талабот дар бораи зарурати машғулӣ ба касбу кор алоқаманд мебошад. Хоча Аҳрор дар ин бора таъкидоти Хоча Абдулхоликро ба ёд оварда мегуфт, “гаронӣ аз халқ бармебояд дошт ва ин намешавад илло ба касби ҳалол, даст ба кор, дил ба ёр дар тариқаи хочагон”.

Нақшбандия тариқати саъю кӯшиш ва кору амал буд.  Бекор нишастан ва ба худо ҳавола ҳавола кардани рисқу рӯзӣ(таваккул) дар ин тариқат нораво буд. Хоча Баҳовуддин таваккулро аз мавқеъи роҳу равиши махсуси тариқати худ вобаста ба машғулӣ бо касбу кор тавчеҳкунон таълим медод, ки шахси мутаваккил бояд таваккули худро дар машғулӣ ба касбу кор пинҳон кунад. Дар асри ХУ11 низ шиори “даст ба кору дил ба ёр”и нақшбандия шӯҳрати калон дошта, таваччӯҳи одамони поквичдон ва пешқадамро ба худ мекашид. Бо таъсири таълимоти ин тариқат аз чумла шоир Ниёзбеки Матлаб касби ачдодии худ – сипоҳигариро тарк карда, ба меҳнат ва бо арақи чабину обилаи даст ҳосил кардани пардохта буд. Малеҳо ин шоири қаландарвазъро дар қаландарҳонаи Бухоро мулоқот намуда, дар бораи ӯ навиштааст: “Бар хилофи падарон тарки сипоҳигарӣ карда, сарфи маоши хеш месозад, ба обилаи дасту ба хуни по сохта, дил аз ҳама чизпардохтааст”.

**“Дари шайхиро банд, дари ёриро кушой, дари хилватро банд, дари сӯҳбатро кушой”.**

**“даст ба кору дил ба ёр”**

Гӯшагириву хилватнишинӣ бинобар он ки нишонаи бекориву фориқболист, дар тариқати нақшбандия нораво гардида буд. Вай хилофи принсипи “даст ба кор”и ин тариқат аст, ки байни мардум ва машғули касбу кор буданро тақозо менамуд. Аз ин чост, ки дар тариқати хочагон шайхиву хонақоҳнишинӣ расм набуд. Хоча Абдуллоҳ ба писараш васият намуд, ки на хонақоҳ созаду на дар хонақоҳ нишинадва худро шайх нагӯяд. “Дари шайхиро банд, дари ёриро кушой, дари хилватро банд, дари сӯҳбатро кушой”.

Силсилаи хочагон хидмати мардум, роҳатрасонӣ ба онҳо, ёрӣ ба мӯҳточон, шод кардани ғамдидагон, дастгирии афтодагонро ойини асосии тариқати худ ҳисоб мекарданд.

Бештар аз ҳама ғояи гуманистии тимордориву ғамгусории инсони мустаманди бенаво, ки аз шиори чавонмардии дастгирии номуродон ва истодагиву аз худ гузаштагии нақшбандия дар хидмати мардум сарчашма

мегирад, дар адабиёти асри ХУ11 и тоҷик ривочу вусъати тамом пайдо кардааст. Қаҳрамони лирикй ва идеали назми ин давр, ки бештар дар симои дарвеши хонабардўш намоён мешавад, барои роҳату фароғати дигарон чавонмардона азобу машаққат мекашад. Чунин инсони аз худ гузаштаву роҳатрасони мардумро аз чумла **Киром** ба қалам овардааст:

> Эй хуш он обилапоён, ки ба саҳрои вучуд,
> Гули айши дигарону хори мағелони худанд

Дарвешй умуман дар ахлоқ ва мафкураи аҳли адаби асри ХУ11таъсири бузург дошт. Махсусан ғояҳои озодй аз “қайди тааллуқоти дунё, бениёзиву истиғно аз асбоби дунё, ҳочат набурдан ба дунёдорон, қаноат бо “лаби нон” ва созиш ба бенавой, ки бештар бо таълимот ва принсипҳои нақшбандия алоқаманд буданд, дар байни аҳли адаби муҳити шаҳр шўҳрати калон доштанд. Ин ғояҳо дар замони авчи бенавой ва гуруснагиву қашшоқй, дар идавре, ки аҳволи зиндагии мардум ва аз чумла аҳли адаб беш аз пеш вазнинтар гардида буд, таваччўҳи ин тоифаро зиёдтар ба худ мекашиданд, онҳоро ба созиш бо зиндагии фақирона, қаноаткорй ва озодагиву истиқно водор менамуданд.

Вале сабаби асосии шўҳрату маҳбубияти тариқати дарвешии нақшбандия дар байни мардуми аср ин буд, ки таълимоти он ба муосирони хаста аз сахтиву машаққати рўзгор ва ошуфтагиву фасоди даврон роҳи ороми ботин ва “чамъияти дил” ро ба ақидаи нақшбандиён, аз гусистани “алоиқи дунявй” ҳосил мешавад, дар маркази системаи таълимоти ин фирқа қарор дошта, чун шифои дилҳои пурдард бештар таваччўҳи зиёиёни озурда аз муҳити носози ичтимойро ба худ мекушид...” С.Саъдиев.

Заҳириддин Муҳаммад Бобур бо ашхоси бузурги он замон Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор ва Махдуми Аъзам, ки пирони тариқати нақшбандия буданд, равобити қавие дошт. Аз чумла, муносибатҳои пириву муридии Махдуми Аъзам ва Мирзо Бобур бо ҷиҳатҳои ибратбахш ва фактҳои таърихии худ ҷолиби диққат аст.  Аз манбаъҳои таърихӣ маълум аст, ки Бобур нисбати пири худ Махдуми Аъзам эҳтироми баланде доштааст. Инчунин Махдуми Аъзам ҳам нисбати Бобур дорои эътибору ҳурмати олие будааст. Чунончи, «Рисолаи Бобурия» нишонаи ин ҳурмату эҳтиром мебошад.

Намояндаи барҷастаи тариқаи хоҷагон – сулуки нақшбандия Ҳазрати Аҳмади Косонӣ – Махдуми Аъзами Даҳбедӣ соли 1461 мелодӣ дар Косони Намангон таваллуд ёфтааст. Мувофиқи шаҷара аз тарафи падар баъди 21

пушт ба Имом Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯ Толиб мерасад. Махдуми Аъзам аз авлоди мутасаввуфи бузург Шайх Бурҳониддин Қилич мебошад, ки бо панҷ пушт ба ӯ мерасад. Ӯ таълими аввалинро аз Мир Саид Алӣ мегирад ва Тошкент омада, илми тасаввуфро аз Мавлоно Муҳаммад Қозӣ меомӯзад. Мувофиқи нишондоди олими намоёни таърих Комилхон Каттаев Махдуми Аъзам аз Хоҷа Аҳрори Валӣ низ чанд муддат таълим гирифтааст.

Мувофиқи ривоятҳо Махдуми Аъзам соли 1540 бо хоҳиши ҳокими Миёнкол Ҷонибек Султон аз Косони Намангон ба Даҳбеди Самарқанд кӯчида омадааст. Ҳоким ин ҷоро ба Махдуми Аъзам мулки хусусӣ карда медиҳад. Хоҷа даҳ бех бед мешинонад ва ин ҷо номи «Даҳбед»-ро мегирад. Махдуми Аъзам бо мақсади тавофи мазори пешвоёни тариқати нақшбандия Хоҷа Баҳоуддин Нақшбанд ва Хоҷа АбдухоликҒиждувонӣ меравад. Аз қабри ҳар ду пири тариқат «Зубдаи (хулосаи) тариқати Хоҷагон аст, ту зуҳур овардӣ, муборак шавад», - гӯён овоз мебарояд.

Махдуми Аъзам рутбаи пешвои тариқатро баъди вафоти устодаш Хоҷа Мавлоно Муҳаммад Қозӣ бо каромоти Хоҷа Аҳрори Валӣ гирифтааст. Ӯ чун муршид фаъолияташро дар давраи ҳукмронии шайбониҳо оғоз намуда, намояндагони ин сулола: Убайдуллохон, Ҷонибек Султон, Исфандиёр Султон, Искандар Султон, Абдулазизхон чун мурид ба ӯ даст додаанд.

Таъкид ҷоиз аст, ки шайбониҳо бо Бобур душмани хунӣ буданд, аммо роҳи Ҳақ намояндагони ду сулола: шайбониҳо ва бобуриҳоро ба як эътиқод овардааст.

Мирзо Бобур ҳанӯз дар Косон (мувофиқи баъзе манбаъҳо – дар Тошканд) бо Махдуми Аъзам вохӯрдааст ва ба иродати ӯ даромадааст. Дар китоби «Ҷомеъ-ул-мақомот»-и Хоҷа Абулбақо оварда мешавад, ки Бобур барои забти Ҳиндустон қӯшуни садҳазораи султони Деҳлӣ Иброҳими Лӯдиро мағлуб мекунад ва қувваи зиёди ҳарбии худро сарф менамояд. Аз ин фурсат истифода бурда саркарда Раъно Санго бар зидди Бобур юриш мекунад. Аз ин ҳол Бобур ғамгин мешавад. Вазиронаш сабаби ғамгиниашро мепурсанд, ки ӯ мегӯяд: «ба сари мусулмонон кофирон лашкар кашиданд». Вазирон Амир ва Муҳаммад Сорбон, ки муридони Мавлоно Муҳаммад Қозӣ (пири Махдуми Аъзам) буданд, ба Мирзо Бобур маслиҳат медиҳанд: «мо ба гуноҳонамон дар роҳи тариқат ва шариат тавба кунем аз даргоҳи Худо, аз руҳи поки тариқати хоҷагон мадад талабем». Онҳо тавба намуда, мадад металабанд.Бобур хоб мебинад, ки як муршиди тариқати хоҷагон ба ӯ ёрӣ мерасонад. Ӯ рӯҳбаланд шуда, боз ҳам далерона бар зидди душман мубориза мебарад. Бо аскари камшумор аз болои кофир Раъно Санго ғалаба мекунад. Ин муршиди мададрасон Махдуми Аъзам буд.

Дар ин асно Махдуми Аъзам ҳам ба ёронаш мегӯяд, ки «…мо ин шаб бо иродаи Оллоҳ ва мадади руҳи поки хоҷагон ба подшоҳ Бобур мадад расонидем…» Бобур аз душман ғанимати бисёр мегирад ва аз ин ҳисоб як чанд миқдор тилло ва ҷавоҳири зиёдеро бо рисолаю рубоиҳояш ба вазир Амир Қозӣ ба Даҳбед назди Махдуми Аъзам мефиристад. Бобур бори дигар ба иродат даромаданаш ва ба пир даст доданашро бо воситаи вазир баён мекунад. Ҳангоми бозгашт Амир Қозӣ ҳам ба иродат дохил мешавад ва пир даст медиҳад.

Мирзо Бобур рисолаи Хоҷа Аҳрори Валӣ «Волидия»-ро, ки насрӣ буд, бо назм ба туркӣ бармегардонад ва бо тӯҳфаҳо ба Махдуми Аъзам мефиристад ва ӯ ба эҳтироми Бобур «Рисолаи Бобурия»-ро менависад.

Олимони таърихшинос зикр мекунанд, ки Махдуми Аъзам бо навиштани асари худ ба Бобури ошуфтахотир, ки дур аз ёру диёр дар изтиробу алам мезист, худро дар пеши руҳи гузаштагонаш гунаҳкор меҳисобид, тасаллои рӯҳӣ медиҳад ва ба ӯ роҳнамоӣ мекунад.

Доир ба ин масъала ақидаи алломаи соҳаи таърих Комилхон Каттаев басо ҷолиб аст: «Рисолаи Бобурия» асари дунё илм аҳллари томонидан буюк саркарда, тарихчи, олим, мутафаккир шоир сифатида тан олинган шавкатли юртбошимиз Бобур Мирзо учун кўнгил шикасталикларидан қутилиш малҳами ҳам бўлди, десак адашмаймиз. Негаки қизилбошлилар мадади билан бобоси Самарқанд пойтахтини фатҳ этмоқчи бўлиб халқ ва тариқат арбоблари ғазабига учраган Бобур Мирзо учун Махдуми Аъзамдек раҳнамо муршиднинг назарига қайта тушиши, ватан олдида оқланишга эришиб, ўз йўлини қайта топиб олгандек даражада эди. Мисра:

Йўлни не билгай киши то раҳнамо кўрсатмагай»

«Рисолаи Бобурия» яке аз асарҳои мӯҳташами Махдуми Аъзам буда, аз номи он ҳам маълум аст, ки асар бо илтимоси Бобур навишта шудааст. Асар ба забони форсӣ-тоҷикӣ офарида шуда, нусхаи саҳеҳтарини он то ба мо боқӣ мондааст. Солҳои охир олими таърихшиноси Самарқанд К. Каттаев асарро ба забони ўзбекӣ тарҷима намуд ва ба омма эълон кард. Дар асар шарҳу баёни масъалаҳои муҳими ирфонӣ бо фикрҳои амиқи муаллиф ҳалли худро ёфта, барои эзоҳи ҳар як фикр порчаҳои шеърӣ аз эҷодиёти худи Махдуми Аъзам инчунин, аз ашъори Фаридуддини Аттор, Мавлоно Румӣ, Шайх Саъдӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Нажмиддин Кубро, Мирзо Бобур ва дигар бузургон оварда шудааст. Қисми зиёди асарро масъалаи зикр дарбар мегирад. Мирзо Бобур, ки ба соҳаи тариқат майлу рағбати зиёд дошт, гумон меравад, ки бо хоҳишу илтимоси худ тавассути нависондани «Рисолаи Бобурия» аз Махдуми Аъзам ба саволҳояш ҷавоб гирифтааст. Аз рубоиҳои ба пири худ Махдуми Аъзам фиристодаи ӯ, ки аксари онро муаллиф дар «Рисолаи Бобурия» зикр

кардааст, маълум мегардад, ки Бобур аз шоҳиву салтанатдорӣ дарвешӣ ва бандагиро афзал даниста, хешро муриди Махдуми Аъзам мешуморад, ки як намуна аз он рубоиҳои шоир меоварем:

Дар ҳавои нафси гумраҳ умр зоеъ кардаем,
Пеши аҳлуллоҳ аз атвори худ шармандаем.
Як назар афкан ба сӯи мо, ки аз роҳи вафо,
Хоҷагиро мондаем, хоҷагиро бандаем.

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар «Музокир-ул-аҳбоб» рубоии мазкурро, ки Бобур ба пири худ Махдуми Аъзам бахшидааст, ҳамчун намуна аз ашъори шоир меоварад. Рубоии дигарро низ дар «Рисолаи Бобурия» диданамон мумкин аст, ки Бобур аз мансаби подшоҳӣ истода хешро аз тоифаи мӯҳтожон ва хоксорон мешуморад:

Дарвешонро гарчи на аз хешонем,
Лек аз дилу ҷон мӯътақиди эшонем.
Дур аст магӯй шоҳию дарвешӣ,
Шоҳем, вале бандаи дарвешонем.

Воқеан ҳам Бобур дар охирҳои умр тарки мансабу мол намуда, машғули тавбаву тоат мешавад. Аз санадҳои таърихӣ маълум аст, ки пеш аз вафоташ подшоҳиро ба писарашҲумоюн месупорад ва дар синни 47 солагӣ, 26 декабри соли 1530 дар Агра аз дунёи дун чашм мепӯшад.

Оид ба муносибатҳои пириву муридӣ, ҳамфикрии ботинӣ ва равобити илмиву ирфонии Махдуми Аъзам ва Мирзо Бобур бояд тадқиқотҳои доманадореро ба сомон расонем. Мсаъалаҳое, ки ҳоло мо дар навиштаҳои боло баррасӣ намудем, хӯшаеазхирвораст. Махсусан, омӯхтани «Рисолаи Бобурия» ва тавассути он дарк намудани муносибатҳои байни ин ду шахси бузург аз масъалаҳои муҳими кори тадқиқотӣ аст.

**Адабиёт:**

1. С.Саъдиев. Нақшбандия ва таъсири он ба адабиёт.Самарқанд, 2001
2. Ҳодизода Р. Тасаввуф. – Душ.: Маориф, 1999.
3. Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи 11 асри Х1Х. Душ, 1968.
4. Ҳодизода Р. Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – 288с.

«5220100 – барои бакалаврҳои бахши филологӣ (забони тоҷикӣ)
(курси 3 )

# КОРКАРДИ

# МАШҒУЛИЯТҲОИ АМАЛӢ

# АЗ ФАННИ

# «ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК»

# БАХШИ

# Адабиёти тасаввуфӣ

# МАШҒУЛИЯТҲОИ АМАЛӢ

***ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ДОИР БА ГУЗАРОНИДАНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ АМАЛӢ ВА СЕМИНАРӢ***

Донишҷӯён дар машғулоти амалӣ бо роҳбарии устодон дониши назарии худро дар амал месанҷанд, яъне малакаю маҳорати худро зимни баён ва ҳаллу фасли масъалаҳои адабиёти тасаввуф зина ба зина дониши назарии худро дар амал тадбиқ менамоянд. Самти асосии чараёни таълими дарсҳои амалӣ ба он нигаронида шудааст, ки дар рафти машғулотҳо донишҷӯён хусусиятҳои умумии забонро чуқур аз худ намуда, қонунияти инкишофи Забони модарӣ маълумоти саҳеҳ пайдо кунанд. Ба донишҷӯён барои азхудкунии мавзӯоти машғулоти амалӣ аз ҷониби устодони кафедра васоити таълимии услубӣ, материалҳои ҷудогона, пешниҳод карда мешавад.

Ягонагӣ ва пайвастагии доимии илми назарӣ- дониши назарӣ ва амалиёт шарти аввалиндараҷаи донишандӯзӣ, вусъати ҷаҳонбинӣ, заковат ва равнақи камолоти маънавӣ аст. Дар ҷараёни гузаштани машғулоти семинарӣ ба донишҷӯён ёд додани тарзи таҳлили матнҳо ва махсусан роҳҳои таҳлили асари бадеӣ маҳаки асосӣ мебошад. Дар ҳамин замина мавзӯоти машғулоти семинарӣ барои шаклгирии фаъолияти мустақилонаи толибилмон ва барои инкишофи малакаи корҳои илмӣ пеш пурдани онҳо кӯмак мерасонад. Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ ва семинарӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛИИ 1-2

**Адабиёти тасаввуфӣ ва мавқеи он дар таърихи адабиёти форсу тоҷик**

**<u>Тасаввуф ва адабиёт.</u>**

Тасаввуф ҳамчун ҷараёни мафкуравӣ дар симои адабиёт бузургтарин восита и тарғиботӣ—

тарбияviро дарёфт намуд. Аз ин рӯ, тасаввуф ба маънии том ба шеъру адаб рӯ овард ва амалӣ мазкур натиҷаҳои зеринро ба бор овард:

1. Тасаввуф ба адабиёт, ба шеъру адаб таъсири фаровон гузошт ва шохаи ада биёти нав ба вуҷуд омад, ки бо номи <u>адабиёти</u> <u>тасаввуфӣ</u> ё <u>адабиёти</u> <u>сӯфи я</u> машҳур гардид.
2. Дар асри XI, дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон шоирону нависандаг они мутасаввиф зуҳур карданд, ки идеяҳо, ҳадафу мақсад ва марому манз ури ин ҷараёни мӯътабарро инъикос кардаанд.
3. Аввалин абёти сӯфиёнаро асосгузори тасаввуфи Хуросон— **<u>Боязиди</u>** **<u>Бастомӣ</u>** (асри X), тарҳрезӣ намуда бошад ҳам, вале ташаккули назми сӯфиёна ба нимаи II асри X рост меояд. Аниқтараш ба эҷодиёти ҳаким **<u>Саноӣ</u>** вобаста аст.
4. **<u>Абӯсаиди Абулхайр</u>** (967-1049) заминаҳои назму насри сӯфиёнаро гузошта бошад ҳам, нахустин шоири соҳибдевони адабиёти сӯфиёнаи

форс-тоҷик **<u>Абўабдуллоҳ Алии Шерозӣ</u>** муллақаб ба **<u>Бобо Кўҳӣ</u>** дониста мешавад, вале эҷодиёти **<u>Саноӣ</u>** ҳаматарафа серсоҳаву серпаҳлў буда, поягузори адабиёти мазкур эътироф шудааст.

5. **<u>Абдуллоҳи Ансорӣ</u>** аввалин такмилдиҳандаи назму насри мусаҷҷаи сўфиёнаи форс-тоҷик аст, ки баъдтар **<u>Саъдӣ</u>** ин равияро ба ҳадди камол расонидааст.
6. Аввал назми сўфиёна тавлид шудааст ва ё насри он аниқ намудан муҳол аст ва дар ин бора дар сарчашмаҳо доир ба эҷодиёти **<u>Боязиди Бастомӣ</u>** ва **<u>Имораи Марвазӣ</u>** ривоятҳо вуҷуд доранд.
7. Адабиёти тасаввуфӣ навъҳои адабии адабиёти сўфиёнаро ба вуҷуд овард: достон (маснавӣ), қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, мусаммат, мустазод, таркиббанд, тарҷеъбанд ва ғайра.

Албатта, навъҳои адабии мазкур вуҷуд доштанд, вале онҳоро такмил дод ва навъҳои нави онҳоро: қасидаҳои тамҳидия, наътия, муноҷот ва ғайраро эҷод намуд.

8. Ба навъҳои адабӣ асосан тозагӣ бахшид: қасидаро аз бори тамаллуқ ва тасвирҳои дурўғин наҷот дод, ғазалро аз ишқи шаҳвонӣ раҳонид, маснавиро барои таълими ахлоқи ирфонӣ-фалсафӣ, рубоиро барои арзи ақидаҳои ирфонӣ-фалсафӣ, дубайтиро барои сўзу гудоз — исёнҳои ботинии ишқӣ-ирфонӣ, қитъаро барои тарғиби афкори дидактикӣ-ирфонӣ ва ғайра корбаст кард.
9. Ба насри форс-тоҷик низ тозагиҳо ворид сохт: нахустин маротиба дар адабиёти форс-тоҷик <u>шеъри мансур</u> ё <u>насри мусаҷҷаъ</u> ба вуҷуд омад, ки асосгузораш **<u>Абдуллоҳи Ансорист.</u>**
10. Тасаввуф на танҳо ба адабиёти бадеӣ, балки ба адабиёти илмӣ низ таъсир расонид ва осори илмии адабиёти сўфия ба вуҷуд омад: тазкираҳо, мақомот, маноқиби сўфиёна, шарҳу тавзеҳот ва ғ.
11. Тасаввуф забони форсӣ-тоҷикиро аз нигоҳи фонду таркиби луғавӣ: калимаҳо, иброту таркибҳо, таъбирҳо, истилоҳот ва ғайра низ ғанӣ гардонид.
12. Сабки суфиёна тавлид шуд, ки он хоси образҳои шеърӣ аст: ифодаву рамзу киноя ҳои тозаву ноб ва тамсилоти ирфонӣ-фалсафӣ ва адабӣ ба вуҷуд омад.

Тасаввуф дар маҷмўъ забони адабии тоҷикӣ-форсӣ ва адабиёти онро чи аз нигоҳи шакл ва чи мазмунсозиҳо ба ҳадди камолот ворид сохт.

Забону шеваи баёни адибони ҷараёни мазкур ширин, рангин, нозук, шинаму дилкаш аст. Калимаҳои: сулук, солик, суфӣ, муршид, бақо, фано, валӣ, авлиё, ҳолу қол ва ғайра асосан хоси ҷараёни мазкур буда, фарҳангҳои соҳавии он ба вуҷуд омад.

**Арзиши тасаввуф**

Тасаввуф ҳамчун ҷараёни ирфонӣ ва фалсафӣ-ахлоқӣ ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсонӣ аз ҷумла: сиёсӣ-таърихӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, илмӣ-фарҳангӣ ва адабӣ-ахлоқӣ таъсири фаровон гузоштааст. Ин ҷараёни мӯътабар пеш аз ҳама:

1. Ба ҳимояи инсон бархост ва инсонро аз хоршавию беқадрӣ эмин нигоҳ дошт ва зиёда аз ҳама муқаддас эълон кард.
2. Ниёзҳои зиндагиро паст зад, беэътибор эълон намуд, зеро:

**Он чи шеронро кунад рӯбаҳмизоҷ,**
**Эҳтиёҷ аст, эҳтиёҷ аст, эҳтиёҷ.**

3. Мусовоти иҷтимоӣ, баробарии тамоми табақаҳоро эълон кард ва инсонҳоро аз нигоҳи дороиву нодорӣ афзалият намедод.
4. Ахлоқи ҳамидаи инсониро: покӣ, ҳалолкорӣ, ростқавлӣ, якрӯиву якҷиҳатӣ, сабру қаноат, бузургдоштии инсон, эҳтироми волидайн, саъю кӯшиш, вафову меҳрубонӣ, илму ҳикматдӯстӣ, накӯкориву некномӣ ва ғайраро тарғиб намуд.
5. Ахлоқи разиларо саркӯб кард.

**Доир ба ҳаёт ва суханони аҳли тасаввуф:**

1. **«Китобуттаъарруф лӣ мазҳабиттасаввуф»** — и Абӯбакр Муҳаммад ибни Иброҳими Бухороии Калободӣ.
2. **«Шарҳи таъарруф»** — и Абӯиброҳим Мустаъмалии Бухроӣ.
3. **«Рисолаи қушайрия»** — и Имом Абулқосими Қушайрӣ.
4. **«Табақотуссӯфия»** ва **«Таърихуссӯфия»**— и Абдурраҳмони Булламӣ.
5. **«Кашфулмаҳҷуб»**— и Абулҳасан Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ.
6. **«Табақотуссӯфия»**— и Абдуллоҳи Ансорӣ.
7. «**Тазкиратулвлиё»**— и Фаридудини Аттор.
8. **«Маноқибулорифин»** — и Афлокӣ
9. **«Нафаҳотулунс»**— и Абдураҳмони Ҷомӣ.

Доир ба ҳикмати назарӣ ва амалии тасаввуф:

1. **«Рисолаи тайр», «Ҳай ибни Яқзон», «Саломон ва Абсол», «Рисолаи ишқ»** — и Абӯалӣ ибни Сино.
2. **«Алламаъ фӣ тасаввуф»**— и Абӯнасри Сарроҷ.
3. **«Асроруттавҳид фӣ мақомоти Абусаид», «Ҳолот ва суханони Шайх Абусаид»** — навиштаи яке аз наздикони Шайх Абусаиди Абулхайр.
4. **«Сад майдон», «Манозилуссоирин», «Канзуссоликин» (ё «Зодулорифин»), «Муноҷотнома», «Қаландарнома», «Муҳаббатнома»** — и Шайх Абдуллоҳи Ансорӣ
5. **«Савонеҳулушшоқ»** — и Шайх Аҳмади Ғаззолӣ
6. **«Ҳадиқатулҳақиқа ва шариатултариқа» ва «Сайрулибод**»- и Саноии Ғазнавӣ.
7. **«Мантиқуттайр», «Мусибатнома», «Илоҳинома», «Асрорнома»**— и Фаридуддини Аттори Нишопурӣ.
8. **«Махзануласрор»**— и Низомии Ганҷавӣ.

9. **«Фусусулҳикам», «Футуҳоти Маккия»**— и Ибни Арабӣ.
10. **«Ҳикматулишроқ», «Овози пари Ҷабраил», «Ақли сурх», «Сафири Симурғ», «Луғати мӯрон», «Ғурбатулғарибия»**— и Шайхи Ишроқ.
11. **«Мактубот», «Тамҳидот»**— и Айнулқуззоти Ҳамадонӣ.
12. **«Кашфуласрор», «Абҳарулошиқин», «Шарҳи шатҳиёт»**— и Рӯзбеҳони Бақлии Шерозӣ.
13. **«Ушшоқнома»** ва **«Лавомеъ»** — и Фахруддини Ироқӣ.
14. **«Маснавии маънавӣ»**— и Ҷалолуддини Румӣ.
15. **«Гулшани роз»**— и Маҳмуди Шабустарӣ.
16. **«Мафотеҳулэъҷоз фӣ шарҳи «Гулшани роз»** ва **«Асрорушшуҳуд»** — и Шамсуддин Муҳаммади Лоҳиҷи Асирӣ.
17. **«Ҷоми Ҷам»** — и Авҳадии Мароғаӣ.
18. **«Инсонулкомил»** — и Азизи Насафӣ.
19. **«Шарҳи рубоиёт»** — и Абдураҳмони Ҷомӣ

## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛИИ 3
### Маснавиҳои ахлоқӣ-тасаввуфӣ ва мавқеи онҳо дар адабиёти форсу тоҷик.

Ҳамин «Маснавии маънавӣ»-ст, ки номи Мавлоноро шӯҳратёр кардаву тавони суханвариашро найваста меафзояд. Ин асар дар вазни рамали мусаддаси мақзуф (фоилотун, фоилотун, фоилун: -V — — / -V — — / — V -) навишта шуда, дар он масойили бисёри диниву мазҳабӣ, фалсафӣ, тасаввуфӣ ва иҷтимоъиву сиёсии замони пурмоҷарои мутафаккир акс ёфтааст.

Тавре ки ишора рафт, вақте Ҳусомуддини Чалабӣ тақрибан соли 1258 м. ба хидмати Ҷалолуддини Румӣ омад, аз устод хоҳиш намуд, то ӯ доир ба масъалаҳои нозуки тасаввуф, нукоти душворфаҳму торики диниву фалсафӣ дар либоси шеър, бо забони ба фаҳм наздик, андешаҳои ҷолиби худро дар асаре ифода намояд. Ҳамин аст, ки гӯё Мавлоно дар охирҳои соли 1259 м. ба эҷоди «Маснавӣ» шурӯъ намуд. Ба гумони ин ҷониб ин баҳонае буд, ки шоир ба таълифи асари худ шурӯъ кунад. Суханвари орифе. ки ҳанӯз дар баччагияш маснавии «Асрорнома» — ро аз мусаннифи он ҳадя гирифта, тамоми давраи таълиму омӯзишу андӯзиш «Ҳадиқа»-и Санойии ғазнавӣ, «Мантиқу-т-тайр»-и Шайх Аттору дигар осори ӯ, офаридаҳои орифони суханвари зиёди то аҳди худро хондаву ошноӣ дошт, бсгумон дар ниҳонхонаи қалб орзуи офаридани. чунин як шоҳасареро мепарварид ва он ишораи шогирду ҳамкории пайвастаи ӯ бо устод борвар гардид.

Мавлонои Рум дар тӯли беш аз даҳ сол ин маснавии бузургро дар шаш дафтар гуфтааст, ки мувофиқи маълумцти мавҷуда ҳамаи онро шоири тавоно бадоҳатан эҷод мекарду Ҳусомуддин ва дигар муридони ӯ китобат менамуданд. Дафтари шашуми «Маснавӣ» тақрибан дар қисматҳои ба анҷомрасӣ дар нимаи ҳикояте қатъ мегардад ва бо ҳамин ин манзумаи бузург нотамом монда. «Аз ин ҷо тахмин кардан мумкин аст, ки, — менависад

профессор Расул Ҳодизода, — Ҷалолуддин то дами марг ба гуфтани «Маснавии маънавӣ» машғул будааст».
Дар баробари нотамом мондани дафтари шашуми «Маснавӣ» дар мавлавишиносӣ бо ишораҳое дучор меоем, ки гӯё Мавлоно дафтари ҳафтуми шоҳасари худро гуфта будаасту бо мурури замон он аз ҷамъи шаш дафтар берун афтода. Аммо ин гумоне беш нест. зеро худи муаллиф дар дафтари шашум тамоми «Маснавӣ»-ро шаш дафтар дониста, нияти дар ҳамин дафтар ҷамъбаст кардани андешаҳову нуктаи хотимавӣ гузоштанро доштааст. Ӯ ба ин маънӣ ба Ҳусомуддини Чалабӣ чунин ишорае дорад:

Эй ҳаёти дил, Ҳусомуддин, басе,
Майл меҷӯшад ба қисми содисе,
Гашт аз ҷазби чу ту алломае.
Дар ҷаҳон гардон «Ҳусоминомае».
Пешкаш меорамат, эй маънавӣ,
Қисми содис дар тамоми «Маснавӣ».

Агар ба байти охири мисоли фавқ ҷиддан таваҷҷӯҳ равад ва ба калимаи «тамом» хосса, метавон умқи масъалагузории Мавлоноро ва бад-ин васила қисмати охирин будани дафтари шашумро дар тамоми ин асар дарёфт намуд. Мақсуди Ҷалолуддини Румӣ аз «Маснавӣ»-ро дар шаш дафтар гуфтан он бошад, ки ӯ ба ҳастии дунё, ки аз шаш ҷиҳат — замину осмон ва чаҳор атрофи олам -Шарқу ғарб ва Ҷанубу Шимол иборат аст, бо нигоҳи илмӣ дар ҷомаи бадеӣ баҳо додан будааст. Ин ҳам як далели мантиқист, ки Мавлоно мебоист асари худро дар ҳамин шаш дафтар ҷамъбаст намояду ба хидмати ҷомиа пешкаш созад. Ҳайфо, дафтари шашум нотамом монд.
Роҷеъ ба маъниву муҳтаво ва бунёди фикриву иҷтимоии «Маснавӣ» аз ҳар масоили мухталифи дар рӯзгор будаву дар ин асар забту сабтшуда оғоз намоему бигӯему бинависем, боз ҳам мебинем, ки нуктае ё андешае аз нӯки қалами мо афтода. Дар фарҳанги ҷаҳонӣ камтар китобе то бад-ин ҳад саршори маъонии баланд ва андешаву мазомини ба ҳам печида аст. Гӯё «Маснавӣ» зиндагиро дар худ бо ҳама шодиву ғам, бешу кам, шӯру шар, барору нобарориҳо, гармиву сардӣ, фарозу нишсбҳо. тавонгариву нотавонӣ, покиву нопокӣ, баҳору хазон, дороиву муфлисӣ ва ғайраву ғайраҳои зиёде дар худ таҷассум намудааст.
Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ бо эҷоди «Маснавӣ» тавонист шавқҳое ба дилҳои маъюс андсзад, савдоҳои сархуше ба сарҳои саргардон ворид созад ва гармиҳои зиндагибахше ба ҷонҳои сарду афсурда бахшад. Агар ба саросари мавзӯъ ва муҳтавои ин асари зиқимат ворид шавем, мебинем, ки бо фикри волову кору талоши мусанниф ва ёрони ҳамфикраш гӯшҳо шунаво, чашмҳо соҳиббасират, забонҳо гӯё, дидҳо моломоли шавқи озодӣ шуданду дар ҷомиа растохези фикрӣ эҷод гардид. Вақте ба «Маснавӣ» ва ҷараёни зиндагиву осори Ҷалолуддини Румӣ назари амиқ меафканем, ба ин натиҷа мерасем, ки

бузурпарин дарди ӯ дарди дину мазҳаб ва мардум буда. Ӯ ҳам мардумашро мешинохту ҳам дину мазҳабашро ва ҳам дарди муштараки худ ва ҷомиаро.

Мусташриқи ҳинд Халифаи Абдулҳаким ба мазмуну мундариҷаи «Маснавӣ» баҳои арзишмандеро қоил шуда, менависад, ки «Таҳқиқ дар бораи Мавлавӣ на танҳо аз ин ҷиҳат ҷолиб аст, ки ӯ бузургтарин шоири ирфонии исломист, балки аз ин ҷиҳат, ки ҳеҷ масьалае аз масоили ҳаёти фалсафӣ ва динӣ нест, ки вай бад-он напардохта бошад. Таҳқиқ дар бораи Мавлавӣ таҳқиқ дар бораи беҳтарин дастовардҳои ҳаёти фалсафӣ ва динӣ дар ислом аст».

Мавлонои Рум дар эҷоди «Маснавӣ» шоирест бо диду тафаккури илмӣ. Биниши вай дар саросари «Маснавӣ» бинишест олимона ва ӯ хостааст бо ҳамин роҳ илмро бо ҳунар бипайвандад ва дар ин роҳ тавфиқ ёфтааст. Бале, Мавлоно бо диде олимона ба масоил менигарад ва таҷрибаро пояи кору андешаи худ қарор медиҳад. Ӯ ба «чашм» чандон итминон надорад. Шунидаҳоро ҳам бовар намекунад. Ба андешаи ӯ чашм фиребанда ва шунидаҳо афсонае беш наянд. Дар ин маврид таҷриба мставонад ба исботи масоили мавҷуда ёрӣ расонад. Ҷалолуддини Румӣ дар «Маснавӣ» на аз нусха, балки аз асли зиндагӣ сухан мегӯяд ва бештар ҳақиқати диданаш душворро рӯйи тасвир қарор медиҳад. Қиссаи «Бозаргон ва тӯтии маҳбуси ӯ», қиссаҳои «Макри харгӯш бар шер», «Рафтани рӯбоҳ ба хидмати шер ба шикор», ҳикояти «Ба аёдат рафтани кар бар ҳамсояи ранҷури хеш» аз дафтари аввал, ҳикояти «Гум кардани шоҳ бозро ва дарёфтан дар хонаи кампир», қиссаи «Гирифтор шудани боз миёни чуғдон ба вайрона» аз дафтари дувум, ҳикояти «Фирефтани рустоӣ шаҳриро» аз дафтари севум, қиссаи «Зани палидкор ва шохи амрудбун» аз дафтари чаҳорум, қиссаи «Оҳу ва охурони харон», ҳикояти «Макри рӯбоҳ бар хар» аз дафтари ианҷум ва ғайра бозгӯйи андешаи фавқанд. Шоир дар ҳамин замина сӯфиёни муртаҷеъ ва мутаассибони ношудро зери тозиёнаи танқид мегирад ва мақоми Инсонро дар ҷойгоҳи олӣ қарор медиҳад. Мавлоно ба низоъҳои диниву мазҳабӣ сахт муқобил баромада, ваҳдату муҳаббатро байни одамон талқин менамояд. Андешаҳои ин суханвари асил доир ба масоили офариниши олам, ҳаракати моддиву ҳамбастагии ҳаводиси олам хеле ҷолиб мебошад. Қиёси мантиқии «Маснавӣ» дар ниҳояти баланд аст ва дарки ин ҳама дида ва диди чолокро тақозо дорад.

Ҷалолуддини Румӣ дар асари худ ба баъзе нукоти таълимоти дини ислом, ба ояҳои қуръонӣ ва ҳадисҳо даст зада, онҳоро бо зеҳни фалсафиву сӯфиёнаи худ тафсиру тавҷеҳ медиҳад ва ҳар чӣ бештар ба фаҳм наздик месозад. Ҳамчунин «Маснавӣ» қомуси пурарзиши суханони ҳикматомез, мақолу зарбулмасал, ианду мавъиза буда, шоир дар асараш аз ҳикоёти мардуми форсизабону туркнажод, аз тамсилоту қиссаҳои халқу қавмҳои дину мазҳабашон гуногун хеле бисёр истифода кардааст. Баъзе ҳикоёти тамсилии «Маснавӣ» дар алоҳидагӣ асари тамомшударо мемонанд, ки ба ҳамаи талаботи як асари комили бадеӣ ҷавоб дода метавонанд.

Бояд ёдовар шуд, ки «Маснавии маънавӣ» ба таври умум як асари хеле мураккаб буда, вусъати назар ва баландии андешаи муаллифи он бесобиқа мебошад. Дар фаҳми ин асари пурмуаммо иттилооти ҳамаҷониба бо фарҳанги

ислом ва ошноии комил бо зарофатҳои хосси форсизабонон корро осон месозад. Ҳамзамон донистани таъриху фалсафаи Шарқ ва тафаккури исломӣ низ дар кушодани гиреҳҳои мушкилпписанду печидаи «Маснавӣ» таъсири амиқе доранд, ки инро набояд нодида гирифт.
Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ баробари истифода намудани маъонии ғанӣ дар «Маснавӣ» ба боигарии забони он низ таваҷҷӯҳи махсус равона намудааст. Дарёфту бардошти калимаву таркибу иборот барои ифодаи маънӣ ва огоҳона истифода гардидани онҳо дар ин асар омӯзишу таҳқиқи доманадору алоҳидаест, бо он ки доир ба забони «Маснавӣ» то ба имрӯз андешаҳое баён ёфтаанду корҳои зиёди илмие анҷом пазируфтаанд. «Маснавӣ» ҳамроҳ бо сохтору ороиши бадеӣ дар корбурди забон ҳам як падидае истисноист ва дар он суханофарӣ ба мартабаи камол аст. Забони ин асар дар маҷмӯъ забони суханварони аҳди шоир буда, ба зарурати муҳтавову матолиби он мусанниф дар каломи худ аз истилоҳоти фиқҳу калом, тасаввуф, оёти қуръониву аҳодис, таъбироти адаби арабӣ ва ғайра истифода намудааст. Илова ба истилоҳоту таркиботи арабӣ бо тақозои муҳити зист дар Осиёи Сағир дар «Маснавии маънавӣ» миқдоре калимаҳои юнонӣ ва туркӣ роҳ ёфтаанд. Мавлоно дар зарурат барои ҷой намудани маъонии бикр дар қолаби вазну қавофӣ гоҳо калимаҳоро мешиканад, феълҳоро новобаста ба замони мозиву ҳозир ё оянда истифода менамояд, аз калимаҳои сода маъонии тоза меофарад ва ғайра. Забони «Маснавӣ» забони зинда ва дар ҳаракати доимӣ аст.
Дар алоқамандиву робитаи сарояндаи «Маснавӣ» бо осори суханварони сутурги пешин низ метавон авроқи зиёдеро зеби рақам кард. Мавлоно пеш аз он ки ба сурудани ин асари пурмуаммо оғоз намояд он қадарҳо омӯхтаасту андӯхтааст, ки дар ин боб маҷоли ҳарф задан нест. Худи ӯ бо эҷоди асараш собит сохтааст, ки чи дониши воло ва чи фаҳму фаросати баланде дошта. Бо ин ҳама қудрату тавон, ки Мавлоно дар «Маснавӣ» намоиш додааст, худро пайраву муриди Саноии ғазнавӣ ва Аттори Нишоиурӣ медонад, ки гуфтааст:

Аттор рӯҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,
Мо аз пайи Саноиву Аттор омадем.

«Маснавии маънавӣ» минбаъд на танҳо ба суханварон, балки ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бетаъсир намонд. Шарқшиносон дар тамоми нуқоти олам аз Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ ва осори ӯ ёд мекунанд, мардум тавассути матни аслу тарҷумаи мухтасар ё пурра аз офаридаҳои килки сеҳрангези шоир баҳра мебардоранд. Шоири маъруфи Ҳинду Покистон аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (1877-1938), ки худро тамоми умр муриди Мавлоно медонист бо овози баланд ва меҳру муҳаббати саршор нисбат ба пири маънавии худ чунин мегӯяд:

Нуктаҳо аз пири Рум омӯхтам,
Хешро дар ҳарфи ӯ во сӯхтам.

Боз бархонам зи файзи пири Рум
Дафтари сарбаста — асрори улум.

Ҳамин тавр, агар мо ҷамъи ҷуставу дарёфтаҳо, андешаву ақоиди дар «Маснавӣ» омадаро аз тамоми «Маснавӣ» берун оварда, ба сурати як пайкара ё як мактаби тарбиявиву иҷтимоӣ ифода созем, дар ин пайкара устухонбандӣ ва риштаи иртиботи дарунӣ мисли «дастгоҳи гардиши хун ё аъсоб вуҷуд дорад», ки тамоми ин шоҳасарро ба ҳам мепайвандад ва ба ривоёти тамсилӣ, ояҳову ҳадисҳо, латифаҳову ҳикоёт ва бардоштҳои маънавии Мавлоно аз зиндагӣ як шӯри давомнок мебахшад. Ин риштаи иртиботу алоқамандӣ хатти аслии андешаҳои Ҷалолуддини Румӣ «дар бораи ин ҷаҳон ва моварои ин ҷаҳон аст» ~ мегӯяд доктор Муҳаммад Истеъломӣ дар муқаддимаи ба матни «Маснавӣ» навиштаи худ, ки ҳақ ба ҷониби ӯст.

# ОҒОЗИ МАСНАВ

Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,
Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.
К-аз найистон то маро бубридаанд,
Дар нафирам марду зан нолидаанд.
Сина хоҳам шарҳа-шарҳа аз фироқ,
То бигӯям шарҳи дарди иштиёқ.
Ҳар касе, к-ӯ дур монд аз асли хеш,
Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш.
Ман ба ҳар ҷамъияте нолон шудам,
Ҷуфти бадҳолону хушҳолон шудам.
Ҳар касе аз занни худ шуд –ёри ман,
Аз даруни ман наҷуст асрори ман.
Сирри ман аз нолаи ман дур нест,
Лек чашму гӯшро он нур нест.
Тан зи ҷону ҷон зи тан мастур нест,
Лек касро диди ҷон дастур нест.
Оташ аст ин бонги ною нест бод,
Ҳар кӣ ин оташ надорад, нест бод!
Оташи ишқ аст, к-андар най фитод,
Ҷӯшиши ишқ аст, к-андар май фитод.
Най ҳарифи ҳар кӣ аз –ёре бурид,
Пардаҳояш пардаҳои мо дарид.
Ҳамчу най захреву тарёқе кӣ дид?
Ҳамчу най дамсозу муштоқе кӣ дид?
Най ҳадиси роҳи пурхун мекунад,
Қиссаҳои ишқи Маҷнун мекунад.
Маҳрами ин ҳуш ҷуз беҳуш нест,
Мар забонро муштарӣ ҷуз гӯш нест.
Дар ғами мо рӯзҳо бегоҳ шуд,
Рӯзҳо бо сӯзҳо ҳамроҳ шуд.
Рӯзҳо гар рафт, гӯ: “Рав бок нест,
Ту бимон, эй он ки чун ту пок нест.”
Ҳар кӣ ҷуз моҳӣ зи обаш сер шуд,
Ҳар кӣ берӯзист, рӯзаш дер шуд.
Дарнаёбад ҳоли пухта ҳеч хом,
Пас сухан кӯтоҳ бояд, вассалом!
Банд бугсил, бош озод, эй писар!
Чанд бошӣ банди симу банди зар?
Гар бирезӣ баҳрро дар кӯзае,
Чанд гунҷад, қисмати якрӯзае?
Кӯзаи чашми ҳарисон пур нашуд,
То садаф қонеъ нашуд, пурдур нашуд.
Ҳар киро ҷома зи ишқе чок шуд,
Ӯ зи ҳирсу айб куллӣ пок шуд.
Шод бош, эй ишқи хушсавдои мо!
Эй табиби ҷумла иллатҳои мо!
Эй давои нахвату номуси мо!
Эй ту Афлотуну Ҷолинуси мо!
Ҷисми хок аз ишқ бар афлок шуд,
Кӯҳ дар ракс омаду чолок шуд.
Ишқ ҷони Тур омад, ошиқо!
Тур масту “харра Мӯсо соиқо”.
Бо лаби дамсози худ гар ҷуфтаме,
Ҳамчу най ман гуфтаниҳо гуфтаме.
Ҳар кӣ ӯ аз ҳамзабоне шуд ҷудо,
Безабон шуд, гарчи дорад сад наво.
Чунки гул рафту гулистон даргузашт,
Нашнавӣ з-он пас зи булбул саргузашт.
Ҷумла маъшуқ асту ошиқ пардае,
Зинда маъшуқ асту ошиқ мурдае.
Чун набошад ишқро парвои ӯ,
Ӯ чу мурғе монд бепар, вои ӯ.
Ман чӣ гуна ҳуш дорам пешу пас,
Чун набошад нури ё–рам пешу пас?
Ишқ хоҳад, к-ин сухан берун бувад,
Ойина ғаммоз набвад, чун бувад?
Ойинат донӣ чаро ғаммоз нест?
З-он ки зангор аз рухаш мумтоз нест.

# МАШҒУЛИЯТИ АМАЛИИ 4
## Мероси адабии Аттор ва мубоҳисаҳо перомуни ин масъала.

*Ҳар кӣ бо мардум насозад дар ҷаҳон,*
*Зиндагонӣ талх дорад ҷовидон.*

**Фаридаддини** *Аттор*

*(1119-1221)*

*Умрро медон ғанимат ҳар нафас,*
*Чун равад дигар наояд боз пас.*

*Он ки шӯх асту надорад шарм низ,*
*Дон, ки ӯ нопокзод аст, эй азиз.*
*Аз маломат то бимонӣ дар амон*
*Бош доим ҳамнишини олимон.*

*Ҳар кӣ меҳоҳад, ки бошад дар амон, ,*
*Мӯҳр мебояд ниҳодан дар забон.*




1. *Эй бародар, гар хирад дорӣ тамом,*
*Нарму ширин гӯй бо мардум калом!*

2. *Ҳар кӣ дорад донишу ақлу тамиз,*
*Аҳли ақлу илмро дорад азиз.*

## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛИИ 5

## «Мантиқ-ут –тайр»-и Аттор ва тачассуми сайри сулуки тасаввуфӣ дар он.

«Мантиқ-ут-тайр» (нутқи парранда) асари тамсилӣ-рамзӣ буда, аз 4600 байт иборат аст. «Мантиқ-ут-тайр»-ро ҳатто ҳамосаи ирфонӣ гуфтаанд. Ин асар ҳамосаи рӯҳи ҷӯянда буда, толибони маърифати ҳақ ҳастанд. Аттор дар ин маснавӣ аз мароҳили сулук (роҳҳои расидан ба камол – ба дараҷаи Инсони комил ва ниҳоят ба асл — ба Худо) – «ҳафт водӣ» ё ба таъбире «ҳафт шаҳри ишқ» сухан гуфтааст. Дар ин асар мурғон рамзи солик (ҷӯяндаи Ҳаққ), ҳудҳуд рамзи пири роҳнамо (муршид) ва Симурғ рамзи Ҳаққ аст. Аттор ин ҷо аз сифоти Худованд ва чи гунагии эҷоди халқ (офариниш) ва ин ки нисбати халқ ва Ҳаққ монанди нисбати соя аст ба соҳиби соя сухан мегӯяд ва ишора мекунад, ки солик метавонад ба мартабаи истиғроқ (ғарқ шудан) бирасад ва дар ниҳоят чун соя дар нури хуршед дар Ҳаққ маҳв шавад.

Асар аз 54 гуфтору як натиҷа фароҳам омада, он дар баҳри Рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур эҷод шудааст, ки рукнҳояш чунин аст:

— V — — I – V — — I – V – ё: — V ғ

яъне: фоъилотун, фоъилотун, фоъилун ё ин ки: фоъилон.

Асар бо анъанаи суннатӣ таҳмиди Худо ва наъти Расули Акрам(с) шурӯъ мешавад. Оғози достон чунин аст:

***Маарҳабо ай ҳудҳуди ҳодишуда,***

***Дар ҳақиқат пайки ҳар водӣ шуда.***

***Ай, ба сарҳадди сабо сайри ту хуш,***

***Бо Сулаймон «Мантиқ-ут-тайр»-и ту хуш…***

Достон аҳамияти тарбиявӣ дошта, эҷодкор аз осори пешиниён Ибни Сино («Рисолат-ут-тайр»), «Калила ва Димна» («Кабӯтар Мӯтаваққа») ва «Рисолатуттайр»-и Муҳаммади Ғаззолӣ, ки бародараш Аҳмади Ғаззолӣ онро ба порсӣ тарҷума карда буд ва низ аз дигар осори тамсилӣ кор гирифтааст. Достон ба адабиёти давр ва адабиёти асрҳои минбаъда, хусусан ба эҷодиёти Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдӣ, Хусрави деҳлавӣ, Маҳмуди Шабустарӣ, Ҷомӣ ва дигарон таъсири фаровон гузоштааст.

Ҳарчанд Аттор аз осори пешиниён Ибни Сино, Муҳаммади Ғазолӣ ва дигарон истифода карда бошад ҳам, гузориши масъала, роҳҳои такмилу идомаи он ва ҳалли он ба куллӣ дигар аст. Яъне ба тамомӣ моҳияти тасаввуфӣ-ирфонӣ бахшидан ба ин мавзӯъ ва дар шакли ниҳоят гуворо, бо истеъдоду дониши хоса ва шеърияти тому ҳунари эҷодӣ ба бузургвор Фаридуддин Аттор тааллуқ дорад.

«Мантиқ-ут-тайр»

Мазмуни достон аз он иборат аст, ки мурғони зиёде мисли: ҳудҳуд, тӯтӣ, кабк, шаҳбоз, булбул, товус, тазарв, қумрӣ, фохта, боз, мурғи заррин, бат, ҳумой, бӯтимор, кӯф, саъва ва дигар паррандагон бо ҳидояти ҳудҳуд дар

талаби Симурғ мешаванд. Мурғон ҳафт водиро тай намуда, ба Кӯҳи Қоф бояд биоянд. Он водиҳо: талаб, ишқ, маърифат, истиғно, тавҳид, ҳайрат ва фақру фано мебошанд. Ҳадаф аз он дараҷаҳои тасаввуф ва сайри камолоти маънавии солик буда, расидан ба кӯи ҷовидон ва пайвастан ба асл аст. Фасли аввал, ки баъди оғози достон меояд, «Талаб кардани симурғ» ном дорад, ки чунин оғоз мешавад:

***Маҷмаъе карданд мурғони ҷаҳон,***

***Он чи буданд ошкорову ниҳон.***

***Ҷумла гуфтанд: Ин замон дар рӯзгор,***

***Нест холӣ ҳеч шаҳр аз шаҳриёр.***

***Чун бувад, к-иқлими моро шоҳ нест,***

***Беш аз ин бе шоҳ будан роҳ нест.***

***Якдигарро шояд ар ёрӣ кунем,***

***Подшоҳеро талабгорӣ кунем…***

Ва Ҳудҳуд, ки мурғе тезҳуш ва аз баду аз нек огоҳ буд, мурғонро гуф

…Ҳаст моро подшоҳе бехилоф,

Дар паси кӯҳе, ки ҳаст он Кӯҳи Қоф.

Номи ӯ Симурғ, султони туюр,

ӮӮ ба мо наздику мо з-Ӯ дури дур.

Дар ҳарими иззат аст ором Ӯ,

Нест ҳадди ҳар зуфоне номи Ӯ.

Сад ҳазорон парда дорад бештар,

Ҳам зи нуру ҳам зи зулмат, пеши дар…

Доиман Ӯ подшоҳи мутлақ аст,

Дар камоли иззи худ мустағрақ аст…

Ҳеч доноӣ камоли Ӯ надид,

Ҳеч биноӣ ҷамоли Ӯ надид…
Ва роҳ ба даргоҳи Ӯ басо дарозу душвор аст:
Бас ки хушкӣ, бас ки дарё бар раҳ аст,
То напиндорӣ, ки роҳе кӯтаҳ аст.
Шермарде бояд ин раҳро шигарф,
З-он ки раҳ дур асту дарё жарфи жарф.
Рӯи он дорад, ки ҳайрон меравем,
Дар раҳаш гирёну хандон меравем.
Гар нишон ёбем аз Ӯ коре бувад
Варна бе Ӯ зистан оре бувад.
Мард, мебояд тамом ин роҳро,
Ҷонфишондан бояд ин даргоҳро.
Даст бояд шуст аз ҷон мардвор,
То тавон гуфтан, ки ҳастӣ марди кор.
Ҷон чу бе ҷонон наярзад ҳеч чиз,
Ҳамчу мардон барфишон ҷони азиз.
Гар ту ҷоне барфишонӣ мардвор,
Баски ҷонон ҷон кунад бар ту нисор.
Баъд ҳикояти «Симурғ» меояд:
Ибтидои кор, Симурғ, ай аҷаб!
Ҷилвагар бигзашт бар Чин нимшаб.
Дар миёни Чин фитод аз Вай паре,
Лоҷарам пуршӯр шуд ҳар кишваре…
Ҳар касе нақше аз он пар баргирифт,
Ҳар кӣ дид он нақш коре даргирифт…
Гар нагаштӣ нақши парри Ӯ аён,
Ин ҳама ғавғо набудӣ дар ҷаҳон…
Ин ҳама осори сунъ аз фарри Ӯст,
Ҷумла анмудор нақши парри Ӯст.
Чун на сар пайдост васфашро на бун,
Нест лоиқ беш аз ин гуфтан сухан.
Ҳар кӣ акнун аз шумо марди раҳед,
Сар ба роҳ ореду по андар ниҳед.

# Ва мурғон ба роҳ баромаданд:

**Ҷумлаи мурғон шуданд он ҷойгоҳ,**

**Беқарор аз иззати он подшоҳ.**

**Шавқи Ӯ дар ҷони эшон кор кард,**

**Ҳар яке бесабрии бисёр кард.**

**Азми раҳ карданду дар пеш омаданд,**

**Ошиқи Ӯ душмани хеш омаданд…**

Вале аввалин шуда ба азобҳои роҳ, сафар Булбул тоб оварда наметавонад ва узр пеш меорад:

**Булбули шайдо даромад масти маст**

**В-аз камоли ишқ, на несту на ҳаст.**

**Маъние дар ҳар ҳазор овоз дошт,**

**Зери ҳар маънӣ ҷаҳоне роз дошт…**

Булбулро ҳудҳуд накӯҳиш мекунад ва ишқи ӯро муваққатӣ мегӯяд, зеро гул ҷовидона нест.

Баъд Тӯтӣ узр пеш меорад, ки сафарро давом дода наметавонад:

**Ман наёрам дар бари Симурғ тоб,**

**Бас бувад аз чашмаи Хизрам як об…**

Ҳудҳуд ӯро низ мазаммат мекунад. Пасон Товус узр пеш меорад:

**Ёр шуд бо ман ба як ҷо мори зишт,**

**То биафтодам ба хорӣ аз биҳишт…**

**Ман на он мардам, ки дар султон расам,**

**Бас бувад инам, ки дар даврон расам.**

**Кай бувад Симурғро парвои ман,**

**Бас бувад фирдавси олӣ ҷои ман…**

Ҳудҳуд ӯро низ сахт мегӯяд ва нафрин мекунад:

**Чун ба дарё метавонӣ роҳ ёфт,**

**Сӯи як шабнам чаро бояд шитофт…?**

Ба ҳамин тариқ, баъд Кабк, Ҳумой, Боз, Бӯтимор, Кӯф, Саъва низ ба сафар тоб наоварда узр пеш меоранд. Умуман, бо сипаридани «ҳафтводӣ» ба кӯи мурод — ба паси Кӯҳи Қоф сӣ тан аз мурғон рафта мерасанд ва дар рӯҳи хеш ҳадаф пайдо мекунанд.Онҳо ҳақиқати хешро шинохтанд, Симурғро дар ботини худ дарёфтанд ва дар нури Ӯ маҳв гаштанд ва «ёфтанд аз нури Ҳазрат ҷон ҳама»

**Маҳви Ӯ гаштанд охир бардавом,**

**Соя дар хуршед гум шуд, вассалом.**

## Ҳикоятҳо

### Қасри зарнигори шаҳриёр

Шаҳриёре кард қасре зарнигор,
Харҷ шуд динор бар вай сад ҳазор.
Чун шуд он қасри биҳиштосо тамом,
Пас гирифт аз фаршу ороиш низом.
Ҳар касе меомаданд аз ҳар диёр,
Пешхидмат бо табақҳои нисор.
Шаҳ ҳакимону надимонро бихонд,
Пеши худ оварду бар курсӣ нишонд.
Гуфт: «Ин қасри маро дар ҳеч ҳол,
Ҳеч боқӣ ҳаст аз ҳусну камол?»
Ҳар касе гуфтанд: «Дар рӯи замин
Ҳеч кас на диду на бинад чунин»
Зоҳиде барҷаст, гуфт: «Ай некбахт,
Рахнае мондасту ин айб аст сахт.
Гар набудӣ қасрро он рахна айб,
Тӯҳфа додӣ қасри фирдавсаш зи ғайб.»
Шоҳ гуфто: «Ман надидам рахнае,
Ҳам барангезӣ ту ҷоҳил фитнае.»
Зоҳидаш гуфт: «Ай ба шоҳӣ сарфароз,
Рахнае ҳаст, он зи Азроил боз.
Бу, ки он рахна тавонӣ кард сахт,
Варна чӣ қасри туву чӣ тоҷу тахт.
Гарчӣ ин қаср аст хуррам чун биҳишт,
Марг бар чашми ту хоҳад кард зишт.
Ҳеч боқӣ нест, ҳаст ин ҷои зист,
Лек боқӣ нест, инро ҳилла чист?»
Аз сарову қасри худ чандин маноз,
Рахши кибру саркашӣ чандин матоз.
Гар касе аз хоҷагиву ҷои ту,
Бо ту айби ту бигӯяд, вои ту.

**Навмуриди зарпараст**

Навмуриде дошт андак моя зар,
Кард зар пинҳон зи шайхи худ магар.
Шайх медонист чизе менагуфт,
Ҳамчунон медошт ӯ зар дар нуҳуфт.
Он муриди роҳу пири роҳбар,
Ҳар ду мерафтанд бо ҳам дар сафар.
Водиешон пеш омад бас сиёҳ,
В-ошкоро шуд дар он водӣ ду роҳ.
Мард метарсид з-он к-аш буд зар,
Мардро расво кунад бас зуд зар.
Шайхро гуфто: «Чу пайдо шуд ду роҳ,
Дар кадомин раҳ равем ин ҷойгоҳ?»
Гуфт: «Маълумат биафкан к-он хатост,
Пас ба ҳар роҳе, ки хоҳӣ шуд равост»
Гар касеро ҷуфт гирад сими ӯ,
Дев бигрезад ба танг аз бими ӯ.
Ҳар киро зар роҳ зад гумраҳ бимонд,
Пойбаста дар даруни чаҳ бимонд.
Юсуфӣ, парҳез кун з-ин чоҳи жарф,
Дам мазан, к-ин чоҳ дам дорад шигарф.

**Дидаи айббини ошиқ**

Буд марде шердил хасмафкане,
Гашт ошиқ панҷ сол ӯ бар зане.
Дошт бар чашм он зани ҳамчун нигор,
Як сари нохун сапедӣ ошкор.
З-он сапедӣ мард будаш бехабар,
Гарчӣ бисёре барафкандӣ назар.
Марди ошиқ чун бувад дар ишқ зор,
Кай хабар ёбад зи айби чашми ёр?
Баъд аз он кам гашт ишқ, он мардро
Доруе омад падид он дардро.
Ишқи он зан дар дилаш нуқсон гирифт,
Кори ӯ бар хештан осон гирифт.

Пас бидид он мард айби чашми ёр,

Ин сапедӣ гуфт кай шуд ошкор?

Гуфт: «Он соат, ки шуд ишқи ту кам,

Чашми ман айб он замон овард ҳам.

Чун туро дар ишқ нуқсон шуд падид,

Айб дар чашмам чунин з-он шудпадид»

Кардаӣ аз васваса пуршӯр дил,

Ҳам бубин як айби худ, ай кӯрдил!

Чанд ҷӯӣ дигаронро айби боз?

Они худ як раҳ биҷӯй аз ҷайби боз.

То чу бар ту айби ту ояд гарон,

Набвадат парвои айби дигарон.

## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛИИ 6-7
## «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттор
## ва зикри орифони маъруф дар он

**Тазкират-ул-авлиё** (аз форсӣ: تذکرةالاولیا) - китоби ирфонӣ аст ба насри сода ва дар қисматҳои масҷаъ, дар шарҳи бузургон Авлиё ва Машоих Суфиё ба форсӣ, навиштаи Фаридуддини Аттори Нишопурӣ. Ин китоб муштамал аст бар муқаддима ва 72 боб ки ҳар як ба зиндагӣ, ҳолат, андешаҳо ва суханони яке аз орифон ва машоих тасуф мепардозад, ва зикр мукаррам ахлоқ, муъавоз ва суханони ҳикматомезашон дар ин китоб шуда аст.

Нахусти боби ба ҳолат ва суханони Ҷаъфар Содиқ ихтисос ёфта аст, ва боби ҳафтоду дуюм ба Хусайн бини Мансур Халоқ (мутафӣ 309). Дастнависҳои мӯътабар тазкират-ул-авлиё то қарни даҳуми ҳиҷрӣ, шомили ҳамин 72 боб аст, аммо пас аз қарни даҳум фаслҳои дигари бо унвони "Зикри Мутаххирон аз машоих кабир" бар ин китоб афзуда шуда, ки ҳолат ва суханони 25 тан аз орифон қарнҳои чаҳорум ва панҷумро дар бар дорад.

### Гулчине аз "Тазкират-ул-авлиё"

Китоби мазкур яке аз беҳтарин асарҳои мансури мардуми форсу тоҷик дар тамоми давру замонҳо доништа шудааст. Дар "Тазкират-ул-авлиё" дар хусуси 97 сӯфии маълуму машҳур, лаҳзаҳои ҳаёт, сайру сулук, риёзат ва кароматӣ онҳо маълумот дода шудааст. Агар ин асарро дар мавриди аҳли тасаввуф ва орифон на ин ки як баҳри беканор, балки уқёнуси бепоён ҳам гӯем, хато намекунем.Ҳарчанд асари мазкур беш аз 800 сол пеш навишта шуда бошад ҳам, забонаш нисбатан сода фаҳмо ширин ва хеле гуворо мебошад. Китоб

саршори суханони пандомезу ахлоқӣ буда, касро ба роҳи неку писандида раҳнамун месозад.

Имом Ҷаъфари Содиқ  Чун зоҳир мебинам, ки агар як сухан бар хилофи ту мегӯянд, дар хуни он кас саъй мекунӣ ва солҳо бад-он як сухан кина мегирӣ. Чун сухани ботилро дар нафси ту чандин асар аст, сухани Ҳақро ҳам асаре тавонад буд- ҳазор чандон,агар чи ту аз он хабар надорӣ. Чунон ки аз Имом Абдурраҳмони Аккоф (р) пурсиданд: "Касе, ки Қуръон мехонад ва намедонад, ки чӣ мехонад, онро ҳеҷ асаре бувад?

Гуфт: касе, ки дору мехӯрад, ва намедонад, ки чӣ мехӯрад асар мекунад, Қуръон чӣ гуна асар накунад? Балки басе асар кунад. Факайф (бо далели қавитар) чун донад, ки чӣ мехонад.

Аз вай (имом Содиқ) пурсиданд: дарвеши собир фозилтар ё тавонгари шокир? Гуфт: дарвеши собир, ки тавонгарро дил ба киса бувад ва дарвешро бо Худой.

Устод Халифа Абдулҳаким дар мақолаи мустанаду мудаллалу муфассали худ «Ирфони Мавлоно» ҳақбинона ба таъкид овардааст, ки «Ҷалолиддини Румӣ бузургтарин шоири орифи ислом аст. Бидуни тарс аз мухолафат метавон гуфт, ки дар саросари қаламрави адабиёти орифонаи ҷаҳон касеро наметавон ёфт, ки аз ҷиҳати умқ (-и тафаккур – А.Р.), ҷомиийяту вусъати садр (донишу биниши олӣ – А.Р.) назири ӯ бошад».

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи донишварони паҳнобину жарфонигар, «муносиб аст, ки қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ (сездаҳуми мелодӣ – А.Р.)-ро қарни пӯёии завқу андеша ва қарни Шамсу Мавлавӣ дар ирфону тасаввуф номгузорӣ кунем. Дар ин даврон буд, ки баъд аз Аттор (Фаридуддини Аттори Нишопурӣ (1145 – 1221), шоири машҳури мутасаввифи тоҷику форс, ки дар баробари Абулмаҷди Саноии Ғазнавӣ (1080 – 1140), суханвари дигари мутасаввифи тоҷику форс, устоду пешвои Мавлоно шинохта шудааст, – А.Р.) сайру сулук (тариқату маърифати ирфонӣ-тасаввуфӣ – А.Р.) симои дигару истиҳкому ҷазолати бештаре касб карду тариқи растагории инсон матраҳ гардид ва Мавлавӣ мехост ба кӯмаки роҳнамояш ҳамаи улуми замонро таҳти таъсири андешаҳои худ қарор диҳад. Таҳаввули ногаҳониву ҳайратбори рӯҳӣ, ки ниҳоятан вайро ба пойкӯбӣ, чархишу самоъ дар фазои боз раҳнамун гардид, аз ҳамин даврон оғоз шуду алорағми кӯшише, ки мухолифин барои лағви шеваи тозаи тасаввуф (ҳамон тариқати «Мавлавия», ки Мавлоно бунёдаш ниҳода буд – А.Р.) ба амал оварданд, Мавлоно муваффақ гардид ба жарфои рӯҳии бисёре аз ёрону муридони мумтози хеш нуфуз намудаву сӯфиёни ростин исоргару вафодоре тарбият кунад» (Атоуллоҳи Тадайюн).

Дар «Девони Кабир» ба нуктаву ишораҳое бармехӯрем, ки бахше аз ёрону наздикони Мавлоно аз вай исроркоронаву пофишорона дархост мекардаанд, ки то мухолифини ӯву мухосимини тасаввуфу мавлавия дар Руми Шарқӣ каме хомӯш шаванд, беҳтар аст машраби ошиқона (маслаки пешгирифтаи

ирфонӣ-тасаввуфи)-и худро ба сӯе гузорад ё мувақкатан андешаҳои машҳуну мавзунашро ба забон наёвардаву муддате фаромӯшашон кунад!

Бунёдгузори шеваи навин дар тасаввуф (Мавлоно – А.Р.) дар ин маврид қотеона чунин изҳори назар мекунад:

**Гӯянд рафиқонам: аз ишқ бипарҳезам,**
**Аз ишқ бипарҳезам, пас бо кӣ биёвезам?!**

Ё аз Мавлоно дархост мешуд шабҳо муддатеро ба самоъ ихтисос диҳаду бақии соот биёромад. Аммо Мавлавии саргаштаву шӯрида ба муридонаш зоҳиран посухе намедоду замоне, ки хоб бар онҳо чира мешуд, барои роҳати эшонро халалдор насохтан такя ба девор медоду сар бар зону мениҳод, то онҳо бетакаллуф бихобанд. Вақте ки онҳо дар хоб мешуданд, аз ҷой бармехосту саргарми зикр мегардид:

**Ҳама хуфтанду мани дилшударо хоб набурд,**
**Ҳама шаб дидаи ман бар фалак истора шумурд.**
**Хобам аз дида чунон рафт, ки ҳаргиз н-ояд,**
**Хоби ман заҳри фироқи ту бинӯшиду бимурд!**

«Пас, муҳаррики Мавлоно дар баёни асрор (ҳамон «кашфи асрори вусулу яқин», ки дар муқаддимаи «Дафтари аввал»-и «Маснавӣ» таъкид ёфтааст – А.Р.) ишқ ё маъшуқ бувад, ки ин ҳар ду бо Ҳақ ягонаанд. Ин шеъру навои рӯҳангез, ки аз гулӯи вай бармеояд, аз ӯ нест, балки ишқ ё маъшуқ аст, ки ба забони ӯ сухан мегӯяду бар пардаҳои гулӯяш оҳанги шарарбор мерезад» (Бадеъуззамони Фурӯзонфар):

**Мо табъи ишқ дорем, пинҳони ошкорем,**
**Дар шаҳри ишқ пинҳон, дар кӯйи ишқ фошем!**

Аслан, мутобиқи қавонину муқаррароти собити адабӣ, шоир бояд дар ибтидо мазмуни дилангезу сипас вазни муносиберо интихоб кунаду баъдан аз дунболи қофия бошад. Аммо равиши кори Ҷалолиддини Балхӣ, чунон ки қаблан ишора рафт, чунин будааст, ки шабҳои самоъ ба даври сутуне дар манзилаш ё дар толори бошукӯҳи Парвона, вазири аъзам Кайқубоди Салҷуқӣ, мечархиду дар ҳоли хуши ваҷду ҷазаба ва муҳити пурҷӯши мусиқиву дастафшониву пойкӯбӣ ғазал мегуфту месуруд.

Ғазалиёти Мавлоноро, ки дар нусхаҳои гуногун мураккабу мураттаб аз қариби 50 000 байтанду дар «Девони Шамси Табрезӣ» (маъруф ба «Девони Кабир») фароҳам омадаанд, аз лиҳози мазомину маъонӣ метавон ба тартиби зерин таснифу табақабандӣ намуд:

- Ғазалҳое, ки ишқу муҳаббати сӯзони байни инсонҳо – мардону занонро меситоянд.
- Ғазалҳое, ки таълимоти пурпечутоби ирфонии муаллиф ва ишқу робитаи рӯҳонии сӯфиёнаро нисбат ба Худо тараннум мекунанд.
- Ғазалҳое, ки муҳаббату садоқати шахсии Мавлоноро нисбат ба ёру дӯстон ва муршиду муридонаш ифода месозанд.
- Ғазалҳое, ки фикру андешаҳои умумиинсонии башардӯстона ва панду ҳикмати ибратомӯзи мактаби рӯзгори нотакрори Мавлоноро таҷассум менамоянд.
- Ғазалҳое, ки дар онҳо Мавлоно нуқсу қубҳи замонаву ҳамзамононашро мавриди танзу танқиди шадид қарор медиҳад.

Мавлоно дар 55 баҳри мухталиф ғазал офаридааст, ки дар шеъру адаби деринасоли форсии дарии тоҷикӣ ҳеҷ як аз шуаро натавониста, ки ба ин андоза тавсеа дар авзони (вазну баҳрҳои арӯз)-и ғазал дода бошад, он ҳам авзони матруке, ки дар шеъри қадими тоҷикии форсӣ вуҷуд доштаву баъдан аз гардиш баромадаанд.

Тамоми чунин авзонро даҳои Мавлоно мухтариъ будааст, ки беҳтар аз авзони маъмула (анъанавӣ, мавриди истифода, маъмулӣ – А.Р.) воқеъ афтодаанд («Ёдномаи Мавлавӣ», Интишороти ЮНЕСКО дар Эрон, саҳ.156).

Аз гуфтаи Атоуллоҳи Тадайюн, «дарозии ғазалҳои «Девони Шамс», ки гоҳе (аз се – А.Р.) то чиҳил ва, ҳатто, ба шаст байт мерасад (дар сурате, ки барои ғазал ҳадди мутавассите, ки таъйин кардаанду аз он таҷовуз наметавон кард, дар ҳудуди понздаҳ байт аст), ношӣ (пайдошуда – А.Р.) аз ин зарурат мебошад, ки «дар хароботи дилаш андешаҳост». Ин андешаҳо, ки «дарҳам афтода чу мастон», бидуни риояти таносуб, дар абёти ғазал зоҳир мешаванд ва худ ин хуруҷ (берунравӣ – А.Р.) аз меъёри мутаорифу маълуф (маъмуливу одатӣ – А.Р.) ба ғазал хосияти манотиқи ваҳшиву кӯҳистоние медиҳад, ки танаввуи манозир (гуногунии манзараҳои тасвиршаванда – А.Р.)-у гуногунии мутаволӣ (пайдарҳамӣ, дарозо – А.Р.)-и табиат намегузорад малоли якнавохтӣ (якрангӣ – А.Р.) ба ҷони кунҷкови мо роҳ ёбад. Гӯӣ, вазну қофия (дар ғазалиёти «Девони Шамс» – А.Р.) сарошебест, ки Мавлоно наметавонад худро дар он нигоҳ дорад ё шавқи асҳобу ҳавориюн (дӯстону шогирдон — А.Р.) ба нӯшидани шароби рӯҳонии ӯ вайро ба гуфтан мекашонад:

**Ту даҳонро чу бибандӣ, хамӯширо писандӣ,**
**Кашишу ҷазби надимон нагузоранд хамӯшат!».**

Бешубҳа, чунон ки пештар гӯшрас шуд, аксари ғазалҳои дилошӯби Мавлоно дар маросими рақсу самоъу кафзанию пойкубии дарвешон, дар зери навои тарабангези дафу наю чангу рубоб, дар ҳалқаи муносиби дӯстони мувофиқ

суруда шудаанд. Аз ин рӯ, ҳамеша аз онҳо нағмаи суруди зиндагӣ ва садои тарабу хушӣ ба гӯш мерасад:

**Рав, он рубобиро бигӯ: «Мастон саломат мекунанд!»**
**В-он мурғи обиро бигӯ: «Мастон саломат мекунанд!».**
**В-он мири соқиро бигӯ: «Мастон саломат мекунанд!»,**
**В-он умри боқиро бигӯ: «Мастон саломат мекунанд!»,**
**В-он мири ғавғоро бигӯ: «Мастон саломат мекунанд!»,**
**В-он суду савдоро бигӯ: «Мастон саломат мекунанд!».**

Таронағазалҳои Мавлоно ғолибан дар сифоту таҷаллиёти ишқу ошиқӣ гуфта шуда бошанд ҳам, ҳалли мавзӯи печида дар коргоҳу дидгоҳи шоир ба таври вижае сурат гирифтааст. Ишқи Мавлоно асоси моддӣ дошта, аз моддиёти заминӣ сарчашма мегирад. Ӯ бе дилбастагӣ ба мавҷуде моддӣ маърифати мавҳуми самовиро тасаввур намекунад ва карда ҳам наметавонист, зеро, дар ҳақиқат, ҳар чизи нодидаро дар қиёси дида тасаввур метавон карду бас.

«Он чи мо ҳоло мегӯем, ки Мавлоно «ишқи ирфонӣ» месуруд, ҳамон ишқи оламгиру ҷаззобест, ки аз мушоҳидаи ҷамоли Бурҳонуддини Тирмизӣ, Шамсуддини Табрезӣ, Салоҳуддини Қуниявӣ ва Ҳусомуддини Чалабӣ ҳосил гардидааст ва агар мо вазъи Мавлонову дилбохтагони ӯро ба сароҳат бидонем, асоси моддиву мабдаи заминӣ доштани ғазалҳои шӯрангези ӯро ба осонӣ метавонем таъйид кард» (Саҳобиддин Сиддиқов).

Воқеан, Мавлоно маъшуқ — инсонро, инсони зинда, хоса Шамси Табрезиро, ба дараҷаи Илоҳӣ бардошта, барояш қудрату манзалати беҳамтоеро маръӣ доштааст:

**Онҳо, ки талабгори Худоед, Худоед!**
**Берун зи шумо нест, шумоед, шумоед!**

**Зотеду сифотеду гаҳе аршу гаҳе фарш,**
**Дар айни бақоеду муназзаҳ зи фаноед!**

**Ҳар рамз, ки Мавло бисарояд ба ҳақиқат,**
**Медон, ки бад-он рамз сазоед, сазоед!**

«Ман»-и шоир дар ғазалиёти шӯрангези худ риштаи тақдири башарро аз осмон даррабуда, ба дасти худи инсон додааст; одамро аз қайди олами боло озод намуда, барояш истиқлоли том бахшидааст; аз тамоми мавҷудоти олами улвию сифлӣ инсонро муқаддамтар ва аз тамоми муқаддасот муқаддастар гардонидааст, ки дар арсаи эҷоду эрод олитару волотар аз он набудаасту намебошад.

Ғазалиёти Мавлоноро дар асоси мазомину мӯҳтаво шартан ба гурӯҳҳо ҷудо кардан имконпазир бошад ҳам, дар «Девони Шамси Табрезӣ» «пайваста дар ғазале як андеша дунбол намешаваду татобуъ (ҷустуҷӯ, таҳқиқ – А.Р.)-и як матлаб (мавзӯъ – А.Р.) дар кор (имконпазир – А.Р.) нест: гоҳе як ғазал монанди анбори пурмояе аз колоҳои гуногун анбошта шудааст.

Илова бар ин, ғолибан, шавоҳиди матлабе (мисолҳое барои тасдиқи мавзӯе – А.Р.) тамоман дар як ғазал нест: аз чанд ғазалу гоҳе аз ҳар ғазал чанд байт бояд нақл кард, то аз маҷмӯи онҳо шаммае аз матлаби мавриди назар гуфта шаваду гоҳе матлабе дар чанд ғазал ба таъбироти мухталиф омадааст, ки шахс дареғ дорад аз ҳамаи онҳо чашм бипӯшаду овардани ҳамаи онҳо низ чандон писандидаву муносиби навиштае мухтасар нест» (Атоуллоҳи Тадайюн), ки навиштаи ҳозираи мо ҳам аз ин қоида мустасно нест ва чунин ҳолу мисолҳоро дар «Девони Кабир»-и оламгир фаровон мулоқӣ метавон гардид.

Хулосаи калом, дар мавриди эҷоду бунёди 3 500 ғазали «Девони Шамси Табрезӣ», ки дар 55 қолаби арӯзи форсии тоҷикӣ рехта шуда, камобеш 50 000 байтро ташкил медиҳанд, аз ҷониби Мавлоно санъатҳои лафзиву маънавии наву куҳани бадеъ фаровон истифода шуда, бино бар мушоҳидаи устод Бадеъуззамони Фурӯзонфар, «дар ҳудуди 75 000 таркиботи васфиву изофӣ» ба кор андохта шудааст, ки «10 000-и он ихтироъкардаи андешаву замири Мавлоност».

Бояд афзуд, ки ғазалиёти «Девони Кабир» аз лиҳози ғановати қофияву радифбандӣ ва корбасти дигар аносири меъмории сухан ҳам ҷолибу мумтозанд ва чунин аҳволу осори навоваронаву қолабшиканонаро дар ашъори ягон шоири дигари пешину пасини форсигӯ наметавон мулоқӣ гардид: ӯ дар як ғазал гоҳо калимаи қофияро чанд маротиба тағйир дода, ҳамон радифро боқӣ мегузорад; аксари радифоташ такрору дарозу нодиранд; саҷъи дохилиро фаровон истифода мебарад; дар охири абёташ баъзе каламоти бемаъниро, монанди «тан-тан», «лам – лам», «қум – қум», «лаб – лаб» ва ғайра…, радифвор пайиҳам мечинад, ки халқияту оммавияту мусиқавияти суханонашро қавитар мегардонанд:

**Дили ман, дили ман, дили ман бари ту,**
**Рухи ту, рухи ту, рухи бофари ту!**

**Ва ё:**

**Боз омадам, боз омадам, ҳозо ҷунун-ал- ошиқин,**
**Бе сӯзу бо соз омадам, ҳозо ҷунун – ал – ошиқин!**

**Ва ё:**

**Ҳилат раҳо кун, ошиқо, девона шав, девона шав,**
**В-андар дили оташ даро, парвона шав, парвона шав!**

Дар ҳақиқат, ашъори ғаноии Мавлоно, ки сокину вассофи беназири Шаҳри Бузурги Ишқ аст, батамом андар қолаби адвори мухталифи мусиқӣ рехта шуда, бар муроди шоири мутарғиби ғояҳои баланди инсондӯстӣ хидмат кардаанд. Аммо мусиқавияту хушоҳангии ашъори Мавлоно дар нисбати офаридаҳои салису нафиси дигар устодони сухани форсии тоҷикӣ фарқи боризе дорад. Фарқият дар он аст, ки зеру бами мусиқӣ дар осори манзуми Мавлоно бори гарони фалсафӣ – тасаввуфиро бар дӯш доранд ва навои ҷони орифи пурисёни дилсӯзон мебошанд:

**Дар ғайб ҳаст уде,**
**К-ин ишқ аз ӯст дуде!**

Чунон ки донишманди бузурги Мавлавию Маснавишинос профессор Реналд Алан Николсон дар ин бора менависад, «сӯфиёнро ақида бар он аст, ки пайвастагии таъсири рӯҳонии мусиқӣ бо рӯҳ амре азалисту ба ҳангоми истимоъ онҳо (сӯфиён – А.Р.) бори дигар овои Ҳақро мешунаванд, ки ҷумлагӣ арвоҳи башарӣ дар абадият бад-он ово посух медоданд (Қуръони Карим, сураи 7, ояти 172)-у ба ҳамин тариқ бо сурудаҳои сипоҳи осмонӣ ҳамовоз гаштанд».

Ҳамчунин, сазовори таъкид аст, ки Мавлоно дар ҷараёни гуфтани ҳам «Маснавӣ»-ю ҳам «Девони Кабир» хусусиётҳу мушаххасоти тамоми сабку равиши адабии роиҷи то замони худу баъди онро, монанди сабки хуросонӣ, ироқӣ, ҳиндӣ, бозгашт ва ғайра, мутаҷассим доштааст, ки далели дигари вусъати нопайдоканори андешаву қудрати нотакрори суханварии ӯ мебошад, ки ҳамчун падидаи нодиру беназире ҳамагон эътирофаш кардаанд.

Ҳамин тариқ, «Девони Шамс» дарёест, оромиши он зебову ҳаяҷони он фитнаангез аст; мисли дарё пур аз мавҷ, пур аз каф, пур аз бод аст. Мисли дарё ҷилвагоҳи рангҳои гуногун аст: сабз аст, обист, бунафш аст, нилуфарист. Мисли дарё ойинаи осмону ситорагону маҳалли таҷаллии ашааи Меҳру Моҳу Офаринандаи нақшҳои ғуруб аст. Мисли дарё аз ҳаракату ҳаёт лабрез асту дар зери зоҳири сайқаливу ором дунёе пур аз тапишу пур аз талоши тамомнашудании зиндагӣ дорад.

«Девони Шамс» девони шеър нест, ғавғои як дарёи муталотими тӯфонист.

«Девони Шамс» инъикоси як рӯҳи ғайриорому пур аз ҳаяҷону лабрез аз шӯру ҷазаба аст.

Нахустин хусусияте, ки аз ғазалиёти Ҷалолиддин ба чашм мехӯраду ӯро аз соири шуаро мумтоз мекунад, ин аст, ки ӯ намехоҳад шеър бигӯяд: мехоҳад

эҳсосоти гунгу мубҳами худро бигӯяд. Ӯ «гунги хобдидаест»-у мехоҳад барои карҳо хоби худро бигӯяд. Ӯ дар укёнусе даступо мезанаду ин даступозадан ба сурати каламоти мавзуну хушоҳанг дармеояд» (Алии Даштӣ).

Оре, шеъру таронаҳои дарёӣ, фикру андешаҳои укёнусӣ ва панду ҳикматҳои зоҳиран орому «хоболуд»-у ботинан туғёниву тӯфонии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ –яке аз номбардортарин зодагони Модари бузургонофарини тоҷик ва фурӯзонфартарин андешамандони осмони фазлу хиради миллати ориёнажодамон имрӯз ҳам, баъди садсолаҳои мутамодӣ моро бедору ҳушёр ва устувору барқарор нигаҳ медоранд, ба сулҳу ваҳдату озодӣ, камолоту тараққиёт ва худшиносиву Худошиносӣ ҳидоятамон мекунанд:

**Паркандагӣ аз нифоқ хезад,**
**Пирӯзӣ аз иттифоқ хезад!**

## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛИИ 12

### Фарҳангномаҳои ирфонӣ – тасаввуфӣ

КӢ НАХУСТИН ДОНИШНОМА НАВИШТ?

Донишнома дар ҷаҳон таърихи тулонӣ дорад. Бархе бар ин ақидаанд, ки собиқаи донишноманигорӣ дар Шарқ нисбат ба Ғарб тӯлонитар аст. Чиниҳо нахустин донишноманависон будаанд, ки аввалин донишномаи онҳо дар асри 15 пеш аз милод навишта шудаанд. Бузургтарин донишномаи катбӣ «Юн-ле» мебошад, ки таҳияи онро соли 403 м. императори Чин Юн-ле фармон дода буд. Ин Донишнома аз 11 ҳазору 95 ҷилд иборат буд ва 510 ҳазор ё худ 300 млн иероглифро дар бар мегирифт. То имрӯз 40 дарсади матни он маҳфуз мондааст. Дар Ғарб, дар аҳди бостон касеро файласуф мегуфтанд, ки фарогирандаи ҳамаи донишҳову илмҳо бошад. Аз ин рӯ осори онҳоро чун ҷузъи аввалин донишномагунаҳо овардаанд ва ба ҳамин далел таълифоти Арастуву Афлотунро аз аввалин донишномаҳо шумураанд. Донишноманигориро дар Аврупо ба се давра тақсим кардаанд: аз Юнони Бостон то асри 17, аз аввали асри 18 то аввали асри 20 ва давраи муосир. Давраи нахустин давраи донишномагунаҳо ном гирифтааст. Дар давраи бостон таснифи пешинаи донишнома ба кишварҳои Юнону Рум бозмегардад. Мақсади юнониён ин буд, ки фарҳанги шифоҳии худро ба фарҳанги навишторӣ табдил диҳанд. Румиҳо низ мекӯшиданд, ки хулосае аз дониши замони худро ба китоб ворид намоянд. Муҳимтарин осори ин давра «Таърихи табиӣ» («Naturalis Historia»-и Гай Плиний Секунд (77 м.) буд, ки баъзе онро мувофиқи шеваи гирдоварии иттилоот аввалин донишнома дар ҷаҳон донистаанд.

Асари донишманди фаронсавӣ Винстони Бовaӣ (1190–1264), «Оинаи бузург»

(«Speculum majus», асри 13), бузургтарин дастоварди асри миёна ва бузургтарин донишномаи қабл аз асри 18буд. Бо «Эҳёи улуми кабир» («Great restoration of Sciences»)-и Ф.Бекон таҳаввули донишноманависӣ дар Аврупо оғоз гашта, дар асри 17 ва ибтидои асри 18 равиши танзими матолиби доирату-л-маориф аз мавзуъӣ ва соҳавӣ ба алифбоӣ табдил дода шуд. «Фарҳанги бузурги таърихӣ» («Grand dictionnaire historique» – 1643–80)-и донишманди фаронсавӣ Луи Морери яке аз нахустин донишномаҳои алифбоӣ дар Аврупо буд,ки аз ҷиҳати матолиби зандагиномаӣ ва ҷуғрофиёӣ ва фарҳангӣ ғанӣ мебошад.Он соли 1674 дар ш. Леон интишор ёфта, ба забонҳои олмонӣ, итолиёӣ ва фаронсавӣ тарҷума шуд.
Давраи дуввум давраи таҳаввули донишноманигорӣ дар Ғарб аст. Дар ин давра гароиш ба истифода аз шеваи муназзам дар тақсими улум дар миёни аҳли илм бартарӣ ёфт. Муҳимтарин донишномаҳои давра: «Доирату-л-маорифи фаннӣ»-и донишманд ва руҳонии инглис Ҷ. Ҳаррис (1666–1719), «Сиклипедия ё Фарҳанги ҷаҳонии улум» -и Е. Чамберс (1680–1740) дар соли 1727; «Донишномаи ҷомеъ»-и донишманди олмонӣ И. Ҳ. Зедлер («Great Universal Lexicon»(1732–50, дар 64 ҷилд), «Энсиклопедия ё Доирату-л-маорифи Ҷомеъ» («Encyclopédie») таҳти сарпарастии адиб ва файласуфи фаронсавӣ Д. Дидро, ки дар ҳамкорӣ бочанде аз мутафаккирони замонаш таълиф ва дар 27 ҷилд солҳои 1750–65 чоп шуд); Донишномаи маъруф ба «Брокҳаузи Бузург» (Brockhaus encyclopedia), тадвини Фридрих Арнолд Брокҳауз, ки дар солҳои 1796–1811 (чопи баъдӣ дар солҳои 1927–35,дар 20 ҷилд) интишор ёфт; «Донишномаи бузурги Британика» («Encyclopædia Britannica»), ки нахустин бор соли 1768 (Эдинбург, 3 ҷилд) оғоз шуда, соли 1771 ба поин расид ва батадриҷ соли 1929 чопи 14-уми он дар 24 ҷилд мунташир шуд; «Қомуси бузурги ҷомеи қарни 19» («Grand dictionnaire universel du XIXe siècle»)-изабоншиноси маъруфи фаронсавӣ Ларусс Пйер дар 17 ҷилд, солҳои 1866–76 ба нашр расид.
Дар давраи севум донишноманигорӣ ба тарзи нав, бо роҳу равиши тоза шуруъ шуд. Дар нигориши донишномаҳои муосир на як муаллиф, балки ҳайати бузурги кормандон иштирок намуда, донишмандони соҳаҳои гуногуни илмро ба навиштани мақолаҳо ҷалб мекарданд. Яке аз донишномаҳои маъруфи давраи муосир «Донишномаи Бузурги Шӯравӣ» («Большая Советская Энциклопедия») мебошад, ки аз соли 1926 то 1978 се бор интишор ёфт; нашри охири он аз 30 ҷилд иборат аст. Барои он 8 ҳазор донишманд мақола навишта буданд, ки беш аз сад ҳазор мадхалро дар бар гирифтааст. Дар кишварҳои Аврупову Амрико донишноманависии муосир аз охири асри 19 ва ибтидои асри 20 оғоз шуд. Донишномаҳои маъруфи ин кишварҳо «Американа» («Encyclopedia Americana»), солҳои 1903–20 ду маротиба нашр шуд, нашри дувум – 30 ҷилд), «Британика» (Англия), «Донишномаи Брокҳаус» («Brockhaus», аз соли 1805 то кунун мунташир мешавад); «Донишномаи Колумбия» (1935); «Ларусси ҷадиди мусаввар» (Фаронса, 1897–1904, 7 ҷилд) мебошанд. Қариб ҳамаи кишварҳои дунё, ки узви СММ мебошанд, донишномаҳои худро доранд.

## ДОНИШНОМАНИГОРӢ ДАР ШАРҚ

Дар асрҳои нахустини зуҳури ислом, бахусус пас аз тарҷумаи нахустин матнҳои хориҷӣ ба забони арабӣ, зарурати табақабандии танзими маорифи ҷадид эҳсос гардида, дониши қавмҳои мағлуб низ, ки аз оғози ислом шакл гирифта буданд, бояд бо улуми исломӣ ҳамоҳанг мешуд. Ин зарурат сабаби падид омадани навъҳои мухталифи таълифоти донишномагунаи фарогирандаи мавзуъҳо ва масъалаҳои донишу фаннҳои гуногун гардид. Қисме аз онҳо то асрҳои 10–11 ва баъд аз он ба забони илмии онвақта – забони арабӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон ва кишварҳои дигар аз тарафи тоҷикону донишмандони эронитабор, ки дини исломро пазируфта буданд ва забони арабиро медонистанд, навишта шуданд.
Муҳимтарин донишномаҳо дар ҷаҳони ислом «Ъуюну-л-ахбор»-и Ибни Қутайба (828–854), «Ниҳояту-л-араб фӣ фунуни-л-адаб»-и Аҳмад ибни Абдулваҳҳоби Нувайрии Киндӣ (1279–1331, 30 ҷилд), «Субҳу-л-аъшо фӣ синоъати-л-иншо» (14 ҷилд, ки ба форсӣ бо номи «Бомдоди шаби кӯр дар оини нигориш» аз ҷониби Аҳмади Қалақашандӣ (асри 15) баргардон шудааст) ва «Муҳозарату-л-аброр ва мусофирату-л-ахбор»-и Ибни Арабӣ ва ғ. ба шумор меравиад.
Аз байни доирату-л-маорифҳои муосири арабӣ низ метавон «Доирату-л-маориф»-и Б. Бустонӣ ва писаронаш (1876–83, 6 ҷилд), ки баъдан таҷдид чоп шудааст ва ҳамчунин «Мавсуъоту-л-улуму-л-арабийя»-и А. Закипошшо (1934)-ро ном бурд. Вожаи «доирату-л-маориф»-ро бори нахуст Б. Бустонӣ (1876) ба забони арабию фарҳанги мардуми арабиалифбо ворид намуд. Алҳол барои ифодаи номи асарҳои донишномавӣ истилоҳи «ал-мавсуъа» корбурд мешавад. Чунончи Донишномаи фиқҳ дар 45 ҷилд бо номи «Ал-Мавсуъоту-л фиқҳия» дар Кувайт ба табъ расид.

## ГУСТАРИШИ ДОНИШНОМАНИГОРӢ ДАР ЭРОНЗАМИН

Тоҷикон ва эронитаборон дар ҷаҳон аз нахустин мардуми дорандаи донишнома−Авесто мебошанд, ки дар асрҳои 8−7 то м. тадвин шудааст. Дар замони давлатдории Сосониён (асрҳои 3−7) ва як-ду аср баъд аз он асарҳое, аз қабили «Динкард», «Бундаҳиш», «Додистони динӣ» ва амсоли инҳо тадвин шуданд, ки хусусияти донишномавӣ доранд.
Эрониён пас аз пирӯзӣ бар румиёну баҳрагирӣ аз асирони донишманди онҳо, дар чандин шаҳрҳо дору-л-илмҳо таъсис дода, дар натиҷаи тарҷумаи осори файласуфони бузург бо фарҳангу адабиёти олами Ғарб ошно шуданд ва дар заминаҳои мухталифи илмӣ рушду пешрафт карданд. Ҳамчунин дар оғози густариши ислом забони арабиро азбар намуда, дар ҳамаи соҳаҳо ба таълиф пардохтанд. Аз ҷумла таълифи китобҳои чанддонишӣ ё донишномагуна дар ин замина ривоҷ ёфт, ки намунаҳои нахустини онҳо бо забони арабӣ буд. Ба ин хотир бисёре аз донишмандони тоҷикро, ки осори арабӣ доранд, араб хонданд. Дар он давра дастовардҳои андешаи форсию исломӣ дар заминаҳои донишу фарҳанг бо забони арабӣ баён мешуданд, аммо аз охирҳои асри 9, ки

забони форсӣ забони фарҳангӣ эълон шуд, донишмандони тоҷик (эрониён) тавонистанд бо баргардондани китобҳои арабӣ ба форсӣ, илмҳои арабиро, ки худ дар падид овардани он саҳми босазо гузашта буданд, ба қаламрави фарҳанги форсӣ бозгардонанд. Баъзе аз ин донишномаҳо ҳамаи илмҳоро дар бар гирифта, баъзе фақат ба як соҳаи хос бахшида шудаанд. Осоре, ки то асри 11 навишта шудааст, вижагиҳои яксоне дорад, ва ба қалами як донишманд ё як файласуф, ки аз ҳамаи илмҳои замони худ хабардор будааст, таълиф шудаанд. Бештари осор ба супориш ё ҳимояти шоҳ ё вазири донишманду донишпажӯҳон, барои таълими ашхоси босавод ва ё гурӯҳи махсусбо сабки содатаре навишта мешуд. Ба ҳамин далел ҷанбаи умумии онҳо бештар буд; муаллифон бештар ба инъикоси ҳамон илмҳое мепардохтанд, ки мардум бо онҳо сари кор доштанд. Шеваи танзими ин осор бештар мавзуъӣ буд ва тақсими илмҳо дар онҳо тибқи тақсими чаҳоргонаи арастуӣ (мантиқ, табииёт, риёзиёт, илоҳиёт) сурат мегирифт; матолиби китоб бар пояи таҷрибаҳои шахсию завқи муаллиф ё таҷрибаҳои гузаштагон тарҳрезӣ мешуд. Номи онҳо тавре гузошта мешуд, ки хонанда бо дидани он чанддонишӣ будани онро пай мебурд. Дар бисёре аз ин осор матлабҳои гуногуну ақидаҳои аҷоибу ғароиби хурофотнамо ба таври фаровон дида мешуданд, ки ба воситаи он метавон то ҳадде бо андешаву тафаккури илмӣ ва рушди маънавии гузаштагонамон ошно шуд. Аммо дар шароите, ки забони арабӣ дар ин давраривоҷ ёфта, забони расмии дастгоҳи идорӣ гардид, осори фаровоне ба ин забон навишта мешуд, зеро барои мардуми зиёд ҳатто мансабдорони ин забон бегона буд. Тадриҷан гаравидан ба забони модарӣ дар мардум ва сипас дар ҳокимон зиёд шуда, пас аз давраи Сомониён забони форсии дарӣ ривоҷ ёфт. Дар давраи Ғазнавиён ва Салҷуқиён истифода аз забони арабӣ камтар шуда, баръакс, забони форсӣ дар коргузорӣ ва мукотиботи идорӣ, осори адабию илмӣ равнақ гирифт. Дар давраи муғул, пас аз тасарруфи пойтахти хилофат– Бағдод (1258), заминаи дигаре барои истифода аз забони арабӣ дар дастгоҳҳои сиёсӣ вуҷуд надошт ва муаллифон аксарияти осори худро ба забони форсӣ таълиф мекарданд. Муҳимтарин донишномаҳое, ки ба забони арабӣ таълиф шудаанд инҳостанд: «Эҳсоу-л-улум»-и Абунасри Форобӣ, «Мафотиҳу-л-улум»-и Муҳаммади Хоразмӣ, «Расоили Ихвону-с-сафо», «Эҳёу улуми-д-дин»-и Муҳаммади Ғазолӣ ва ғ.

«Эҳсоу-л-улум»-ро аввалин донишнома дар Эрони пас аз ислом донистаанд. Ба гуфтаи Форобӣ, ҳадаф аз таълифи он арзи иттилооти мухтасар ба донишпажӯҳон будааст. Форобӣ дар ин китоб дар панҷ фасл ба чаҳор риштаи фалсафаи назарӣ, яъне мантиқу риёзиёту табииёту илоҳиёт ва ду риштаи фалсафаи амалӣ, яъне ахлоқу сиёсат пардохтааст. Ин китоб аз ҷиҳати сари кор доштанба забону адабиётаҳаммийяти бузургдорад. Дар фасли аввали он муаллиф пас аз тақсими илми забон ба ду қисми ёдгирии алфозӣ ва шинохти қонунҳои ин алфоз, онҳоро ба муфраду мураккаб ва илми забонро ба ҳафт бахш тақсим карда, шоҳидҳои арабӣ меоварад. Вале қонунҳоеро зикр мекунад, ки умумиянд ва бар ҳар забоне мувофиқ меоянд. Дар фасли дуввум ба илми мантиқ ва бахшҳои он, фасли севум ба илмҳои таълимӣ, фасли

чаҳорум ба илмҳои табиӣ ва бахшҳои он, фасли панҷум ба илми маданӣ ва бахшҳои он пардохтааст.

«Мафотиҳу-л-улум» дар 2 мақолату 15 боб ва 93 фасл навишта шудааст. Мақолоти аввал шомили илмҳои шариат ва бахше аз илмҳои мардуми ғайриараб (Аҷам) дар 9 бобу 41 фасл гирд оварда шудаанд. Се боби ин китоб ба адабиёт бахшида шуда, дар боби севуми он (дар 12 фасл) ба мабдаҳои илми наҳв, шева ва шаклҳои иъроб дар равиши кори тамоми наҳвиён ва амсоли ин пардохтааст. Боби панҷум дар бораи куллиёти илми аруз ва номи баҳрҳо, номи зиҳофҳо, қофияҳо решаи номҳову истилоҳот ва накди шеъру истилоҳоти аҳли накд аст. Агарчи «Мафотиҳу-л-улум» чун доирату-л-маориф таррохӣ шудааст, аммо муҳтавои он монанди қомусҳои арабист. Ба гуфтаи муаллиф, ҳадафи он омӯзишу таҳқиқи решаи калимаҳое будааст, ки ниёз ба шиносоӣ доранд.

«Расоили Ихвону-с-сафо», ки ҳамчун донишнома аз аҳаммийят холӣ нест, дар нимаи асри 11 ба забони арабӣ таълиф шудааст. Онро метавон дар ҷаҳони араб нахустин асаре донист, ки дар натиҷаи кори гурӯҳӣ тартиб дода шудааст. Баъзе нависандагони онфорсизабон будаанд, гарчанде ки номи худро зикр накардаанд. Вижагии ин асар дар якмаром будани қолиби таълифоти он аст, агарчи нависандагони сершуморе доштааст. Ин далел бар ҳамфикрии нависандагони онҳо ва назорати куллии олими бузурге чун Макдисӣ дар таҳияи он аст.

## ДОНИШНОМАҲО БА ЗАБОНИ ПОРСИИ ДАРӢ

Муҳимтарин донишномаҳое, ки ба забони форсӣ навишта шудаанд: «Нузҳатномаи Алоӣ»-и Шаҳмардон ибни Абулхайри Розӣ, «Баҳру-л-фавоид» (муаллифи ношинос), «Фаррухномаи Ҷамолӣ»-и Абубакр Мутаҳҳари Ҷамолии Яздӣ, «Явоқиту-л-улум ва дарори-н-нуҷум» (нависандаи ношинос), «Ҷомеъу-л-улум»-и Фахруддини Розӣ, «Наводиру-т-табодур»-и Шамсуддини Дунайсирӣ (адиби порсигӯи Ҳинд, асри 12), «Нафоису-л-фунун ва ароису-л-ъуюн»-и Шамсуддин Муҳаммади Омулӣ ва «Кашшофу истилоҳоти-л-фунун»-и Муҳаммадалии ибни Алӣ ва ғ. Донишманди эронӣ Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ дар муқаддимаи «Явоқиту-л-улум» беш аз 40 китобро чундонишномаи умумӣ ба забони модарии мо ёд кардааст.

«Баҳру-л-фавоид» аз куҳантарин донишномагунаҳои форсист, ки дар Шом дар ҳудуди солҳои 1158–63 таълиф шуда, аз 36 китобу 300 боб иборат аст. Бахши аввали мавзуъоти он марбут бо дини ислом ва бахши дуввуми он шомили усули ахлоқист. Арзишаш, аз он ки дар кишвари арабӣ ба форсӣ таълиф шудааast, хеле болост. Навиштаҳои он намунаҳои беҳтарин барои фарҳангу дастури забони форсӣ ҳастанд. Ин асарро аз сабаби аҳаммийяти вижа додан ба масоили динӣ метавон донишномаи мазҳабӣ донист.

«Фаррухномаи Ҷамолӣ» китобест дар боби манфаатҳо ва шинохти ҷонварон, гиёҳон сангҳои гаронбаҳо ва ситорагон, ки соли 1175 дар пайравӣ ва такмили «Нузҳатнома» таълиф шудааст. Аз ин китоб ду таҳрир мавҷуд аст; таҳрири аввал (ба 16 фасл тақсим шудааст) соли 1185 ва таҳрири дуввум (танҳо аз 8

фасл иборат аст), ки ба ақидаи муҳаққиқон хулосаи матолиби таҳрири нахустин аст, ки худи нависанда сохтааст. Гарчи Ҷамолӣ дар ин китоб ба адабиёт ба таври хос напардохтааст, вале ин китоб аз лиҳози зикри вожаҳои куҳан муҳим аст ва донишмандон онро ба хотири қадимӣ ва дорои беш аз 350 калимаи форсии қадим будан, баъд аз «Луғати Фурс», яке аз манбаъҳои муҳимми форсӣ медонанд.
«Явоқиту-л-улум ва дарори-н-нуҷум», ки қабл аз соли 1178 барои истифодаи навомӯзон навишта шудааст, аз30 фан иборат аст, ки ҳар фан шомили як фотиҳа, 12 масъала ва посухи он ва дар маҷмуъ шомили 360 пурсишу посух аст. Дар он бештар масъалаҳое омадааст, ки донишмандон дар маҳфилҳои халифагон ва маҷлисҳои бузургон матраҳ кардаанд. Тибқи пажӯҳишҳо, ин китоб шомили ду бахши ҷудогона аст. Бахши нахуст (бахши асосии он) вижаи илмҳои исломист ва бахши дуввум ба фалсафаи назарӣ робита дорад. Муаллиф дар ин бахш ба далели надоштани иттилооти кофӣ ба ҳамаи баҳсҳои фалсафӣ напардохта, танҳо илмҳоеро, ки мешинохту онҳоро муносиби як донишнома мешумурд, гирд овардааст. Мавзуъҳои дигари он илмҳои луғат, наҳву иъроб, тасриф, аруз ва наводири шеъру хат мебошанд.
«Ҷомеъу-л-улум» ё «Ҳадоиқу-л-анвор фӣ ҳақоиқи-л-асрор» муҳимтарин ва машҳуртарин асари форсии Фахруддини Розӣ ва нахустин донишномаи муназзаму тадвиншуда ба забони форсист.
«Наводиру-т-табодир ли туҳфати-л-Баҳодур»-и Шамсуддини Дунайсирӣ (1271) баъд аз «Фаррухнома» ва «Нузҳатнома» севумин донишномаи илмҳои табиист,ки ба «Нузҳатнома» монанд аст. Дунайсирӣ дар поёни китоб аз «Нузҳатнома» ба унвони яке аз манбаъҳо ёд мекунад. Ин китоб дар 12 фан буда, ҳар фан дар 6 мақола танзим шудааст.Китоб ба забони форсӣ таълиф шуда, иттилоотеро дар бораи илмҳо дар бар гирифтааст, вале аҳаммийяти он дар истифодаи «истилоҳоти илмиву калимоти куҳану асил» аст. Асари мазкур аз лиҳози вижагиҳои сабкшиносӣ низ аз аҳаммийят холӣ нест.
«Нафоису-л-фунун ва ароису-л-ъуюн»-и Шамсуддин Муҳаммади Омулӣ байни солҳои 1335–42 дар як муқаддимаву ду қисм илм (улуми авоил ва улуми авохир) таълиф шуда,шомили 9 мақола аст. Ин китоб донишномаи ҷомеъ ва муфассал дар илмҳои қадим аст. Улуми авоил шомили 75 илм дар 23 фан аст, ки дар 5 мақолаи ҳикмати илмӣ, ҳикмати назарӣ, усули риёзӣ, фурӯи табиӣ ва фурӯи риёзӣ танзим шудааст. Улуми авохир шомили 85 илм дар 36 фан аст, ки дар 4 мақолаи адабиёт, шаръиёт, тасаввуф ва улуми муҳоварa омадааст. Китоб ба сабки умумии навиштаҳои донишмандони асрҳои 14–15 таълиф шудааст. Фахруддини Розӣ муаллифи «Ҷомеъу-л-улум» ва Омулиро донишноманигорони воқеӣ шумурдааст. «Кашшофи истилоҳоту-л-фунун» (1748,ба забони арабӣ-форсӣ)-и Муҳаммадалӣ ибни Алии Наҳовандӣ фарҳангидонишномагуна ва манбаи муътабар барои аҳли таҳқиқ аст.Дар он истилоҳоти илмҳои гуногун: сарфу наҳв, маъонию баён, бадеъ, усул, калом, мантиқу ҳикмат, илми адад, ҳандаса, тиббу нуҷум оварда шудаанд. Дар таълифи ин асар муаллиф аз маъхазҳои бисёр истифода бурда, ибороти муаллифонро бо зикри манбаъ ба форсӣ ё арабӣ нақл кардааст.

## ДОНИШНОМАҲОИ ТАХАССУСӢ

Аз давраи нахустини нигориши донишнома баъзе аз нависандагон дар як заминаи хос ба таълифи китобҳои маърифатӣ пардохтанд ва бад-ин тартиб дар баробари донишномаҳои умумӣ донишномаҳои ихтисосӣ таълиф шуданд. Иншои ин осор ҳосили мутолаот ва дидаҳову шунидаҳои донишмандони ҳавзаи тахассусист. Дар дастабандии мавзуъии донишномаҳои ихтисосии форсӣ (қабл аз асри 19) метавон аз донишномаҳои фалсафӣ, назири «Шифо», «Донишнома» (ҳар ду аз Абуалӣ ибни Сино), «Дуррату-т-тоҷ»-и Қутбуддини Шерозӣ (ба форсӣ),донишномаҳои пизишкӣ, ба монанди «ал-Қонун»-и Абуалӣ ибни Сино (ба арабӣ), «Захираи Хоразмшоҳӣ»-и Исмоили Ҷурҷонӣ (ба форсӣ), донишномаҳои ҷуғрофиёии «Нуҳзату-л-қулуб»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ (ба форсӣ) ном бурд. Аз донишномаҳое, ки махсус барои адабиёт таълиф шудаанд, метавон ба «ал-Муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ (ба форсӣ) ва «ат-Таърифот»-и Мирсаййид Шарифи Ҷурҷонӣ (ба арабӣ) ишора кард. «Мифтоҳу-л-улум»-и Абуяъқуби Саккокӣ (фавт 1229) китобест, ки муаллиф дар он ба навъҳои адаб (ба ҷуз луғат) пардохтааст.Он дар се қисм танзим шудааст: сарф, наҳв ва маъонию баён. Дар қисми севум, ки бисёр муфассал ва аз назари адабӣ аҳаммийяти бештаре дорад, шарҳҳои бисёре навишта шудаанд (шарҳи Қутбуддини Шерозӣ, Муллосаъди Тафтазонӣ, Шарифи Ҷурҷонӣ ва дигарон).«ал-Муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ (асри 13), муштамил бар се фан аз фанҳои адаб: илми аруз, илми қофия, илми накду-ш-шеър аст. «Ҳадоиқу-с-сеҳр фӣ дақоиқи-ш-шеър»-и Рашидуддини Ватвот яке аз манбаъҳои аслии Шамси Қайс дар таълифи ин китоб будааст. «ат-Таърифот»-иҶурҷонӣ (1340–1414) фарҳангест алифбоиву доирату-л-маорифгуна. Ин китоб ба арабист ва наздик бар 1700 истилоҳро дар заминаҳои фиқҳ, ҳадис, тафсир, нуҷум, риёзиёт, калом, мантиқ ва фалсафа дар бар гирифтааст. Нависанда ҳар истилоҳро нахуст аз ҷанбаи луғавӣ муаррифӣ карда, сипас ба шарҳи маънои он мепардозад.

## ДОНИШНОМАНҲОИ ПОРСИИ ШИБҲИҚОРРА

Аҳли донишу адаби ҳавзаи Ҳинд ҳарчанд дар фарҳангнависии форсӣ ва шукуфоии он накше босазо доштанд, аммо рушди донишноманависии форсӣ дар ин ҷо бисёр кунд будааст. «Донишномаи Алоӣ», нахустиндоирату-л-маорифи арзишманде ба форсӣ дар Ҳинд аст. Аз сабаби кунд будани оҳанги донишноманависии форсӣ дар ин сарзамин, он ниёзманди як пажӯҳиши дақиқ дар таърихи донишноманигории форсӣ буд. Муҳимтарин китобҳои чанддонишию доирату-л-маорифгунаи форсӣ, ки дар Ҳинд навишта шудаанд, инҳоанд: 1. «Ҷавоҳиру-л-улуми Ҳумоюнӣ»-и Муҳаммадфозил ибни Алӣ ибни Муҳаммади Мискинии Қозии Самарқандӣ. Ин китоб соли 1528 ба номи Насируддин Ҳумоюни Курагонӣ (1508–1556) дар саду бист илми рӯзгор навишта шуд, ки аз як муқаддима, ду қисм, се мақола (ҳар як дар ду қисму чанд боб) ва як хотима сохта шудааст. Муҳамадфозил дар китоби худ, ки онро бар асоси «Нафоису-л-фунун»-и Шамсуддини Омулӣ ва «Ҷомеу-л-

улум»-и Фахруддини Розӣ навиштааст, ба таҳқиқи улуми гуногун, монанди пизишкӣ, ҳандаса, мусиқӣ, таърих, адабиёт, ахлоқ ва ғ. пардохтааст.
2. «Шаҷараи дониш»-и Низомуддин Аҳмади Гелонӣ оид ба рӯзгори Абдуллоҳи Қутбшоҳ (ҳукмронӣ 1636–73), ки дар дарбори Қутбшоҳиён дар Ҳайдарободи Дакан зиндагӣ мекард. Ин китоб 102 рисоларо дар бар гирифтааст, ки беш аз 80 рисолаи он маҳсули нигориши худи Гелонӣ ва баъзе рисолаҳо баргузида аз китобҳои дигарон аст. Гелонӣ дар ин асар ба мавзуъҳои гуногун, монанди шарҳи аҳволи Форобӣ ва ҳакимони дигар, шарҳи зиндагонии мулуки Аҷам, шаъбадабозӣ, истилоҳоти пизишкӣ, мусиқӣ, усули илми мантиқ ва ғ. пардохтааст.
3. «Шоҳиди Содиқ»-и Мирзо Содиқи Исфаҳонӣ, мулаққаб ба Мино, мутахаллис ба Содиқӣ (1610–51), ки дар солҳои 1645–50навишта шудааст. Ин китоб аз 5 боб ва хотима иборат аст: боби якум – Худовандӣ, паёмбарӣ, вилоят, имон ва ислом дар 107 фасл; боби дуввум – раёсат, салтанат, ҳукумат ва одоби он дар 77 фасл; боби севум– ақлу илм дар 80 фасл; боби чаҳорум – ишқу маҳаббат дар 75 фасл, боби панҷум – оламу замону аносир, таъриху ҷуғрофиё дар 96 фасл; хотима дар забти асмо (номҳо) дар 107 фасл.
4. «Туҳфату-л-Ҳинд»-и Мирзохон ибни Фахруддини Муҳаммад, ки дар даврони Аврангзеб (1618–1707) барои шоҳзода Муҳаммади Аъзам, писари севуми Аврангзеб дар як муқаддимаву ҳафт боб навишта шудааст. Муаллиф дар муқаддима алифбои ҳиндиву шеваи нигориши он ва дастури забони ҳиндиро шарҳ додааст. Ҳамчунин дар поёни китоб вожаномае аз калимоти санскриту ҳиндӣ овардааст, ки дарбаргирандаи ҳудуди се ҳазор вожа аст. Бобҳои ин асар: боби якум – илми арузи аҳли Ҳинд; боби дуввум – илми қофияи аҳли Ҳинд; боби севум – илми бадеъи аҳли Ҳинд; боби чаҳорум – илми ошиқию маъшуқӣ; боби панҷум –илми мусиқии аҳли Ҳинд; боби шашум –илми кук, яъне илми маърифати ақсоми зану мард ва суҳбат доштану муошарату мубошарат бо занон; боби ҳафтум – дар илми қиёфашиносӣ ва хотима дар луғоту истилоҳоти аҳли Ҳинд. «Туҳфату-л-Ҳинд» аз он кибори нахуст шеъри ҳиндиробаррасӣ кардааст, аз арзише шоён бархурдор аст.
5. «Ҳақоиқи Нурия»-и Ҳофиз Саййиднуруллоҳи Навшоҳӣ (1735–1814), аз 4 боб иборат буда, дар бораи илми қуръонӣ, ҳадис, фиқҳ, тасаввуф, авродд, таърих, пизишкӣ, луғат ва амсоли ин навишта шудааст.
6. «Ташреҳу-л-ҳуруф», (ё «Ташреҳи нодир»)-и Мирҳусайн Дӯсти Сунбҳалӣ, ки соли 1760 таълиф шуда, дар боби сарфи забони форсӣ, саноеъ, бадоеъ, арузу қофия ва меъморӣ баҳс мекунад.
7. «Тарвиҷу-л-қулуб»-и Саййидҳофиз Муҳаммад Ҳаёти Навшоҳӣ (фавт 1760), ки дар 15 боб тадвин гардидааст (оид ба таҳмид, муноҷот, таърихи силсилаи Навшоҳиён, илми Қуръон, фиқҳ, тасаввуф, хобгузорӣ, таърих, фолгирӣ, илми луғат, пизишкӣ ва ғ.).
8. «Равзату-з-закийя фӣ-л-ҳақоиқи-л-илмия»-и Саййид Илоҳибахши Навшоҳӣ (1769–1838) дар 20 боб, ки бо чунин шарҳ навишта шудааст: дар маноқиб, фиқҳ, тасаввуф, урду ва шаҷараи ансоб, зиндагиномаи мардони бузург, ҳисоб, мусиқӣ, саноеи бадеӣ, чистону муаммо, ғазалҳо, рисолаву номаҳо ва ғ.

9. «Тухфату-л-фасоҳа» (1800)-и Мирзомуҳаммад Ҳасан Қатили Лоҳурӣ (фавт 1819); муаллиф ба масоиле чун сарфи забони форсӣ, номанигорӣ, аруз ва санъатҳои бадеии лафзӣ, тасҳеҳи вожаҳову истилоҳҳои форсӣ, ки ба иштибоҳ дар забони форсии қаламрави Ҳинд ба кор рафтааст, пардохтааст.
10. «Матолеъу-л-Ҳинд» ё «Матлаъу-л-Ҳинд» (1809)-и Саломаталии Табиб ибни Шайхмуҳаммади Аҷиб, ки дарбаргирандаи панҷ матлабу такаммула дар фалсафа, ҳандаса, ҳисоб, ҳайат, мусиқӣ, русуму одоби аҳли Ҳинд мебошад.
11. «Махзану-л-фавоид»-и Муҳаммадфойиқ ибни Ғуломҳусайн ибни Муҳаммадазими Лакҳнавии мутахаллис ба Фойиқ, ки соли 1811 бо як муқаддима ва 12 боб гирдоварӣ шудааст. Дар муқаддимаи асар баъзе усулу қонунҳои забонҳо омада, дар бобҳои он мавзуъоте ҳамчун қавонини сарфу наҳви забони форсӣ, алфози аввалу охири калима (пешванд, пасванд), ташбеҳот, истиорот ва муболағот, санъатҳои бадеии забони форсӣ, фазилати шеъру шоирӣ, зарбулмасалҳои форсӣ, баъзе аз қонунҳои ситорашиносӣ, истилоҳоти илми мусиқӣ, арузу қофия ва ғ. шарҳ дода шудааст.
12. «Уқули ъашара» (1655)-и Муҳаммади Барорӣ. Ин китоб моҳияти доирату-л-маорифӣ дорад ва шомили даҳ боб, дар бораи асотиру воқеоти ақлҳои даҳгона аст. Боби чаҳоруми он – «Дар зикри замин», муфассалтарин ва ҷолибтарин бахши ин китоб буда, нависанда дар он ҳамаи шаҳрҳои бузурги дунёро ба тартиби алифбоӣ шарҳ дода, осори таърихии онҳоро баршумурдааст. Як фасл дар тилисмот ва фасле дигар дар латоиф аст. Шоирон, ҳофизон, муҳаддисон ва суфиён дар фасли ҷудогона омадаанд.
Маъхазҳо ҳамчунин «Матлаъу-л-улум ва маҷмаъу-л-фунун» (Ҳаким Фоқид Алихон, ду ҷилд), «Хазойину-л-улум» (Аҳмадҳусайни Қурайшии Гуҷаротӣ), «Кашкул» (Мирзосултон Маҳмуд), «Кашкул» (гирдовардагон Муҳаммади Маъсум ва Муҳаммадзамони Кирмонӣ), «Фарҳанги Аврангшоҳӣ» (Ҳидоятуллоҳи Қурайшӣ). «Ғизолони Ҳинд» (Озоди Балгиромӣ), «Рашаҳоту-л-фунун» (Аминуддини Оламгирӣ) ва чанд асари дигарро низ чун намунаи донишномагунаҳо дар Ҳинд ном мебаранд.

## ДОНИШНОМАҲО ДАР БОРАИ САРЗАМИНИ МО

Дар охирҳои асри 19 ошноӣ бо фарҳангу тамаддуни Ғарб ва шинохти шеваи ҷадиди тадвини китобҳои манбаӣ дар Осиёи Марказиву Афғонистону Ҳиндустону Эрон заминаро барои таҳаввул дар нашри осори марҷаъ дар ин минтақа ба вуҷуд овард. Пеш аз ин дар Ғарб китобҳои манбаӣ дар бораи тамаддуну фарҳанги эронию Шарқ навишта шуда буд. Соли 1697 дар Порис китобе бо унвони «Китобшиносии Шарқ»-и ховаршиноси фаронсавӣ Арбели Бартелмей Ҳербелот де Молайнвил (1625–95) мунташир шуд. Ин китоб тақрибан ҳамаи мавзуъҳои марбут ба мардуми Шарқро фаро гирифта буд. Дар асри 19 ва ибтидои асри 20 чанд асари дигари ховаршиносон аз ҷумла «Фарҳанги Эрони Бостон» («Iranische Altertumskunde»)-и Фридрих фон Шпигел (1820–1905) ба забони олмонӣ дар се ҷилд, (солҳои 1871–78) дар мавзуъҳои гуногун, аз ҷумла улуму адабиёти Эрон аз оғоз то подшоҳии Сосониён мунташир шуд. «Номномаи эронӣ» («Iranischs Namenbuch»)-и

забоншиносу мусташриқи олмонӣ Фердинанд Юсти (1837–1907) шомил бар тавзеҳи исмҳои касоне, ки дар таъриху тамаддуни Эрон мақоме доштаанд; «Донишномаи филологияи Эрон»(«Grupdriss der Iranischen Philologie»), зери назари Гейгер ва Куҳн шомили таълифоти эроншиносӣ дар шинохти забонҳои Эрони Бостон, таърих, ҷуғрофиё, адабиёту мазҳаб ва гӯишҳои Эрон; донишномаи «Ираника», соли нашри он 1973, бо сарпарастии доктор Эҳсони Ёршотир дар донишгоҳи Колумбияи ИМА оғоз ёфта,16 ҷилди он то соли 2015 ба нашр расидааст ва нашри 45 ҷилдидигари он дар назар аст.

ДОНИШНОМАНИГОРӢ ДАР ҚАЛАМРАВИ ПОРСИГӮЁН

ДАР ЭРОН-и имрӯз: «Луғатнома»-и Алиакбари Деҳхудо фарҳанги донишномагуна буда,шомили ҳазорон луғат, таркиб, киноя, амсоли баргирифта аз матнҳои назму наср, номи шахсиятҳо, маконҳои ҷуғрофиёӣ ва бисёре аз истилоҳоти илмӣ аст, ки ҳама бо тартиби алифбоӣ ва шоҳидҳои фаровон омадааст. Дар тадвини асар аз бисёр матнҳои муътабари назму насри форсӣ, луғатномаҳои дастнависи чопӣ, китобҳои таърих, ҷуғрофиё, тибб, нуҷум, риёзӣ, улуми фиқҳ ва ғ.-ҳо истифода шудааст. Аз ин рӯ, он манбаи бисёр ғанию муфид барои хонандагон ва комилтарин луғатномаи форсӣ то замони ҳозир маҳсуб меёбад.
«Доирату-л-маорифи форсӣ» дар ду ҷилд (ҷилди дуюми он иборат аз ду бахш) солҳои 1967–94 бо ибтикори Муассисаи китоби Франклин («Franklin Book Program»)-и Ню-Йоркбо сарпарастии Ғуломҳусайни Мусоҳиб ва бо ширкати гурӯҳе аз нависандагону виросторони эронӣ ба форсӣ тадвин шудаст, ки аввалин таҷрибаи донишноманигорӣ дар Эрон ба шумор меравад. Он ҳудуди 51 ҳазор мақолаву мадхал, 27 ҳазор мақолаҳои хориҷӣ ва 13 ҳазор мақолаҳои марбут ба Эрону исломро дар бар гирифта, яке аз маълумотномаҳои муҳимтарин барои муҳаққиқони адабиёт ба шумор меравад.

«Донишномаи адаби форсӣ» бо сарпарастии доктор Ҳасани Анӯша, муштамил бар 6 ҷилд, дар заминаҳои гуногуни забону адаби форсӣ навишта шудааст. Ҷилди аввали он (соли 1997) марбут ба Осиёи Марказист, ҷилди дуввум – (1999) таҳти унвони «Фарҳангномаи адаби форсӣ» дарбаргирандаи истилоҳоту мавзуъҳои адаби форсист. Ҷилди севум (соли 2000) пиромуни адаби форсӣ дар Афғонистон, шомили шарҳи ҳоли адибону бузургони ин кишвар ва муаррифии осори онҳост. Ҷилди чаҳорум (соли 2002) дар бораи «Адаби форсӣ дар Шибҳиқорра» (Ҳинд, Покистон ва Бангладеш) дар се китоб аст,ҷилди панҷум (соли 2004) роҷеъ ба адаби форсӣ дар Қафқоз –кишварҳои Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон ва Ҷумҳурии Мухтори Доғистон аст. «Донишномаи забону адаби форсӣ» – донишномаест мухтасар, ихтисосӣ ва алифбоӣ.Аз 6 ҷилди ҳудуди 750-саҳифаӣ иборат буда, муҳимтарин маълумоти адаби форсиродар шакли мақолаҳо дар мавзуъҳои шахсиятҳову китобҳои адабӣ, дастури забон, истилоҳоти ирфонӣ ва маънонию баёну арузу қофия, қолабҳои шеърӣ, сабкҳои адабӣ, забонҳои эронӣ, навъҳои адабиёт,

адабиёти пеш аз ислом, устураҳои эронӣ, номҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, осори эроншиносӣ, адабиёти муосир, номҳои қуръонӣ ва амсоли инро дар бар гирифтааст.
«Доирату-л-маорифи ташайюъ»асари бисёрҷилдӣ буда, аз соли 1981 то 2011-ум 14 ҷилди он чоп шудааст.

«Доирату-л-маорифи бузурги исломӣ» (ба се забон – форсӣ, арабӣ ва инглисӣ мунташир мешавад) аз зумраи муфассалтарин ва муҳимтарин донишномаҳои Эрони муосир донистаанд, кито кунун (2015) 21 ҷилди он мунташир шудааст.

«Донишномаи ҷаҳони ислом» дар боби дини ислом ва тамаддуну фарҳанги миллатҳои мусулмон аз оғози пайдоиши ислом то замони ҳозир аст. Аз ин асар, ки дар маҷмуъ беш аз 40 ҷилд нашр хоҳад шуд, то кунун (2015) 16 ҷилд мунташир шудааст. Ин асарро метавон аз як сӯ тахассусӣ донист, зеро ба ҷаҳони ислом ихтисос дорад,аз сӯи дигар онро метавон умумӣ донист, зеро ҳамаи мавзуъҳои марбут ба ҷаҳони исломро дар бар мегирад. Ғайр аз ин дар солҳои охир чопи як силсила донишномаҳои муҳим аз қабили «Донишномаи Донишгустар» (18 ҷилд), «Доирату-л-маорифи ҳунар», «Доирату-л-маорифи мусиқии куҳани эронӣ», «Доирату-л-маорифи созҳои ҷаҳон», «Доирату-л-маорифи эминӣ ва беҳдошти кор», «Донишномаи Эрони Бостон», «Донишномаи Қуръон ва қуръонпажӯҳӣ», «Доирату-л-маорифи улуми иҷтимоӣ», «Донишномаи ҷурмшиносӣ», «Доиратулморифи меъмории ҷаҳон», «Донишномаи кӯдак ва навҷавонони Оксфорд» (тарҷума), «Донишномаи кӯдакону навҷавонон» ва амсоли инро дар Ҷумҳурии исломии метавон зикр кард.

ДОНИШНОМАНИГОРӢ ДАР АФҒОНИСТОН: «Доирату-л-маорифи Ориёно» асари шашҷилда буда, (ҳам ба забони форсии дарӣ ва ҳам ба забони пашту) солҳои 2007–14 таҳти сарпарастии АИ Афғонистон мунташир шудааст.

## Машғулоти амалии 13
## Таълимоти Мансури Ҳаллоҷ

Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ (857-922) аз зумраи он шахсиятҳои номдорест, ки дар таърихи афкори фалсафӣ ва озодандешаи Шарқи исломӣ мақоми шоиста дорад. Замони зиндагии ӯ ба охирҳои асри IX ва ибтидои асри X рост меояд, ки муҳаққиқони таърихи фалсафа ин асрро асри «тиллоӣ»-и тафаккури исломӣ номидаанд ва аз ҳамин ҷиҳат ба инкишофи андешаҳои ирфонӣ ва ташаккули шахсияти ӯ таъсир расонд. Падараш, ки пешаи ҳаллоҷӣ (пахтазанӣ)-ро дошт ва аз ин сабаб Мансур бо тахаллуси Ҳаллоҷ машҳур шуд. Дар ҷавони шавқу алоқаи фавқулодда ба зӯҳду риёзат дошт. Аввал муриди саҳли Тустарӣ буд ва ҳамроҳи устодаш ба Басра омада, аз дасти Умари Маккӣ ва ҷунайди Наҳовандӣ хирқаи дарвешӣ пӯшид. Баъд мусофират кард ва дар

мулки Форсу ҳинду Чин мазҳабҳои гуногунро омӯхт ва даъвои ҳулулу иттиҳод кард. Фаридиддини Аттор Мансури ҳаллоҷро нуқтаи олии инкишофи афкори тасаввуфӣ меномад. Аксари ҳакимон, аз қабили Абӯсулаймони Мантиқӣ, Абӯҳайёни Тавҳидӣ, Абулҳасани Дайламӣ тозагии ақидаҳои ирфонии Мансури ҳаллоҷро дар осорашон овардfestand. Роҷеъ ба таълтмоти ҳаллоҷ баъди маргаш низ байни мутасаввифон ақидаҳои гуногун ба вуҷуд омаданд. Баъзеҳо ӯро пайрави таълимоти «ваҳдати вуҷуд» ҳисобиданд. Бино ба маълумоти маъхазҳо ҷалолиддинӣ Румӣ ва баъди ӯ Алоуддавла Симнонӣ, Алии ҳамадонӣ, Маҳмуди ҷаҳониён, Аҳмади Сарҳиндӣ ва Абулқодири Бедил мӯътақиданд, ки ҳаллоҷ дар таълимоташ «ваҳдати шуҳудро»-ро қоил аст. Аз осори гаронқадри Ҳаллоҷ миқдори каме то замони мо боқӣ мондааст ва ин миқдори кам аз навиштаҳо ва суханони ӯро ҳам дӯстон ва ҳам душманонаш дар нигоштаҳои худ овардаанд, ки ахиран тавассути донишманди фаронсавӣ Луйи Масиниюн гирдоварӣ ва нашр шудаанд. Осори мавҷуди ӯ алъон ба таври зайл аст: «Ашъори Ҳаллоҷ», ки ба забони арабӣ навишта шудааст ва муштамил бар 349 байт аст; «Тосин-ул-азал» рисолаи ирфонӣ бо лафзҳову ибороти печида, ки ин китобро Рубехонии Буқлӣ аз арабӣ ба форсӣ тарҷума карда ва бар он шарҳе навиштааст. Суханони Ҳаллоҷ ва ривоте дар бораи ӯ аз сарчашмаҳои таърихӣ. Баъди Мансури ҳаллоҷ то аҳли туркони салчуқӣ сӯфиёни зиёде буданд, ки шарҳи ҳол ва ороявшон дар тазкираҳо ва дигар адабиёти сӯфия омадаанд, вале эҷодиёти ҳеҷ яке аз онҳо ба пояи таълимот нарасид. Воқеаи ҷолиби таваҷҷӯҳе, ки дар ин давра рух дод, таҳти ҳимояи сомониён дар Бухоро ва хилофати Бағдод ривоҷи афкори илмию фалсафӣ мебошад. Аксари файласуфон, монанди Форобию Ибни Сино ва Закариёи Розӣ ба таҳқиқи далелу бурҳон роҷеъ ба ҳақиқати ашё пардохта, баҳсу тадқиқотро идома доданд, ки ин бешубҳа ба инкишофи ҷанбаи назарии афкори тасаввуфӣ бетаъсир намонд. Тасаввуфи исломӣ дар асри XI низ хеле доман густурда буд, вале аз сабаби бисьёр номуайян будани муҳити илмию маънавӣ намояндагони тасаввуфи ин давр аз якдигар дар орою салиқа фарқ мекарданд. Вобаста ба самти андешаашон мутасаввифини ин асрро ҳар хел ном мениҳоданд. Масалан, Абулҳасани Харақониро орифи шаттоҳ ва сӯфии шӯридаҳоли маст, Абӯсаиди Абулхайрро аз зумраи орифони ифротии ваҳдати вуҷуд, Бобо Тоҳирро чун ошиқ ва сарояндаи пурсӯзтарин дубайтиҳо ва Аҳмади ғазолиро чун гӯяндаи завқу шӯри ҳол ва вассофи ишқ ба қалам додаанд. Аз миёни орифони зикршуда Абдулфутӯҳ Аҳмад ибни Муҳаммади Ғазолӣ (1064-1126) дар тасаввуфи исломии асри XI мавқеи намоён дорад. ӯ мутафаккирест, ки бори аввал чандин масоили суфияро пешниҳод намуда, барои орифони баъдӣ ба ҳайси пешвои тариқат ва ҳамчун пири маънавӣ хизмат намудааст. Аҳмади Ғазолӣ яке аз орифони сермаҳсул дар таърихи тасаввуфи исломӣ маҳсуб мешавад. Рисолаҳои «Савонеҳ-ул-ушшоқ», «Баҳрулҳақиқа», «Айния», «Маҷолис», «Рисолат-ут-тайр», «Мактубот» ва ғайраҳо ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Аҳмади Ғазолӣ аввалин мутафаккирест, ки рисолаи ишқии ирфониро ба забони форсӣ навиштааст ва ҳамчунин бори нахуст ҳафт марҳилаи тариқати тасаввуфро муайян кардааст, «ва акнун

бигӯем: баҳри аввал- маърифат аст ва гавҳари вай яқин аст, баҳри дуввум- ҷалол аст ва гавҳари вай ҳасрат аст, баҳри сеюм- ваҳдоният аст ва гавҳари вай ҳаёт аст, баҳри чорум- рубубият аст ва гавҳари вай бақо аст, баҳри панҷум- ваҳият аст ва гавҳари вай висол аст, баҳри шашум- ҷамол аст ва гавҳари вай риоят, баҳри ҳафтум- мушоҳида аст ва гавҳари вай фақр аст» (Аҳмади Муҷоҳид. Маҷмӯаи осори форси Аҳмади Ғазолӣ.-Теҳрон 1370. — саҳ.13).

Манбаъ: https://donishju.net/usajn-mansuri-allo/

## МАШҒУЛОТИ АМАЛИИ 14

Ҷавҳари таълимоти тасаввуф. Зинаҳои асосии тасаввуф. (Шариат, тариқат, маърифат ва ҳақиқат)

Сӯфия фалсафаи худро ташаккул дод, ки дар он масъалаҳои умдатарине, ки дар назди тафаккури фалсафии мамоликҳои Шарқи исломӣ меистод гузошта шуданд. Ин масъалаҳо аз нуктаҳои зерин иборатанд:

- Худовандро ягона (тавҳиди қатъӣ) ва дар айни замон офаридагори тамоми олами мураккабу гуногунҷабҳа, чи тавр бояд шинохт?
- Мавқеъ ва мақоми инсонро дар олами офаридаи Худованд чӣ тавр бояд муайян кард?
- Муносибати инсон ба Худо ва олами офаридаи ӯ бояд чӣ гуна бошад?
- Оё маърифати олам мумкин аст ва агар мумкин бошад, то кадом ҳадд олам донисташаванда аст?

Тасаввуф чун ҷараёни фалсафӣ ба таҷрибаи бои чунин равияҳои фалсафӣ чун калом, машшоия, исмоилия ва ишроқия такя менамояд ва макулаҳо ва мафҳумҳои офаридаи ин ҷараёнҳои фалсафиро васеъ истифода мебарад. Маърифати сӯфия, ки дарки ҳақиқатро ҳадафи худ қарор дода буд, ҷиҳатҳои назарӣ ва амалӣ дошт. Дар қисми амалии тасаввуф солик марҳилаи якуми камолоти сӯфиён шариатро тай намуда ба зинаи дуюми он тариқат мерасад, аз он ҷо бо роҳи маърифат ба зинаи олии тасаввуф ҳақиқат мерасад. Сӯфие ки бо роҳи шариат меравад «солик», онеро, ки бо роҳи тариқат меравад маҷзуб, ба маърифат расидагонро солики маҷзуб ва ба ҳақиқат расидагонро маҷзуби солик меноманд. Барои ба чунин шакли маърифат ноил шудан сӯфӣ бояд ахлоқи разилаи худро тарк намояд ва соҳиби ахлоқи ҳамида шавад. Ӯ бояд дарк намояд, ки вуҷуди ҳақиқӣ ҳамон вуҷуди ҳақ аст ва ҳамаи махлуқоти олам эътиборӣ буда, сояи (таҳайюли) ҳамон ҳақиқатанд Аз ин рӯ, инсон ҳамчун махлуқ бояд худро аз халқ дур намояд ва аз ҷиҳати маънавӣ ба ҳақ наздик шавад ва худшиносии хешро таъмин намояд Дар «Гулшани роз»-и Маҳмуди Шабистарӣ ба ҳамин мазмун омадааст:

Висоли ҳақ зи халқият ҷудоист,
Зи худ бегона гаштан ошноист.

Инсон ҳангоми офаринишаш соҳиби як заррача рӯҳи худовандӣ гашта буд ва ӯ метавонад бо воситаи риёзат, аз ахлоқи разила, аз «ман»-и худ даст кашида, то ҳақиқат расад, яъне ба дараҷаи худоӣ соҳиб шавад. Ҳамин тариқа, тасаввуф ба дараҷаи худоӣ расидани инсонро имконпазир мешуморад ва аз ин ҷиҳат афкори тасаввуффӣ ба нуктаи асосии таълимоти дини ислом дар бораи Худои якаю ягона муқобил аст. Маҳз нидои Мансури Ҳаллоҷ «Аналҳақ» (ман Худоям), барои ба қатли ӯ фатво додани фақеҳону муфтиёни ислом, баҳонаву сабаб шуд.

Бино ба тасаввуф сӯфӣ дар ҷараёни сайри такомули маънавӣ баъди аз худ дур намудани олоишҳои олами моддӣ ва касби сифатҳои ҳамидаи ахлоқӣ барои дарки холиқ қобилият пайдо карда, ҳиҷоби байни худ (субъекти маърифат) ва Худо (объекти маърифат)-ро аз миён мебардорад. Чунин ҳолатро сӯфиён мукошифа меноманд.
Баъди бардошта шудани ҳиҷобҳо, агар солик бавосита холиқашро дарк намояд ва огоҳ шавад, ки вуҷуди ӯ ҳамон аҳадиятест, ки солик зуҳури он мебошад, байни онҳо дигар монеае намемонад. Ин ҳолатро бошад дар тасаввуф мушоҳида меноманд.
Яъне, солик, зимни камолоти маънавӣ, ҳақиқати реалию куллиеро (ба истилоҳи Муҳиддин ибн – ул – Арабӣ вуҷуди мунбаситеро) мушоҳида мекунад, ки саргаҳи он Худо ва охири он табиат мебошад. Инсон ҳамчун маҳсули инкишофи табиат ин ду нуқтаро ба ҳам пайваста, як вуҷуди куллиеро ташкил медиҳад ва худашро аз ҷиҳати камолоти маънавӣ ба Худо баробар карда, мақоми худро аз дараҷаи пайғамбарӣ ҳам волотар мешуморад. Ҳамин хел ӯ бо чашми дил ҳақиқати реалиро бевосита мебинад, аз худ фонӣ ва ба худ боқӣ шуда, ба дараҷаи муоина ё худ ҳулул мерасад ва бо як чашми худ холиқу бо дигараш ҳама махлуқро мебинад. Аз ин рӯ, соликеро, ки ба дараҷаи маърифати комил рассидааст, «зулайнайн», яъне соҳиби ду чашм меноманд.
Ғояи асосии «ваҳдати вуҷуд» дар таълимоти Мансури Ҳаллоҷ ба вуҷуд омада, дертар онро Муҳиддин Ибн – ул – Арабӣ аз ҷиҳати назарӣ асоснок намудааст. Ба қавли Муҳиддин Ибн – ул – Арабӣ, агар ба сурати хориҷии ҳақиқати ягона бингарем, он «восут» аст ва чун ба ботини он бингарем, он «лоҳут» бувад. Пас на фақат дар инсон, балки дар ниҳоди тамоми мавҷудот ду сифати як мабдаъ воқеъ аст, ки онро гоҳ зоҳиру ботин, гоҳ ҷавҳару араз меноманд. Азин рӯ, ҳақиқати азалӣ ба ҳамаи вуҷуд таҷаллӣ мекунад, вале дар инсон он дар комилтарин сурате ҷилвагар мешавад. Бинобар он инсон «мухтасари шариф» ё «кавни ҷомеъ» ё худ «инсони комил» номида мешаввад. Ӯ олами сағирест, ки дар оинаи вуҷудаш ҳамаи камолоти «олами кабир» инъикос меёбад. Агар инсон ориф шуда, худро дарк кунад, он мазмуни дарки Худоро дорад ва моҳияти ин худошиносӣ худшиносии комили инсон ва барқарор шудани шахсияти ӯ мебошад.
Мафҳуми «ҷавонмардӣ» барои аҳли тасаввуф аҳамияти хосса дорад.

Ҷавонмардӣ, ин дароз кардани дасти ёрӣ ба дигарон, накӯкору накӯандеша будан, нигоҳ доштани асрор, пӯшидани роз, саховатмандӣ, ҳалимӣ, хоксорию қаноат ва ғайра мебошанд. Бинобар ин аҳли тасаввуф дар байни одамони оддӣ тарафдорони бисёреро доштанд.
Мазмуну моҳияти таълимоти тасаввуф аз бисёр ҷиҳат ба рукнҳои асосии дини ислом зарба зада, зоҳиран баъзе ҷиҳатҳои масъаларо аз бими замона нигоҳ дошта бошад ҳам, дар асл дар таълимоташ ғояҳои фалсафию озодандеширо дохил карда, афкори мулҳидонаро низ инкишоф додааст. Маҳз аз ҳамин сабаб бисёр сӯфиёни намоёнро намояндагони дин ба куфру зиндиқа айбдор карда, ба қатл расонидаанд. Масалан Айнулқуззоти Ҳамадониро соли 1138 ба дарвозаи мадрасае, ки ӯ дар он ҷо дарс мегуфт, ба кофирӣ айбдор карда, овехтанд.

Дар таърихи тасаввуф на ҳамаи сӯфиён ҷараёни маърифатро як хел мефаҳмиданд. Вобаста ба дараҷаи ҷаҳонбиниаш ҳар як сӯфӣ яке аз зинаҳои дараҷаи камолотро мақсади ниҳоии худ қарор дода, барои расидан ба он кӯшиш мекард. Вобаста ба хусусияти дарки назарии тасаввуф ва эҷодиёти шоирони мутасаввиф навъҳои гуногуни тасаввуф азон ҷумла: Тасаввуфи обидона (Ҳасани Басрӣ, Маъруфи Кархӣ), тасаввуфи ошиқона (Робияи Адвия, Мансури Ҳаллоҷ, Абӯсаиди Абулхайр), тасаввуффи шоирона (Абдулмаҷиди Саноӣ, Фариддуддини Аттор, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ), тасаввуфи орифона (Ҷалолиддини Румӣ, Маҳмуди Шабустарӣ) дар адабиёти классикии араб ва форсу тоҷик ба вуҷуд омаданд.
Ҷиҳатҳои гуногуни таълимоти тасаввуф ва тобишҳои сиёсии онро дар тӯли таърих бисёр гурӯҳҳо ба манфиати худ истифода бурдаанд. Сӯфиён дар ҷиҳод ва ҳаракати сарбадорон фаъолона иштирок намудаанд. Баъзе аз шайхони тасаввуф аз нуфузу эътибори худ истифода бурда, сарват ҷамъ кардаанд. Масалан асосгузори силсилаи тасаввуфи сафаввия Сафиуддини Ардабилӣ аввал ба феодали калон табдил ёфта, баъд сулолаи шоҳони Эрон сафавиёнро ба вуҷуд овард.

## МАШҒУЛОТИ АМАЛИИ 15

**Мавзӯъ** | **Ишқ кайфияти камоли ҳастист** | **Маърӯза**

Бино ба таълимоти тасаввуф ишқ кайфияти камоли ҳастист. Ба маънои васеъаш ишқҳар падидаро дар олами ҳастӣ рӯ ба камол мебарад ва ҳар мавҷуде дар ин олами ҳастӣ дар ҷараёни рушду камол аст ва нуқси худро, ки дар дами ба вуҷуд омаданаш эҳсос карда буд, рафъ намудан мехоҳад. Инро ба фикри сӯфиён, дар худи табиати зинда аз шаклиҷаниниаш гирифта, мисол меорем, ки ҳама вақт тақозои камол ёфт, қувваи шаҳвониаш бедор мегардад. Ин ишқи шаҳвонӣ фақат

ибтидои кор буда, интиҳояш ишқи маънавиест, ки дар он инсон нуқси маънавии худро эҳсос карда, ба фикри касби дониши комил меафтад ва дар натиҷаи тай намудани зинаҳои гуногуни маърифати тасаввуфӣ ба он ноил мегардад. Пас ишқ, аз назари аҳли тасаввуф, нируи дохилии инкишофи ҷаҳони моддист, зеро он зотан масдари нахустинест, ки аз нури хайр ҳамчун ҳусн падид меояд. Аз ин рӯ, ҷамолпарастӣ, ба ақидаи онҳо, зинаҳои гуногуни маротибро дарбар мегирад, ки мартабаи нахустини он аз парастиши майлу ҳавасу шаҳват ё худ ишқи ҷинсӣ иборат,буда, мартабаи ниҳоии онро ишқи ирфонӣ ташкил медиҳад. Ин нируи ниҳонӣ дар ҷаҳони ҳастӣ аз ахтарону ҷамодот гирифта то инсону ҷамъият вуҷуд дорад.

Аз садои сухани ишқ надидам хуштар
Ёдгоре, ки дар ин гунбади даввор бимонд...

*(Ҳофиз)*

Ҳақиқати ин нирӯ дар афкори сӯфиёна иртиботи олами улвию сифлиро барқарор намуда, тӯдаҳои башариро ба ҳам пайванд медиҳад ва ба шаклу намудҳои гуногун зоҳир мегардад, ки онро Ҳофиз дар вақташ дарк намуда, навишта буд:

Сози тараб ишқ бидонад, ки чӣ соз аст,
К-аз захмаи ӯ нӯҳ фалак андар таку тоз аст
Овард ба як захма ҷаҳонро ҳама дар рақс,
Худ «ҷони ҷаҳон» нағмаи он парданавоз аст.
Ишқ аст, ки ҳар дам ба дигар ранг дароянд
Ноз аст ба ҷоею ба як ҷой ниёз аст,
Дар хирқаи ошиқ чу дарояд ҳама сӯз аст,
Дар кисвати маъшуқ чу дарояд ҳама ноз аст...

Ҳамин мазмунро яке аз муҳақиқони тасаввуф Дорюши Сабурӣ ба таври хеле ҷолибе меорад: «одамиро ба мисли худ ишқ зоҳир шавад ва он аз ду сабаб аст: якум сабаби ҷалӣ ва дигар хуфя. Сабаби ҷалӣ он аст, ки инсон мағлуби ҳавою ҳавас аст ва шаҳваташ ба ӯғолиб аст ва мекӯшад, ки онро қаноат кунонад мисли он, ки ташнагон бо хӯрдани об қаноат мекунанд, соҳибҷамолеро, ки дил ба ӯ майл дорад, қаноат кунонанд ва сабаби хуфя он бувад, ки инсон дорои сиррест, ки баёни он ғайримумкин аст ва қалбе, ки дар ботин аст ва аз дигар олам омадааст, боз мехоҳад ба олами худ бишитобад ва ба мабдаи худ баргардад».

Чуноне мушоҳида мегардад, ин иқтибос мазмуни асосии таълимоти «ваҳдати вуҷуд»-ро дарбар мегирад.

Бо диди аввал масъалаи мазкур динӣ менамояд ва дар ҳақиқат дорои сирри ниҳонию рӯҳонӣ будани инсон ҷанбаи динӣ дорад, вале он барои орифон ва шоирони мутасаввиф пардае буданд, ки тавассути он афкори башардӯстию озодандешии худро ба сурати баён оварданд ва тарғиби касби донишу маърифатро пеш гирифтанд. Масалан, афкори гуманистию озодандешии шоирони мутасаввиф дар он зоҳир мешуданд, ки инсон ба воситаи кӯшишу муҷоҳидаи худ метавонад дар давоми ҳаёташ ба дараҷаи баланди маърифат ноил ояд ва дар ин ришта ба дараҷаи худоӣ бирасад ва тамоми ашёю ҳодисаҳои олами улвию сифлиро дарк намояд. Аз ин рӯ, мазмуну моҳияти «ишқи илоҳӣ»-и шоирони мутасаввиф фақат аз парастиши маъмулию динии офаридгор иборат набуда, онро танҳо нуқтаи идеалии камолоти маънавӣҳисобидаанд, ки барои касби он ҳама бояд бикӯшанд. Худи аз ҷиҳати камолоти маънавӣ ба дараҷаи худоӣ расидан афкори зиддидинии мутафаккиронро нишон медиҳад, чун мувофиқи таълимоти дини ислом нуктаи идеалии камолоти маънавӣ ё худ ба дараҷаи худоӣ расидани одам аллакай мазмуни ширки илоҳиро дошта, муносибати мулҳидона ба шумор меравад.

Афкори ирфонӣ дар шеър таъсири зиёде дошта, аз ҷумла дар давраи сомониёну ғазнавиён шӯру шавқи шоирона чунон бо маҳорату шеваи хосе баён шудааст, ки каломи бадеъ ба худ ранги тоза гирифта, тахайюлу парвози маъниҳои ошиқона дар он ба авҷи аъло расиданд. Дар ин давра мазмуни ашъори шоирони аз баҳору хазон, разм ва дигар мавзӯъҳои васфию мадҳӣ ба баёни ҳолату иродати эҳсосию ирфонӣ табдил ёфт. Зимни инкишофи афкори тасаввуфӣ мавзӯи ашъори шоирони мутасаввифу орифони машҳур ба як мақсади аслӣ, ки онро «ишқи маънавӣ» меноманд, равона мегардид. Он дар эҷодиёти шоирони гуногун маъмулан бо тарзу усулҳои мухталиф ва лафзу мафҳумҳои гуногун ифода ёфта, маромаш аз ҳамон маърифати ирфонӣ иборат буд, ки гоҳ дар хамриёт ва гоҳ дар шатҳиёти шоирони мутасаввиф ба назар мерасид. Ишқи ирфонӣ дар ғазал, ки ҳамон асли муҳими «ваҳдати вуҷуд»-ро ташкил медиҳад ва бо маънии латифу ифодаи махсуси орифона суруда шудааст, боиси тағир ёфтани сабку усули ин жанри

шеърӣ гардид, ки намунаҳои онро дар эҷодиёти Саноию Аттор, Ҷалолиддини Румию Ибни Арабӣ ва Саъдию Ҳофиз мебинем.

Ҳамин тавр, шоирони мутасаввиф дар қолаби ишқ ва ошиқу маъшуқ афкори ирфонии худро матраҳ иамуда, ашъори пурсӯзу гудози саршор аз ишқу муҳаббатро ба вуҷуд овარданд, ки дар таърихи адабиёти тоҷик марҳалаи тозае ба шумор мерафт. Акнун ишқҳамчун воситаи ифодакунандаи ҳаяҷони шоирона на фақат ба шеър рангу мазмуни тоза мебахшид, балки он сарчашмаи илҳому эҳсон, инъикоскунандаи ҳисси ботинии шоироне буд, ки камолоту исёни маънавии худро тавассути каломи мавзун баён менамуданд. Ба қавли Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Ашъат-ул-ламоат» сӯфӣҳастии асосиро ишқ медонад. Ҳамин тавр, дар ашъори дарӣ-форсӣ-тоҷикӣ масъалаи тозаи ишқию ирфоние ба вуҷуд омад, ки он бо ҳамон таъбироти шеъри ощиқона, вале бо луғату истилоҳоти нави тасаввуфӣ баён мегардид ва шабоҳати зиёде ба лшъори ошиқонаи шоирон дошт. Аз ин рӯ, фаҳмидан ва ташхис додани афкори тасаввуфӣ аз ашъори шоирона на барои ҳама ба осонӣ муяссар мешавад ва зимни он муҳақиқ бояд аз таърихи таҳаввули афкори ирфонӣ иттилое дошта бошад. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки шоирони сӯфимашраб дар ашъорашон, махсусан дар ғазалҳояшон бо истифода аз санъатҳои гуногуни бадеӣ ва истилоҳоти тасаввуфӣ хонан даро байни ишқ ба сурату ишқ ба ҳақиқат чунон саргардон мекарданд, ки амалан ташхиси маҷозу ҳақиқати амр як масъалаи мушкил шуда монд. Сабаби чунин рафтори онҳо аз авҷи фишори идеологии замона иборат буд. Барои ҳамин шуда сӯфиён аксари афкори худро пардапӯшона баён мекарданд ва ҷавҳари маъниро аз аҳли зоҳир пинҳон медоштанд, луғату истилоҳоти тозаи ирфониро ба шеър ҳарчи бештар ворид месохтанд, ки дар натиҷа рисолаҳои махсусе роҷеъ ба тафсири онҳо ба вуҷуд омад. Агар ба афкори адабию ирфонии аҷдодамои назар афканем, мебинем, ки ҳамон мавзӯи ишқи ирфонӣ дар тамоми қиссаҳои ошиқонаи шоирони мутасаввиф аз қабили «Лайлию Маҷнун», «Юсуфу Зулайхо», «Вомиқу Узро», «Фарҳоду Ширин», «Саломону Абсол» ва ғайра вобаста ба завқи ҳасбу ҳоли ҳунарии шоир бо шаклҳои гуногун мавриди тасвир қарор гирифтаанд. Гоҳо ғояи ин ишқро ба кабӯтаре ташбеҳ додаанд, ки аз ҷуфти худ дур монда, гоҳо ба нае монандӣ дорад, ки аз наистон буридаанду нафири ҳузнангезе мебарорад, баъзан ба бозе ҳамрангаш сохтаанд, ки ба доми дунё асир

афтода, гоҳо ба тӯтие монанд кардаанд, ки гирифтори қафас гардида, гоҳо чун моҳиест, ки дар хушкӣ афтода, гоҳо сурати шоҳеро дорад, ки гадоӣ мекунад...

Таърихи шеъру адаб ба он шаҳодат медиҳад, ки ашъори классикии форс-тоҷик аввал ишқу муҳаббати поки инсониро чун зинаи нахустини ишқи маънавӣ тараннум намуда, баъд ба он ҷанбаи ирфонӣ додаанд. Баъди асри X ишқу ҷаззобӣ ва изҳори иштиёқ ба ҷамоли ҳақ мазмуни маъмулии ашъори классикии аҷдодамон гардид ва он минбаъд ба шеъри арабию туркӣ ва урду низ инкишоф ёфт.

Бино ба ривояте, ки дар адабиёти тасаввуфӣ нақл мешавад, аввалин шоири сӯфимашрабе, ки ба сурудани шеъри дорои мазмуни орифона пардохтааст, Абулҳасани Марвазӣ мебошад. Овардаанд, ки аз ӯ 19 байт шеър роҷеъ ба зоҳидӣ боқист, вале чун ба зӯҳдиёти шоири араб Абулато монанданд, аз ин рӯ, ӯро аввалин шоири сӯфӣ намехонанд. Абӯнасри Сарроҷ дар китоби «Ал-ламаъ фит-тасаввуф» номи 20 нафар сӯфиро зикр карда, 197 байт шеър аз онҳо иқтибос меорад.

Абунаими Исфаҳонӣ бошад, дар «Ҳилат-ул-авлиё» дар бораи 25 нафар шоирони сӯфии асри IX—X маълумот дода, маҷмӯан зиёда аз 300 байт ашъори тасаввуфии онҳоро иқтибос овардааст, ки дар байни онҳо Зунуни Мисрӣ, Сари Саққатӣ, Ҷунайди Бағдодӣ ва дигарон ҳастанд. Шеърҳои Абӯсаиди Абулхайр ва асҳоби ӯ, ки мувофиқи ривояти Абузореи Бузаҷонӣ ба шакли муноҷот дар минбар мехонданд шояд аз аввалин ашъори тасаввуфӣ бошад, ки минбаъд дар маҷлиси рақси сӯфия хонданашон роиҷ шуд.

Аз таърихи тасаввуф маълум, ки барҳақ дар асри IX зиндагии зоҳидонаи сӯфиёни аҳди аввали ислом аз охирин зинаҳои зӯҳди маъмулӣҷудо монда, русуму одоби муайяни амалияи тасаввуфӣ ташаккул меёфт ва шеър, ки ба рақсу самои сӯфиён ҳамоҳанг буд, ба худ мазмуни ирфонӣ мегирифт. Тақрибан дар ҳамин вақт Абулҳасани Нурӣ ва Ҳамзаи Мисрӣ барин шоирони сӯфимашраб истилоҳоти тасаввуфии «саҳв», «сукр», «зикр» ва ғайраро дар ашъорашон истифода бурданд. Бо вуҷуди он забони шеър бисёр содда буд, фасоҳату балоғат ва равонии муайяне дошт. Истифодаи истиораю ташбеҳ дар шеър кам ба назар мерасид ва фаҳмиши он барои хонанда тааммулу тааққули зиёдеро талаб намекард. Бештар эҳсосоти ватанпарастӣ ба қалам омада,

қасидаҳои мадҳӣ ва тағаззулоти ошиқонаро шоирон Унсурию Шаҳиди Балхӣ, Манучеҳрию Фаррухӣ ва Қатрон суруданд. Дигар мавзӯъҳои шеъри низ, аз қабили васфи табиат, манзараю макон, тасвири набардҳо ва ғайра буданд, ки дар онҳо бештар ба ҷиҳатҳои воқеии масъала диккат додаанд. Бинобар ин бисёр муҳақиқон ин давраро бо номи реализм ёнатурализм дар шеъри классики  ба қалам гирифтаанд.  Вале баъд вобаста ба инкишофи улуми ақлию нақлӣ ба шеър мазмунумафҳумҳои илмию ирфонӣ дохил гардид. Аввал андешаҳои тасаввуфӣ дар шеъри бо вазни ҳиҷо суруда пайдо шуда, баъд он дар эҷодиёти шоирони мутасаввиф дар вазни арӯз низ густариш ёфт. Масалан, муаллифи «Асрор-ат-тавҳид» аз Муҳаммад ибни Мунаввар 100 байт шеърро бо рубоӣ намуна меорад, Айнулкузоти Ҳамадонӣ низ роҷеъ ба аввалин рубоиёти дорои мазмуни сӯфиёна маълумот медиҳад. Ҳамин масъала мавриди баҳси Ризокулихони Ҳидоят дар  «Риёз-ул-орифин» ва Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» ва бисёр дигар муаррихони тасаввуф шудааст.

Ҳамин тавр, васфу мадҳ ва ашъори ошиқона оҳиста-оҳиста ҷои худро ба шеърҳои дорои мазмуни ирфонӣ додаанд. Дар ибтидо он хеле суст сурат гирифта бошад ҳам, баъди пайдоиши мадрасаҳою ҳавзаҳои гуногуни илмию фалсафӣҷараёни инкишофи ирфонӣ сурат гирифт ва шеър аз он бетаъсир намонд. Аввалҳо шоирон ба хидмати султонон барои ҳифзи мавқеи худ рафта, барои ба даст овардани мақоми муайяне ба васфу  мадҳ кӯшида  бошанд,  баъди пайдоиши андешаҳои гуногуни ақлӣ ба баёни мазмунҳои ирфонӣ пардохтанд ва баробари муайян сохтани зинаҳои асосии сайру сулук ашъори орифонаро инкишоф доданд. Ин рушду камоли ашъори орифона то дараҷае буд, ки дар аҳди Саноӣ дар ҳар шаҳре работу хонақоҳ вуҷуд дошт ва ҳатто султонон ба хонақоҳҳо омада, ба хондани афкори ирфонӣ машғул мешуданд.

Аксари муҳаққиқон Абулмаҷди Саноиро нахустин шоири ориф мешуморанд. Ӯ дар ашъораш мазмунҳои ирфониро дохил карда, таъсири онро дар каломи  бадеъ пурзӯр намуд. Вале ин таъсир ба дараҷаи шоирони мутасаввифи баъди ӯ набуд, зеро Саноӣҳам қисми зиндагии шоиронаашро ба мисли пешгузаштагонаш ба сурудани қасидаҳои мадҳию зӯҳдиёт гузаронида, пайвастагиашро бо анъанаҳои гузашта тамоман раҳо карда натавонист. Аз ин рӯ, муҳаққиқон тамоми

ашъори ӯро ба зӯҳдиёт ва қаландариёт ҷудо намудаанд. Ҳамин тақсимбандиро нисбати миқдори ашъораш низ тасдиқ мекунад, зеро аксари қасидаҳою ғазалиёташ дар пайравии ашъори мадҳию васфии Унсурию Фаррухӣ ва Масъуди Саъди Салмон таълиф ёфтаанд, фақат дар зӯҳдиёту қаландариёташ мафҳумҳои сайру сулуки тасаввуфӣ ва мазмуну истилоҳоти сӯфия, аз қабили хароботу майхонаю майкада ва зуннору муғбача ба мушоҳида мерасанд. Минбаъд чунин тарзи гуфтор ба таълифоти шоирони ғайриориф монанди Хоқонию Саъдӣ, Маҳмуди Кирмонию Салмони Соваҷӣ таъсири зиёд расон, вале дар ашъори Фахриддини Ироқию Ҳофизи Шерозӣ он боз ҳам инкишоф ёфта, давраи камолоташро аз сар гузаронд. Ҳофизи Шерозӣ силсилаи истилоҳоти тозаи ирфонӣ, аз қабили покбозу майфурӯш, паймонаю мастӣ ва ғайраро истифода кард ва дар натиҷа як навъ рӯҳияю тамасхури риндона дар афкори тасаввуфӣ ба вуҷуд омад, ки он баъзан беэътиқодию беимониро мисли як қатор фирқаю мазҳабҳои оппозитсионии ислом (рофизия, қадрия ва ғайра) ҳамроҳӣ мекард.

Аз суханони фавқ бармеояд, ки Саноӣ пешрави қофилаи шоирони мутасаввиф буда, ашъор ва махсусан қасидаҳои ирфониаш сармашқи эҷодиёти Хоқонӣ ва манбаи илҳоми Фаридиддини Аттор ва Ҷалолиддини Румӣ гардидаанд. Ӯ бо қаландариёти худ ба шеъри орифона таъсири зиёде расонда, ба инкишофи минбаъдаи афкори тасаввуфӣ мусоидат намуд. Умуман, гуфтан мумкин, ки вақте тасаввуф дар ҷараёни камолот бо афкори фалсафӣ ошноӣ пайдо кард, шеъри шоирони мутасаввиф аз доираи шакли соддаи худ берун рафта, ҳудудашро барои шевою рангоранг сохтани мазмунаш васеъ намуд ва мувофиқан бо густариши андешаҳои ақлӣ инкишоф ёфт.

Қадимтарин шеъри таълимии сӯфия қитъаҳо ва рубоиёти Абӯсаиди Абулхайр аст, ки дар ҷавоби масъалаҳои муридон таълиф гардида, онҳо дар «Асрор-ат-тавҳид» гирд омадаанд, вале ин қитаю рубоиҳо аз ибҳом холӣ набуданд.Баъдтар сӯфиён барои ифодаи таълимоти худ қолаби маснавиро истифода бурдаанд. Аввалин маснавие, ки дар ин боб ба табъ расидааст, «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа»-и Саноӣ мебошад. Он сароғози як ҷараёни тозаи қалбӣ ва сафари рӯҳонӣ буд. Нукоти бисёр асари дигари Саноӣ «Сайр-ул-ибод илал маод» дар баёни аҳволи рӯҳии инсон ва сайри зинаҳои маротиби он баҳс намуда, мисли «Фоҷиаи

илоҳӣ»-и Данте тавассути ақл таҷдиди худшиносии инсонро тараннум мекунад, ки ҳамин масъала дар «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа»-и шоир аз баҳси тавҳид оғоз гирифта, роҷеъ ба ишқи халқ ба ҳақ сухан меравад ва марҳалаҳои асосии ҳамин ишқро матраҳ месозад. Дар он донишҳои гуногуни замона ҷамъ омаданд. Маснавӣ аз 12 ҳазор байт иборат буда, дар он истилоҳоти зиёди сӯфиёна истифода шудаанд. Бобҳои махсус ба мавзӯъҳои зӯҳду факр, ихлосу шавқ, ризою таслим, зикру шукр ва ғайра бахшида шуда, худи сӯфӣ чунин тасвир мегардад:

Тоза андар баҳори ҳақ сӯфист,
Сарв дар ҷӯйбори ҳақ сӯфист,
Марди сӯфӣ тасаллуфӣ набвад,
Худ тасаллуф такаллуфӣ набвад.
Сӯфиёне, ки аҳли асроранд,
Дар дили нору дар сари доранд...

Сатрҳои боло гувоҳанд, ки Саноӣ ба афкори сӯфиёна пурра моил буда, афкори аҳли муҳаббатро бо хушнудӣ ёд меорад ва ишорае ба зиндагии Мансури Ҳаллоҷ барин сӯфиёни ифротӣ карда, достони марги нофарҷоми ӯро намунаи ибрат медонад. Барои муайяи сохтани муносибати Саноӣ бо тасаввуф кофист, ки бархеро аз асари ёдшуда биоварем ва нишон диҳем, ки шоир то чи дараҷа масъалаи ишқи маънавиро дарк намуда, барои дигар намояндагон пайраҳае мекушояд:

Мардро ишқ тоҷи сар бошад,
Ишқ бартар зи ҳар ҳунар бошад.
Ошиқӣ бастаи хирад набвад,
Иллати ишқ неку бад набвад.
Болиғи ақлҳо басе ёбӣ,
Болиғи ишқ кам касе ёбӣ.

Ғайр аз гуфтаҳои боло Саноӣ дигар масъалаҳои тариқати тасаввуфиро низ дар «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа» таҳқиқ намуда, кӯшидааст, ки масъалаҳои ирфониро ба воситаи тамсил барои омма равшан кунад ва дар айни ҳол онро асоси сайру сулуки ахлоқӣқарор диҳад. Тамсили «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа» бо тамоми ҷолибию латифиаш дар баёни масоили таълимию маърифатии сӯфия ба шеър ранги хосае мебахшад, ки он баъдтар дар ашъори Фаридиддини Аттору Ҷалолиддини Румӣ бештар мушоҳида мегардад. Роҷеъ ба пиру мурид, зоту сифатҳои ҳақиқат ва

роҳҳои расидан ба тавҳиди тасаввуфӣ, ки моҳиятан аз тавҳиди дини фарқ дорад, сухан ронда, онро роҳи басе душвор мепиндорад:

Бори тавҳид ҳар касе накашад.
Таъми тавҳид ҳар касе начашад.

«Ҳадиқат-ул-ҳақиқа»-и Саноӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷик таъсири фаровоне гузошт, ки онро бевосита дар «Махзан-ул-асрор» ва «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ, «Ҷомиҷам»-и Рукниддини Авҳадӣ мушоҳида мекунем. Ин таъсир на фақат дар вазну таркибу истилоҳот, балки дар истифодаи мафҳуму мазмунҳои ирфонӣ низ ҷой дорад. Вале ба ҳар ҳол намуди ишқу ирфон дар шеър ба дараҷаи комил нарасида буд дар ин шеър ҳанӯз андешаҳои пурфарози ошиқонаи инсон мушоҳида намегардид. Фақат каме баъд дар эҷодиёти ду нафар саромадони афкори тасаввуфӣ — Аттору Румӣ ашъори орифон ба дараҷаи ниҳоии камолоти маънавӣ расид.

Фаридиддини Аттор нахустин шоири арҷманди тасаввуф пас аз Саноист, ки мафҳуму мазмунҳои ирфониро дар ашъораш бо шеваи бисёр дилнишин инъикос намудааст. Ӯ дар ирфон аз ҷумлаи пайравони тасаввуфи ифротии ошиқона ба ҳисоб меравад. Ғазалу маснавиёти ошиқонааш, махсусан «Мантиқ-ут-тайр», «Илоҳинома», «Асрорнома», «Мусибатнома»-и ӯ дар адабиёти классикии форсу тоҷик шоҳкории беназиранд. Дар онҳо на фақат парвози хаёли шоирона, балки ҷаҳоибинию андешаҳои орифонаи шоир баён гардидаанд. Парвози андешаҳои орифона ин ҷо назар ба мазмунҳои ирфонии Саноӣ ошпконатару пурэҳсостаранд. Бояд гуфт, ки Аттор аз санъат лафзии шеър раҳоӣҷуста, маънии тозае дар он ворид сохта, тамсили ирфониро устокорона истифода мебарад. Аз ии рӯ, муҳақиқон қайд намудаанд, ки шеъри сӯфия дар эҷодиёти Аттор қолаби тамсилии тозае гирифтааст. Рубоиёту ғазалиёташ аз ашъори орифонаи шоир дарак медиҳанд. Воситаи онҳо ӯ на фақат уфуқи тозае барои шеъри сӯфиёна боз намуд, балки аз доираи маҳдуди дарбору мадраса берун баромада, ақидаю эҳсосоти қалбиро ифода мекард. Бо густохии ба худ хос ӯ аҳволи шӯридаи инсонро гоҳ ба дайру куништ ва гоҳ ба зуннору қимор нисбат дода, моҷарои, зиндагии орифонаро ёд меоварад. Азулфатӣ бо қаландардошта ва ишқи тарсобача бо чунон шӯру ҳаяҷон сухан мегӯяд, ки каломаш пардаи ҳар гуна маҷозу ниёзро дарида, байни ӯ ва ҳақиқати азалӣҳама гуна ҳиҷобу монеаро дур меафканад ва бо мафҳумҳои маю

майхона ҳусни маъшуқи худро мушоҳида карда, вуҷуди номаҳдудро дар вуҷуди маҳдудии худ кашф месозад ва бо овози баланд хитоб менамояд: «чун шудам дар худ, чунон к-аз хеш нопайдо шудам». Мазмуну моҳияти ҳамин гуна байтҳои шоирони мутасаввиф ҳамон таҷрибаи ирфониро ташкил медиҳад, ки зимни он инсон ба камолоти маънавӣ ноил шуда, ба дараҷаи худшиносӣ мерасад.

Шоир дар ғазалҳои орифонааш шӯру исёни хосро ифода намуда, бехудиашро аз онҳо баралоина намудор мегардонад. Маънии шӯрангези байтҳои ӯ баъзан шатҳиёти суфиёни бузург — (Боязиди Бистомию Мансури Ҳаллоҷро ба ёд меоваранд. Дар маснавиҳояш бошад, роҷеъ ба аслу мабди ҳақиқат маълумот дода, ҳолоту мақомотро баён месозад ва маърифати қалбию завқиро пеш мегузорад. Умуман Аттор аз қабили шоиронест, ки аз як тараф лафзи шеъриро ғанӣ гардонад, аз тарафи дигар, мафҳумҳои ирфониро бо истиораю киноя, шеваи махсуси баён, андешаҳои ишроқию завқӣ (баст, сукр, фано, бақо, ҷамъ, тафриқа ва ғайра) матраҳ менамояд.

Дар тариқати Аттор аксаримақомот ва аҳволи тасаввуфӣ баралоина пеши назар меояд. Ӯ ба воситаи ашъори орифонааш роҳҳои маърифатро баён намуда, зимни он аҳамияти талабу истиғно, тавҳиду ҳайрат ва ишқу маърифатро қайд мекунад. Шоир дар «Тазкират-ул-авлиё» зинаҳои маърифати тасаввуфро аз зиндагии зоҳидона гирифта то расидан ба дараҷаи ҳақиқат ва фаною бақо ба таври муфассал мавриди баён қарор медиҳад. Дарвоқеъ, ҳафт водӣ ё ҳафт марҳала ва ё ҳафт манзил, ки дар эҷодиёти Аттор ба ҳафт шаҳри ишқ мушобеҳ меояд, дар қалби ҷаҳони ҳастии суфия ҷой дорад. Солик бояд ин манзилҳоро бо қадами нафс ва нируи риёзат паймуда, ба сарманзили мақсад бирасад. Аттор дар «Мантиқ-ут-тайр» ҳафт водиро чунин ном мебарад: водии ишқ, водии маърифат, водии истиғно, водии тавҳид, водии ҳайрат ва водии фақру фано. Маҳз ба ҳамин бозёфти орифонаи Аттор аст ишораи Ҷалолиддини Румӣ:

Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашт,
Мо ҳанӯз андар хами як кӯчаем.

Солик дар «Мантиқ-ут-тайр» ба ҳамин масъала таваққуф намуда, ишқро аз забони муаллиф чунин таранвум менамояд:

Ишқи ҷонон оташ асту ақл дуд,
Ишқ к-омад даргурезад ақл зуд

Ақл дар савдои ишқ устод нест,
Ишқ кори ақли модарзод нест.

**«5220100 – барои бакалаврҳои бахши филологӣ (забони тоҷикӣ) (курси 3 )**

# КОРКАРДИ

# МАШҒУЛИЯТҲОИ СЕМИНАРӢ

# АЗ ФАННИ

# «ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК»

# БАХШИ

# Адабиёти тасаввуфӣ

## МАШҒУЛИЯТҲОИ СЕМИНАРӢ

***ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ДОИР БА ГУЗАРОНИДАНИ СЕМИНАРӢ***

Донишчӯён дар машғулоти амалӣ бо роҳбарии устодон дониши назарии худро дар амал месанчанд, яъне малакаю маҳорати худро зимни баён ва ҳаллу фасли масъалаҳои адабиёти тасаввуф зина ба зина дониши назарии худро дар амал тадбиқ менамоянд. Самти асосии чараёни таълими дарсҳои амалӣ ба он нигаронида шудааст, ки дар рафти машғулотҳо донишчӯён хусусиятҳои умумии адабиётро чуқур аз худ намуда, қонунияти инкишофи Задабиёт маълумоти саҳеҳ пайдо кунанд. Ба донишчӯён барои азхудкунии мавзӯоти машғулоти амалӣ аз чониби устодони кафедра васоити таълимии услубӣ, материалҳои чудогона, пешниҳод карда мешавад. Ягонагӣ ва пайвастагии доимии илми назарӣ- дониши назарӣ ва амалиёт шарти аввалиндарачаи донишандӯзӣ, вусъати чаҳонбинӣ, заковат ва равнақи камолоти маънавӣ аст. Дар чараёни гузаштани машғулоти семинарӣ ба донишчӯён ёд додани тарзи таҳлили матнҳо ва махсусан роҳҳои таҳлили асари бадеӣ маҳаки асосӣ мебошад. Дар ҳамин замина мавзӯоти машғулоти семинарӣ барои шаклгирии фаъолияти мустақилонаи толибилмон ва барои инкишофи малакаи корҳои илмӣ пеш пурдани онҳо кӯмак мерасонад. Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ ва семинарӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

### МАШУҒУЛОТИ СЕМИНАРИИ 1
**Тадқиқи тасаввуф ва адабиёти сӯфия.**

Нақша:
1.Маълумот оиди тасаввуф
2. Мақсаду мароми таълимоти сӯфия
3. феҳристи адабиётҳои тасаввуфӣ

Адабиёт:
1. Н.Комилов “Тасаввуф”
2. Маводҳо аз шабакаҳои интернетӣ
3. Матни маърӯзаҳо

### МАШУҒУЛОТИ СЕМИНАРИИ 2
**Абдуллоҳи Ансорӣ ва инкишофи насри ахлоқии мумтози форсу точик**

Нақша:
1. Ҳаёт ва фаъолияти Ансорӣ
2. Осори тасаввуфии шоир
3. Баёни мавзӯи яке аз асарҳои шоир

Адабиёт:
1. Н.Комилов “Тасаввуф”
2. Маводҳо аз шабакаҳои интернетӣ

3. Мантни маърӯзаҳо

## МАШУҒУЛОТИ СЕМИНАРИИ 3
**Маснавии «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноӣ ва нақши он дар инкишофи маснавиёти ахлоқӣ-тасаввуфӣ.**

Нақша:
1. Ҳаёт ва фаъолияти Саноӣ
2. Маълумот дар бораи асари “Ҳадиқат-ул- ҳақиқат”
3. Таҳлили яке аз ҳикоятҳои асар

Адабиёт:
1. Н.Комилов “Тасаввуф”
2. Маводҳо аз шабакаҳои интернетӣ
3. Матни маърӯзаҳо.

## МАШУҒУЛОТИ СЕМИНАРИИ 4
**Маснавии «Сайр-ул-ибод-илал-миод»-и Саноӣ ва мазмуну мундаричаи он.**

Нақша:
1. Маълумот дар бораи асари **«Сайр-ул-ибод-илал-миод»-и Саноӣ**”
2. Таҳлили яке аз ҳикоятҳои асар

Адабиёт:
1. Н.Комилов “Тасаввуф”
2. Маводҳо аз шабакаҳои интернетӣ
3. Матни маърӯзаҳо.

## МАШУҒУЛОТИ СЕМИНАРИИ 5
**Силсилаи Нашкбандияи тасаввуф ва расму ойинҳои он.**

Нақша:
1. Маълумот дар бораи Нақшбандия
2. Намояндагони барҷастаи ин равия
3. Осори нақшбандӣ

Адабиёт:
1. Н.Комилов “Тасаввуф”
2. Маводҳо аз шабакаҳои интернетӣ
3. Матни маърӯзаҳо.

## МАШУҒУЛОТИ СЕМИНАРИИ 6
**Абдураҳмони Ҷомӣ ва таълимоти нақшбандия.**

Нақша:
1. Рӯзгор ва осори Ҷомӣ
2. 2. Таълимоти Нақшбандия дар эҷодиёти шоир
3. 3. Таҳлили яке аз ҳикоятҳои шоир

Адабиёт:

1. Н.Комилов “Тасаввуф”
2. Маводҳо аз шабакаҳои интернетӣ
3. Матни маърӯзаҳо.

## МАШУҒУЛОТИ СЕМИНАРИИ 7
**Нақшбандия ва ҳамбастагии он бо ҳадис ва Қуръон.**

Нақша:
1. Маълумот дар бораи Қуръон
2. Маълуот дар бораи аҳодис
3. Нақшбандия ва алоқамандии он бо Қуръону ҳадис

Адабиёт:
1. Н.Комилов “Тасаввуф”
2. Маводҳо аз шабакаҳои интернетӣ
3. Матни маърӯзаҳо.

## МАШУҒУЛОТИ СЕМИНАРИИ 8
**Шарҳу тафсири чор ҳадис**

Нақша:
1. Тафисри ҳадисҳо
2. Алоқамандии ҳадисҳо,мазмуни он дар ашъори шоирони ирфонӣ

Адабиёт:
1. Н.Комилов “Тасаввуф”
2. Маводҳо аз шабакаҳои интернетӣ
3. Матни маърӯзаҳо.

## МАШУҒУЛОТИ СЕМИНАРИИ 9
**Инсони комил**

Нақша:
1. Шарҳи мафҳуми инсони комил
2. Нуқтаи назари аҳли тасаввуф оиди инсони комил

Адабиёт:
1. Н.Комилов “Тасаввуф”
2. Маводҳо аз шабакаҳои интернетӣ
3. Матни маърӯзаҳо.

## МАШУҒУЛОТИ СЕМИНАРИИ 10
**Ишқи илоҳӣ ҳамчун унсури ирфонии тасаввуф**

Нақша:
1. Шарҳи  мафҳуми Ишқ
2. Талқини ишқ дар осори адибон

Адабиёт:
1. Н.Комилов “Тасаввуф”
2. Маводҳо аз шабакаҳои интернетӣ
3. Матни маърӯзаҳо.

## МАШУҒУЛОТИ СЕМИНАРИИ 11
### Забон ва услуби дубайтиҳои Бобо Тоҳир. Саҷъ дар насри бадеии Абдуллоҳи Ансорӣ

Нақша:
1. Бобо Тоҳир ва дубайтиҳои ӯ
2. Маълумот дар бораи санъати саҷъ
3. Мавқеи саҷъ дар осори Ансорӣ

Адабиёт:
1. Н.Комилов "Тасаввуф"
2. Маводҳо аз шабакаҳои интернетӣ
3. Матни маърӯзаҳо.

## МАШУҒУЛОТИ СЕМИНАРИИ 12
### Маснавиёти сӯфиёнаи Саноӣ ва дараҷаи тадқиқи онҳо

Нақша:
1. Маълумот дар бораи жанри маснавӣ
2. Маснавиҳои санои ва афкори сӯфиёна дар онҳо
3. Муҳаққиқони осори Саноӣ

Адабиёт:
1. Н.Комилов "Тасаввуф"
2. Маводҳо аз шабакаҳои интернетӣ
3. Матни маърӯзаҳо.

## МАШУҒУЛОТИ СЕМИНАРИИ 13
### Маснавии "Булбулнома"-и Аттор. Маснавии "Илоҳинома"-и Аттор

Нақша:
1. Аттор ва осори ӯ
2. Маснавиии "Булбулнома"
3. Маснавии "Илоҳинома"
4. Таҳлили ҳикояҳо

Адабиёт:
1. Н.Комилов "Тасаввуф"
2. Маводҳо аз шабакаҳои интернетӣ
3. Матни маърӯзаҳо.

## МАШУҒУЛОТИ СЕМИНАРИИ 14

## Хоҷа Аҳрори Валӣ ва Нажмиддин Кубро – куброи тариқат

Нақша:

1. Маълумот дар бораи Хоҷа аҳрори Валӣ
2. Маълумот дар бораи Наҷмиддини Кубро

Адабиёт:

1. Н.Комилов “Тасаввуф”
2. Маводҳо аз шабакаҳои интернетӣ
3. Матни маърӯзаҳо.

**«5220100 – барои бакалаврҳои бахши филологӣ (забони тоҷикӣ)**
**(курси 3 )**

# МАШҒУЛИЯТҲОИ МУСТАҚИЛОНА

# АЗ ФАННИ

# «ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК»

# БАХШИ

# Адабиёти тасаввуфӣ

# ТАЪЛИМИ МУСТАҚИЛОНА

Аз рӯи фанни “Тасаввуф ва асосҳои поэтикаи мумтоз” барои корҳои мустақилона ва рефератҳо мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Тадқиқи таълимоти тасаввуф ва адабиёти сӯфиёна дар шарқшиносии аврупой.
2. Дастовардҳои тасаввуфшиносони эронию точик.
3. Тадқиқи тасаввуф ва адабиёти сӯфиёна дар Ӯзбекистон.
4. Ахбори адабиёти илмӣ оиди вазъияти таърихии хилофат дар аҳди Умавиён.
5. Маълумоти адабиёти илмӣ дар бораи унсурҳои таркибии тасаввуф.
6. Зиндагиномаю фаъолияти аввалин зоҳидони маъруф: Иброҳими Адҳам ва Фузайл ибни Аёз.
7. Робияи Басрӣ ва фаъолияти зоҳидии ӯ.
8. Таълимоти Мансури Ҳаллоч ва Боязиди Бастомӣ.
9. Силсилаҳои тасаввуф.
10. Ҳақиқат ҳамчун мафҳуми тасаввуфӣ.
11. Мақомҳои тариқати тасаввуфӣ.
12. Тасаввуф ва чавонмардӣ.
13. Маломат дар тасаввуф.
14. Самоъи сӯфиён ва шеър.
15. Аввалин шеърҳои сӯфиёна.
16. Тарчимаи ҳоли Бобо Кӯҳии Шерозӣ:
17. Девони ғазалиёти Бобо Кӯҳӣ ва ифодаи чаҳонбинӣ ва афкори сӯфиёнаи шоир дар он.
18. Бобо Тоҳири Урён ва мачмӯаи дубайтиҳои ӯ.
19. Ансорӣ муҳаққиқ ва муаррихи тасаввуф.
20. Сачъ дар насри бадеии Абдулло Ансорӣ.
21. Маснавиёти сӯфиёнаи Саной ва дарачаи тадқиқи онҳо.
22. Маснавии «Илоҳинома»-и Аттор ва мазмуну мундаричаи он.
23. Чалолиддини Румӣ ва Шамси Табрезӣ.
24. Таҳлили намунаҳо аз ғазалиёти Румӣ
25. Таҳлили ҳикоятҳо аз «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ .
26. Маълумоти сарчашмаҳо оиди тарикати Нашкбандия ва расму ойинҳои он.

# **Вожаномҳо** (ГЛОССАРИЙ)

1. АВТОГРАФ-дастнавис, хат ё имзои муаллиф.
2. АВТОР- муаллиф
3. АДАБ-доираи донишҳои калом, фасоҳатнокӣ
4. АНАЛИЗ-таҳлил, таҷзия, қоида, таҳқиқ.
5. АНДАРЗ-жанри панду ахлоқӣ
6. АНОНИМ-мустаор, номуайянмуаллиф
7. АНТИТЕЗА-тазод, мухолиф
8. АНТОЛОГИЯ-баёз, тазкира
9. АНТОНИМ-тазод, муқобил
10. АРӮЗ-арӯз, ченаки шеър
11. АҒЛОТ-ғалатҳо, хатоҳо
12. АТРИБУТСИЯ-муайян кардани номи муаллифи асар
13. БАЗИС-асос, поя, ниҳод, бунёд
14. БАЙТ-байт, ду мисраи як шеър
15. БИБЛИОГРАФ-китобиётнавис, китобшинос
16. ВАРИАНТ-қарина, гуногуншаклӣ
17. ИНТОНАТСИЯ-оҳанги гуфтор
18. ҒАЗАЛ-шакли шеърӣ, жанри адабӣ
19. ҶАДИД-нав, вазни шеъри арӯз
20. ДАБИР-таҳриркунандаи асар
21. ДЕВОН-куллиёт
22. ЖАНР-навъ
23. ИДЕАЛ-намунаи, тисоли олӣ, орзую мақсад ва омоли баланд.
24. ИДЕОГРАММА-аломати шартӣ, аломати махсус,ки ягон маъноро ифода мекунад, мисли ҳисоби анҷад.
25. ИДИОМА-таъбир, ибораи устувор, ки маънои маҷозт дорад.
26. ИЕРОГЛИФ-хати шартӣ, хати тасврию суратнок.
27. ИЛҲОҚ-ҳароҳ кардан, пақвастан, илова.
28. ИЛТИҚОТ-пайдо кардан, ҷамъоварӣ кардан
29. ИНТИСОБ-нисбат додан
30. ИНТИҚОД-танқид кардан (матни интиқодӣ)
31. ИНВЕРСИЯ-ҷойивазкунии калимаҳо дар матн.
32. КАЛКА-тарҷумаи таҳтуллафзӣ, ҳарф ба ҳарф.
33. Классаик-саромад,, эътирофшуда
34. КОМЕНТАРИЯ-шарҳ, тафсир, тавзеҳот.
35. КОМЕНТАТОР- шарҳдиҳанда, шореҳ.
36. КОНФИЛИКТ-ихтилоф, муноқиша.
37. КОПИЯ-нусха, монандии аслӣ.
38. КОТИБ-китобаткунанда, дабир, муншӣ.
39. КОДИКОЛОГИЯ-қоғазшиносӣ, навъи қоғазро муайян кардан

40.Критика- нақд, танқид, хӯрдагирӣ.
41.КРИТИК-мунаққид, нақдгар
42.КУЛМИНАТСИЯ-авҷ, нуқтаи олӣ, қуллаи баланд.
43.КӮФӢ-навъи хати арабӣ , ки нуқтагузориҳо надошт.
44.ЛЕКСИКА-луғат
45.ЛИНГВИСТ-забоншинос
46.ЛИРИКӢ-ғиноӣ
47.ЛИРИКА-яке аз ҷинсҳои адабӣ
48.МАТН-навиштаи асли китоб (ба истиснои шарҳ)
49.МАНТШИНОСӢ-яке аз илмҳои мустақили адабиётшиносӣ мебошад.
50.МАТЛАЪ-байти авали ғазал
51.МАҚТАЪ-байти охири ғазал.
52.МАСНАВӢ-шакли шеърӣ
53.МАСЛАК-тариқ, мазҳаб, раванд.
54.МАШКУК-шаковаранда,шубҳанок
55.МУАЛЛИФ-таълифкунандаи китоб, нависанда
56.МУСАННИФ-таълифкунанда, таснифгар
57.МУСАВВАДА-сиёҳнависии асар
58.МУТТАКО-такягоҳ, манба ё асари такягоҳӣ
59.МУТУН-матнҳо
60.МЕТАФОРА-истиора, маҷоз, киноя.
61.МЕТАФРАЗА-баёни аниқи матни асари бадеӣ.
62.МЕТОД-усул, роҳ, равиш.
63.МЕТОДОЛОГИЯ-усули тадқиқу таҳқиқ
64.МИСРАЪ-як сатри шеър
65.МИФ-асотир, ривоят
66.МОНОГРАФИЯ-рисолдаи илмӣ
67.НОШИР-нашркунанда.
68.НАСХ-як навъи хат
69.НОСИХ-насхкунандагон, котибоне, ки насх менавиштанд
70.НОҚИД-нақдкунанда, сухансанҷ, суханшинос
71.НАСТАЪЛИҚ-навъи маъмули хати арабӣ, дар асоси хати насх ва таълиқ пайдо шуда, онро арӯси хатҳо меноманд
72.НАҚДИ АДАБӢ-танқиди адабӣ
73.ОБЗОР-хулоса, шарҳ.
74.ОБРАЗ-тимсол, симо, қиёфа, инъикоси тасвир, манзара.
75.ОМОНИМ-таҷнис.
76.ОРАТОР-нотиқ, воиз.
77.ОРИГИНАЛ-асли нусха.
78.ПАЛЕОГРАФ- муҳаққиқи дастнависҳо.
79.ПАРАЛЛЕЛИЗМ-якхелагӣ, монандӣ.
80.ПАУЗА-таваққуф, ист.
81.ПАФОС-завқ, рӯҳбаландӣ.
82.ПОЭТИКА-илми бадеъ, назмшиносӣ.

83.ПРОТОГРАФ-нахустнусха, нусхаи қадим ва аслӣ.
84.РИТОРИКА-балоғат, илми маонӣ ва баён.
85.РАСМУЛХАТ-хати расмӣ
86.РИСОЛА-асари илме, ки барои таҳқиқу шарҳи осоре навишта шудааст
87.САҲЕҲ-ислоҳ ва ёдуруст кардан муқовабанди китоб, ҷилдсоз
88.САҲҲОФ-китобсоз,
89.СИМВОЛ-рамз, ишора, аломат, ишора.
90.СИСТЕМА-сохт, усул, тариқ, низом
91.СЕНЗУРА-органи махсуси давлат, ки асарҳои чопмешудаи адибон ва матбуотро назорат мекунад.
92.ТАҲРИР-ислоҳи чизи навишташуда
93.ТАКМИЛ-пурра кардан, мукаммал кардан.
94.ТАҲИЯ-омода кардани матн, асар.
95.ТАҲРИФ-барқасд дигар кардани ҳарфу калимава қисме аз матн
96.ТАНҚЕҲ-пок кардан, тоза кардан аз хато
97.ТАДВИНИ АСАР-мураттаб намудани асар, мураттибӣ.
98.ТЕКСТ-матн, асли сухани муаллиф.
99.ТЕКСТОЛОГИЯ-матншиносӣ, қисми илми адабиётшиносӣ.
100. ФАНТАЗИЯ-тахайюлот.
101. ХАТТОТ-натнавис, дабир, муншӣ, зебонавис
102. ЭПИЗОД-лавҳа, лаҳзаи ҳодисот.
103. ШАРҲ-тавзеҳ додан, баён кардани мазмун
104. ШОРЕҲ-шарҳнавис
105. ШУРӮҲОТ-шарҳҳо
106. ҲАЗФ-партофтани ҳарф ё калима, ибора, ҷумла, қисме аз матн
107. ҚИЁСӢ-муқоисавӣ
108. “Ишқ عشق - шавқи муфрит ва майли шадид ба чизе аст. Ишқ оташе аст, ки дар қалб воқеъ шавад ва маҳбубро бисӯзонад. Ишқ дарёи бало ва чунуни илоҳӣ ва қиёми қалб аст бо маъшуқ билвосита.”[2]
109. “Ишқ عشق - 1- ба ҳадди ифрот дӯст доштан. 2- дӯстии муфрит, муҳаббати том. (тавзеҳ 1) Яке аз авотиф (меҳрубонӣ, илтифот) аст, ки мураккаб мебошад аз тамоилоти чисмонӣ, ҳисси чамол, ҳисси ичтимой, тааччуб, иззати нафс ва ғайра. Алоқаи бисёр шадид ва ғолибан номаъқуле аст, ки гоҳи ҳаячонот қудратангезиро боис шавад ва он яке аз музоҳири мухталифи тамоили ичтимой аст, ки ғолибан чузви шаҳват ба шумор ояд. (тавзеҳ 2) Ба ақидаи сӯфиён асос ва бунёди чаҳони ҳастӣ бар ишқ ниҳодашуда ва чанба ва чӯше, ки саросари вуҷудро фаро гирифта ба ҳамин муносибат аст. Пас камоли воқеъиро дар ишқ бояд чустучӯ кард.”[3]
110. “Дил”-ро маҳал ва махзани асрори илоҳӣ хонда, бо суханони Ансорӣ қувват додааст, ки ин ҷо мувофиқи мақсад аст: “Ансорӣ дили одамиро аз чаҳор парда иборат медонад: пардаи аввал садр аст, ки

[2] Сайид Чаъфари Саччодӣ. Фарҳанги мусталаҳоти урафо Теҳрон..-1339.-580с
[3] Доктор Муҳаммад Муъин. Фарҳанги форсӣ. Теҳрон.- 1386. -2303с

мустақари аҳди илҳом аст; пардаи дуввум қалб аст, ки маҳалли нури имон аст; пардаи саввум фуъод аст, ки саропардаи мушоҳадати ҳақ аст; пардаи чаҳорум шағоф аст, ки муҳити раҳли ишқ аст.”[4]

111. Ал-маърифату المعرفة - он шинохтани Худои таъоло (аст).

112. Илмулякин – сайри офоқиро (дидани чаҳон, сайр дар беруни нафс) гӯянд.

113. Айнулякин ва ҳаққулякин – ду мартабаи сайри анфусӣ аст.

114. Ислом – тариқат. Ва он мақоми тамайюз аст баъди мақомул чамъ ва иститор ва инро исломи ҳақиқӣ низ гӯянд. Баъд аз ин куфр нест.

115. Аш-шайх – ва ҳува инсонул комилу. Яъне иборат аз инсони комил аст, ки дар илми шариат ва тариқат ва ҳақиқат комил бошад ва мартабаи такмил дошта бошад.

116. Ал-орифу – ман ашҳадуҳуллоҳу зотаҳу ва сифотиҳи ва асмоаҳу ва афъолаҳу лимаърифату ҳолун таҳдусу мин шуҳудиҳи.

117. Ал-оламу – мин атлаъаҳуллоҳу ъало золика ло ъан шуҳудин бал ъан яқинин.

118. Ат-тасаввуфу–ҳуват-тахаллуқу бил ахлоқил илоҳийяти, яъне мутахаллиқ шудан ба ахлоқи илоҳӣ.

119. Ат-тачаллӣ - мо язҳару лил қулуби мин анворил ғуюби,айнушшайъи оллоҳ таъоло аст.

120. Вачҳ-ул-Ҳақ – ҳува мо биҳиш-шайъу ҳаққан – чун ҳақиқати шайъ ба ӯ таъолост ва бе ӯ субҳонаҳу барои ашё ҳеч ҳақиқат нест. Пас онки ашё бад-ӯ қоими ҳақ бошад, ӯст субҳонаҳу таъоло ва ҳувал машорун илайҳ биқавлуҳу таъоло субҳонаҳу.

121. Вачҳуллоҳ – ва ҳува айнул ҳаққил-муқимул чамиъил ашёи аҳуваллазӣ яро вачҳул Ҳаққи фӣ кулли шайин.

122. Дар баъзе истилоҳоти суфия омадааст, ки майхонава буткада ва шаробхона гӯянд ва мурод аз инҳо ботини орифи комил бошад, ки дар он ботин шавқу завқ ва маорифи илоҳӣ бисёр бошад.

123. Тарсо – марди рӯҳониро гӯянд, ки сифоти замима ва нафси замимаи ӯ мубаддал шуда бошад ва ба сифоти ҳамида мавсуф шуда бошад.

124. Тарсобача – вориди ғайбиро гӯянд, ки бар дили солик фурӯд ояд.

125. Бут - тачаллии шоҳиди маъониро гӯянд, ки бар сифате моварои сифате дигар бар дили солик зоҳир шавад.

126. Дайру харобот – олами маънӣ ва ботини орифи комил бошад.

127. Май – завқе бувад, ки аз дили солик бароянд ва ӯро хушвақт гардонад.

Соғару пиёла – чизеро гӯянд, ки дар вай мушоҳидаи анвори ғайбӣ кунанд ва идроки маъонӣ.

[4] Сайид Чаъфари Саччодӣ. Фарҳанги мусталаҳоти урафо Теҳрон..-1339.-388с

128. Зуннор - якрангӣ ва якчиҳатии солик бошад дар роҳи дин ва мутобиати роҳи яқин.

129. Ёр ва дилдор – олами шуҳудро гӯянд ва маҳбуб ва санам – ҳақиқати рӯҳияро гӯянд дар зуҳури тачаллии сурати сифотӣ.

130. Ғамза ва бӯса – файз ва чазабаи ботинро гӯянд, ки нисбати солик воқеъ шавад.

131. Чашму абрӯ ва чамол – илҳоми ғайбӣ бошад, ки бар дили солик ворид шавад.

132. Соқйва мутриб – файзрасонандагон ва тарғибкунандагонро гӯянд, ки ба кашфи рамуз ва баёни ҳақоиқ дилҳои орифонро маъмур доранд.

133. Талаб–чустани ҳақро гӯянд.

134. Ошиқ – шефтаи чамол ва чалоли Илоҳиро гӯянд баъд аз талаб ва чидди тамом.

135. Маъшӯқ – Ҳақро гӯянд баъд аз талаби ӯ субҳонаҳу ба чидди тамом аз он рӯй, ки мустаҳиққи (шоиста) дӯстӣ вай асту бас.

136. Вуҷуд – ҳастии Ҳақро гӯянд.

137. Зулф – ғайби ҳувийятро гӯянд, ки касеро бад-ӯ роҳ нест.

138. Мӯ – зоҳири ҳувийятро гӯянд, яъне вуҷудро, чи ҳама касро ба мӯчиби вуҷуд илм ҳосил аст.

139. Гесу – тариқи талабро гӯянд ба олами ҳувийят, ки чабал-ул-матин иборат аз ӯст.
Хами зулф – асрори илоҳиро гӯянд.

140. Чашм – сифати басарии илоҳиро гӯянд.

141. Майхона – олами лоҳутро гӯянд.

142. Майкада – қидами (дерина, қадима будан) муночотро гӯянд.

143. Хумхона – олами тачаллиётро гӯянд, ки олами қалб аст.

144. Соқӣ – сувари мисоли чамилийяро гӯянд, ки аз дидани он соликро хумори Ҳақ пайдо шавад.

145. Қадаҳ – вақтро гӯянд.

146. Чом – аҳволро гӯянд

147. Суроҳӣ – мақомро гӯянд.

148. Хум – мавқуфро гӯянд

149. Чуръа – асрори мақомотро гӯянд, ки дар сулуки солик пӯшида монда бувад.

150. Масти хароб – мустағироқи (аз ҳад зиёд ғарқа шуданҳо, пайваста саргарми) ошиқ бувад дар ишқи маҳбуб.

151. Харобот – харобии олами башарият бувад.

152. Шамъ – нури аллоҳро гӯянд.

153. Шоҳид – тачаллиро гўянд.
154. Нақл – кашфи маъониро гўянд.
155. Кабоб – парвариши дилро гўянд дар тачаллиёти суварӣ.
156. Рўз – татобеъи (омезиши) анворро гўянд.
157. Шаби қадр – лиқои соликро гўянд дар айни истеҳлок (нест шудан) ба вучуди ҳақ.
Бут – мақсуд ва матлубро гўянд.
158. Тавба – бозгаштан аз чизе ноқису нозил ва рўй овардан ба чизе комилу ҳолӣ.
159. Имон – миқдори донишро гўянд ба ҳазрати Ҳақ субҳонаҳу.
160. Ислом – аъмоли мутобаатро гўянд ба анбиё алайҳиссалом (ва) дину эътиқодеро гўянд, ки аз олами тафриқа сар баркарда бувад.
161. Закот – тарк ва исорро (базл,ато, муқаддам доштани дигарон дар кулли умур) гўянд.
162. Каъба – мақоми васлатро гўянд.
163. Ҳач – сулуки илаллоҳро гўянд.
164. Биёбон – вақоеъи тариқро гўянд.
165. Абр - ҳичоберо гўянд, ки монеъи сабаби вусул бошад.
166. Борон – нузули раҳматро гўянд.
167. Мутриб – огоҳкунандаро гўянд аз олами раббонӣ.
168. Симоъ - мачлиси унсро гўянд.
169. Рух - тачаллиётеро гўянд, ки дар модда бувад. Холи сиёҳ – олами нестиро гўянд.
170. Хат(т)и сиёҳ – олами ғайбро гўянд
171. Хат(т)и сабз – олами барзахро (ва олами бақоро) гўянд.
172. Лаб – каломи маъшўқро гўянд.
173. Сухан – ишорат ба ошноиро гўянд ба олами ғайб.
174. Салом – дуруди Муҳаммадро (с.а.в) гўянд.
175. Хоби фано – ихтиёреро гўянд дар афъоли башарият.
176. Бедорӣ – олами маҳвро гўянд чиҳати убудийят.
177. Риёзат – мучоҳидаро гўянд.
178. Гавҳар – маонии сифот ва асмои илоҳиро гўянд.

# *ИЛОВАҲО*

**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН**

**Ба рўйхат гирифта шуд.**

**№ БД – 5120100 – 3.12**

**«2» 06 соли 2017**

**Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсус**

**«28» 06 соли 2017**

# ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ

**аз фанни**

# АДАБИЁТИ ТАСАВВУФӢ ВА АСОСҲОИ ПОЭТИКАИ МУМТОЗ

| | | |
|---|---|---|
| Соҳаи илм: | 100 000 | -Фанҳои гуманитарӣ ва санъат |
| Соҳаи таълим: | 120 000 | -Фанҳои гуманитарӣ |
| Шўъбаи таълим, ихтисос. | 5120100 | -Филология ва омўзиши забонҳо (филологияи тоҷик) |

Тошкент – 2017

Дастури таълимии мутобиқи баённомаи №______ Шӯрои мувофиқгардонии фаъолияти иттиҳодияи илмию услубии равишҳои таълими мактабҳои Олӣ ва миёнаи махсуси Республикаи Ӯзбекистон маъқул карда шудааст.

Дастури таълимии фан дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд кор карда шудааст.

**Мураттиб:**

**С.Саъдиев** Муаллими кафедраи адабиёти точики ДДС.

**Муқарризон:**

**С. Хӯљақулов** Номзади фанҳои филологї, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДС

**Д. Бабаева.** Номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо, педогогика ва психология

Дастури таълимии фан дар ҷамъомади Шӯрои илмии Донишгоҳи давлатии Самарқанд муҳокима гардида тавсия карда шудааст. (2019 “___” “___________» баённомаи рақами № __).

## I. Рӯзмаррагӣ ва нақши фан дар таълими олии касбӣ

Дастури таълимӣ аз фанни “Тасаввуф ва асосҳои поэтикаи мумтоз” барои донишҷӯёни дараҷаи бакалавр таҳия шуда дар он таърихи адабиёти сӯфия, марҳилаҳои он осори шуарои ирфон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Мақсади таълими фанни “Тасаввуф ва асосҳои поэтикаи мумтоз” ба донишӯён омӯзонидани заминаҳои пайдоишу омилҳои интишор ва хусусиятҳои таълимоти тасаввуф, таъсири он ба адабиёти бадей, баррасии раванди шаклёбй ва давраҳои инкишофи адабиёти сӯфиёна, мазмуну мундаричаи ғоявй, хусусиятҳои бадеию услубй ва арзиши мероси сӯфия аст.

## II. Мақсад ва вазифањои фанни таълимӣ

Амалй намудани ин мақсад ичрои вазифаҳои зеринро дар назар дорад:

- шинос намудани донишчӯён бо адабиёти илмии оиди таълимоти тасаввуф ва адабиёти сӯфиёна таснифшуда;
- оид ба чараёни ташаккул, омилҳои инкишоф ва хусусиятҳои адабиёти тасаввуфй дар донишчӯён тасаввур ва маълумот ҳосил кунонидан;
- шинос намудани донишчӯён бо симоҳои намоёни адабиёти тасаввуфй ва асарҳои онҳо;
- дар донишчӯён шакл додани малакаи таҳлили мустақилонаи осори адабиёти сӯфия;
- равона кардани арзишҳои ахлоқии осори адабиёти сӯфия ба камолоти маънавию ахлоқии толибилмон.

Омӯзиши ин фан ба воситаи истифодаи усулҳои анъанавию замонавии таълим, мунҷумла пурсишҳои тестӣ, таълими барномавӣ, гузаронидани сӯҳбатҳо, каллоквиумҳо, таълими муаммовӣ, корбасти васоити техникӣ ва роҳу усулҳои дигар амалӣ карда мешаванд. **Донишљӯ:**

- дар заминаи баррасии осори адабӣ ва таъсиррасонӣ ба ҳиссиёти донишҷӯён ба ташаккули шахсияти баркамоли некахлоқи фасеҳбаёну соҳибсалиқа кӯмак расонидан; дар бораи адабиёти мумтози тоҷик ва усулҳои омӯзиши он тасаввур ҳосил намудан; оиди қонуниятҳои пайдоишу инкишоф ва хусусиятҳои давраҳои ҷудогонаи тараққиёти таърихи адабиёти мумтози тоҷик соҳиби дониши кофӣ гардидан; ҷараёнҳои асосии инкишофи адабиёти мумтози тоҷикро ***донистантанаш лозим аст;***
- дар бораи равобиту пайвандҳои адабии халқи тоҷик бо халқҳои дигар дар ҷараёни таълими адабиёти мумтози тоҷик аз онҳо истифода намудан; бо тадқиқоти илмии дар бораи адабиёти мумтози тоҷик анҷом ёфта комилан ошноӣ доштан ва дар фаъолияти касбӣ аз онҳо самаранок истифода намудан; дар бораи тадқиқи қиёсии осори адабӣ ***малака ҳосил намуданаш лозим аст;***

- дар бораи ҳаёт ва фаъолияти симоҳои намоёни адабиёти мумтози тоҷик маълумоти кофӣ ҳосил намуда ва аз онҳо баҳра бардошта тавонистанаш ***ба таҷрибаҳо соҳиб шуданаш лозим аст.***

## ҚИСМАТИ АСОСӢ

### III. Қисми асосии назарӣ (машғулоти маърӯза)

### Модули 1. Адабиёти тасаввуфӣ ва марҳилаҳои асосии он.

**Мавзӯи 1-ум. Фанни адабиёти тасаввуфй ва мавзӯи баҳси он.**

Адабиёти тасаввуфй ва мавқеи он дар таърихи адабиёти форсу точик. Осори адабиёти сӯфия ва мазмуну мундаричаи ғоявии он. Тадқиқи таълимоти тасаввуф ва адабиёти сӯфиёна дар шарқшиносии аврупой. Дастовардҳои тасаввуфшиносони Эронию точик. Тадқиқи тасаввуф ва адабиёти сӯфиёна дар Ӯзбекистон. Мушкилот ва истиқболи тадқиқи тасаввуф ва адабиёти сӯфия.

**Мавзӯи 2-ум. Таълимоти тасаввуф ва заминаҳои пайдоишу инкишофи он.**

Вазъияти таърихии хилофат дар аҳди Умавиён. Мухолифати муҳаддисон ба дунявй шудани давлати исломй. Зӯҳду зоҳидй ҳамчун унсури аввалини таълимоти тасаввуф. Аввалин зоҳидони маъруф: Иброҳими Адҳам, Фузайл ибни Аёз ва зиндагиномаю фаъолияти онҳо. Ишқи илоҳй ҳамчун унсури ирфонии тасаввуф. Робияи Басрй ва фаъолияти зоҳидии ӯ. Ваҳдати вучуди тасаввуфй ва моҳияти он. Таълимоти Мансури Ҳаллоч ва Боязиди Бастомй. Силсилаҳои тасаввуф.

**Мавзӯи 3-ум. Маърифати тасаввуфй ва унсурҳои асосии он.**

Ҳақиқат ҳамчун мафҳуми тасаввуфй. Роҳу усулҳои дарёфти ҳақиқат аз дидгоҳи сӯфиён. Бо таваччӯҳ ба илми ботин, покшавии маънавй ва кашфу илҳом дарёфтани ҳақиқат дар тасаввуф. Марҳилаҳои камолоти ахлоқию маънавй дар тасаввуф. Мақомҳои тариқати тасаввуфй. Вачҳу ҳол ҳамчун унсури асосии маърифати ҳақиқат дар тасаввуф. Марҳила ва манзилҳои роҳи маърифати ҳақиқат. Тасаввуф ва чавонмардй. Маломат дар тасаввуф.

**Мавзӯи 4-ум. Пайдоиши ирфон (мистика) дар тасаввуф**

Ба вучуд омадани ишқи илоҳӣ (ирфон) дар фаъолияти зоҳидии Робиаи Адавияи Басрӣ дар Ироқ муночотҳои ошиқонаи Робияи Басрй. Ба унсури асосии тасаввуф табдил ёфтани ирфон (ишқи илоҳй).

**Мавзӯи 5-ум. Пайдоиши таълимоти пантеизм (ваҳдати вучуд) дар тасаввуф**

Ваҳдати вучуд чун унсури фалсафии тасаввуф ва пайдоиши он дар фаъолияти Мансури Ҳаллоч дар асри X. Шиори «аналҳақ»-и Мансури Ҳаллоч ва моҳияти бузурги гуманистии он. Мазмуни фалсафии таълимоти ваҳдати вучуд.

**Мавзӯи 6-ум. Пантеизм ва ирфон чун унсурҳои бидъатии таълимоти тасаввуф.**

Таълимоти тасаввуф чун мфодаи мафкураи эътирозӣ ва опазизиционӣ (мухолифат)-и мардуми меҳнаткаш.

Нақш ва мақоми табақаҳои меҳнатӣ ва гурӯҳҳои поини ичтимои дар тасаввуфи позиционӣ иштироки васеи ҳунармандон дар чунбиши тасаввуфии давраҳои қадим (асрҳои 1Х-Х) ва инъикоси мафкураи онҳо дар таълимоти ин чараён

**Мавзӯи 7-ум. Маърифати тасаввуфӣ ва унсурҳои асосии он**

Ҳақиқат ҳамчун мафҳуми тасаввуфӣ. Роҳу усулҳои дарёфти ҳақиқат аз дидгоҳи сӯфиён. Бо таваччӯҳ ба илми ботин, покшавии маънавӣ ва кашфу илҳом дарёфтани ҳақиқат дар тасаввуф. Марҳилаҳои камолоти ахлоқию маънавӣ дар тасаввуф. Мақомҳои тариқати тасаввуфӣ. Вачду ҳол ҳамчун унсури асосии маърифати ҳақиқат дар тасаввуф. Марҳила ва манзилҳои роҳи маърифати ҳақиқат. Тасаввуф ва чавонмардӣ. Маломат дар тасаввуф.

**Мавзӯи 8-ум. Тасаввуф ва чавонмардӣ**.

Интишори ойини гуманитарии чавонмардӣ (футувват) дар асрҳои 1Х-Х ва мафкураи табақаҳои ҳунармандӣ инъикос намудани он. Омезиши футувват бо тариқаи тасаввуф дар ин асрҳо ба рукни тасаввуф табдил ёфтани футувват дар давраҳои минбаъда накш ва аҳамияти ойини футувват дар ривочу вусъати характери гуманистӣ ва ахлоқии таълимоти тасаввуф.

**Мавзӯи 9-ум. Тариқати маломат дар тасаввуф.**

Дар айни болоравии шӯҳрати эътибори тасаввуф ба авомфиребӣ, дунёпарастӣ, риёкорӣ ва касби шӯҳрату маҳбубият дар байни мардум дода шудани бисёре аз шайхони тариқат ва муқобили ин иллатҳои онҳо чун ҳаракати ислоҳоталабӣ Зуҳур кардани тариқаи маломат дар дохили тасаввуф. Таълимоти маломат-нуктаи олитаринии тасаввуф. Маломат ва футувват. Тариқати нақшбандия чун меросбарӣ тариқат маломат. Сафои ботин ва ихлос дар амал «чун асосан таълимоти маломат. Дар заминаи таълимоти маломат ба вучуд омадани ойинаҳои ботинпарастонаи қаландарӣ ва риндй.

**Мавзӯи 10-ум. Пайдошавии адабиёти тасаввуфй.**

Мачлисҳои вазъи сӯфиён ва корбасти шеър дар онҳо. Самоъи сӯфиён ва шеър. Корбасти шеърҳои фолклорй дар мачлисҳои ваъз ва самоъи сӯфиён. Аввалин шеърҳои сӯфиёна. Мазмуну мундарича, хусусиятҳои жанрй ва бадеию услубии онҳо. Омилҳои инкишофи шеъри сӯфиёна дар адабиёти мумтози форсу точик. Ифодаи афкори тасаввуфй дар лирикаи мумтоз.

**Мавзӯи 11-ум. Аввалин шоирони мутасаввиф.**

Ташаккули чараёни адабии сӯфия ва саромадони он. Тарчимаи ҳоли Бобо Кӯҳии Шерозӣ: Дар чавонӣ касби муҳаддисиро интихоб кардан ва сайру сафарҳои бисёр кардани ӯ. Ба тасаввуф рӯй овардани Бобо кЎҳӣ ва ба дарачаи шайхӣ расидани ӯ. Девони ғазалиёти Бобо Кӯҳӣ ва ифодаи чаҳонбинӣ ва афкори сӯфиёнаи шоир дар он. Бобо Тоҳири Урён ва мачмӯаи дубайтиҳои ӯ. Ифодаи ғояҳои тасаввуфӣ дар дубайтиҳои шоир. Системаи образҳо ва забону услуби дубайтиҳои Бобо Тоҳир. Оҳангҳои маҳзунона ва шиквоию эътирозии дубайтиҳои шоир.

**Мавзӯи 12-ум. Абдуллоҳи Ансорӣ ва афкори тасаввуфии ӯ.**

Абдуллоҳи Ансорӣ ва мавқеи ӯ дар таърихи адабиёти форсу точик. Тарчимаи ҳоли Абдуллоҳи Ансорӣ. Фаъолияти илмии Ансорӣ. Рисолаҳои илмии ӯ. Ансорӣ муҳаққиқ ва муаррихи тасаввуф. Рисолаҳои ахлоқии Ансорӣ ва нақши онҳо дар инкишофи насри ахлоқии адабиёти мумтози форсу точик. Мазмуну мундарича ва хусусиятҳои бадеию услубии ашъори Ансорӣ. Сачъ дар насри бадеии Абдулло Ансорӣ.

**Мавзӯи 13-ум. Рисолаҳо ва малфузоту панднома**.

Ансорӣ муҳаққиқ ва муаррихи тасаввуф. Асари ӯ доир ба мақомоти бузургони сӯфия ва аҳамияти он дар омӯзишии таърихи тасаввуф. Рисолаҳои ахлоқӣ адабии Ансорӣ ва нақши онҳо дар инкишофи насри ахлоқии адабиёт мумтози форсу-тоҷик. Ансорӣ-ба вучуд орандаи насри бадеии адабиёти форсу тоҷик. Хусусият ва имтиёзоти бадеии насри Ансорӣ. Мавқеи сачъ дар онҳо. Таъсири насри лирики қофиядорӣ Ансорӣ ва «Гулистон»-и Саъдӣ.

**Мавзӯи 14-ум. Саноии Ғазнавӣ ва асарҳои сӯфиёнаи ӯ.**

